Силсилаи 4

ТАЪЛИМОТИ ИСЛОМ

**Абдушарифи Боқизода**

# РӮЗАИ МОҲИ РАМАЗОН

## Моҳият ва аҳкоми он

**Душанбе – 2012**

**ББК 86. 38 + 87. 717. 7**
**Б - 90**

Китоб аз ҷониби Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (мактуби № 657 /2-01 аз 06.06.2012, Ташхиси давлатии диншиносии № 23) ба чоп тавсия шудааст.

**Б – 90**
**А. Боқизода.** Рӯзаи моҳи Рамазон: моҳият ва аҳкоми он. – Душанбе, 2012. – 160 с.

Муборак бод омад моҳи рӯза!
Раҳат хуш бод эй ҳамроҳи рӯза!

Шудам бар бом то маҳро бубинам,
Ки будам ман ба ҷон дилхоҳи рӯза.

Дуъоҳо андар ин моҳ мустаҷоб аст,
Фалакҳоро бидаррад оҳи рӯза!

Китоб ба манзури баланд бардоштани сатҳи маърифати динӣ ва ошноии бештари мардуми мусалмон ба арзишҳои олии Ислом омода гардида, дар он чаҳорумин рукни бинои Ислом – рӯза мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Рӯза муҳимтарин василаи худсозӣ, олитарин мактаби тарбияи рӯҳ ва бинои шахсияти инсон ва беҳтарин барномаи рушд ва такомули маънавии мардум ва ҷомеа мебошад, ки дар ин китоб моҳият ва аҳкоми он бозтоби равшане ёфтааст.

Китоб барои доираи васеи хонандагон ва худоҷӯён пешкаш мегардад. Ба умеди қабули тоот ва ибодоти шумо дар моҳи Рамазон!

**ББК 86. 38**
**© А. Боқизода, 2012ø**

**ISBN 978-99947-865-6-5**

# Барои огоҳӣ

Ба огоҳии хонандагон мерасонем, ки китоби Накҳати Рамазон пас аз бозбинии комил, тахриҷи аҳодис ва ривоятҳо ва ворид сохтани иловаҳои тоза бори дигар ба чоп омода гардид. Барои он ҳамчунин номи дигаре, ки онро дар унвони китоб мебинед, интихоб кардем.

Шоёни зикр аст, ки рӯзаи моҳи Рамазон яке аз комилтарин барномаҳои худопарастӣ мебошад, ки барои худсозӣ, хештаншиносӣ ва такомули шахсияти инсон пешбинӣ шудааст. Дини Ислом аз тариқи чунин барномаҳое мехоҳад амалан ба бинои солими шахсияти инсон ва пас аз он бунёди ҷомеаи рушдёфтае бипардозад.

Дар мактаби моҳи Рамазон шахси рӯзадор дар зарфи як моҳ ба омӯзиши ҷанбаҳои маънавии шахсият, парвариши ирода ва таҳкими пояҳои инсонияти худ мепардозад. Барои он ки битавонад аз баракот ва дарсҳои амалии ин моҳ ба таври комиле истифода намояд, бояд дар бораи фалсафа, моҳият, аҳком ва фоидаҳои рӯза қаблан ошноӣ дошта бошад. Мо барои ҳарчи пурбортар гаштани баҳраҳои маънавии рӯзадорон аз моҳи шарифи Рамазон ин рисоларо бо забони равон ва сабки зебо манзури онҳо менамоем.

Дар он фалсафа ва аҳкоми рӯзаи моҳи Рамазон бар асоси мӯътабартарин китобҳои фиқҳии мазҳаби ҳанафӣ барои хонанда пешниҳод гардида, дар танзими матолиб, тартиббандии мавзӯот ва шеваи баёни маонӣ аз равишҳои муосири таълиф пайравӣ шудааст. Шоёни зикр аст, ки дар баъзе масоили муосири боб нуқтаназароти фиқҳии муҳаққиқони исломӣ ва маҷомеи илмии муосири ҷаҳони Ислом низ зикр гардидаанд, ки он ба китоб ламҳаи тозае бахшидааст.

Дар фарҳанги катбӣ ва осори тадвиншудаи исломӣ мероси геронбаҳо ва таълифоти пурборе доир ба паҳлӯҳои гуногуни рӯза ва фалсафаи ин фаризаи илоҳӣ боқӣ мондааст, ки хеҷ хурду бузургеро дар ин замина фурӯгузор накардаанд ва пас аз гузашти асрҳо ҳанӯз ҳам марҷаи ягонаи маърифати аҳком ва тафсилоти масоили шаръ дар ин бора ба шумор меравад. Вале мутолиа ва дарёфти масоил аз он китобҳо барои оммаи мардум, ба хусус дар замони мо, кори осоне набуда ва ин амр бузургон ва муҳаққиқони муосирро ба таълифи китобҳои гуногуне ногузир сохт, ки ба сатҳи маърифати динӣ ва истеъдодҳои зеҳнии мардум дар ин аср ҳамсозӣ дошта бошанд ва арзишҳои исломиро муносиб бо рӯҳи аср пешкаши хонанда гардонанд.

Китоби ҳозир талоши хозеонае буда, аз ҳамин раҳгузар ба баёни масоил пардохтааст ва мавзӯъро бар пояи меъёрҳои илмӣ ва то ҳадди имкон муносиб бо зарфиятҳои зеҳнии оммаи мардум мавриди баррасӣ қарор додааст.

Рӯзаи моҳи Рамазон бар асоси ҳадиси ***«Ислом бар панҷ чиз бино ёфтааст…»*** пас аз намоз ва закот чаҳорумин рукни бинои Ислом ба шумор меравад ва ин китоби мустатоб ба тартиб силсилаи чаҳоруми таълимоти Ислом ва дар бораи рукни рӯзаи моҳи Рамазон таълиф шудааст.

Аз хонандагони арҷманд ва бародарони ҳушманд хоҳиш дорам, ки ба ин кори ниматамоми банда бо чашми ҳамкорӣ ва аз диди ҳамандешӣ бинигаранд ва ба хотири такмил ва беҳбуди мӯҳтавои он дар нашрҳои оянда мулоҳазоти созанда ва назароти ислоҳии худро ба мо ирсол намоянд.

Раҳмати Ҳақ нисори хонанда,
Бар нависанда ва расонанда!

Ҷони хонандаро Худои карим,
Бираҳонӣ Ту аз азоби алим!

Ҳаркӣ аз мо кунад ба некӣ ёд,
Номи ӯ дар ҷаҳон ба некӣ бод!

Дар хотима аз тамоми бародарони арҷманде, ки дар омода сохтани ин китоб ба гунае бо мо ҳамкорӣ доштанд, ба хусус бародари гиромӣ **Ҳоҷӣ Сафаралӣ Шарифзода**, ки дар таҳия ва нашри он саҳми арзандаи худро гузоштааст, самимона сипосгузорӣ менамоям ва аз Худованди бузург комгорӣ ва сарфарозии онҳоро дар ду ҷаҳон хоҳонам!.

***Муаллиф***

# Бахши аввал

- ☪ **Моҳият ва арзиши амалии рӯзаи моҳи Рамазон**
- ☪ **Рӯза дар партави оятҳои Қуръон ва суннати Расули акрам (с)**
- ☪ **Шаби Қадр**

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُتِبَ عَلَيۡكُمُ ٱلصِّيَامُ كَمَا
كُتِبَ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ ﴿١٨٣﴾

**«Рӯзаи (моҳи Рамазон) бар шумо фарз гардонида шуд, ҳамон гуна ки бар гузаштагони пеш аз шумо фарз гардида буд, то ба василаи он тақво (ва худсозӣ) намоед!».**
(Сураи Бақара, 2: 183).

***«Касе (дар моҳи Рамазон) суханони дурӯғ, амал кардан ба он ва ҷаҳолатро тарк накунад, Худо ҳеҷ ниёзе ба тарки хӯрдан ва нӯшидан – рӯзаи вай надорад!».***
(Саҳеҳи Бухорӣ, 1903, 6057).

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

**Алҳамду лиллоҳи раббил ъоламин
вассалоту вассалому ъало расулиҳи
Муҳаммадин ва олиҳи ва саҳбиҳи аҷмаъин.**

## БА ИСТИҚБОЛИ МОҲИ РАМАЗОН

Рамазон моҳи нузули Қуръон, моҳи кушода шудани дарҳои раҳмати Худованд ва моҳи оғози нузули ваҳй ба ҳазрати Муҳаммад (с) – паёмбари бузурги Ислом мебошад. Дар ин моҳ фариштаи ваҳй – Ҷабраили амин (ъ) ба расонидани каломи зоти азалии Худованд ба замин амр шуд ва дасти навозиши Ӯ ба кӯмаки бандагонаш дароз гардид.

Он моҳи Рамазоне, ки нузули Қуръони карим дар он оғоз гардид, нуқтаи таҳаввуле дар сарнавишти башарият ба шумор меравад. Ойини нав зиндагонии дуборае барои инсон ба армуғон оварда, нидои малакутии Қуръон дар замири инсоният рӯҳи тозае дамид ва онро барои ҳамеша ба роҳи саодату хушбахтӣ фаро хонд. Худованд мефармояд:

شَهۡرُ رَمَضَانَ ٱلَّذِيٓ أُنزِلَ فِيهِ ٱلۡقُرۡءَانُ هُدٗى لِّلنَّاسِ
وَبَيِّنَٰتٖ مِّنَ ٱلۡهُدَىٰ وَٱلۡفُرۡقَانِۚ ...

**«Моҳи Рамазон моҳест, ки дар он барои ҳидояти мардум ва нишонаҳои роҳи рост ва ҷудосозанда (-и ҳақ аз ботил) Қуръон фиристода шуд».**[1]

Пас дар ин моҳ дарҳои раҳмати Худованд ба рӯи инсоният кушода гардида ва баракоти бепоёни Ӯ бар вай фуруд омадааст ва он шабе, ки нузули Қуръон дар он сурат гирифта, аз сӯи Худованд шаби Қадр ба маънои шаби боарзиш ва дорои ҷойгоҳи хосе номида шудааст.

إِنَّآ أَنزَلۡنَٰهُ فِي لَيۡلَةِ ٱلۡقَدۡرِ ١

**«Мо он (Қуръон)-ро, бе шак, дар шаби «Қадр» нозил намудем».**[2]

Илова бар ин, Худованд барои афзудани баракоти ин моҳ рӯзаи онро бар мӯъминон фарз гардонида, онро бар дигар моҳҳо бартарӣ

[1] Сураи Бақара, 2: 185.
[2] Сураи Қадр, 97: 1.

бахшидааст[3] ва онро барои бандагонаш ба ид ва зиёфате табдил додааст. Дарҳои биҳиштро дар он моҳ кушуда, даромадгоҳҳои дӯзахро (ба бузургдошти он) фурӯ баста ва шайтонҳоро дар занҷир афкандааст, (то зиёфати Ӯро бар бандагонаш табоҳ насозанд).[4]

Расули Худо (с) рӯзе дар арафаи моҳи Рамазон фармуд: ***«Рамазон, ин моҳи баракат, бар шумо фаро расид, моҳе, ки Худованд шуморо дар он дар зери пӯшиши навозишҳои Худ қарор медиҳад: Раҳматашро бар шумо фуруд меоварад, гуноҳонатонро фурӯ мерезад ва дуъоятонро иҷобат менамояд. Ба аъмоли нек ва рақобатҳои хайри шумо дар ин моҳ назар меафканад ва бо шумо дар миёни фариштагонаш ифтихор менамояд. Пас аз худ хайру некиро ба Худованд нишон диҳед. Бадбахти воқеӣ ҳамон касест, ки дар ин моҳ аз раҳмати Худованди азза ва ҷалл маҳрум гардад»***.[5]

Пас бояд бандаи мӯъмин ба истиқболи ин моҳи муборак пешакӣ омода гардад, то аз ин хони раҳмат ва моидаи[6] густардаи Худованд ҳарчи беҳтару бештар истифода намояд. Одамон барои истиқболи ҷашнҳои бузург ва муносибатҳои хос муддатҳо қабл ва дар сатҳҳои гуногун омодагӣ мебинанд. Вале барои бандаи мӯъмин кадом муносибат ва ҷашне бузургтар аз меҳмонии Худованд дар моҳи Рамазон мебошад, моҳе, ки бо он ҳама баракот ва азамати худ нуқтаи таҳаввуле дар сарнавишти башарият ва сароғози зиндагонии нави инсон гардид?.

Бандаи мӯъмин дар ин моҳ ба истиқболи нуру баракат меравад. Вай дар ин суфраи илоҳӣ накҳати маонии Қуръонро мебӯяд ва аз тароввати неъматҳо ва баракоти он домани маънавиёташро пур менамояд.

Мусалмонони садри Ислом азамати фаризаҳои илоҳӣ ва он хайру баракатеро, ки Худо дар онҳо ниҳодааст, хуб дарк мекарданд ва изза-

---

[3] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки Паёмбар (с) дар он мефармояд: ***«Рамазон саййиди моҳҳо ва ҷумъа саййиди рӯзҳост»***. Мӯъҷамулкабир, 9000. – Ҷ. 9. – С. 205. Мусаннафи Абдурраззоқ, 7894. – Ҷ. 4. – С. 307. Мусаннафи Ибни Абӯшшайба, 2. – Ҷ. 2. – С. 57. Шуъабулимон, 3638. – Ҷ. 3. – С. 314. Байҳақӣ дар «Шуъабулимон» онро мавқуф гуфтааст. Ҳадисро аз Ибни Масъуд (р) ривоят намудаанд. Ҳадиси дигаре аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ба ҳамин маъно ривоят шудааст, ки: ***«Рамазон саййиди моҳҳо ва зулҳиҷҷа муқаддастарини моҳҳо мебошанд»***. (Маҷмаъуззавоид, 4775. – Ҷ. 3. – С. 255; Шуъабулимон, 3755. – Ҷ. 3. – С. 355).

[4] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки Паёмбар (с) дар он мефармояд: ***«Вақте моҳи Рамазон фаро расад, дарҳои биҳишт кушода ва дарҳои дӯзах баста гарданд ва шайтонҳо (ҷинҳо) дар занҷир афканда шаванд»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1898, 3277. Саҳеҳи Муслим, 2492 (1079)-1. Сунани Насоӣ, 2096, 2097, 2098, 2099, 2100, 2101, 2102). Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардаанд.

[5] Маҷмаъуззавоид, 4783. – Ҷ. 3. – С. Табаронӣ онро дар «Мӯъҷамулкабир» аз Убода ибни Сомит (р) ривоят намудааст. Доктор Ваҳба Зуҳайлӣ, Алфиқҳул исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 3. – С. 1620. Димишқ: Дорулфикр, 1428 ҳ. (2007). Минбаъд: Фиқҳи исломӣ.

[6] Моида -/ҳо/: дастархони пур аз неъмат.

ту шараф ва сарбаландии худро дар сояи анҷоми онҳо медиданд. Бинобар ин, вақте ба сӯи амре фаро хонда мешуданд, дилҳояшон аз шавқи бандагӣ ба ваҷд меомад ва агар бо сабабе имкони иштирок дар онро намеёфтанд, ашки ҳасрат мерехтанд. Ривоят шудааст, ки боре гурӯҳе аз мусалмонон, ки василаи саворӣ ва имконоти иштирок дар ғазваеро[7] наёфтанд ва Расули Худо (с) низ натавонист онҳоро муҷаҳҳаз намояд, аз назди он Ҳазрат (с) бо дили пур аз ҳасрат ва дидаи гирён баргаштанд. Қуръони карим рӯҳиёти баланд, дарки шукӯҳи аҳкоми Ислом аз сӯи онҳо ва он ҳолати андӯҳбореро, ки онҳоро ба сабаби адами имкони ширкат дар ғазо фаро гирифта буд, чунин баён медорад: **«... гуфтӣ: Чизе, ки шуморо бар он ҳамл намоям, намеёбам, дар ҳоле (аз назди ту) баргаштанд, ки чашмонашон дар ғами ин ки чизе барои инфоқ (дар роҳи ширкат дар ғазо) наёфтаанд, аз ашк пур гашта буд»**.[8]

Ин ғаму андӯҳ онҳоро барои наёфтани имкони ширкат дар ғазо фаро гирифта буд, пас рӯҳиёти баланд ва шавқу шӯре, ки онҳоро барои истиқболи моҳи Рамазон ва ё ибодатҳои дигар фаро мегирифт, васфнопазир аст. Онҳо аз моҳи раҷаб барои истиқболи моҳи Рамазон омодагӣ медиданд. Ривоят шудааст, ки вақте моҳи раҷаб фаро мерасид, Расули Худо (с) дуъо мекард: ***«Худоё, барои мо дар моҳи раҷаб ва шаъбон баракат ато фармо ва моро ба моҳи Рамазон бирасон!»***.[9]

Ҳамчунин ривоят шудааст, ки мусалмонон моҳи Рамазонро бо орзуҳои нек ва ин дуъо пешвоз мегирифтанд: *«Бор Худоё, инак моҳи Рамазон бар сари мо соя афкандааст, пас онро барои мо ва моро барои он саломат бидор, рӯзаву қиёми онро бароямон рӯзӣ бигардон ва ба мо дар ин моҳ баҳрае аз ҷидду ҷаҳд ва кӯшишу болундагӣ ато фармо ва моро дар он аз фитнаҳо эмин бидор!»*.[10] Ҳатто Расули Худо (с) дар моҳи шаъбон барои омодагӣ ба моҳи Рамазон аз дигар моҳҳо бештар рӯза медошт.

Ростӣ, Қуръони карим дар даврони мадании даъват, ки ба даврони рехтани пояҳои аҳкоми Ислом ва муайян гардидани фарзҳо ва рукнҳои он шинохта шудааст, мардуми мусалмонро бештар бо садои дилнишин ва бонавозиши: **«Ё айюҳа-л-лазина омануъ» (Эй бандагони мӯъмин**, **Эй мардуми имондор** ва **Эй касоне, ки имон овардаед)** хитоб менамояд. Ин шеваи хитоб баёнгари он аст, ки мусалмонони мавриди назар дар он лаҳзаҳо аз лиҳози маърифатнокии динӣ, огоҳиҳои имонӣ ва шинохти арзишҳои исломӣ ба сатҳи баланди фикрӣ ва эътиқодӣ ра-

---

[7] Ғазва -/ҳо; ғазавот/: номи ҷангҳо ва муҳорибаҳои Расули акрам (с) бо кофирон; ҷангу мубориза дар роҳи дин. Ғазо низ ба ҳамин маъност.

[8] Сураи Тавба, 9: 92.

[9] Маҷмаъуззавоид, 4774. – Ҷ. 3. – С. 255.

Атия Муҳаммадсолим, Рамазониёт аз Китоб ва суннат. – С. 5. – Мадинаи мунаввара: Мактабату дориттурос, 1408 ҳ. (1988). Минбаъд: Рамазониёт.

[10] Ҳамон сарчашма. – С. 5.

сида ва шоистагии ин нидои бонавозиши Худовандро дар худ пайдо карда буданд.

Вақте Худованд онҳоро бо садои ошнои: **«Эй касоне, ки имон овардаед»** нидо менамояд, мӯъминони огоҳу фаҳмидаеро мавриди хитоб қарор медиҳад, мӯъминоне, ки аз ҳар лиҳоз омодаи қабули фармудаҳои Ӯ пас аз нидо мебошанд. Ин нидо дар зимн маънои «**Эй бандагони бомаърифат ва огоҳ**»-ро низ дорад. Ин садои малакутии Худованд барои онҳо маънус ва ба дилҳояшон наздик буд. Онҳо ниҳояти лутфи илоҳиро дар ин садои дилнавоз эҳсос мекарданд, ки Худованд аз миёни доираи офариниш онҳоро баргузидааст.

Дигар ин нидои он давроне нест, ки ба мардум роҳи худошиносӣ ва нишонаҳои қудрат ва ҳикмати Ӯро биомӯзад, ғуборҳои рӯи фитрати инсонро бизудояд ва ба афкори вай бедорӣ бахшад. Хитоби он давраҳо бештар бо **«Ё айюҳан носу» (Эй мардум)** оғоз мешуд. Ин яке аз ҷанбаҳои эъҷози баёни Қуръон аст, ки шеваи гуфтораш мутаносибан сатҳҳои гуногуни рушди эътиқодӣ ва иҷтимоии мардумро бо расотарин калимот баён менамояд.

Қуръон дар оғози ояти фарзияти рӯза мусалмононро бо садои дилнишини: «**Эй бандагони мӯъмин**» ва «**Эй касоне, ки имон овардаед**» хитоб намудааст, ки он баёнгари омодагии ҳамаҷонибаи мусалмонони садри Ислом барои қабули фаризаи рӯза ва истиқболи моҳи муборакИ Рамазон мебошад. Сатҳи баланди омодагии равонӣ ва нузҷ (расиш)-и маърифатҳои динӣ дар ҳаёти мусалмонони он рӯзгор дар ифодаҳои оятҳое, ки дар бораи фаризаи рӯза ва таҳаввулоти такомулии зина ба зинаи мусалмонон сухан мегӯянд, ба хубӣ мушоҳида мегардад. Бинобар ин, мусалмонон бояд бо пайравӣ аз гузаштагони неки ин уммат худ ва хонаводаи хешро барои истиқболи ҳамаҷонибаи моҳи муборакИ Рамазон пешакӣ омода созанд ва кӯшиш намоянд, ки аз баракоти бепоёни Худованд дар ин моҳ ҳарчи бештар баҳраманд гарданд.

## Мафҳум ва моҳияти рӯза

Рӯзаро дар забони арабӣ «савм» **(صوم)** мегӯянд, ки дар луғат ба маънои мутлақи бозистодан ва худдорӣ намудан аст ва дар ин сурат ба маънои бозистодан аз хӯрдану нӯшидан, аз сухан гуфтан, аз роҳ рафтан ва ғайра ба кор бурда мешавад.[11] Вожаи «савм» дар ояти 26-уми сураи Марям ба маънои худдорӣ аз сухан гуфтан омадааст, он ҷо

---

[11] Ибни Манзур, Лисонул араб. – Ҷ. 4. – С. 2530. Минбаъд: Лисонул араб.

Роғиби Исфаҳонӣ, Муфрадоти алфозил Қуръон. – С. 500, зайли моддаи: савм. Минбаъд: Муфрадот.

Умар ибни Абдулазиз ибни Мозаи Бухорӣ, Шарҳи Ҷомеъуссағир. – С. 228. – Бейрут. Минбаъд: Шарҳи Ҷомеъуссағир.

ки мефармояд: «**... (Эй Марям) агар касеро аз башар бинӣ, (ба вай) бигӯ: Ман барои (Худои) Раҳмон савмеро (бар худ) назр намудам, пас имрӯз ба ҳеҷ одам (кас)-е сухан нахоҳам гуфт**».

Аммо дар истилоҳи шаръ «савм» (рӯза) ба маънои рӯзона аз дамидани субҳи содиқ то фурӯ рафтани офтоб аз хӯрдану нӯшидан ва ҳамбистарӣ худдорӣ намудан, яъне амалан аз хостаҳои шикаму фарҷ ва ҳар чизи махсуси дигаре, ки ба шикам ворид мегардад, дар он муддати муайян худдорӣ намудан аст.

Аз таому шароб дур шудан,[12]
Ва-з ҳама хӯрдани нуфур шудан.

Албатта, бозистодан аз анҷоми хостаҳои шикам ва фарҷ намуди зоҳирӣ ва қолаби шаръии ин ибодатро ташкил медиҳад ва набояд талошҳои бандаи мӯъмин дар шаклан ба ҷой овардани он маҳдуд гардад, балки кӯшиш намояд, ки худро ба моҳият, ҳадаф ва мӯҳтавои он бештар наздик созад.

Нест дар ҳукми шаръ агар донӣ,
Рӯза ҷӯз қаҳри нафси шаҳвонӣ.[13]

Рӯза яке аз рукнҳои панҷгонаи бинои Ислом буда, тоати бериё ва беолоиши Парвардигор ба шумор меравад. Зеро он ибодати бешакл ва холӣ аз қолаби берунист, то зоҳиран ба риё ва худнамоӣ наздик бошад. Даҳони хушкида ва синаи тафсони рӯзадорро танҳо Худо ва худаш медонад. Пас шахси рӯзадор дар ният ва рафтор низ бояд худро аз ҳаракатҳои риёомез дур дорад.

Тоатест, ки Худованд дар ивази он савоби бениҳоят барои бандааш ато мефармояд ва ҳамон гуна ки он ибодати безоҳир аст, Худованд низ подоши онро дар нафсаш ваъда намудааст. Паёмбари акрам (с) дар бахше аз ҳадиси қудсӣ мефармояд: «***...Худованд гуфт: Магар рӯза, ки он барои Ман аст ва Ман подоши онро хоҳам дод, зеро рӯзадор шаҳвату таомашро барои Ман тарк намудааст...***».[14]

Тоатест, ки аҳли худ, яъне рӯзадоронро аз дари хосе вориди биҳишт мегардонад. Паёмбар (с) мефармояд: «***Дар биҳишт дарест, ки онро «Райён» (шодоб) номанд. Рӯзи қиёмат рӯзадорон аз он дар вориди***

---

[12] Дар нусхаҳои мавҷудаи мо дар мисраи аввал «Аз таому...) омадааст, ки мисраи дуюм: «Ва-з ҳама хӯрданӣ нуфур шудан» шарҳ ва такрори он ба шумор меравад, вале дар чопи Зоҳидон «Аз ҷимоъу шароб дур шудан» омадааст, ки якҷоя бо мисраи дуюм хостаҳои фарҷ ва шикам ҳардуро дар бар мегирад.

[13] Ҳикмат ва фалсафаи рӯза аз сӯи шаръ тарбияи ботини инсон аст, ки он бо тазкияи нафс, костани шиддати ғаризаҳои шаҳвонӣ ва майлҳои нафсонӣ ва парвариши рӯҳиёти нек ҳосил мешавад.

[14] Саҳеҳи Муслим, 2701 (1151)-164. Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст. Ба ин маъно ҳадисҳои дигаре низ дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Саҳеҳи Муслим ривоят шудааст. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1904. Саҳеҳи Муслим, 2699 (1151)-161, 2700 (1151)-163.

***биҳишт мегарданд ва ғайр аз онҳо касе ҳаққи ворид шудан аз он дарро надорад. Нидо мешавад: Рӯзадорон куҷоянд? Аз ҷой бармехезанд ва ғайр аз онҳо касе аз он дар дохил намешавад. Вақте онҳо ворид шуданд, он дар баста мегардад ва дигар касе аз он ворид намешавад».***[15]

Рӯзаи ин моҳ мадрасаи тарбияи ахлоқ, сохтани шахсият ва омӯзиши давраиест, ки ахлоқи ҳамида, иродаи пойдор, нерӯи муқовимат, сабр ва дигар рӯҳиёти некро дар фитрат ва ботини инсон таҳким ва тақвият мебахшад. Ба ӯ дарси амонатдорӣ ва муроқабати Ҳақ – ҳозир донистани Худо дар ниҳону ошкорро меомӯзад, зеҳну андешаи ӯро сафо, покизагӣ ва илҳом мебахшад ва зарфиятҳои ҷисмӣ, рӯҳӣ ва фикрии ӯро аз сустиву танбалӣ ва заъфу афсурдагӣ раҳо месозад.

Рӯзаи моҳи Рамазон бо ба тартиб даровардани низоми хӯрдану нӯшидан ва хобу хӯри инсон ба ӯ амалан дарси тартибу интизом дар зиндагиро меомӯзад ва эҳсоси ваҳдату якпорчагӣ дар сар то сари ҷаҳони Исломро дар қалби вай бедор месозад. Зеро ҳама якҷоя рӯза мегиранд ва дар як вақт ифтор менамоянд.

Рӯза дар вуҷуди инсон отифаи раҳмату муҳаббат, бародарӣ ва эҳсоси зарурати робитаи ҳамбастагию ҳамкориро дар миёни мусалмонон парвариш медиҳад. Масалан, эҳсоси гуруснагию ташнагӣ ва эҳсоси ниёзҳои ҷисмӣ ӯро барои ҳамбастагӣ бо дигарон, ширкат дар маҳви падидаи фақру тангдастӣ ва кӯмаки гуруснагону беморон ва дигар аъмоли хайр омода месозад. Ва бо ҳамин заминаҳои рӯҳии ҳамкориҳои иҷтимоӣ ва робитаҳои инсонӣ дар миёни мардум фароҳам мегарданд.

Рӯза бо полоиши русуботи хӯрокӣ[16] дар бадани инсон ва бо тасфияи ҳуҷайраҳои афсурдаи ҷисми ӯ ҳаёти ҷисмонии инсонро комилан аз нав месозад. Меъда ва дастгоҳи гувориш муддате ором мегиранд ва бадани инсон аз пасмондаҳои хӯрокӣ, уфунатҳои хунӣ, уфунати[17] рӯдаҳо ва рутуботи ҷисмӣ пурра халос мегардад. Паёмбари Худо (с) мефармояд: ***«Рӯза доред, тандуруст мегардед».***[18]

Имрӯзҳо мардуми мусалмон, ки аз фарҳангу арзишҳои динӣ то андозае ноогоҳ мебошанд, ба ҷои рӯзаи моҳи муборакi Рамазон ва

---

[15] Саҳеҳи Бухорӣ, 1896, 3257. Саҳеҳи Муслим, 2703 (1152)-166. Тирмизӣ, 765. Ҳадисро аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят кардаанд.

[16] Русубот ҷамъи русубат -/ҳо/: таҳнишаста, пасмонда. Русуботи хӯрокӣ ва ё ғизоӣ пасмондаҳое мебошанд, ки пас аз ҳазми таом ба сурати намакҳои химиявӣ, таркиботи ғафси хунӣ, рутуботи лимфовӣ ва ғайра дар бадан боқӣ мемонанд.

[17] Уфунат -/ҳо/: чирк; олудагӣ; бадбӯйӣ; захме, ки бар асари ҳамлаи ангезандаҳои беморзо ба вуҷуд ояд.

[18] Мӯъҷамулавсат, 8312. – Ҷ. 8. – С. 213. Ҳайсамӣ дар Маҷмаъуззавоид (Ҷ. 3. – С. 315) риҷоли онро сиқа гуфтааст. Ибни Синнӣ ва Абӯнуъайм низ онро дар китоби «Тиб» аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардаанд. Ҳарчанд Ҳофизи Ироқӣ исноди онро заъиф гуфта бошад ҳам, Ваҳба Зуҳайлӣ дар китоби «Фиқҳи исломӣ» онро ҳадиси ҳасан гуфтааст. – Ҷ. 3. – С. 1619.

дигар рӯзаҳои воҷибӣ ва нафлӣ ба усулҳои гуруснанишинии йогаҳо ва ғайра рӯй овардаанд. Рӯзае, ки дар он тамоми некиҳо: аҷру савоби Худованд, халосӣ аз дӯзах, даромадан ба биҳишт, парвариш ёфтани тамоми хубиҳо дар шахсияти инсон ва солимии ҷисмӣ ва ғайра ба якбора ҷамъ омадаанд, тарк гардида, ба ҷои он ивазкунандаҳои инсоние мавриди амал қарор мегиранд.

Рӯза яке аз коромадтарин равишҳо дар тазкия ва парвариши нафс мебошад, ки онро аз олудагиҳои дунё, гуноҳон, тезии шаҳватҳо ва ҳавову ҳавасҳо ба осонӣ раҳо месозад. Рӯза пас аз калимаи шаҳодат, намоз ва закот чаҳорумин рукни бинои Ислом мебошад. Худованди таъоло онро фарз гардонида, фоидаҳои ошкору ниҳонеро барои бандагонаш дар он ниҳодааст.

## Фазилати моҳи Рамазон

Рамазон моҳи нузули баракот ва боз шудани дарҳои раҳмати Худованд мебошад. Паёмбари акрам (с) мефармояд:

***«Вақте моҳи Рамазон фаро расад, дарҳои биҳишт (ба рӯи бандагони хоҳишманд) кушода ва дарҳои оташ фурӯ баста мешаванд ва дасту пои шайтонҳо низ баста мешаванд».***[19] Худованд дар ҳадиси қудсие мефармояд: ***«Ҳар амали (неке), ки фарзанди одам анҷом медиҳад, аз даҳ некӣ то ҳафтсад баробар зиёд карда мешавад, вале рӯза ин барои Ман аст ва Ман подоши онро хоҳам дод, зеро рӯзадор шаҳвату таомашро аз барои Ман тарк намудааст. Рӯзадор ду хушнудӣ дорад: яке дар вақти ифтораш ва дигаре дар вақти дидори Парвардигораш. Ҳатто бӯи тағйирхӯрдаи даҳони рӯзадор дар пешгоҳи Худованд аз бӯи мушк хуштар аст».***[20]

Дар ҳадиси қудсии дигаре, ки онро Тирмизӣ ривоят мекунад, омадааст: «***Ҳар некие аз даҳ то ҳафтсад баробар афзоиш дода мешавад, вале рӯза барои Ман аст ва Ман подоши онро хоҳам дод. Рӯза сиперест аз оташи дӯзах. Ҳатто бӯи тағйирхӯрдаи даҳони рӯзадор дар пешгоҳи Худованд аз бӯи мушк хуштар аст. Агар ҷоҳиле бар шахси рӯзадор ҷаҳл намояд, ба ӯ бигӯяд, ки ман рӯзадор мебошам, ман рӯзадор мебошам».***[21]

Пас бандаи мӯъмин бояд бо истифода аз ин лаҳзаҳои камтакрор он моҳро бо боварӣ (аз рӯи имон) ва ба умеди аҷру савоби илоҳӣ барпо дорад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Касе моҳи Рамазонро аз рӯи имон***

---

[19] Саҳеҳи Бухорӣ, 1898, 3277. Саҳеҳи Муслим, 2492 (1079)-1. Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардаанд.

[20] Саҳеҳи Муслим, 2701 (1151)-164. Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст.

[21] Сунани Тирмизӣ, 764. Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст.

***ва ба умеди аҷру савоби Худованд барпо дорад, гуноҳони гузаштаи ӯ бахшида мешаванд».***[22]

Салмон (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) дар охирин рӯзи моҳи шаъбон хутбае (суханроние) эрод намуд ва дар он аз ҷумла фармуд: ***«Эй мардум! Инак, моҳи бузург ва муборақе бар сари шумо соя афканда аст. Моҳе, ки як шабаш (шаби Қадр) аз ҳазор моҳ беҳтар аст. Моҳе, ки Худованд рӯзаашро фарз ва қиёми шабашро татаввӯъ (нафл ва ихтиёрӣ) гардонидааст. Касе дар ин моҳ хислати некеро ба ҷой оварад, баробари он аст, ки фаризаеро дар дигар моҳҳо анҷом дода бошад ва касе фаризаеро дар он ба ҷой оварад, баробари ҳафтод фарз дар моҳҳои дигар аст.***

***Моҳи сабр аст ва подоши сабр биҳишт аст. Моҳи ҳамдилӣ ва дастгирист. Моҳест, ки дар ризқи бандаи мӯъмин афзоиш ва баракат ба вуҷуд меояд. Касе рӯзадореро дар ин моҳ ифтор диҳад, он магфирати гуноҳон ва сабаби озодиаш аз оташ мегардад ва ба монанди он (рӯзадор) аҷр дода мешавад, бе он ки аз аҷри ӯ чизе коста гардад».***

Гуфтанд: *Эй Расули Худо (с), на ҳамаи мо ифторе барои рӯзадор пайдо менамояд?* Расули Худо (с) фармуд: ***«Худованд ин савобро барои касе, ки рӯзадореро бо хурмое ё бо ҷуръаи обе ва ё бо шири ба об омехтае ифтор диҳад, низ ато менамояд.***

***Моҳест, ки аввали он раҳмат, миёнаи он магфират ва охираш озодии аз оташ бошад. Касе барои хидматгори худ дар ин моҳ сабукӣ оварад, Худованд ӯро биёмурзад ва аз оташ озодаш намояд.***

***Дар ин моҳ чаҳор хислатро бештар намоед, ки бо ду хислаташ Парвардигоратонро хушнуд месозед ва ду хислати дигараш барои худатон зарурӣ мебошанд. Он ду хислате, ки боиси хушнудии Парвардигоратон мегарданд, яке шаҳодат додан аст бар ин ки ҳеҷ худое ба ҷуз Аллоҳи ягона вуҷуд надорад ва дигар аз Ӯ магфират хостан аст. Аммо он ду хислате, ки барои худатон зарурӣ мебошанд, аввал ин ки ҷаннатро аз Худованд бихоҳед ва дуввум ин ки аз оташи дӯзах ба Ӯ паноҳ баред.***

***Ҳар касе рӯзадореро обе диҳад, Худованд ӯро аз ҳавзи ман шарбате бинӯшонад, ки то ҷаннат дигар ташна нагардад».***[23]

Пас моҳи Рамазон барои башарият моҳи хайру баракат: моҳи сабру худсозӣ, моҳи таҷдиди имон, моҳи талаби омурзиш, моҳи афзунии ризқ, моҳи ибодат, моҳи дуъо, моҳи эъмори ҷомеа, моҳи дастгирӣ ва кӯмаки ниёзмандон ва хулоса, моҳи расидан ба биҳишт ва дурӣ ҷустан

---

[22] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 38, 1901, 2014. Саҳеҳи Муслим, 1778 (760)-175. Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардаанд.

[23] Саҳеҳи Ибни Ҳузайма, 1887. – Ҷ. 3. – С. 191. Муснади имом Аҳмад, 7108. – Ҷ. 2. – С. 459, 8765. – Ҷ. 9. – С. 87, 9213. – Ҷ. 3. – С. 158. Шуъабулимон, 3608. – Ҷ. 3. – С. 305. Банно дар «Фатҳи раббонӣ» (9/233) исноди онро ба сабаби вуҷуди Алӣ ибни Зайд ибни Ҷудъон дар силсилаи санадаш заъиф гуфтааст.

аз оташ аст. Мӯъмини босаодат дар ин моҳ метавонад ба тамоми ин хушбахтиҳо ва пешрафтҳо ноил гардад.

Рӯза дар поксозӣ ва парвариши бадан ҳамон нақши закотро дар мол анҷом медиҳад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Ҳар чиз закоте дорад ва закоти бадан рӯза аст»***.[24]

Моҳи Рамазон беҳтарин фурсат барои иҷобати дуъо ва орзуҳои неки шахси рӯзадор мебошад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Дуъои шахси рӯзадор ҳаргиз рад карда намешавад»***.[25]

## Ҳадафи рӯза

Умуман, тамоми ибодатҳо ва аҳкому аркони Ислом барои як мақсади асосӣ ва муҳим ҷорӣ шудаанд ва он ба вуҷуд овардани тақвои илоҳӣ дар ҷавҳари шахсияти инсон мебошад. Пас аз эҷоди таҳаввули мусбат ба сӯи худошиносӣ дар афкору андешаи одамӣ ва бо паймудани марҳалаҳои гуногуни поксозии нафс, тазкияи рӯҳ ва худсозии шахсият банда ба меҳвари тақвои илоҳӣ наздик мегардад. Тақво меваи имон аст. Ҳар қадаре имон ва боварҳои эътиқодии банда дуруст ва мустаҳкам гарданд, тақвояш низ бештар ва беҳтар мегардад. Ибодатҳо ва аҳкоми илоҳӣ дар тарҳи худсозӣ ва такомули шахсияти инсон коромадтарин василаи илоҳӣ мебошанд.

Дар хотимаи тамоми оятҳое, ки фарзияти ибодатҳо ва ё машрӯияти аҳкомро баён медоранд, ба ибораҳои **«лаъаллакум таттақун»** (то тақво намоед) ва монанди он бармехӯрем. Ин ибораҳо ҳадафи машрӯият ва фарзияти ибодатҳои илоҳӣ ва аҳкоми шариатро баён менамоянд, ки он ба вуҷуд омадани малакаи тақво дар ботини инсон мебошад. Тақво ин ҳамон нерӯи илоҳӣ ва виҷдони имонӣ дар ботини инсон аст, ки шахсияти ӯро дар тамоми муносибатҳои зиндагӣ идора ва танзим менамояд. Одамиро ба некиҳо ҳидоят ва аз бадиҳо боз медорад. Дар фитрати вай решаҳои одамият, дарки зебоишиносӣ ва ҳисси масъулиятнокиро устувор мегардонад ва инсонро одами шукргузор месозад.

Қуръони карим дар хотимаи ояти фарзияти рӯза ҳадафи аслӣ ва ҳикмати фарз гардидани ин барномаи ибодатиро низ ба вуҷуд омадани малакаи тақво, ҳисси парҳезгорӣ ва виҷдони худошиносонаи инсонӣ дар қалби шахси рӯзадор гуфтааст. Худованд бо поягузории барномаҳои ибодатӣ ва низоми комили худопарастӣ мехоҳад дар ботини инсон ҳисси баланди хештаншиносӣ, завқи зебоипарастӣ ва салиқаи камолхоҳиро таҳким бахшад ва онҳоро аз тариқи ҳамин пойгоҳи усту-

---

[24] Мусаннафи Ибни Абӯшшайба. – Ҷ. 2. – С. 425.
[25] Мусаннафи Ибни Абӯшшайба. – Ҷ. 2. – С. 424.

вори тақво ба сӯи худопарастӣ, риояи одоб ва аҳкоми ибодатҳо ва ба роҳ мондани назми зебои иҷтимоӣ бикашонад. Зеро танҳо тақво аст, ки дилҳоро бедор ва пӯё месозад ва ба одам каромат ва шахсият мебахшад.

Ҳадафи аслии барномаи ибодатҳо дар Ислом ба вуҷуд овардани пойгоҳи тақво ва таҳкими пояҳои виҷдони худошиносона дар қалби одамӣ мебошад ва аз тариқи ин нерӯи маърифатӣ мардумро ба сӯи татбиқи дурусти барномаҳои ҳаётӣ мекашонад, на ба василаи занҷирҳои ҷаҳлу нодонӣ ва бофтаҳои хурофотӣ.

Худованд ояти фарзияти рӯзаро бо хитоб ба мӯъминони аҳли маърифат **«ё айюҳа-л-лазина оману» (эй касоне, ки имон овардаед)** шурӯъ ва бо **«лаъаллакум таттақун»** ва **«лаъаллакум ташкурун»** хотима додааст ва дар миёнаи он ду қисмат **«кутиба ъалайкуму-с-сиём»**-ро қарор додааст. Ин ба он маъно аст, ки: Эй мӯъминони бомаърифат! Рӯзаи моҳи Рамазон бар шумо фарз гардонида шуд, то дар расидан ба тақвои илоҳӣ шуморо ёрӣ ва қувват бахшад.

Дар ин ҷо чӣ тавре мебинем, Худованд хитоби худро бо садои ширини: **«Эй аҳли имон»** оғоз ва бо хулосаи матлуб ва бо зеботарин меваи имон, яъне тақво хотима додааст. Тақво рӯҳи имон ва сирри саодати инсон аст. Вақте сухан аз имон ва тақво ба миён омадааст, ин худ бо сароҳат гӯёи он аст, ки рӯза танҳо дар худдории одам аз хӯрдану нӯшидан ва наздикии заношавҳарӣ хулоса намегардад, балки худдорӣ аз тамоми кирдору гуфторе, ки бо ҳақиқати имон, рӯҳи фазилату тақво ва муроқабати Худованд мухолиф ҳастанд, ҳадафи аслии рӯзаро ташкил медиҳад.

Бар ҳамин асос, рӯзадороне, ки аз ғайри Худованд тарсу ҳарос ва ё умед дошта бошанд ва ё дар фикри содир намудани гуноҳе ва ё ҷинояте бошанд ва ё бар зидди арзишҳои дини Худо ва аҳли имон мубориза баранд ва даст ба фитнаву фасод зананд, рӯзаи онҳо беҳосил ва бемаъност.

Ҳамчунин касоне, ки барои эҷоди тафриқаву пароканӣ дар миёни мусалмонон талош меварзанд ва бо гуфтор ва андешаҳои манфии худ заминаи пароканддагии мусалмононро ба вуҷуд меоваранд ва ё ба аҳли фасод ҳамфикрӣ ва наздикӣ менамоянд, рӯзаи онҳо беҳуда буда, ҳеҷ нафъе барои онҳо ба ҳамроҳ надорад.

Одамоне, ки аз манофеи умуми мусалмонон суи истифода менамоянд ва молу дороии мардумро дар манфиатҳои шахсӣ ва ангезаҳои шаҳвонии худ ба кор мегиранд ва ё бо дасту забон ва ё қалами худ ҳарими муқаддасоти дини илоҳӣ ва шарафу обрӯи мардумро мавриди ҳуҷум ва беэҳтиромӣ қарор медиҳанд, рӯзаи онҳо ботил ва бенатиҷа аст. Агар ин қабил одамон сифатҳои манфӣ ва ҷанбаҳои салбии шах-

сияти худро ислоҳ насозанд, мақсад ва мафҳуми рӯза дар онҳо таҳаққуқ наёфтааст.

Рӯзадоре, ки дар зарфи як моҳи Рамазон нафси худро аз ҳиқду кудурат, ҳасаду бухл ва бадбинии дигар мусалмонон пок насозад ва аз таъсироти созандаи рӯза баҳраманд нагардад, аз мағфирати илоҳӣ ва имтиёзоти дигаре, ки Худованд барои бандагони худ дар ин моҳ пешбинӣ намудааст, бенасиб мегардад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе (-и ҳар ҳафта) дарҳои биҳишт кушода мешаванд*** – ва дар ривояте – ***амалҳои мардум арза дошта мешаванд, пас ҳар бандае, ки ба Худо чизеро шарик наёварда бошад, барояш мағфират мешавад, магар касе, ки дар байни вай ва бародараш бадбинӣ ва хусумате вуҷуд дошта бошад*** – ва дар ривояте – ***магар ду нафаре, ки якдигарро тарк карда бошанд. Пас дар ҳаққи онҳо гуфта мешавад: Ҳар дуро бозгардонед, то бо якдигар оштӣ намоянд»***.[26] Пас ин сарнавишт дар моҳи Рамазон низ барои чунин одамоне ҳатмӣ мебошад.

Бинобар ин, шахсе, ки танҳо қолаби берунии рӯзаро риоя менамояд, вале аз мафҳуму мақсади он бехабар аст, рӯзааш ҳеҷ нафъе барои ӯ надорад. Худдорӣ аз хӯрдану нӯшидан ва ҳамбистарӣ ин танҳо ҷанбаи зоҳирии рӯза мебошад ва он барои инсон дарс ва васила (механизм)-е ба шумор меравад, то аз тамоми аъмоли бад, рафтори ношоиста, гуфтори бемаъно ва ғайра худро нигаҳ дорад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Ҳар касе сухан (-он)-и дурӯғ (тӯҳматомез ва нописанд) ва ҳамчунин амал ба он (-ҳо)-ро тарк нанамояд, Худованд ниёзе ба тарки хӯроку шароби вай (яъне ниёзе ба рӯзаи вай) надорад»***.[27]

Дар ҷои дигар мефармояд: ***«Эй чи басо рӯзадорест, ки аз рӯза ба ғайри гуруснагиву ташнагӣ чизе насибаш нагаштааст ва чи басо шабзиндадорест, ки аз қиёми шабаш танҳо ҳамон бехобӣ насибаш гаштааст»***.[28] Ҳамчунин он Ҳазрат (с) мефармояд: ***«Агар касе аз шумо рӯзадор бошад, беҳудагию ғавғо ва дурўштӣ нанамояд. Агар касе ҳам ӯро дашном диҳад ва ё ба ӯ ҷанҷол намояд, ба ӯ бигӯяд: Ман рӯзадор ҳастам…»***.[29]

Ҳамчунин мефармояд: ***«Рӯза танҳо аз худдорӣ аз хӯрдану нӯшидан иборат нест, балки он худдорӣ аз лаҳву беҳудагӣ, бадрафторӣ ва носа-***

---

[26] Саҳеҳи Муслим, 6490, 6491 (2565)-35, 6492, 6493 (…)-36.

[27] Саҳеҳи Бухорӣ, 1903, 6057. Сунани Абӯдовуд, 2362. Сунани Тирмизӣ, 707. Сунани Ибни Моҷа, 1689. Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардаанд.

[28] Сунани Ибни Моҷа, 1690. Сунани Куброи Насоӣ, 3249, 3333, ҷ. 2, с. 239, 256. Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардаанд. Табаронӣ дар Мӯъҷамулкабир ҳадисе ба ҳамин маъно аз Ибни Умар (р) ривоят намудааст. (13413. – Ҷ. 12. – С. 292).

[29]. Қисмате аз ҳадиси муттафақун алайҳ аст. Саҳеҳи Бухорӣ, 1894, 1904. Саҳеҳи Муслим, 2697 (1151)-160, 2700 (1151)-163. Сунани Абӯдовуд, 2363. Сунани Насоӣ, 2215, 2216. Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардаанд.

***зогӯиро низ шомил мебошад. Бинобар ин, касе туро (ба вақти рӯза) дашном диҳад ва ё бар ту ҷаҳл намояд, бигӯ: Ман рӯзадорам»***.[30]

Рӯзаи мақбул рӯзаест, ки соҳиби худро ба тақвои илоҳӣ наздик созад. Дар чунин ҳолат аст, ки дуъоҳо, орзуҳо ва некиҳои вай қабули даргоҳи Ҳақ мегарданд. Худованд мефармояд: **«Худованд (аъмол ва ибодатҳо)-ро танҳо аз бандагониботақвои худ мепазирад».**[31]

## Фоидаҳои рӯза

Рӯза дорои фоидаҳои маънавӣ, ҷисмӣ ва иҷтимоии зиёде мебошад. Аз ҷумла рӯза:

**а)** Инсонро дар мактаби (озмоишгоҳи) сабру шикебоӣ ва пурбардоштӣ тарбият менамояд.

**б)** Хештандорӣ ва худконтролкуниро ба инсон омӯзиш медиҳад.

**в)** Назму ҳамоҳангиро дар миёни мардуми мусалмон густариш медиҳад.

**г)** Ишқу дилбастагӣ ба адолат ва баробариро дар вуҷуди инсон решадор месозад.

**д)** Отифаи меҳрубонию дилсӯзӣ ва эҳсоси масъулиятро дар ботини одам бедор месозад.

**ж)** Шарру фасод ва разоили ахлоқиро дар миёни мардум коҳиш медиҳад.

**з)** Дастгоҳи гувориш (меъда)-ро полоиш ва покиза менамояд.

**л)** Баданро аз зиёдатиҳои бозмонда ва русуботи такшонгашта, ки аз боқимондаҳои хӯрокӣ ва ошомиданӣ ба вуҷуд меоянд, пок мегардонад.

**м)** Фарбеҳии зиёди бадан ва чарбиҳои таркиби онро коҳиш медиҳад; Расули Худо (с) фармудааст: ***«Рӯза бигиред, то саломатиатон барқарор шавад (ва боқӣ бимонад)»***.[32]

**н)** Аз ҳама муҳимтар он аст, ки хислати парҳезгорӣ ва поку нек зистанро дар инсон тақвият медиҳад, ки муҳимтарин ҳадафи ибодатҳои илоҳӣ низ ҳамин мебошад.

---

[30] Саҳеҳи Ибни Ҳиббон. – С. 614. Ҳадис саҳеҳ буда, онро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст. Саҳеҳи Ибни Хузайма, 1996. – Ҷ. 3. – С. 242. Исноди онро саҳеҳ гуфтааст. Назари баъзе муҳаддисон, аз ҷумла Ибни Ҳиббон он аст, ки рӯзадор ин калимаро дар ҷавоби дашномдиҳанда ва ҷаҳлкунанда бо дил бигӯяд, на ба забон. Вале дигарон нутқи онро ба забон гуфтаанд, то шахси рӯзадор бо эъломи мавқеи худ ба мухосамат ва ҷаҳли вай поён бахшад.

[31] Сураи Моида, 5: 27.

[32] Мӯъҷамулавсат, 8312. – Ҷ. 8. – С. 213. Ибни Синнӣ ва Абӯнуъайм низ ҳадисро ривоят кардаанд. Тахриҷи он дар поварақии 16-ум гузашт.

Ҳарчанд ҳанӯз ҳам фоида ва таъсири созандаи рӯзаи моҳи Рамазон дар ҷисму ҷон, ақлу нафс ва рӯҳиёти инсон барои бахши аъзами ҷомеаи мутамаддин пӯшида мондааст, вале пас аз пешрафтҳои азими илми тиб фавоиди гуруснагӣ ва худдорӣ аз хӯрдану нӯшидан дар муддатҳои муайян барои ҳама маълум гаштааст. Ҳатто баъзе табибон ва докторон дар кишварҳои пешрафта онро ба унвони муассиртарин методи табобатӣ қабул кардаанд.

## Арзиши эҳсону некӣ дар моҳи Рамазон

Ислом дар озмоишгоҳҳои тарбиявии худ на танҳо бо саркӯб намудани сифатҳои даррандахӯӣ ва сарпӯш гузоштан ба рӯи разоили ахлоқӣ дар ботини инсон иктифо наменамояд ва бо ин роҳи ҳалҳои муваққатӣ ва ба зоҳир сатҳӣ хушнуд намегардад, балки бо ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ӯ ба ҳадаф ва моҳияти аҳкоми ибодӣ ва рукнҳои тарбиявии худ мехоҳад дар ботини одамӣ ҳамон фитрати беолоиш, камолхоҳ ва худоии ӯро ба ҳаракат ва пӯёӣ дарбиоварад ва бо ба вуҷуд овардани виҷдони имонӣ ва малакаи (нерӯи) худидоракунандаи дохилӣ ҳамеша ӯро бар сохтани шахсият ва сарнавишти худ қодир ва мусаллат намояд.

Дар чунин ҳолат аст, ки рӯзадор дигар на танҳо аз хӯрдану нӯшидан ва ҳамхобагӣ бо ҳамсараш рӯзона худдорӣ менамояд, балки аз беҳудагӯию зиштсуханӣ, сару садоҳои беҷо ва тамоми аъмоли ҷоҳилона худдорӣ меварзад. Аз ҷангу хусуматҳо, дурӯғу тӯҳматзаниҳо, ғайбаткуниҳо ва корҳои дигаре, ки бар хилофи моҳияти рӯза ва ҷойгоҳи шахси рӯзадоранд, ба куллӣ дурӣ меҷӯяд.

Паёмбар (с) рӯи ин нукта таъкид намуда, мефармояд: ***«Вақте касе аз шумо рӯзадор бошад, ҳаргиз сухани беҳудаву зишт нагӯяд ва доду фарёд накашад ва аз аъмоли ҷоҳилона парҳез намояд. Агар касе ба ӯ дашном диҳад ё баситеза (ҷанҷол) бархезад, ба вай бигӯяд: Ман рӯзадор ҳастам, ман рӯзадор ҳастам».***[33]

Он Ҳазрат (с) боз мефармояд: ***«Касе, ки аз гуфтори ботил (дурӯғ ва беҳуда) ва амали ба он даст барнадорад, Худо ҳеҷ ниёзе ба худдории вай аз хӯрдану нӯшидан надорад».***[34]

**1.** Пас аз тай намудани ин марҳалаҳои инсонсоз рӯзадор ба шахсияти нек ва хайрхоҳи ҷомеа табдил меёбад. Эҳсону некӣ, тоату ибодат ва тамоми корҳои хайре, ки дар моҳи Рамазон анҷом мегиранд, ба хотири фазилате, ки ин моҳ дар пешгоҳи Худованд дорад, аз корҳое,

---

[33] Қисмате аз ҳадиси муттафақун алайҳи: ***«Куллу амали ибни одама лаҳу...,*** мебошад, ки таҳриҷи он дар поварақии 20-ум гузашт.

[34] Саҳеҳи Бухорӣ, 1903, 6057. Сунани Абӯдовуд, 2362. Сунани Тирмизӣ, 707.

ки дар моҳҳои дигар анҷом дода мешаванд, бартарӣ доранд. Паёмбари Ислом (с) мефармояд: ***«Беҳтарин ва дӯстдоштатарин амал, садақа ва эҳсон дар назди Худо он аст, ки дар даҳаи ахири моҳи Рамазон анҷом гирад…»***.[35]

Дар ҳадиси дигаре омадааст, ки он Ҳазрат (с) пурсида шуд: Пас аз Рамазон кадом рӯза афзал аст? Фармуд: ***«Рӯзаи моҳи шаъбон, ки барои (омодабош ва) бузургдошти моҳи Рамазон анҷом мегирад».*** Боз пурсида шуд: «Кадом садақа афзал аст? Фармуд: ***«Садақае, ки дар моҳи Рамазон анҷом гирад»***.[36]

Ҳамчунин ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«…Вақте Худо барои бандае хайрро биҳоҳад, ӯро ба амал гирад, пурсида шуд, ки эй Расули Худо (с), ӯро чӣ гуна ба амал гирад? Фармуд: Ӯро пеш аз марг ба анҷоми амали солеҳе муваффақ гардонад ва бар он қабз намояд»***.[37] Пас бояд шахси рӯзадор ҳам дуъо кунад, ки Худо ӯро ба анҷоми амалҳои хайр муваффақ гардонад ва ҳам дар анҷоми онҳо ҷидду ҷаҳд намояд.

Расули Худо (с) дар моҳи мубораки Рамазон беш аз дигар моҳҳо ба бахшишу эҳсон мепардохт ва дар моҳи Рамазон, вақте Ҷабраил (ъ) ба назди он Ҳазрат (с) меомад, аз дигар рӯзҳо бештар некию эҳсон мекард.

**2. Эҳёи шабҳои Рамазон:** Паёмбар (с) мефармояд: ***«Ҳар касе дар моҳи Рамазон бар асоси имон ва ба умеди аҷру савоб ба намоз бархезад, гуноҳони пешини ӯ бахшуда шаванд»***.[38]

Дар ҳадиси дигаре мефармояд: ***«Қиёми шабро бар худ лозим бигиред. Он рафтори солеҳони пеш аз шумо аст ва он қурбате ба сӯи Парвардигоратон, поккунандаи саййиот (бадиҳо), боздорандаи аз гуноҳ ва дуркунандаи дарду беморӣ аз бадан мебошад»***.[39] Ин ҳадис ҳарчанд қиёми шабро ба таври умум баён медорад, вале хуб равшан аст, ки таъсири он дар рӯҳиёти инсон дар шабҳои моҳи Рамазон ба маротиб бештар аст.

**3. Тиловати Қуръон:** Расули Худо (с) дар моҳи мубораки Рамазон бештар ба тиловати Қуръон мепардохт. Ибни Аббос (р) дар бахше аз ҳадиси: ***«Расули Худо (с) босахотарини мардум буд»*** мефармояд: ***«Ҷаб-***

---

[35] Саҳеҳи Бухорӣ, 969. Сунани Абӯдовуд, 2438. Сунани Тирмизӣ, 757. Дар идомаи ҳадис омадааст, ки: ***«Гуфтанд: Эй Расули Худо (с), ҳатто ва на ҷиҳоди дар роҳи Худо (бо он баробар аст)?! Фармуд: Ва на ҷиҳоди дар роҳи Худо, магар марде бо нафс ва молаш хориҷ шавад ва бо чизе аз онҳо барнагардад»***.

[36] Сунани Тирмизӣ, 663.

[37] Сунани Тирмизӣ, 2142. Мишкотул масобеҳ. 5288. – Ҷ. 2. – С. 325. Маҷмаъуззавоид, 11917. – Ҷ. 7. – С. 307. Ҳайсамӣ мегӯяд: Ҳадисро имом Аҳмад, Абӯяъло, Баззор ва Табаронӣ дар «Авсат» ривоят кардаанд ва ровиёни он ровиёни «Саҳеҳ» мебошанд.

[38] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 37, 2008, 2009. Саҳеҳи Муслим, 1776 (759)-173.

[39] Сунани Тирмизӣ, 3549. Шуъабулимон, 3087. – Ҷ. 3. – С. 137.

***раил (ъ) дар моҳи муборaки Рамазон ҳар шаб барои мудораса ва такрори Қуръон ба назди он Ҳазрат меомад».***[40]

Он Ҳазрат (с) мефармояд: ***«Рӯза ва Қуръон рӯзи қиёмат ба шафоати шахс (соҳиби худ) бармехезанд. Рӯза мегӯяд: Парвардигоро! Рӯзҳо ман аз хӯрдан (-у нӯшидан) ва (рафъи дигар) хостаҳояш монеъ мешудам, маро дар бораи ӯ шафеъ гардон!. Ва Қуръон мегӯяд: Ман шабҳо аз хоби ӯ монеъ мегардидам, шафоати маро дар бораи ӯ бипазир! Пас ҳардуяшон барои вай шафеъ гадонида мешаванд».***[41]

**4. Эътикоф:** Аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки: ***«Паёмбар (с) даҳ рӯзи охири моҳи Рамазонро эътикоф менишаст, то он ки Худо ӯро қабз кард. Пас аз вай ҳамсаронаш низ он даҳ рӯзро эътикоф менишастанд».***[42]

**5. Ҳаҷҷи умра:** Дар моҳи муборaки Рамазон ба зиёрати хонаи Худо рафтан дар муқоиса ба моҳҳои дигар аҷру фазилати бештаре дорад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Умрае дар моҳи Рамазон баробари ҳаҷҷе мебошад».***[43]

**6. Ифтор додани рӯзадорон:** Ҳамчунин ифтор додани рӯзадорон дар моҳи Рамазон савоби зиёде дорад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Касе рӯзадореро ифтор диҳад, барояш мисли шахси рӯзадор аҷр ҳосил мешавад, бе он ки аз аҷру савоби рӯзадор чизе коста шавад».***[44]

Бандаи мӯъмин, умуман, бояд лаҳазоти босафо ва айёми бобаракати моҳи Рамазонро ғанимат шуморад ва дар ҳар фурсати он кори хайр ва пешрафтеро бар аъмоли худ биафзояд. Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) дар бораи ғанимат донистани лаҳазоти нотакрори умр мефармояд: *«Бар чизе ба мисли он рӯзе, ки офтоб дар он ғуруб намояд – аз мӯҳлати ҳаётам кам шавад ва бар амалам чизе дар он наафзояд, надомат нахӯрдаам».* Марди солеҳ ва халифаи одил Умар ибни Абдулазиз (рҳ) мефармояд: *«Шабу рӯз дар ту амал мекунанд, пас ту низ дар онҳо амал намо».*[45]

---

[40] Саҳеҳи Бухорӣ, 6, 1902, 3220, 3554, 4997. Саҳеҳи Муслим, 5964 (2308)-50. Сунани Насоӣ, 2094.

[41] Муснади имом Аҳмад, 6589. – Ҷ. 2. – С. 366. Маҷмаъуззавоид, 5081. – Ҷ. 3. – С. 318. Мустадраки Ҳоким, 2080. – Ҷ. 2. – С. 255. Ҳоким онро саҳеҳ ва бар шарти Муслим гуфтааст. Шуъабулимон, 1994. – Ҷ. 2. – С. 346.

[42] Саҳеҳи Бухорӣ, 2026. Саҳеҳи Муслим, 2776 (1172)-5. Сунани Абӯдовуд, 2462.

[43] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 1782. Саҳеҳи Муслим, 3028 (1256)-221. Сунани Насоӣ, 2109. Ҳадисро аз Ибни Аббос (р) ривоят кардаанд.

[44] Сунани Тирмизӣ, 807. Сунани Ибни Моҷа, 1746. Тирмизӣ онро ҳадиси ҳасан ва саҳеҳ гуфтааст.

[45] Мавсӯаи дифоъ аз Расули Худо (с). – Ҷ. 4. – С. 191

## Рӯза дар динҳои пеш аз Ислом низ вуҷуд дошт

Барномаи худопарастӣ ва ибодатҳо дар таърихи зиндагонии инсон реша доранд ва ҳамзамон бо фитрати худоии ӯ барояш эҳдо гардидаанд.

Ин барномаи худопарастӣ ва низоми ибодатҳо дар динҳои пешини илоҳӣ низ вуҷуд доштанд. Ба монанди фаризаи ҳаҷ, ки ёдгории ҳазрати Иброҳим (ъ) барои пайравони дини мубини Ислом мебошад. Намоз низ дар динҳои пешини илоҳӣ ба шакле вуҷуд дошт. Қуръон аз забони паёмбарони пешин барпо доштани намозро дар чандин мавзеъ нақл намудааст. Худованд дар бораи фаризаи рӯза низ ҳаминро мегӯяд, ки он дар динҳои пешин ҳам вуҷуд дошт, он ҷо ки мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُتِبَ عَلَيۡكُمُ ٱلصِّيَامُ

كَمَا كُتِبَ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ ١٨٣

**«Эй касоне, ки имон овардаед! Рӯза бар шумо фарз гардонида шуд, ҳамон гуна ки бар гузаштагони пеш аз шумо низ фарз гардида буд, то парҳезгор шавед».[46]**

Худованд дар ин оят бо сароҳат мефармояд, ки рӯза аз қадимулайём роиҷ буда ва Худованд онро бар пайравони динҳои пешин низ фарз гардонида буд.

Рӯза ибодате мебошад, ки одамони диндор аз дергоҳи таърих барои худсозӣ ва наздикӣ ба Худованд аз он баҳра мегирифтанд. Ҳатто бутпарастон барои тақвияти ҷанбаи рӯҳӣ ва сафои фикрӣ ва зеҳнии худ аз он истифода мебурданд. Бо вуҷуди он ки осор ва ривоятҳои воридгашта дар мавзӯи рӯза ҷойгоҳ ва аҳамияти онро дар назди динҳои илоҳӣ аз гузаштаҳои дур собит месозанд, вале метавон гуфт, ки рӯза ба миллат, гурӯҳ ва дине хос ва маҳдуд набудааст, балки он ниёзи фитрии тамоми мавҷудоти зинда мебошад, то гаҳ-гоҳе худро аз хӯрдану нӯшидан ва дигар корҳо муддате нигоҳ доранд. Рӯза ибодатест, ки бо таърихи фитрати инсон ҳамроҳ мебошад.

Вале шаклу миқдори он рӯзае, ки дар миёни миллатҳои пешин вуҷуд дошт, шояд аз фаризаи рӯза дар шариати Ислом фарқ намоянд. Ривоятҳо ва осори воридгашта дар ин бора гуногун буда, ғолибан аз тафовути шаклӣ ва миқдории он аз рӯзаи моҳи Рамазон хабар медиҳанд.

---

[46] Сураи Бақара, 2: 183.

## Нақши рӯза дар худсозии инсон

Ибодатҳо, умуман, дар худсозӣ, худшиносӣ ва эҳёи маънавии инсон василаи муассире мебошанд. Масалан, рӯза ин танҳо як навъи гуруснанишинӣ нест, балки ибодатест, ки рӯҳи маънавиёт бар он соя афкандааст. Шахси рӯзадор ба монанди намозгузор дар ҳолати ибодат аст, бо ин тафовут, ки дар ин ибодат сухан гуфтан, ҳаракат кардан ва пешбурди корҳои зиндагӣ ҷоиз мебошад. Пас шахси рӯзадор бояд рафтору гуфтор ва аъмоли худро дар зиндагӣ ба тавре анҷом диҳад, ки ба моҳияти ибодат созгор бошанд ва он ибодат мафҳуми воқеии худро пайдо намояд.

Рӯза бояд бештар бо зикру тиловат ва аъмоли нек ҳамроҳ бошад, зеро некиҳо ва амалҳои хуби инсон дар ин моҳ арзиши бештаре дар пешгоҳи Худованд пайдо мекунанд. Вақте рӯза соҳиби худро дар ҷодаи некиҳо қарор дод, нишонаи худсозӣ ва таъсири рӯза дар рӯҳи ӯ ошкор мегардад. Аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки: ***«Паёмбар (с) аз тамоми мардум каримтар (саховатманд ва ҷавонмард) буд. Саховату ҷавонмардии он Ҳазрат (с) дар моҳи Рамазон, вақте Ҷабраил (ъ) ба ӯ дидор мекард, бештар мегашт. Ҷабраил (ъ) дар моҳи Рамазон ҳар шаб ба дидори ӯ меомад ва Қуръонро бо ӯ мудораса мекард. Расули Худо (с), вақте Ҷабраил ба дидори ӯ меомад, аз боди вазон ҳам дастбахайртар буд»***.[47]

Пас агар рӯза ба таври зинда, яъне бо рӯҳи имон ва бар пояи тақво ба ҷой оварда шавад, дар ҷавҳари шахсияти рӯзадор ниҳоли сабру бурдборӣ, устуворӣ ва эҳсоси ҳузури Худовандро мекорад.

Рӯзаи моҳи Рамазон дар ботини инсон пойгоҳи пурқуввате барои арзишҳои волои инсонӣ ба вуҷуд меоварад. Бинобар ин, шахси рӯзадор бояд аз шабҳои моҳи Рамазон низ хуб истифода намояд ва онҳоро бо зикру ибодат, тиловати Қуръон, омӯзиши илм ва бо дуъо зинда дорад, то он нуре, ки рӯзона бо доштани рӯза дар замири ӯ фурӯзон гардидааст, бо хобу хӯри бисёр дубора бефурӯғ ва хомӯш нагардад.

## Нақши рӯза дар сохтани ҷомеаи намунавӣ

Барои ҳама маълум аст, ки фард ва ҷомеа дар якдигар таъсири мутақобил мегузоранд. Аз афроди солим ҷомеаи солим ба вуҷуд меояд ва ҷомеаи солим дар ташаккул ва такомули шахсияти инсон нақши асосӣ ва таъсири муҳимме мегузорад. Афрод хиштҳои зербино ва қисматҳои таҳдоби ҷомеаро ташкил медиҳанд ва ба манзалаи ҳуҷайраҳои

---

[47] Муттафақун алайҳ аст. Ин ҳадис дар поварақии 27-ум тахриҷ шудааст.

пайкари миллат мебошанд. Пас барои бунёди ҷомеаи солим тарбияи афроди солим зарурат дорад.

Дар гузашта дидем, ки Ислом асоси тавсияҳо ва бештарин аҳком ва ибодатҳои худро ба сохтани фарди солим ва тарбияи дурусти ҳар як аъзои ҷомеа равона намудааст. Ислом бо ин ҳама ибрози таваҷҷӯҳ ва эҳтимоме, ки ба тарбияи дурусти шахсияти инсон додааст, мехоҳад ҷомеаи намунавиеро ба таври дилхоҳ бино гузорад. Ба ҳар андозае афроди ҷомеа тарбияи дурусти динӣ бинанд ва сатҳи маърифатнокии имонии онҳо боло бошад, ба ҳамон андоза арзишҳои инсонӣ дар он ҷомеа амалӣ ва пойдор мегарданд. Дар чунин ҷомеа истеъдодҳои худоӣ ва нубуғи инсонии одамони болаёқат ба камол расида, заминаҳои шукуфоии ҳамаҷонибаи наслҳои оянда фароҳам мегарданд.

Рӯзаи бо рӯҳу маъно қишрҳои гуногуни ҷомеаро ба сӯи худсозиву худшиносӣ, отифаи нек ва эҳсоси дардҳои ҷомеа ҳидоят менамояд. Гуруснагиву ташнагии рӯза қишри сарватманди ҷомеаро ба ёди ранҷҳои камбағалони гурусна ва дармондагон меоварад. Замири бо тақво ва виҷдони имонӣ дар қалби онҳо эҳсоси ҳамдардӣ ва ҳимояи қишри бенавои ҷомеаро бедор месозад.

Мусаллам касеро бувад рӯза дошт,
Ки дармондаеро диҳад нону чошт!
(Луғатномаи Деҳхудо)

Дар ботини мардуми тангдасту бенаво нерӯи сабру пойдорӣ дар муқобили сахтиҳоро парвариш медиҳад. Бо ҳамин, ҳамкориву ҳамдастӣ ва муҳаббати якдигарро дар миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа ба вуҷуд меоварад. Тамоми ин ҳимоятҳои дуҷониба дар миёни қишрҳои гуногун дар натиҷаи ангезаҳои имонӣ ва бо такя ба эътиқодоти динӣ анҷом мегиранд ва ҳар яке аҷри амали худро дар назди Худованд меҳисобад.

Ҳамин нақшофаринии барномаи рӯзаи моҳи Рамазон дар ташаккули шахсияти инсон ва дар сохтани ҷомеаи намунавӣ аст, ки он ба ҳайси муносибтарин замон барои нузули ваҳйи илоҳӣ ва оғози рисолати Паёмбари Ислом (с) баргузида шудааст ва минбаъд низ муҳимтарин рӯйдодҳо дар таърихи Ислом дар ин моҳ ба вуқӯъ пайвастаанд. Яъне ҷомеае ба вуҷуд омада буд, ки барои татбиқи ормонҳои олии башарӣ ва ҳимояи арзишҳои илоҳии Ислом ҳамаҷониба омода буд. Бинобар ин, тавонист муҳимтарин рӯйдодҳои сарнавиштсозро дар таърих ба номи худ сабт намояд.

Нузули ваҳйи илоҳӣ ва ҳамин тавр рисолати Паёмбари Ислом (с) 13 сол пеш аз ҳиҷрат дар шаби бисту ҳафтуми моҳи Рамазон рӯзи душанбе, ки ба 19-уми августи соли 610 милодӣ рост меомад, оғоз шуда-

аст. Ин таърих бар асоси солшуморӣ ва сабти ҳаводиси таърихӣ дар назди арабҳо дар даврони ҷоҳилият ба соли 41-уми ҳодисаи фил мутобиқ буд.[48]

Рӯзаи моҳи Рамазон соли дуюми ҳиҷрӣ – 17-18 моҳ пас аз ҳиҷрат ва як моҳ пас аз таҳвили Қибла дар моҳи шаъбон фарз гардидааст ва аввалин Рамазоне, ки мусмалмонон рӯза доштаанд, ба рӯзи якшанбе – аввали моҳи Рамазони ҳамон сол, мувофиқ ба бисту шашуми феврали соли 624 милодӣ рост меомад. Паёмбари акрам (с) нӯҳ сол рӯзаи моҳи мубораки Рамазонро гирифтааст, ки панҷ соли он бисту нӯҳ рӯзӣ ва чаҳор соли он сӣ рӯзӣ будааст.

Ғазои Бадр, ки ба пирӯзии лашкари тавҳид ва шикасти сипоҳи куфру ширк хотима ёфт, ҳабдаҳуми моҳи Рамазони ҳамон соли дуюми ҳиҷрӣ дар рӯзи ҷумъа мувофиқ ба сездаҳуми марти соли 624 милодӣ ба вуқӯъ пайвастааст. Худованд мефармояд:

وَلَقَدۡ نَصَرَكُمُ ٱللَّهُ بِبَدۡرٖ وَأَنتُمۡ أَذِلَّةٞۖ فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ١٢٣

**«Худованд, воқеан ҳам, шуморо дар (ҷанги) Бадр нусрат дод, дар ҳоле ки нотавон будед. Пас тақвои Худоро дошта бошед, то шукри Ӯро ба ҷой оваред».[49]**

Фатҳи Макка низ рӯзи бистум ва ё бистуякуми моҳи Рамазони соли ҳаштуми ҳиҷрӣ дар рӯзи ҷумъа мувофиқ ба соли 630 милодӣ ба вуқӯъ пайвастааст, фатҳе, ки пойгоҳи ширку бутпарастиро комилан аз байн бурд ва сарзамини Арабро аз вуҷуди бутҳо пок сохт ва ба ҷои он ибодати Худои ягонаро побарҷой намуд.

Ислом дар моҳи Рамазони соли даҳуми ҳиҷрат дар сарзамини Яман интишор ёфт. Фатҳи кишвари Андалус (Испанияи имрӯза) низ бо фармондеҳии Ториқ ибни Зиёд дар моҳи Рамазони соли 92-юми ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 711 милодӣ ба итмом расидааст. Ғайр аз инҳо Худованд ҳаводиси таърихии зиёдеро дар ин моҳ ба нафъи мусалмонон ба амал баровардааст. Зеро нусрату кӯмаки Худованд ба покизагиву сафои нафсҳо сахт вобастагӣ доранд ва айёми мубораки моҳи Рамазон фурсати полоиш ва сафобахшии нафси инсон мебошад, ки ҳатман насру пирӯзӣ, хайру баракат ва навозишҳои бепоёни илоҳиро барои ӯ ба армуғон меоварад. Айёми босафои моҳи Рамазон лаҳзаҳои

---

[48] Соли фил (омул фил) соле аст, ки Абраҳаи Ҳабашӣ барои вайрон кардани хонаи Каъба бо филони ҷангӣ ба сарзамини Ҳиҷоз ва шаҳри Макка лашкар кашид ва бар асари ҳамлаи селаи паррандагони абобил, ки сангҳоеро бо номи сиҷҷил (санггил) ба сари онҳо партоб намуданд, ба шикаст рӯ ба рӯ шуд. Қуръони карим ин ҳодисаро дар сураи «Фил» зикр намудааст. Ин ҳодисаи таърихӣ ба гуфтаи аксари таърихнигорон соли 570 милодӣ – як сол пеш аз таваллуд ва чиҳилу як сол пеш аз рисолати Паёмбари акрам (с) ба вуқӯъ пайвастааст.

[49] Сураи Оли Имрон, 3: 123.

гуворое мебошанд, ки дилҳо дар он ба сӯи Парвардигори замину осмон ба тапиш дармеоянд ва ҳама чизро аз ҷониби Ӯ медонанд.

... وَمَا ٱلنَّصۡرُ إِلَّا مِنۡ عِندِ ٱللَّهِ ٱلۡعَزِيزِ ٱلۡحَكِيمِ ﴿١٢٦﴾

**«Насру пирӯзӣ танҳо аз назди Худои тавонову ҳаким аст».**[50]

## Дар моҳи Рамазон дарҳои биҳишт ба рӯи рӯзадорон кушода мешаванд

Худованд ба бузургдошти ин моҳи муборак онро ба ҷашнвора ва иде барои бандагони мӯъминаш табдил дода, барои онҳо як силсила имтиёзоти хос ва бахшишҳо (осониҳо)-и худогонае ҳадя намудааст. Агар кишварҳо дар арафаи ҷашнҳои бузурги худ базмҳои идона ва афвҳои шоҳона намоянд, пас Худованд тамоми ин як моҳро ҷашнвораи илоҳӣ ва моҳи гузаштҳои худоӣ эълон намудааст. Барои як мӯъмини воқеӣ чӣ ҷашне ва чӣ хурсандие болотар аз он аст, ки дарҳои биҳишт ба рӯи ӯ кушуда гарданд ва насими форами он ба машомаш бирасад, дар айни ҳол дарҳои дӯзах фурӯ баста шаванд ва дар тӯли як моҳ аз хавфи он эмин гардад ва ҳамчунин, дасту пои шайтонҳои гумроҳкунанда баста шаванд, то ба ӯ осебе нарасонанд. Паёмбар (с) мефармояд:

***«Вақте моҳи Рамазон фаро расад, дарҳои биҳишт кушода ва дарҳои оташ фурӯ баста мешаванд ва шайтонҳо дар занҷир афканда мешаванд»***.[51]

Пас бандаи мӯъмин бояд худро аз ин навозишҳои бепоёни илоҳӣ дар моҳи Рамазон маҳрум насозад ва дар зарфи ин як моҳ сифатҳои биҳиштиёнро дар худ татбиқ намояд. Бибинед, тамоми дарҳои биҳишт кушода ва дар интизори бандаи рӯзадор мебошанд. Аммо бандаи рӯзадор дар пешгоҳи Худованд манзилат ва ҷойгоҳе дорад, ки аз ҳар дари он ворид намегардад, балки аз дари махсусе, ки ба ифтихори онҳо кушода шудааст, вориди биҳишт мегардад. Ба он дар «Райён» (шодоб) гуфта мешавад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Барои аҳли ҳар амале яке аз дарҳои биҳишт махсус мебошад ва ӯ аз он дар нидо карда мешавад. Барои аҳли сиём (рӯза) бошад, дарест, ки ба он «райён» гуфта мешавад».***[52]

---

[50] Сураи Оли Имрон, 3: 126.

[51] Бухорӣ ва Муслим онро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардаанд. Ин ҳадис дар ловарақии 18-ум тахриҷ шудааст.

[52]. Мусаннафи Ибни Абӯшшайба. – Ҷ. 2. – С. 425. Дар дигар китобҳои ҳадис бо дигар лафзҳо ривоят гардидааст.

## Маънои Рамазон

Калимаи Рамазон аз решаи «рамз» (رمض) гирифта шуда, ба маънои тафсондан ва ё тафсидан ва гудохта шудан дар зери ҳарорат ва гармии офтоб мебошад.[53] Албатта, робитаи дақиқе дар миёни моҳияти истилоҳии моҳи Рамазон ва маънои луғавии он ба чашм мехӯрад.

Ин моҳ ҷисми инсонро дар кураи фаризаи илоҳӣ ва коргоҳи рӯза амалан мегудозад ва ҷавҳари шахсият ва одамияти ӯро аз тамоми олудагиҳо пок месозад. Рӯзаи бо рӯҳу маъно, ки бо алангаҳои гуруснагиву ташнагӣ ҳамроҳ мебошад, нафси инсонро аз тафтаҳои нафсонӣ пок мегардонад. Ҳамин аст, ки Худованд ду сӯзиш ва ду ҳароратро бо ҳам ҷамъ намесозад. Сӯзиши гуруснагиву ташнагӣ дар моҳи Рамазон ва сӯзиши дар оташи дӯзах.

Вақте вуҷуди шахси рӯзадор дар коргоҳи моҳи Рамазон гудохта мешавад ва аз тамоми палидиҳо пок мегардад, дигар ҳоҷате ба гудохтани дубораи ӯ дар оташи дӯзах боқӣ намемонад. Оташи дӯзах одамонеро месӯзад ва дар худ мегудозад, ки дар дунё худро бо барномаҳои инсонсози ойини Ислом, аз ҷумла, бо ин василаи муассири илоҳӣ пок насохта бошанд.

Паёмбар (с) рӯзаи моҳи Рамазонро сипар ва нигаҳдорандаи соҳиби худ аз оташ номидааст.[54]

Қуръони карим ва суннати Расули акрам (с) ҳадафҳои фарзшавӣ, фалсафаи аҳком ва дигар ҷанбаҳои моҳи Рамазонро бо таъбири расое баён намудаанд ва мо низ кӯшиш менамоем, ки онро дар партави оятҳои Қуръон ва баёноти суннат пешкаши хонанда намоем.

## Рӯза дар партави оятҳои Қуръон ва баёноти суннат

Қуръони карим бо баёни расо ва ибораҳои зебое фалсафа, ҳадафи фарз гардидан, муҳимтарин аҳком ва ҷанбаҳои гуногуни рӯзаи моҳи Рамазонро бозгӯ намудааст. Пеш аз ҳама, собиқаи деринаи таърихӣ доштани ин фаризаи илоҳӣ дар миёни миллатҳои гузашта ва ҳадафи фарз гардидани онро бар миллатҳо дар тӯли таърихи башарият баён менамояд.

---

[53] Муфрадот. – С. 366, зайли моддаи: рамз.

[54] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки Паёмбар (с) дар он мефармояд: ***«Рӯза сипаре аст. Пас касе аз шумо рӯзадор бошад, фисқу беҳудагӣ наварзад ва ба ҷаҳолат роҳ надиҳад. Агар касе ҳам бо ӯ ситеза (ҷанг) намояд ва ё ӯро дашном диҳад, ду бор бигӯяд: Ман рӯзадор ҳастам…»***. Ин ҳадис дар поварақии 27-ум тахриҷ шудааст.

Рӯза, чӣ тавре аз ҷониби Худованд бар мусалмонон фарз гардонида шудааст, бар умматони пешин низ фарз ва муқаррар шуда буд, то мусалмонон ба баракоти он ба тадриҷ роҳи тақво ва худсозиро дар пеш гиранд. Ба вуҷуд омадан ва устувор гардидани пойгоҳи тақво ва ирода дар шахсияти инсон муҳимтарин ҳадафи ин фаризаи илоҳӣ мебошад. «**Эй касоне, ки имон овардаед, рӯза, ҳамон гуна ки бар умматони пеш аз шумо фарз гардонида шуда буд, бар шумо низ фарз гардонида шуд, то шумо (аз ин роҳ) тақво намоед**».[55]

Чӣ тавре дар ин оят мушоҳида мешавад, манзури Ислом аз барномаи рӯзаи моҳи Рамазон, ки аз худдорӣ аз хӯрдану нӯшидан ва дигар аъмоли хилофи муқаррароти рӯза иборат мебошад, ба гуруснагиву ташнагӣ ва дар зарфи як моҳ ба заъфу нотавонии ҷисмӣ кашидани мардум намебошад, балки Қуръони карим муҳимтарин ҳадафи ин барномаро тақво ва худсозии инсон эълом намудааст. Ба ин маъно, ки шахси рӯзадор бори дигар тавоноиҳои рӯҳӣ, нерӯи ирода ва зарфиятҳои инсонии худро дар зарфи як моҳ таҷдид намояд ва бо рӯҳиёти тоза ва нерӯи нав ба эъмори зиндагӣ бипардозад.

Ин оят ҳамчунин ваҳдати динҳои илоҳӣ ва ягонагии башариятро дар усули эътиқодӣ ва барномаҳои ибодатӣ аз дергоҳи таърих эълон менамояд, ба ин маъно, ки дини Худо, асли яктопарастӣ ва низоми ибодатҳо ҳамзамон бо офариниши насли инсон собиқаи таърихӣ дошта, башарият аз ҳамон оғози пайдоиш бо усули эътиқодоти тавҳидӣ ва барномаи ибодатҳо фаро гирифта шудааст ва дар ин замина тамоми қавмҳо ва халқиятҳои гуногунро як асл – дини Худо бо ҳам мепайвандад.

Қуръони карим дар чандин маврид эълон менамояд, ки асли тавҳид ва чаҳор рукни амалии бинои Ислом: намоз, закот, рӯза ва ҳаҷ, ки барномаи ибодатҳоро ташкил медиҳанд, гузаштаи таърихӣ дошта, бар умматони дигаре, ки пеш аз зуҳури дини Ислом ба сар бурдаанд, низ фарз гардида буданд.

Рӯза дар чанд рӯзи башумор, ки ҳамон айёми моҳи мубораки Рамазон мебошанд, фарз мебошад. Агар касе аз мусалмонони дорои шароити гирифтани рӯза дар ин моҳ бемор шавад ва ё ба сафар бароянд ва натавонад ба рӯзаи худ идома диҳад, пас шаръан барои ӯ иҷозат аст, ки рӯзаашро бихӯрад ва вақте тандуруст ва муқим гардид, бар вай воҷиб аст, ки ба андозаи рӯзҳои хӯрдааш ба таври қазо рӯза бигирад. «**Он чанд рӯзи башуморе мебошад. Он гоҳ касе аз шумо (дар аснои моҳи Рамазон) бемор ва ё дар сафар бошад, (рӯзаашро бихӯрад ва пас аз солим ва муқим гаштан) ба ҳамон андоза аз рӯзҳои дигар (рӯзаи қазоашро бигирад)**».[56]

---

[55] Сураи Бақара, 2: 183.
[56] Сураи Бақара, 2: 184.

Албатта, дар ин ҷо бемории дар назар аст, ки гирифтани рӯза онро сахттар ва ё шифоашро ба таъхир меандозад ва манзур аз сафар низ сафари шаръӣ мебошад. Ин яке аз сабукиҳое мебошад, ки барои мусалмонон дар гирифтани рӯзаи моҳи Рамазон аз ҷониби шаръ дар назар гирифта шудааст.

Одамоне, ки дар натиҷаи пирӣ ва нотавонии ҷисмӣ бо заҳмат ва сахтӣ рӯза мегиранд, яъне гирифтани рӯза барояшон бисёр пурмашаққат ва тоқатфарсо аст, шаръан метавонанд рӯзаи моҳи Рамазонро ифтор намоянд ва ба ҷои ҳар рӯзи он ба андозаи таоми як мискин фидя (пардохти молие) диҳанд, яъне як бенаворо таом диҳанд. «**Ва бар касоне, ки онро бо заҳмат ва сахтӣ медоранд, фидя аст (ба андозаи) таоми як мискин»**.[57]

Вале агар онҳо бо рағбати худ бештар хайр намоянд, ин бароящон беҳтар мебошад. Яъне агар барои ҳар мискин аз андозаи муқарраршуда бештар таом диҳанд ва ё ба ҷои як мискин ба ду мискин таом диҳанд, боз бароящон савоби зиёдтар дорад. «**Ва ҳар касе бо рағбати худ (ва татаввӯан) аз он бештар хайре намояд, он барояш беҳтар аст»**.[58]

Бо ҳамин рӯзаи моҳи Рамазон аз онҳо соқит мегардад ва қазое ҳам бар онҳо воҷиб намебошад. Ин сабукии дуюме мебошад, ки Худованд барои мусалмонон дар моҳи Рамазон дар назар гирифтааст. Вале бо вуҷуди ин дар тамоми суратҳои зикршуда Худованд гирифтани рӯзаро барои онҳо, агар фазилат ва савоби онро бидонанд, беҳтар гуфтааст. «**Ва рӯза доштан (дар суратҳои зикршуда), агар (савоб ва моҳияти онро) бидонед, бароятон беҳтар аст»**.[59]

## Ибтидои фарзшавии рӯза

Ҷараёни нузул ва муқаррар гардидани аҳкоми фаризаи рӯза ба таври тадриҷӣ сурат гирифтааст ва он пас аз гузаштани чанд марҳала ва ё таҳаввули зина ба зина бар мусалмонон ба шакли ниҳоӣ муайян гардидааст.

Дар ривоятҳои зиёде омадааст, ки вақте ин оят нозил шуд, ҳар касе аз гирифтани рӯза эҳсоси машаққат ва сахтӣ мекард, хоҳ пир бошад, хоҳ ҷавон, ифтор намуда, ба ҷои ҳар рӯзи он як мискинро таом медод. Ин амр дар ибтидои фарзияти рӯза машрӯият дошт. Вақте ояти баъдӣ нозил шуд, ҳукми он танҳо дар ҳаққи пирамарди оҷиз ва фонӣ (бемадор) боқӣ монда, барои дигарон мансух гардидааст. Дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз Ибни Умар (р), Ибни Масъуд (р) ва Салама ибни Акваъ (р) ҳадисҳое ба ҳамин маъно ривоят шудааст.

---

[57] Сураи Бақара, 2: 184.
[58] Сураи Бақара, 2: 184.
[59] Сураи Бақара, 2: 184.

Дар ривояти Бухорӣ аз Салама ибни Акваъ (р) омадааст: Вақте ояти **«Ва бар касоне, ки (рӯзаро) бо машаққат мегиранд, ба андозаи таоми як мискин фидя аст»** нозил шуд, касе мехост ифтор мекард ва фидя медод, то он ки ояти баъдӣ нозил шуд ва ин ҳукмро бекор кард.[60] Бухорӣ дар таъйиди ин маъно ривоят мекунад, ки Анас вақте пир шуд, як сол ё ду сол рӯзаи моҳи Рамазонро ифтор намуда, ба ҷои ҳар рӯзи он мискинеро бо нону гӯшт таом дод.[61]

Дар ривояти Суддӣ аз Абдуллоҳ омадааст: Вақте ояти **«Ва бар касоне, ки бо сахтӣ рӯза медоранд, ...»** нозил шуд, касе мехост, рӯза медошт ва касе мехост, ифтор мекард ва (ба ҷои он) мискинеро таом медод. **«Ва касе бештар хайр намояд,** яъне бо таом додани мискини дигаре, **он барояш беҳтар аст ва рӯза доштан бароятон (аз ифтор) беҳтар аст»**. Онҳо бар ин ҳол буданд, то он ки ояти **«Пас касе аз шумо моҳро шоҳид гардад, рӯзаи онро бидорад»** нозил шуд ва ҳукми ояти қаблиро бекор кард.[62]

Аммо Бухорӣ дар ривояти дигаре аз Ибни Аббос (р) овардааст, ки ин оят аслан дар бораи марду зани солрафтае нозил шудааст, ки гирифтани рӯза барояшон ба сахтӣ муяссар мегардад. Онҳо ифтор намуда, ба ҷои ҳар рӯзи он як мискинро таом медиҳанд. Бинобар ин, он мансух нагаштааст.[63]

Ба ҳар ҳол, ҳукми ниҳоии Ислом дар ин бора он аст, ки ҷавоне, ки аз гирифтани рӯза эҳсоси машаққат ва сахтӣ менамояд, агар бемор ва ё дар сафар набошад, бояд рӯзаашро тамом (пурра) намояд, вале пирамарди бемадор метавонад бо таҳаммули сахтӣ рӯзаро бидорад ва ё ифтор намуда, ба ҷои ҳар рӯзи он як мискинро таом диҳад.

## Оғози нузули ваҳй

Худованд дар ояти гузашта рӯзҳои башумореро барои рӯза зикр намуд ва дар ин оят он рӯзҳоро ба таври аниқ муайян месозад. Он моҳи Рамазоне мебошад, ки дар яке аз шабҳои он (шаби Қадр) аз ҷониби Худованд нузули барномаи ҳидояти мардум ва нишонаҳои равшани роҳи рост ва фурқон дар қолаби Қуръон шурӯъ гардид.

Он барномаи ҳидоят, нишонаҳои роҳи рост ва фурқон пас аз ибтидои нузулаш дар шаби Қадр дар муддати бисту се сол тадриҷан бар

---

[60] Саҳеҳи Бухорӣ, 4507. Саҳеҳи Муслим, 2680 (1145)-149, 2681 (...)-150. Сунани Абӯдовуд, 2315. Сунани Тирмизӣ, 798. Сунани Насоӣ, 2315.

[61] Саҳеҳи Бухорӣ, ба сурати таълиқ пеш аз ҳадиси 4505.

[62] Мисбоҳи мунир, гузидаи тафсири Ибни Касир. – С. 131.

[63] Саҳеҳи Бухорӣ, 4505. Сунани Абӯдовуд, 2318. Сунани Насоӣ, 2316. Мустадраки Ҳоким, 1648. – Ҷ. 2. – С. 81. Сунани Куброи Байҳақӣ, 8400. – Ҷ. 6. – С. 331. Сунани Дорақутнӣ, 3, 7. – Ҷ. 2. – С . 205.

Паёмбар (с) нозил гардид ва иборат аз ҳамин Қуръонест, ки имрӯз дар дасти мусалмонон мебошад. Фурқон ба маънои ҷудосозандаи ҳақ аз ботил ва роҳи рост аз бероҳа мебошад ва он яке аз номҳои Қуръон аст. «**Моҳи Рамазон (моҳест, ки) дар он Қуръон (ба унвони барномаи) ҳидояти мардум ва нишонаҳои равшани роҳи рост ва ҷудосозандаи ҳақ аз ботил фиристода шудааст»**.[64]

Моҳи Рамазон дар пешгоҳи Худованд аз чунон азамат ва арзиши маънавие бархӯрдор аст, ки онро барои нузули барномаи ҳидояти хеш – Қуръони карим баргузидааст ва онро барои бандагони мӯъмин ба моҳи хайру баракат, ҷашнвораи солона ва иде табдил додааст. Барои ҳамин Расули Худо (с) вақте ба зинаи якуми минбар баромад, «омин» гуфт, вақте ба зинаи дуюм ва сеюм баромад дар онҳо низ омин гуфт. Пурсиданд: Эй Расули Худо (с), чаро «омин» гуфтӣ? Фармуд: Ҷабраил ба наздам омад ва гуфт: ***«Касе моҳи Рамазонро дарёбад ва барояш мағфират нашавад ва ҳамон тавр бимирад ва ба оташ равад, Худо ӯро (аз раҳматаш) дур созад, гуфтам: Омин. Касе падару модараш ва ё яке аз онҳоро дарёбад ва сабаби ба биҳишт рафтанаш нагарданд*** – ва дар ривояте ***– ва ба онҳо бо некӣ рафтор накунад ва пас аз марг ба оташ равад, Худо ӯро (аз раҳматаш) дур созад, гуфтам: Омин. Ва фармуд: Касе дар назди ӯ зикр шавӣ ва бар ту салавот (думруду салом) нафиристад, Худо ӯро (аз раҳматаш) дур созад (ва) гуфт: Омин бигӯ, гуфтам: Омин».***[65]

Қуръони карим дар ин ҷо бо таъбироти зебое хотироти баёдмондании он давра: ҳодисаи нузули ваҳй, даврони рисолати Паёмбар (с), ҷунбуҷӯши мусалмонони садри Ислом, фазои маънавӣ ва ҳузури фариштаи ваҳй – Ҷабраили амин (ъ) ва хулоса, сарогози таҳаввули таърихи башариятро дар зеҳни мусалмонон зинда месозад ва ҳамин тавр пайванди имонӣ ва робитаи таърихии онҳоро бо он гузашта таҷдид менамояд.

## Рӯза барои шахси мусофир

Пас ҳар касе дар ин моҳ ҳозир, яъне ғайри мусофир бошад, онро рӯза бидорад. Ва касе дар он вақт бемор ва ё дар ҳолати сафар бошад, шаръан иҷозат дорад, ки рӯзаашро бихӯрад, вале пас аз он ба ҳамон андоза аз рӯзҳои дигар рӯза бидорад. «**Пас касе аз шумо шоҳиди он моҳ гардад, рӯзаи онро бидорад ва касе аз шумо (дар он вақт) бемор ва**

---

[64] Сураи Бақара, 2: 185.

[65] Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 410. – С. 122, 904. – С. 204. Ибни Ҳиббон ривояти аввалро саҳеҳ лиғайриҳи ва ривояти дуюмро ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Саҳеҳи Ибни Хузайма, 1888. – Ҷ. 3. – С. 192, 193. Исноди он ро хуб гуфтааст. Маҷмаъуззавоид, 13409. – Ҷ. 8. – С. 179. Ҳайсамӣ дар «Маҷмаъ» мегӯяд: Табаронӣ онро бо иснодҳои гуногун ривоят кардааст, ки яке аз онҳо ҳасан аст. Мӯъҷамулавсат, 8131. – Ҷ. 8. – С. 113. Адаби муфрад, 644, 646. – С. 282, 283.

**ё дар сафар бошад, (метавонад рӯзаашро бихӯрад ва ба ҷои он) чанд рӯзи дигареро рӯза бигирад».**[66]

Худованд ба бандагонаш осониро мехоҳад на душвориро ва то бо гирифтани қазои Рамазон дар вақти дигар ҳисоби рӯзҳои онро такмил намоянд. Худованд бо дарназардошти ҳолатҳои гуногуни инсон, ба монанди тандурустиву беморӣ ва сафару ҳазар шароит ва муқаррароти хосеро муайян намудааст, то дар ҳеҷ ҳолат барои онҳо душворӣ ва сахтие пеш наояд ва дар ҳеҷ вазъе риштаи пайванди ибодат дар миёни Ӯ ва бандааш канда набошад. «**Худо ба шумо осониро мехоҳад ва (дар ҳаққи) шумо душвориро намехоҳад ва то ҳисоби рӯзҳо (-и онро) такмил намоед».**[67]

Ин амр аз як ҷониб, барои банда сабукиеро ба ҳамроҳ дорад ва аз ҷониби дигар, бо ба ҷой овардани қазои рӯзҳои фавтшуда Худованд адади онҳоро ба таври комил аз ӯ мепазирад. Ин беҳтарин барномаи ҳидоят мебошад, ки тамоми ҳолатҳои инсон дар он дар назар гирифта шудааст. Пас Худоро бо ин ҳидояташ ба бузургӣ ёд намоед ва шояд ҳамин тавр шукргузор гардед. Ҳатто ҳамон рӯзҳои дигаре, ки дар он қазои рӯзаи фавтшуда ба ҷой оварда мешавад, муносибтарин лаҳзаҳо барои ба ёд овардани неъмати ҳидоят ва бузургиву азамати Худо мебошанд. **Ва то Худоро барои (ин) ҳидояташ ба бузургӣ ёд намоед ва то (ҳамин тавр) шукргузор гардед**.

Шахси мусофир дар гирифтан ва нагирифтани рӯзаи моҳи Рамазон ҳар ду ихтиёр дорад. Дар ривоятҳо омадааст, ки вақте саҳобагон ҳамроҳи Паёмбар (с) дар моҳи Рамазон ба сафар мебаромаданд, баъзе аз онҳо рӯзадор ва баъзе рӯзахӯр буданд. Онҳо якдигарро, яъне на рӯзадор рӯзахӯрро ва на рӯзахӯр рӯзадоро бар ин кор айб намегирифтанд,[68] балки аз феъли Паёмбар (с) собит шудааст, ки ӯ дар чунин ҳолатҳо рӯзадор буд. Дар Саҳеҳи Муслим аз Абӯддардо (р) ривоят шудааст, ки: ***«Ҳамроҳи Паёмбар (с) дар моҳи Рамазон дар гармои сахте хориҷ шудем. Мардум аз шиддати гармӣ даст бар сар мениҳоданд. Дар ин ҳолат дар байни мо ғайр аз Паёмбар (с) ва Абдуллоҳ ибни Равоҳа касе рӯзадор набуд»***.[69]

---

[66] Сураи Бақара, 2: 185.

[67] Сураи Бақара, 2: 185.

[68] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ, 1845, Саҳеҳи Муслим, 2610, 2612, 2613, 2614, 2615, Сунани Абӯдовуд, 2405, Сунани Тирмизӣ, 712, 713, Сунани Насоӣ, 2308, 2309, Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 3558 ва Саҳеҳи Ибни Хузайма, 2030 ривоят шудааст.

Дар Саҳеҳи Муслим аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) омадааст, ки: ***«Ҳамроҳи Расули Худо (с) дар моҳи Рамазон ба ғазо (ва муҳориба) баромадем. Баъзеамон рӯзадор ва баъзеамон рӯзахӯр будем. На рӯзадор бар рӯзахӯр ва на рӯзахӯр бар рӯзадор онро айб намегирифт. Назари онҳо ин буд, ки касе дар худ қуввати гирифтани рӯзаро дошта бошад ва онро бигирад, чӣ хубе ва касе онро натавонад ва ифтор намояд, он низ (барояш) хуб аст»***.

[69] Саҳеҳи Муслим, 2625, 2626. Сунани Абӯдовуд, 2409. «Мисбоҳи мунир», с. 132. Вале Ибни Касир онро дар Саҳеҳайн гуфтааст.

Дар ривоятҳои дигаре дар Саҳеҳайн ва ғайри он омадааст: ***«Расули Худо (с) дар моҳи Рамазон барои фатҳи Макка хориҷ гашт ва вақте ба Кадид (ном мавзее) расид, ифтор кард ва мардумро фармуд ифтор намоянд»***.[70]

Аз маҷмӯи ривоятҳое, ки дар ин бора омадаанд, бармеояд, ки гирифтан ва нагирифтани рӯза дар сафар ба ҳоли шахс вобастагӣ дорад. Агар барои ӯ рӯза дар он ҳолат машаққате ба бор наоварад, пас гирифтани он барояш беҳтар аст, вале агар боиси машаққат гардад, нагирифтани рӯза беҳтар мебошад.

Ҳамчунин аз маҷмӯи ривоятҳое, ки аз Паёмбар (с) ва саҳобагони киром дар бораи қаср хондани намоз ва хӯрдани рӯза дар сафарҳо омадаст, чунин бармеояд, ки қаср намудани намозҳои чорракъата ва хӯрдани рӯзаи моҳи Рамазон барои шахси мусофир вақте аз шаҳру деҳи худ хориҷ шавад, ҷоиз мегардад, ҳарчанд ҳанӯз биноҳо ва боғҳои он ҷо намоён бошанд. Дар бозгашт аз сафар низ ин кор барояш ҷоиз мебошад. Албатта, ин кор барои мусофире ҷоиз мебошад, ки қасди масофаи сафарро дошта бошад.

Ҷаъфар ибни Ҷабр мегӯяд: «*Ҳамроҳи Абӯбасраи Ғифорӣ – яке аз саҳобагони Расули Худо (с) – дар моҳи Рамазон дар киштие аз Фустот будам.*[71] *Ҳамин ки киштӣ ба ҳаракат даромад, (Абӯбасра) хӯрокашро пеш кашид ва гуфт: Биё, наздик бинишин!. Гуфтам: Магар хонаҳоро намебинӣ? Фармуд: Оё аз суннати Расули Худо (с) рӯй мегардонӣ!? Пас вай хӯрд (ва ман ҳам хӯрдам)*».[72]

Чӣ тавре мебинем, фаҳмиши аҳли салаф дар бораи арзишҳои олии Ислом ва тарзи рафтори онҳо ба моҳияти ин дин наздиктар буд ва он аз нашот, шӯру дилбастагӣ ва рӯҳи зиндае бархӯрдор буд, ки мо аз он хеле дур мондаем.

## Иҷобати дуъо дар моҳи Рамазон

Пас аз баёни порае аз аҳкоми рӯза Худованд ба сурати пурҷозиба ва такондиҳандае мавзӯи дуъоро ба миён меоварад. Рамазон аслан моҳи қабули дуъоҳост ва зикри он дар ин ҷо бисёр муносиб мебошад ва аз гӯшае аз эъҷози ҳидоят ва услуби бесобиқаи Қуръон дар эҷоди

---

[70] Саҳеҳи Бухорӣ, 2794, 4026, 4027. Саҳеҳи Муслим, 2599, Муваттаи имом Молик, 639. – Ҷ. 1. – С. 294. Сунани Доримӣ, 1660. – Ҷ. 1. – С. 434. Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 3555, 3556. – С. 626.

Дар ривоятҳои дигаре, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ, 1948, 4279, Сунани Насоӣ, 2289, 2313, Саҳеҳи Ибни Ҳиббон (3558. – С. 626) ва Саҳеҳи Ибни Хузайма (2036. – Ҷ. 3. – С. 263) омадаанд, ба ҷои Кадид Усфон зикр гардидааст, ки ҳарду дар канори ҳам ҷойгир шудаанд.

[71] Фустот номи шаҳре дар Миср аст.

[72] Сунани Абӯдовуд, 2412; Муснади имом Аҳмад, 27232.

таҳаввули решаӣ дар шахсияти инсон парда бармедорад. Дар авҷи баёни аҳкоми ибодии фаризаи рӯза Қуръон ба муолиҷаи паҳлӯи дигаре аз ниёзҳои фитрии инсон мепардозад.

Инсон дар аъмоқи фитрати башарии худ ба нерӯи бартари Худованд ниёз дорад ва ҳамон ниёзи фитрӣ ӯро ба гуфтани хостаҳои инсонӣ ва арзи заъфҳои башарӣ дар пешгоҳи Худованд вомедорад. Қуръон дар ин оят ба ҳамин ниёзи фитрӣ ва падидаи равонии инсон посух медиҳад, он ҷо ки мефармояд: **«Ва вақте бандагонам туро аз Ман бипурсанд, (бидонанд, ки) Ман (ба онҳо) наздик ҳастам. Дуъо ва хостаи дуъокунандаро, вақте Маро бихонад, иҷобат менамоям. Пас (онҳо низ даъвати) Маро бипазиранд ва ба Ман имон оваранд, то (ҳамин тавр) роҳи ростро дарёбанд».**[73]

Худованд бо як услуби зебо ва пур аз навозиш наздикии худро ба бандагонаш ва иҷобати дуъои онҳоро баён намудааст ва назари онҳоро ба таври ошкор ба яке аз бадеҳиёти ақлӣ ҷалб намудааст. Аз онҳо хостааст, ки дини Худоро бипазиранд ва ба Ӯ имон оваранд, то роҳи рост ёбанд ва қабули дуъои онҳо низ ба ҳамин чиз вобаста аст, яъне онҳо аввал ба аҳкоми дини Худо пойбандӣ нишон диҳанд ва ба Ӯ бо эътиқодоти дуруст имон оваранд, то Ӯ низ дуъояшонро иҷобат намояд.

Дуъо ва рӯй овардани банда ба Худо бо арзи ниёзҳояш олитарин дараҷаи бедории замири худошинос, баландтарин камоли бандагӣ ва қуллаи розу муноҷот бо Парвардигор мебошад. Банда бо дуъои хеш бо сидқ ва аз самими қалб аҷзу бандагии худро эълон менамояд ва дуъое, ки аз чунин диле бархоста бошад, ҳатман ба иҷобат наздик аст. Барои сафои рӯҳ, ҳузури дил ва дуъои холисона моҳи Рамазон, ба хусус даҳаи ахири он ва шаби пурфайзи Қадр вақти муносибе мебошад. Барои ҳамин Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***«Дар назди Худои таъоло ҳеҷ чизе боарзиштар аз дуъо нест»*** ва дар ҷои дигар мегӯяд: ***«Дуъо ибодат аст»***.[74]

## Эҷоди сабукии дигар дар шабҳои моҳи Рамазон

Пас аз он Худованд ба баёни қисмати дигаре аз аҳкоми рӯза мепардозад. Чӣ тавре аз мафҳуми ин оят бармеояд, дар ибтидои фарзияти рӯза шахсони рӯзадор танҳо дар миёни шому хуфтан, яъне аз фурӯ рафтани офтоб то гузоштани намози хуфтан ва ба хоб рафтанашон фурсати ифтор кардан ва баровардани ниёзҳои ҷисмиашонро доштанд. Пас аз хуфтан рӯзаи рӯзи оянда шурӯъ ва то шоми дигар идома меёфт.

---

[73] Сураи Бақара, 2: 186.
[74] Сунани Абӯдовуд, 1479; Сунани Тирмизӣ, 3370, 3372.

Дар ривоятҳои суннат тафсили бештаре доир ба ҷузъиёти мавзӯъ ва ҳамчунин сабаби нузули ин оят омадааст. Ибни Аббос (р) мегӯяд: *«Дар ибтидои фарзияти рӯза хӯрдану нӯшидан ва наздикӣ бо занон пас аз намози хуфтан то ифтори шаби дигар барои рӯзадорон мамнӯъ буд. Баъзе мусалмонон, аз ҷумла, Умар ибни Хаттоб пас аз намози хуфтан таом хӯрданд ва ё бо занонашон омезиш намуданд. Вақте воқеаро дар пеши Паёмбар (с) арз намуданд, Худованд ин оятро нозил кард».*[75]

Ҳамчунин, аз Баро ибни Озиб (р) ривоят шудааст, ки: *«Асҳоби Паёмбар (с) дар моҳи Рамазон чунин буданд, ки агар марди рӯзадоре пеш аз ифтор мехобид, то шоми рӯзи дигар чизе хӯрда наметавонист. Қайс ибни Сирмаи Ансорӣ дар яке аз рӯзҳои Рамазон то бегоҳ дар заминаш кор кард ва бегоҳ вақте ба хонааш баргашт, чизе наёфт, ки ифтор намояд. Ҳамсараш гуфт: Ҳозир бароят таоме меоварам ва ба ҷустуҷӯи таом баромад. Вақте ба хона баргашт, дид, ки Қайс аз хастагӣ хобидааст. Дар нимаҳои рӯзи дигар Қайс аз шиддати гуруснагӣ ва хастагӣ беҳуш гашт. Воқеаро ба Паёмбар (с) нақл карданд, дар он ҳолат ин оят нозил шуд ва мусалмонон бисёр хушнуд гаштанд».*[76]

Хулоса, пас аз муддате Худованд бо эҷоди сабукии дигаре барои мусалмонон тамоми мамнӯоти қаблӣ дар шабҳои моҳи Рамазонро бекор намуда, хӯрдану нӯшидан ва омезиш бо занонро то дамидани субҳ барояшон иҷозат дод. **«Дар шабҳои моҳи Рамазон омезиш бо занонатон барои шумо ҳалол гардонида шуд. Онҳо либосе (оромиш ва пӯшише) барои шумо ва шумо либосе барои онҳо мебошед. Худованд донист, ки шумо, дар ҳақиқат, (дар шабҳои Рамазон) бар худ хиёнат мекардед, пас бар шумо тавбаатонро пазируфт ва шуморо афв намуд. Ҳоло бошад, бо онҳо мубошират (ва омезиш) намоед ва он чизеро аз ин (кор) талаб намоед, ки Худо бароятон навиштааст ва то равшан шудани риштаи сафеди субҳ бароятон аз риштаи сиёҳ (-и шаб) бихӯред ва бинӯшед. Пас**

---

[75] Тафсири Табарӣ, 2932. – Ҷ. 2. – С. 932. Тафсири Ибни Касир. – Ҷ. 1. – С. 233. Дар ривояти дигар омадааст: ***«Мардум дар аҳди Расули Худо (с) (дар ибтидои фарзияти рӯза) вақте намози хуфтанро мегузориданд, хӯрдану нӯшидан ва наздикӣ бо занон то шаби оянда бар эшон ҳаром мегашт. Ин амр боиси машаққати сахте бар онҳо гашт ва марде аз онҳо (ба он тоб наоварда) бар худ хиёнат кард ва пас аз намози хуфтан бо ҳамсараш наздикӣ намуд. Худованд пас аз он барои сабукӣ бар бандагонаш ояти:*** **«Худо донист, ки шумо (дар шабҳои моҳи Рамазон) бар худ хиёнат мекардед ...»*-ро нозил намуд»*.** (Сунани Абӯдовуд, 2313. Сунани Кубро Байҳақӣ, 7993. – Ҷ. 6. – С. 185. Фатҳулборӣ. – Ҷ. 5. – С. 626).

[76] Саҳеҳи Бухорӣ, 1915. Сунани Абӯдовуд, 2314. Сунани Тирмизӣ, 2968. Сунани Доримӣ, 1645. – Ҷ. 1. – С. 430. Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 3451, 3452. – С. 611. Саҳеҳи Ибни Хузайма, 1904. – Ҷ. 3. – С. 200. Дар ривояте омадааст, ки: ***«Вақте (фаризаи) рӯзаи моҳи Рамазон нозил шуд, мусалмонон дар тамоми он моҳ ба занонашон наздикӣ намекарданд. Дар натиҷа, баъзе аз онҳо (тоб наоварда) бар худ хиёнат мекарданд. Дар чунин ҳолате ояти фавқ нозил гардид».*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 4508).

**аз он рӯзаро то шаб ба итмом расонед».**[77]

## Таъбироти қуръонӣ ҳам дақиқ ва ҳам зебо ва ахлоқӣ мебошанд

Таъбироти қуръонӣ ва назокатҳои каломи Худо бисёр боазамат ва ниҳоят зебо мебошанд. Ҳамхобагӣ ва омезиш бо занонро бо беҳтарин лафзҳо, олитарин ифодаҳо ва бо риояи назокат ва асосҳои дақиқи ахлоқӣ баён намудааст. Дар калимоти қуръонӣ аз як тараф, одоби баланди муоширaт, меъёрҳои олии гуфтор ва ҳусни сухан ва аз сӯи дигар, камоли ифода ва фарогирии онҳо ҳолати эъҷоз доранд.

Таъбири: **«Онҳо либосе барои шумо ва шумо либосе барои онҳо мебошед»** баландтарин мақоми маънавӣ, нафистарин ҳолатҳои рӯҳӣ ва зеботарин навъи ҳамзистиро дар барқарор намудани аҳди хонаводагӣ ифода менамояд. Бар ҳамин асос, бунёди хонавода ва бинои пойгоҳи иҷтимоии заношавҳарӣ аз дидгоҳи Ислом аз ҳар гуна қарордодҳои дуҷониба болотар буда, азамат ва арзиши ин ниҳодро дар пешгоҳи Худованд нишон медиҳад. Ҳеҷ таъбири дигаре наметавонад ҷанбаҳои гуногуни маъноии калимаи либос ва пӯшишро дар ин маврид ба ин дақиқӣ ва зебоӣ баён намояд.

## Ҳукми омезиш бо занон ҳангоми эътикоф

Дар зимни ин оят Худованд ҳукми дигареро, ки ба омезиши бо занон иртибот дорад, баён менамояд. Дар боло баён гардид, ки дар шабҳои моҳи Рамазон мубоширaт ва омезиш бо занон ҳалол гардонида шудааст, вале дар сурате ки шахси рӯзадор эътикоф нишаста бошад, дар муддати он эътикоф бояд бо занон омезиш нанамояд. Эътикоф яке аз суннатҳои Расули Худо (с) мебошад, ки шахси рӯзадор худро дар масҷид барои ибодати Худо фориғ месозад. Дар шабҳои эътикоф хӯрдану нӯшидан ҷоиз бошад ҳам, вале ҳамбистарӣ ва наздикӣ бо занон мамнӯъ аст. «**Ва бо занони худ, дар ҳолате ки дар масҷид эътикоф нишаста бошед, мубоширaт (ва наздикӣ) нанамоед»**.[78]

Дар ояти боло ду ҳолат ва ё ҳукме зикр шудаанд, ки дар ҳеҷ ҷои Қуръон ба онҳо ишорае нашудааст, яке мамнӯиятҳои хосе, ки дар ибтидои фарзияти рӯза дар шабҳои моҳи Рамазон машрӯъ ва ҷорӣ буданд, дуюм, эътикоф нишастан дар масҷид. Ҳукми машрӯияти ин ду ҳолат дар ҳеҷ ҷои Қуръон наомадааст ва дар ояти боло танҳо ба бекор

[77] Сураи Бақара, 2: 187.
[78] Сураи Бақара, 2: 187.

кардани мамнӯиятҳои шабҳои моҳи Рамазон ишора гардидааст. Дар давоми оят бошад, бахше аз он мамнӯиятҳоро барои рӯзадороне, ки дар масҷид эътикоф менишинанд, ҳамчунон ба ҳукми худ боқӣ гузоштааст. Пас маълум мешавад, ки ин ду ҳолат – мамнӯиятҳои хоси шабҳои моҳи Рамазон дар ибтидои фарзияти рӯза ва ҳамчунин эътикоф нишастан бо суннати Расули Худо (с) собит шудаанд ва Қуръон мамнӯиятҳои зикршударо дар шабҳои моҳи Рамазон мансух ва бекор гардонд ва эътикофро бо зикри шароит ва одоби хосе боқӣ гузошт.

## Поёни вақти саҳарихӯрӣ

Дар қисмати охири оят ба поён расидани вақти саҳарихӯрӣ дар моҳи Рамазон муайян гардидааст. Дар ибтидои фарзияти рӯза муайян сохтани поёни вақти саҳарихӯрӣ барои баъзе мусалмонон мушкилотеро эҷод намуда буд. Барои осонтар сохтани саҳархезӣ ва саҳарихӯрӣ дар шабҳои моҳи Рамазон Паёмбари акрам (с) ба гуфтани ду азон дастур дод: Яке барои бедор сохтани мардум ва дигаре барои муайян намудани дамидани субҳ ва поёни вақти саҳарихӯрӣ. Аммо ин ҳолат низ баъзе мусалмононро ба саросемагӣ водошт. Онҳо бо шунидани азони якум дигар саҳарихӯриро бас мекарданд. Паёмбар (с) ба онҳо гуфт, ки: ***«Бо шунидани азони Билол аз саҳарихӯрӣ даст накашед, зеро ӯ шаб (барои бедор сохтани хуфтагон) азон мегӯяд ва вақте азони Ибни Уммимактумро шунидед, он гоҳ хӯрдан ва нӯшиданро бас намоед, зеро вай бо дамидани субҳ азон мегӯяд».***[79]

Қисмати охири ояти 187-ум ҳамин чизро барои мусалмонон равшан месозад, ки онҳо то дамидани субҳ ва равшан шудани риштаи сафеди субҳ аз риштаи сиёҳи шаб бихӯранд ва бинӯшанд ва ҳамин ки дамидани субҳ барои онҳо маълум гашт, аз хӯрдану нӯшидан боз истанд. **«Ва то равшан шудани риштаи сафеди субҳ бароятон аз риштаи сиёҳ (-и шаб) бихӯред ва бинӯшед ва пас аз он рӯзаро то шаб (то фурӯ рафтани офтоб) ба итмом расонед»**.[80]

Аҳёнан мусалмонони дигар қабилаҳои араб тобишҳои маъноӣ, таъбироти дақиқ ва корбурдҳои қуръониро хуб дарк намекарданд, зеро он аксаран бо лаҳҷаи Қурайш нозил мешуд ва ҳамаи мусалмонон ҳанӯз захираи бои луғавӣ надоштанд. Адӣ ибни Ҳотим (р) ривоят мекунад: Вақте ояти **«Бихӯред ва бинӯшед, то вақте риштаи сафеди шаб аз риштаи сиёҳ бароятон маълум шавад»** нозил шуд, як риштаи сафед

---

[79] Саҳеҳи Бухорӣ, 597, 1819, 6821. Саҳеҳи Муслим, 2531, 2532, 2533, 2536, 2539, 2540, 2541, 2542. Сунани Абӯдовуд, 2346, 2347. Сунани Тирмизӣ, 203, 706. Сунани Ибни Моҷа, 1696. Сунани Куброи Байҳақӣ, 1831. – Ҷ. 2. – С. 122. Мусаннафи Абдурраззоқ, 1820. – Ҷ. 1. – С. 191.

[80] Сураи Бақара, 2: 187.

ва як риштаи сиёҳро дар зери болиштам гузоштам ва (барои муайян намудани дамидани субҳ) ба онҳо нигоҳ кардам, чизе бароям маълум нашуд. Инро барои Паёмбар (с) нақл кардам, он Ҳазрат (с) хандид ва гуфт: ***«Вақте риштаи сафед ва сиёҳ дар зери болиштат бошанд, пас он хеле паҳну дароз будааст. Он гоҳ фармуд: Не, балки он сиёҳии шаб ва сафедии рӯз аст».***[81]

Дар ривояти дигар омадааст, ки ояти мазкур нозил шуд ва ибораи «мина-л-фаҷри» ҳанӯз нозил нашуда буд. Одамоне буданд, ки вақте касе аз онҳо мехост рӯза бигирад, дар пояш риштаи сафед ва риштаи сиёҳеро мебаст ва ҳамчунон мехӯрд ва менӯшид, то он ки пас аз равшан шудани ҳаво риштаи сафед аз риштаи сиёҳ барояш маълум гардад. Пас аз он Худованд вақте ибораи «мина-л-фаҷри»-ро нозил кард, он гоҳ донистанд, ки шаб ва рӯзро дар назар доштааст.[82]

Дар охир Қуръони карим бо таъкид мефармояд, ки инҳо ҳама ҳудуд ва мамнӯоти Худованд мебошанд, ба онҳо наздик нашавед ва ба ҳамин сурати фаҳмову равшан Худованд оятҳои худро барои мардум баён менамояд, то онҳо роҳи тақворо дар пеш гиранд. «**Инҳо ҳудуд (ва мамнӯоти) Худо мебошанд, ба онҳо наздик нагардед. Ҳамин тавр, Худо оятҳояшро барои мардум баён менамояд, то онҳо тақво намоянд**».[83], [84]

## Аҳком ва одобе, ки бар асоси маҷмӯаи фавқ бино ёфтаанд

Аз маҷмӯи оятҳо ва аҳодисе, ки дар бораи рӯзаи моҳи Рамазон нозил ва собит шудаанд, фақеҳони киром аҳком ва одоберо дар бораи рӯза ва шахси рӯзадор истинбот карданд, ки муҳимтарини онҳоро дар ин ҷо зикр менамоем:

---

[81] Саҳеҳи Бухорӣ, 1916, 4509, 4510. Саҳеҳи Муслим, 2528 (1090)-33.

Яке аз ҳақоиқи раднопазири таърихӣ он аст, ки Қуръони карим ба ҳамон андозае, ки дар таҳкими пояҳои забони арабӣ ва пурбор намудани захираи луғавии мусалмонони садри Ислом хидмат намудааст, бештар аз он дар ғановати фарҳангӣ ва бой гардонидани захираи луғавии наслҳои баъдии уммати Ислом хидмат кардааст. Қуръон ва суннат усул ва таҳдоби тамаддуни исломиро ба вуҷуд оварда, чӣ тавре дар ташаккул ва ба вуҷуд овардани забони ягонаи арабӣ нақши созанда доштаанд, ба ҳамон андоза дар ташаккул ва ба вуҷуд овардани забони форсӣ – тоҷикӣ нақш доранд.

Пас ҳифз ва татбиқи арзишҳои қуръонӣ паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиро рушд медиҳад ва ҳифз ва ба хотир супоридани оятҳо ва сураҳои он пасандози луғавии шахсро низ ғанӣ мегардонад.

[82] Саҳеҳи Бухорӣ, 1917, 4511. Саҳеҳи Муслим, 2530 (…)-35.

[83] Сураи Бақара, 2: 187.

[84] Ин қисматҳо аз мавзӯи «Рӯза дар партави оятҳои Қуръон» то ин ҷо аз тафсири ояти 183-187 сураи Бақара дар тафсири «Навини Қуръони карим», таълифи муаллиф иқтибос шудаанд.

***Аҳком:***

**1.** Гирифтани рӯзаи моҳи Рамазон бар шахсе, ки ба синни таклиф расида бошад, фарз аст.

**2.** Шахси бемор шаръан метавонад рӯзаи моҳи Рамазонро бихӯрад, хоҳ бемориаш пеш аз даромадани моҳи Рамазон ба вуҷуд омада бошад, хоҳ пас аз оғози рӯза, вале пас аз барқарор гардидани саломатиаш бояд қазои онро ба ҷой оварад.

Беморие, ки ба сабаби он хӯрдани рӯза барои шахс ҷоиз мегардад, он беморие аст, ки ба сабаби рӯза доштан зиёд шавад ва ё дар шифоёбиаш таъхир афтад.

**3.** Шахсе ҳангоми ҳулули моҳи Рамазон дар сафар бошад ва ё пас аз фаро расидани он ба сафар барояд, шаръан барояш иҷозат аст, ки рӯзаро бихӯрад ва пас аз бозгашт қазои онро ба ҷой оварад.

Аммо дар бораи сафаре, ки хӯрдани рӯза ба сабаби он ҷоиз мегардад, дар миёни фақеҳони киром назароти гуногун вуҷуд дорад. а) Аз назари имом Абӯҳанифа (рҳ) хӯрдани рӯза танҳо дар сафарҳои шаръӣ, яъне сафаре, ки ба нияти се рӯза роҳ бошад, ҷоиз аст ва дар камтар аз он ҷоиз нест. б) Аз назари имом Шофеъӣ (рҳ) дар сафари як шабонарӯза ҷоиз аст. в) Назари баъзе олимони дигар он аст, ки хӯрдани рӯза дар ҳамаи сафарҳо ҷоиз аст ва он ба муддате маҳдуд намебошад, зеро дар оят ба таври мутлақ омадааст ва ба чизе маҳдуд сохта нашудааст.

Аз назари ҷумҳури фақеҳон гирифтан ва ё хӯрдани рӯза дар сафар рухсат, яъне ихтиёрӣ аст ва ҳар мусофире бо таносуби ҳоли худ метавонад ба яке аз онҳо амал намояд. Агар дар сафар рӯза дорад, рӯзааш ҷоиз мегардад ва агар ифтор намояд, он низ барояш иҷозат аст, вале пас аз бозгашт қазои онро бояд ба ҷой оварад.

**4.** Пирамард ва пиразане, ки аз мадор рафтаанд ва гирифтани рӯза барояшон сахтӣ ва машаққате ба бор меоварад, шаръан барояшон иҷозат аст, ки рӯзаашонро бихӯранд ва ба ҷои ҳар рӯзи он ба андозаи таоми мискине фидя диҳанд. Дигар қазое бар онҳо воҷиб нест.

Беморе, ки дигар барои беҳбудиаш умеде намондааст, низ дар ин ҳукм шомил мебошад. Ин гуна бемор низ ба ҷои ҳар рӯзи хӯрдааш ба андозаи таоми мискине фидя медиҳад. Бемории барҷомонда (музмин) ва гирифторони бемориҳое, ки ғолибан дармоннопазиранд, ба ин гуна беморон дохил мешаванд.

**5.** Заноне, ки дар ҳолати ҳайз ва ё нифос қарор доранд, шаръан бар онҳо воҷиб аст, ки аз гирифтани рӯза худдорӣ намоянд ва пас аз пок гардидан қазои онро ба ҷой оваранд. Рӯза доштан барояшон мамнӯъ аст.

**6.** Занони ҳомила ва ширдеҳ агар бар худ ва ё тифли ширхораашон хавф баранд, шаръан барояшон иҷозат аст, ки рӯзаро бихӯранд ва пас аз вазъи ҳамл ва ҷудо шудани тифл аз шир қазои онро ба ҷой оваранд. Ҷумҳури аҳли суннат иттифоқи назар доранд, ки занони ҳомила ва ширдеҳ пас аз вазъи ҳамл ва ҷудо шудани тифл аз шир бояд қазои рӯзаро ба ҷой оваранд, вале дар пардохти фидя нуқта назароти онҳо гуногун мебошад.

Ҳукми масъала дар ин ҷо ҳар ду гурӯҳи занони ширдеҳро дар бар мегирад: а) заноне, ки ба фарзандони худашон шир медиҳанд ва б) заноне, ки ба ҳайси доя ба фарзандони шахсони дигар шир медиҳанд.

**7.** Дар ҳолати гуруснагӣ ва ташнагии сахте, ки бар ҳалокат ва ё нақси ақлӣ ва ҷисмонии шахси рӯзадор хавф бурда шавад, хӯрдани рӯза ҷоиз аст. Масалан, агар аз шиддати гуруснагӣ ва ё ташнагӣ дар моҳи Рамазон хавфи аз даст додани биноӣ барои рӯзадор пеш ояд, хӯрдани рӯза барояш ҷоиз мегардад. Ин ҳолат аксаран барои онҳое пеш меояд, ки машғули корҳои сахти ҷисмонӣ ҳастанд ва барои тарки он чорае надоранд. Фақеҳони киром ин ҳолатро ба ҳоли шахси бемор, ки шаръан барои вай хӯрдани рӯза иҷозат дода шудааст, қиёс кардаанд.[85]

Соҳиби «Рад» пас аз баррасии мавзӯъ мефармояд: «Чизе, ки дар масъалаи шахси коргар бояд гуфта шавад, ин аст, ки агар ба андозаи кифоя барои нафақаи худ ва аёлаш пулу мол дошта бошад, хӯрдани рӯза (бо баҳонаи касб) барояш ҳалол нест ва дар ғайри он метавонад ба қадри кифоя кор кунад ва агар ин амр вайро ба хӯрдани рӯза маҷбур созад, он барояш ҷоиз мегардад, вақте дар ғайри он имкони кор кардан надошта бошад. Ҳамчунин агар аз талаф шудани зироат ва ҳосил ва ё дуздида шудани он хавф барад ва касеро наёбад, ки барояш бо музд кор кунад, метавонад рӯзаашро бихӯрад ва қазои онро пас аз бартараф шудани он ҳолат ба ҷой оварад, ҳамин тавр шахсе барои кор бо касе қарордод баста бошад ва дар вақти Рамазон соҳиби кор ба фасхи он розӣ нашавад, метавонад рӯзаашро бихӯрад».[86]

Пас ҳолатҳое, ки хӯрдан ва ё нагирифтани рӯза дар онҳо ҷоиз аст ва узрҳои шаръӣ ба шумор мераванд, шаш чизанд: а) беморӣ, б) сафар, в) пирӣ ва калонсолӣ, в) ҳайзу нифос, г) ҳомилагӣ ва ширдиҳӣ, д) гуруснагӣ ва ташнагии сахт.

Дар панҷ ҳолати он: беморӣ, сафар, ҳайзу нифос, ҳомилагию ширдиҳӣ ва гуруснагию ташнагии сахт пас аз бартараф гардидани узрҳои номбурда қазои рӯза бар шахс воҷиб аст. Аммо дар ҳолати пирӣ ва ҳа-

---

[85] Барои донистани ин ки гуруснагӣ ва ташнагии сахт аз назари уламои фиқҳ дар кадом мавридҳо корбурди амалӣ дорад, бояд ба донишмандон ва коршиносони соҳаи фиқҳ муроҷиат шавад.

[86] Раддул мӯҳтор. – Ҷ. 3. – С. 358.

мин тавр беморие, ки дигар ба беҳбудии бемор умеде нест, бар шахс танҳо фидя воҷиб мегардад ва қазое бар вай нест.

**8.** Дар шабҳои моҳи Рамазон тамоми мамнӯоти зоҳирии рӯза бардошта шудаанд ва барои рӯзадор пас аз фурӯ рафтани офтоб то дамидани субҳ хӯрдану нӯшидан ва наздикӣ бо занон ҷоиз аст. Вале барои шахси мӯътакиф наздикӣ бо занон мамнӯъ мебошад. Зеро вай ибодати дигареро бо номи эътикоф бар рӯзаи моҳи Рамазон афзудааст, ки он талабот ва аҳкоми худро дорад ва наздикӣ бо занон онро фосид месозад.

## *Одоб ва мустаҳаббот:*

**1.** Худдорӣ аз беҳудагӣ, бадзабонӣ ва бадрафторӣ. Зеро худдорӣ аз хостаҳои шикаму фарҷ камтарин ва ё маҷмӯаи зоҳирии мамнӯоти рӯзаро ташкил медиҳанд, дар ҳоле ки ҳадафи асосии рӯза расидани ба тақво ва худсозии шахси рӯзадор аст ва ин маҷмӯа вақте барои рӯзадор ҳосил мешавад, ки қадамҳои барҷастае дар раванди худсозӣ ва такомули ҷанбаҳои инсонии худ бардорад.

**2.** Ҷидду ҷаҳд дар дуъову ибодат, тиловати Қуръон ва дигар амалҳое, ки дар ташаккули ҷавҳари шахсияти инсон таъсири бевоситае доранд. Зеро ин моҳ фурсати нотакрор ва лаҳзаҳои муносиберо барои қабули дуъову ибодат ва дигар амалҳои нек дар ихтиёри ӯ мегузорад ва Худованд иҷобати дуъо, ибодатҳо ва дигар аъмоли бандаро дар ин моҳ кафолат додааст.

**3.** Таъҷили ифтор ва таъхири саҳарихӯрӣ низ аз ҷумлаи суннатҳои Расули Худо (с) ва беҳтарин одоби фаризаи рӯза дар Ислом ҳастанд ва рӯзаи мо аз рӯзаи умматони пешин бо ҳамин чизҳо фарқ мекунад.

**4.** Пеш аз намози шом кушодани рӯза низ аз ҷумлаи суннатҳои Расули Худо (с) дар ин моҳ мебошад.

**5.** Дар саҳарҳои моҳи Рамазон бо пайравӣ аз суннати Расули Худо (с) ва ба хотири баракат чизе, ҳарчанд ҷуръаи обе ҳам бошад, хӯрдан.

**6.** Эътикофи даҳаи охирро барои сафои бештари рӯҳ ва тазкияи нафс ғанимат донистан.

**7.** Ҳангоми ифтор ва саҳарихӯрӣ бояд дар хӯрдану нӯшидан меъёр ва андозаи муайяне риоя гардад, зеро пурхӯрӣ на аз назари шаръ матлуб ва писандида аст ва на аз назари тиб.

Вақте инсон пурхӯрӣ мекунад, тамоми бадан дар ҳамоҳангӣ бо дастгоҳи ҳозима муддате ба таври тоқатфарсо ва болотар аз доираи тавонаш ба ҳазм, коркард ва қабули ҳаҷми зиёди моводи хӯрокӣ машғул мегардад ва ин ҳолат дар айни ҳоле ки ба саломатии инсон дар маҷмӯъ зарар дорад, ӯро аз пӯёӣ ва боландагии рӯҳӣ низ бозмедорад. Оре, намози таровеҳ барои ба эътидол даромадани вазъи чунин одамон василаи хубе мебошад, вале одаме, ки аз шиддати пурхӯрӣ ба зӯр

хаму рост мешавад ва худро аз орӯғу дамиши шикам ба ҳоле нигаҳ медорад, дигар чӣ баҳрае аз маънавиёти намоз ба даст меоварад.

## Шаби Қадр

Дар моҳи Рамазон шабе ҳаст бо номи шаби Қадр, ки дар назди Худованд аз ҳазор моҳ беҳтар ва боарзиштар аст. Шабе, ки дар миёни осмону замин ва башарият бо олами улвӣ ва фariштагон робитаи бевоситае барқарор гардид ва Қуръони карим бар қалби поки ҳазрати Муҳаммад (с) нозил гардид. Шабе, ки ҷаҳони ҳастӣ бо шодмонии нотакроре онро пешвоз гирифт ва ҳодисаеро бо он азамат ва шукӯҳ ҳаргиз надида буд. Дар он шаб нузули Қуръон бар дили поки охирин паёмбари Худо оғоз гардид.

Донистани қадру азамати он шаб барои хелеҳо муяссар намегардад. Дар он шаб фariштагони Худованд ва ҳазрати Ҷабраил (ъ) барои ҳар коре бо амри Парвардигорашон фуруд меоянд ва то дамидани субҳ дар он шаб нуру баракат ва салому осоиш ҳукмфармост. Худованд мефармояд:

إِنَّآ أَنزَلۡنَٰهُ فِي لَيۡلَةِ ٱلۡقَدۡرِ ١ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا لَيۡلَةُ ٱلۡقَدۡرِ ٢ لَيۡلَةُ ٱلۡقَدۡرِ خَيۡرٞ مِّنۡ أَلۡفِ شَهۡرٖ ٣

تَنَزَّلُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَٱلرُّوحُ فِيهَا بِإِذۡنِ رَبِّهِم مِّن كُلِّ أَمۡرٖ ٤ سَلَٰمٌ هِيَ حَتَّىٰ مَطۡلَعِ ٱلۡفَجۡرِ ٥

**«Мо ин (Қуръон)-ро дар шаби Қадр нозил фармудем ва ту чӣ донӣ, ки шаби Қадр чист? Шаби Қадр, бешак, аз ҳазор моҳ беҳтар аст. Фariштагон ва Рӯҳ (Ҷабраил) дар он шаб барои ҳар коре ба амри Парвардигорашон фуруд меоянд (ва) он (шаб) то дамидани субҳ салому осоиш аст».**[87]

Ин сураи Қуръон бо номи «Қадр» номгузорӣ ва барои баёни фазилатҳои шаби Қадр нозил гардидааст, шабе, ки алтофи бепоёни Парвардигори олам бар бандагони рӯзадораш фуруд меоянд ва онҳоро дар зери пӯшиши лутфу навозишҳои худ қарор медиҳад.

Дар ин сура ба чаҳор хусусият ва фазилати шаби Қадр ишора шудааст: **1.** Нузули Қуръони карим дар ҳамин шаб оғоз гардидааст, **2.** он шаб аз ҳазор моҳ беҳтар мебошад, **3.** фariштагон ва ҳазрати Ҷабраил (ъ) дар он шаб барои анҷоми корҳои муайяне бо амри Парвардигор ба замин меоянд ва 4. он шаб то саҳар дар сар то сари олами офариниш садои салому дуруди офаридагони Худованд баланд мешавад ва дар он то субҳ нуру баракат ва амну осоиш ҳукмфармост. Шабест, ки дар он ҷашни ҳамагонӣ дар сар то сари олам баргузор мегардад.

---

[87] Сураи Қадр, 97: 1-5.

Худованд шаберо бо ин азамат дар ихтиёри рӯзадорон қарор дода, то омилҳои бақо ва ҷовидонагии номи нек ва саодату растагории ду ҷаҳонро барои худ фароҳам намоянд. Шабе, ки аз ҳазор моҳ, яъне аз як умри одамӣ, ки бештар аз ҳаштоду се солро дар бар мегирад, беҳтар ва боарзиштар мебошад. Пас агар рӯзадоре дар умри худ чандин шаби Қадрро бо тамоми маъно дарёбад, бегумон, хушбахттарин одам ҳамон кас аст.

Шабе, ки баракоти он аз ҳаштоду се сол умри бо тоату ибодат беҳтар аст, чӣ расад ба умри беҳудаву пуч. Одамоне, ки умреро дар беҳудагӣ ва аз қафои корҳои ботил гузаронидаанд, бояд бештар бикӯшанд, то аз ин моҳ ва ин шаб хуб истифода намоянд. Шояд гузаштаи худро дар зарфи як моҳ ва ё дар як шаб ва як чашм пӯшидан ҷуброн намоянд ва дар пеши Парвардигорашон сарбаланд гарданд.

Шабе, ки агар банда қадри онро бо истифода аз баракоти маънавиаш дарёбад, фардои он барояш рӯзи нав ва ҳаёти дигар аст, ба гуфтаи Саъдӣ:

Муборактар шабу хуррамтарин рӯз,
Ба истиқболам омад бахти пирӯз.
Духул зан, рав башорат гӯ ду навбат,
Ки дӯшам қадр буд, имрӯз наврӯз!

Оиша (р) мефармояд, ки ***«Паёмбар (с) даҳ рӯзи охири моҳи Рамазонро (ки шаби Қадр дар яке аз шабҳои тоқи он мебошад) зинда медошт ва аҳли худро низ бедор месохт ва аз наздикии заношавҳарӣ канора меҷӯст.*** [88]

Шаби Қадр дар яке аз шабҳои тоқи даҳ рӯзи охири моҳи Рамазон мебошад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Онро дар шабҳои тоқи даҳ рӯзи охири моҳи Рамазон биҷӯед».***[89] Ҳикмати ба таври дақиқ муайян нагаштани он шаб дар он аст, ки бандаи мӯъмин тамоми он даҳ шабро дар зикру ибодат ба сар барад ва ба хотири он як шаб даҳаи охирро пурра эҳё намояд. Шояд яке аз ҳикматҳои суннат будани эътикоф дар даҳ рӯзи охири моҳи Рамазон низ ҷидду ҷаҳде барои эҳёи даҳаи охири он бошад.

Қавли роҷеҳ дар назди донишмандон он аст, ки дар шаби бистуҳафтуми Рамазон будани шаби Қадр ба яқин наздиктар аст. Ибни Ҳаҷар дар «Фатҳулборӣ» пас аз баррасӣ ва зикри тамоми ривоятҳо ва нуктаназароте, ки дар бораи шаби Қадр вуҷуд доранд, мегӯяд: *«Роҷеҳтари-*

---

[88] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 2024. Саҳеҳи Муслим, 2779 (1174)-7. Сунани Абӯдовуд, 1376. Сунани Насоӣ, 1638. Сунани Ибни Моҷа, 1768.

[89] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 2017, 2019, 2020. Саҳеҳи Муслим, (1165)-209. Сунани Тирмизӣ, 792.

*ни қавлҳо ин аст, ки «шаби Қадр» дар даҳаи охири моҳи Рамазон мебошад ва ҳар сол аз шаби тоқе ба шаби тоқи дигаре интиқол меёбад».*[90]

Ибни Аббос (р), Убай ибни Қаъб (р), Ибни Масъуд (р) ва дигарон дар чандин ривоят ва бо чандин ваҷҳи истидлол дар шаби бистуҳафтум будани онро ба яқин наздиктар донистаанд.[91]

Оиша (р) мефармояд, ки аз Расули Худо (с) пурсидам: *«Эй Расули Худо (с), агар он шабро дарёфтам, чӣ бигӯям? Фармуд:* ***Бигӯ: Худовандо! Ту бахшандаӣ ва афву бахширо ҳатман дӯст медорӣ, пас маро мавриди афву бахшиши Худ қарор деҳ».***[92]

Паёмбар (с) дар қисмати охири ҳадисе, ки фазилати моҳи Рамазонро баён менамояд, мефармояд: ***«Дар он моҳ шаби Қадр аст, ки аз ҳазор моҳ беҳтар аст. Касе аз хайру (баракоти) он шаб маҳрум гардад, маҳруми (бадбахти) ҳақиқӣ ҳамон кас аст».***[93] Оиша (р) мефармояд: ***«Расули Худо (с) дар даҳаи охир ончунон кӯшиш ва ҷидду ҷаҳд мекард, ки ҳаргиз дар дигар вақтҳо чунин намекард».***[94]

Дар шаби Қадр сарнавишт ва қисмати яксолаи тамоми мавҷудот, аз ҷумла инсон, тақсим ва навишта мешавад. Худованд мефармояд:

فِيهَا يُفْرَقُ كُلُّ أَمْرٍ حَكِيمٍ ۝٤

**«Дар он шаб тамоми корҳо (и бузург) тақсим ва аз ҳам ҷудо сохта мешаванд».**[95]

Дар он шаб тамоми корҳои ҳакимонае, ки инсонро ба саодат бирасонанд, аз сӯи Худо баён ва муқаррар гардидааст ва дар он усул ва пояҳои дини ҷаҳонии Ислом гузошта шудааст. Гузашта аз ин, дар ин шаб сарнавишти яксолаи афрод, миллатҳо, давлатҳо ва нажодҳо муайян мегардад, балки тақдири тамоми халоиқ ва ҳақоиқ рехта мешавад.

---

[90] Абӯлфазл Аҳмад ибни Алӣ ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳаҷари Асқалонӣ, Фатҳулборӣ шарҳи «Саҳеҳи Бухорӣ». – Ҷ. 4. – С. 266. Бейрут: Дорулфикр, 1993. Минбаъд: Фатҳулборӣ.

[91] Зир ибни Ҳубайш мегӯяд: ***Аз Убай ибни Каъб пурсидам, ки бародарат Абдуллоҳ ибни Масъуд мегӯяд: Касе тамоми сол қиём намояд, шаби Қадрро дармеёбад. Гуфт: Худо ӯро раҳмат кунад, хостааст мардум (дар талаби он) сустӣ накунанд, вагарна вай хуб медонад, ки шаби Қадр дар даҳаи ахир дар (шаби) бистуҳафтуми моҳи Рамазон мебошад. Он гоҳ бе истисно савганд хӯрд, ки шаби Қадр шаби бистуҳафтуми моҳи Рамазонаст. Пурсидам: Бо чӣ далел инро мегӯӣ, эй Абӯмунзир? Гуфт: Бо нишонае, ки Расули Худо (с) моро хабар дода буд: Субҳи он шаб офтоб бе шӯъо мебарояд».*** Саҳеҳи Муслим, (762)-220, 221. Фиқҳи исломӣ ва адиллатуҳу. – Ҷ. 3. – С. 1624.

[92] Сунани Тирмизӣ, 3513. Сунани Ибни Моҷа, 3850.

[93] Мусаннафи Ибни Абӯшшайба, ҷ.. 2, с. 419.

[94] Мусаннафи Ибни Абӯшшайба, ҷ.. 2, с. 491.

[95] Сураи Духон, 44: 4.

## Ифтори моҳи Рамазон

Яке аз суннатҳои моҳи Рамазон барвақт ифтор намудан аст. Паёмбар (с) мефармояд***: «Мардум то замоне барвақт ифтор намоянд, дар хайру хубӣ ҳастанд»***.[96]

Таъҷил намудан дар ифтор ва пеш аз намоз кушодани рӯза аз суннатҳои Расули Худо (с) мебошад. Барои рӯзадор хуб аст, ки бо хурмои тоза (рутаб) ва агар муяссар набошад, бо хурмои хушк (тамр) ифтор намояд. Агар он ҳам муяссар нагардад, бо об ва ё ҳар мева ва нӯшобаи дигаре ифтор намояд.

Аз Анас (р) ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) пеш аз он ки намози шомро бихонад, бо чанд хурмои тозае ифтор мекард. Агар хурмои тозае пайдо намешуд, бо чанд хурмои хушк ва агар он ҳам пайдо намешуд, бо ҷуръаи обе ифтор мекард»***.[97]

Баробари фурӯ нишастани офтоб кушодани рӯза мустаҳаб ва ба таъхир андохтани он макрӯҳ мебошад.

Аз Паёмбар (с) тавсияҳои зиёде дар таъҷили ифтор ворид гардидааст. Аз ҷумла, он Ҳазрат (с) мефармояд: ***«Вақте шаб аз ин ҷо рӯй овард ва бо дасташ ба сӯи офтоббаро ишора кард ва рӯз аз ин ҷо рафт*** – ва дар ривояте – ***ва офтоб фурӯ нишаст, вақти ифтори рӯзадор фаро расидааст»***.[98]

Ибни Абӯавфо (р) мегӯяд: ***«Дар сафаре дар моҳи Рамазон ҳамроҳи Расули Худо (с) будем. Вақте офтоб фурӯ рафт, ба шахсе гуфт: Фаро ва бароям дар зарфе об биёвар. Вай гуфт: Эй Расули Худо (с) ҳанӯз офтоб нанишастааст. Расули Худо (с) гуфт: Фаро ва бароям обе биёвар. Он мард боз гуфт: Эй Расули Худо (с) ҳанӯз офтоб нанишастааст. Расули Худо (с) бори дигар ба вай гуфт: Фаро ва бароям обе биёвар. Он мард фуруд омад ва барояш об овард. Он Ҳазрат (с) обро нӯшид ва фармуд: Вақте шабро дидед, ки аз ин тараф ва бо дасташ ба сӯи офтоббаро ишора кард, рӯй овард*** – ва дар ривояте – ***ва офтоб аз ин тараф фурӯ рафт, вақти ифтори рӯзадор фаро расидааст»***.[99]

Саҳобагони киром ва бузургони дин ҳама ба ин суннати Расули Худо (с) амал кардаанд.

---

[96] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 1957. Саҳеҳи Муслим, 2555 (1098)-48. Сунани Тирмизӣ, 699. Сунани Ибни Моҷа, 1697.

[97] Сунани Абӯдовуд, 2356. Сунани Тирмизӣ, 696.

[98] Саҳеҳи Бухорӣ, 1954. Саҳеҳи Муслим, (1100)-51. Сунани Абӯдовуд, 2351. Сунани Тирмизӣ, 698. Ҳадисро аз Умар (р) ривоят кардаанд.

[99] Саҳеҳи Бухорӣ, 1941, 1955, 1956, 1958. Саҳеҳи Муслим, (1101)-52, 53, 54. Сунани Абӯдовуд, 2352.

Умар (р) дар давրони хилофати худ ба амирону коргузоронаш менавишт, ки *«Дар бораи ифторатон ба ифрот роҳ надиҳед ва намозатонро то чашмак задани ситораҳо ба таъхир наандозед».*[100]

Муҷоҳид мегӯяд: *«Ман вақте ифтори Ибни Умар (р)-ро меовардам, аз мардум шарм медоштам ва рӯи онро мепӯшондам».*[101] Алӣ (р) ба Ибни Нубоҳ мегуфт: *Офтоб нишаст? Ӯ мегуфт: Шитоб накун. Боз мепурсид: Офтоб нишаст? Ҳамин ки мегуфт: Оре, дарҳол ифтор мекард, он гоҳ фаромада, намози шомро мегузорид.*[102]

## Дуъои ифтор

Аз Расули Худо (с) дуъоҳое ба ҳангоми ифтор ривоят шудааст, ки шахси рӯзадор хуб аст рӯзаашро аз баракоти онҳо пурбор намояд. Ибни Умар (р) мегӯяд, вақте Паёмбар (с) ифтор мекард, мефармуд: **«Заҳаба-з-замау вабталлатил ъуруқ ва сабата-л-аҷру иншоаллоҳ»**, ***(Ташнагӣ аз байн рафт, рагҳо сероб шуданд ва иншоаллоҳ, аҷр ҳам собит шуд)***.[103]

Аз он Ҳазрат (с) боз ривоят шудааст, ки мегуфт: ***«Дуъои рӯзадор ҳангоми ифтор (рад карда намешавад):*** **Аллоҳумма, иннӣ асъалука бираҳматика-л-латӣ васиъат кулла шайъин ан тағфира лӣ зунубӣ»**, ***(Худоё, Туро ба он раҳматат, ки тамоми чизро фаро гирифтааст, мепурсам, ки гуноҳонамро бароям мағфират намоӣ!)***.[104] Ҳамчунин ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) ҳангоми ифтор мегуфт: **«Аллоҳумма лака сумту ва ъало ризқика афтарту»**, ***(Худоё, барои Ту рӯза доштам ва бо ризқи Ту ифтор менамоям!)***.[105]

Расули Худо (с) агар дар хонаи касе ифтор мекард, барои соҳиби таом ва аҳли он хона дуъо мекард: **«Афтара ъиндакуму-с-соимун ва акала таъомакуму-л-аброр ва саллат ъалайкуму-л-малоика»**, ***(Ҳамеша дар назди шумо рӯзадорон ифтор намоянд, таоматонро некон ва покон бихӯранд ва бар шумо фариштагон дуруд фиристанд!)***.[106]

---

[100] Мусаннафи Ибни Абӯшшайба. – Ҷ. 2. – С. 429.

[101] Ҳамон сарчашма. – Ҷ. 2. – С. 430.

[102] Ҳамон сарчашма. – Ҷ. .2. – С. 430.

[103] Сунани Абӯдовуд, 2357. Мустадраки Ҳоким, 1576. – Ҷ. 2. – С. 52 Ҳоким онро саҳеҳ ва бар шарти Шайхайн гуфтааст.

[104] Сунани Ибни Моҷа, 1753. Мустадраки Ҳоким, 1575. – Ҷ. 2. – С. 52 Ҳадисро аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят кардаанд.

[105] Сунани Абӯдовуд, 2358.

[106] Сунани Абӯдовуд, 3854.

| Дуъои ифтор | Дуъо барои соҳиби таом ва аҳли хонае, ки дар он ҷо ифтор намояд |
|---|---|
| **1. Заҳаба-з-замау вабталлати-л-ъуруқу ва сабата-л-аҷру иншоаллоҳ.**<br>***Ташнагӣ аз байн рафт, рагҳо сероб шуданд ва иншоаллоҳ, аҷр ҳам собит шуд.***<br>2. Расули Худо (с) мефармояд: Дуъои рӯзадор ҳангоми ифтор рад карда намешавад:<br>**Аллоҳумма, иннӣ асъалука бираҳматика-л-латӣ васиъат кулла шайъин ан тағфира лӣ зунубӣ.**<br>***Худоё, Туро ба он раҳматат, ки ҳама чизро фаро гирифтааст, мепурсам, ки гуноҳонамро бароям мағфират намоӣ!.***<br>**3. Аллоҳумма лака сумту ва ъало ризқика афтарту.**<br>***Худоё, барои Ту рӯза доштам ва бо ризқи Ту ифтор менамоям!.*** | Расули Худо (с) агар дар хонаи касе ифтор мекард, барои соҳиби таом ва аҳли он хона дуъо мекард:<br>**Афтара ъиндакуму-с-соимун ва акала таъомакуму-л-аброр ва саллат ъалайкуму-л-малоика.**<br>***Ҳамеша дар назди шумо рӯзадорон ифтор намоянд, таоматонро некон ва покон бихӯранд ва бар шумо фариштагон дуруд фиристанд!.*** |

Дар ин дуъоҳо, чӣ тавре мушоҳида мешавад, бандаи мӯъмин ба талош дар роҳи ба иҷобат наздик сохтани рӯза, омурзиш хостан аз гуноҳон ва ба шукри неъматҳои Парвардигор иршод шудааст. Вале бояд донист, ки лаҳзаҳои пурбори пеш аз ифтор ва дамодами кушодани рӯза фурсатҳои нотакроре барои иҷобати дуъо ва хостаҳои неки бандаи мӯъмин мебошанд. Дар он чанд лаҳза хуб аст ҳарчи бештар ба дуъо пардозад ва муноҷоти худро ба ин чанд намунаи азкори набавӣ, ки беҳтарин иршодотро дар бар гирифтаанд, маҳдуд насозад, балки тамоми хостаҳои некро бо Парвардигораш дар миён гузорад. Агар ба забони арабӣ чизе надонад, бо забони худаш дуъо кунад ва тарҳи саодати яксолаашро аз Ӯ бихоҳад.

## Фазилати саҳарӣ

Саҳарӣ хӯрдан низ дар моҳи Рамазон яке аз суннатҳои Расули Худо (с) мебошад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Саҳарӣ бихӯред, ки дар саҳарӣ хӯрдан баракат аст»***.[107]

Ҳамчунин мефармояд: ***«Агар бо ҷуръаи обе ҳам бошад, саҳарихӯрӣ намоед!»***.[108]

---

[107] Муттафақун алайҳ: Саҳеҳи Бухорӣ, 1923. Саҳеҳи Муслим, 2544 (1095)-45. Сунани Тирмизӣ, 708. Сунани Насоӣ, 2145.

Агар рӯзадор иштиҳои хӯрок надошта бошад, чанд дона хурмо ё ягон мева ва ё қадре об бинӯшад, то савоби саҳариро дарёбад. Зеро яке аз тафовутҳои ҷиддие, ки фаризаи рӯза дар Ислом аз рӯзаи умматҳои пешин дорад, ҳамин саҳарихӯрӣ аст. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Фарқ ва фосилаи мобайни рӯзаи мо ва рӯзаи аҳли китоб хӯрдани саҳарӣ аст»***.[109]

Расули Худо (с) саҳариро дар ҳадисе, ки аз тариқи Абӯддардо (р) ривоят шудааст, ғизо ва хӯроки бобаракат номидааст.[110] Ирбоз ибни Сория мегӯяд: Расули Худо (с)-ро шунидам, ки дар моҳи Рамазон ба саҳарихӯрӣ даъват мекард ва фармуд: ***«Ба ғадои (ғизои пагоҳирӯзӣ) муборак биёед»***.[111]

Саҳариро ҳарчи дертар хӯрдан беҳтар аст, вале набояд он қадар таъхир намояд, ки субҳ дамидан гирад ва дар рӯзааш шубҳае пайдо шавад. То охирин лаҳзаҳое, ки субҳи содиқ надамидааст, саҳарӣ хӯрдан ҷоиз мебошад.

Ҳарчи дертар хӯрдани саҳарӣ нерӯи ҷисмонии шахси рӯзадорро рӯзона бештар мегардонад ва муддати замони гуруснагӣ ва ташнагии ӯро камтар месозад ва бо ҳамин, як миқдор сабукие барои ӯ ҳосил мешавад. Ислом аслан осонтарин роҳҳоро барои инсон ҳам дар анҷоми ибодатҳо ва ҳам дар таъмини заруратҳои зиндагӣ пешкаш намудааст, вале одамон дар натиҷаи ноогоҳӣ аз ҳадафҳои ойини Ислом онро бар худ мушкил сохтаанд.

Ғайр аз ин саҳар хестани рӯзадор дар моҳи Рамазон ва хӯрдани саҳарӣ дар он лаҳзаҳои охири шаб барои вай беҳтарин неъматро ба ҳамроҳ дорад. Он лаҳзаҳо беҳтарин дақиқаҳои иҷобати дуъо, қабули аъмоли нек ва нузули баракоти Худованд мебошанд. Худованд ӯро бо ин саҳар хестан дар ҷумлаи **«истиғфоркунандагони дар саҳаргоҳон»** шомил месозад.[112]

---

[108] Саҳеҳ: Саҳеҳи Ҷомеъуссағир, 2945. Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 3467. – С. 613. Дар Саҳеҳи Ибни Ҳиббон ҳадисро ҳасани саҳеҳ гуфтааст. Муснади Абӯяъло, 3340. – Ҷ. 6. – С. 87.

[109] Саҳеҳи Муслим, 2545 (1096)-46.

[110] Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 3455. – С. 612.

[111] Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 3456. – С. 612.

[112] Худованд истиғфоркунандагони дар саҳаргоҳонро аз ҷумлаи бандагони шоистаи худ дониста, ин сифати онҳоро дар оятҳои 15-17 сураи Оли Имрон ситудааст, он ҷо ки мефармояд: **«Бигӯ оё шуморо ба беҳтар аз инатон хабар диҳам?: Барои касоне, ки дар назди Парвардигорашон тақво намудаанд, боғҳои биҳиштест, ки аз зери (дарахтони он) наҳрҳои об равонанд, ҷовидона дар он бошанд ва (ҳамчунин барояшон) ҳамсарони покиза ва хушнудие аз сӯи Худованд (аст). Ва Худо ба бандагонаш биност, он (банда)-ҳое, ки мегӯянд: Парвардигорамон, мо имон овардем, пас гуноҳонамонро бароямон биомурз ва моро аз азоби оташ нигаҳ дор. (Он бандагон иборатанд аз) собирон, содиқон, фармонбарон, инфоққунандагон ва истиғфоркунандагони дар саҳаргоҳон»**.

Дар ҳадисе низ омадааст, ки ***«Худо ва фариштагонаш бар саҳарихӯрон салавот (дуруду салом) мефиристанд»***.[113]

Дар замони Расули Худо (с) шабҳои моҳи Рамазон ду азон дода мешуд: яке барои бедор намудани хуфтагон, то саҳарихӯрӣ намоянд ва дигаре азони субҳ барои намоз. Он Ҳазрат (с) фармуд: ***«Азони Билол шуморо аз саҳарихӯрӣ бознадорад, зеро вай шабона барои он азон мегӯяд, ки хуфтаро бедор ва хестаро ба саҳарихӯрӣ баргардонад. Агар Ибни Уммимактум азони дуюмро дод, дигар вай барои субҳ азон мегӯяд»***.[114]

Ривоят шуда, ки *«Ҳузайфа (р) баъзан барвақт саҳарӣ мехӯрд, то намозро ҳамроҳи Расули Худо (с) дарёбад. Ин кори ӯ ба Паёмбар (с) расид. Паёмбар (с) дигар ӯро ба назди худ мехонд ва якҷоя саҳарихӯрӣ намуда, ҳар ду ба намоз меомаданд»*.[115]

То охирин лаҳзаҳое, ки субҳи содиқ надамидааст, саҳарӣ хӯрдан ҷоиз аст.

Паёмбари Худо (с) дер саҳарӣ хӯрданро таъкид менамояд. Дар ҳадисе мефармояд: «***Вақте касе аз шумо садои азони (субҳ)-ро шунид ва дар дасташ зарфи обе буд, то ниёзи худро аз об бартараф нанамояд, зарфро ба замин нагузорад!»***.[116]

Агар хаёл кунад, ки ҳанӯз шаб аст ва ба хӯрдани саҳарӣ машғул шавад ва баъд маълум гардад, ки субҳ муддатест дамида, ё хаёл кунад, ки офтоб ғуруб намуда ва ифтор намояд ва сипас маълум шавад, ки ҳанӯз офтоб ғуруб накардааст, дар ҳар ду сурат ба монанди дигар рӯзадорон аз хӯрдану нӯшидан худдорӣ намояд. Қазо бар вай воҷиб ояд, на каффорат.

Хӯрдану нӯшидан дар ҳолати иштибоҳи (нафаҳмидан) тулӯъ ё ғуруб макрӯҳ аст.

---

[113] Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 3458. – С. 612. Ҳадисро аз Ибни Умар (р) ривоят намуда, онро ҳадиси ҳасан гуфтааст.

[114] Ин ҳадис дар поварақии 47-ум тахриҷ шудааст.

[115] Мусаннафи Ибни Абӯшшайба. – Ҷ. 2. – С. 428.

[116] Сунани Абӯдовуд, 2350. Мустадраки Ҳоким, 1592 – Ҷ. 2. – С. 58. Ҳоким онро саҳеҳ ва бар шарти Муслим гуфтааст.

# Бахши дуюм

- Моҳияти намози таровеҳ
- Таърихчаи пайдоиши он
- Эътикоф ва аҳкоми он
- Эътикофи занон
- Ба истиқболи иди Рамазон

Паёмбари акрам (с) мефармояд:

مَنْ صَامَ رَمَضَانَ إِيمَانًا وَاحْتِسَابًا، غُفِرَ لَهُ مَاتَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِهِ

***«Касе (моҳи) Рамазонро аз рӯи имон ва ба умеди савоб рӯза дорад, гуноҳони гузаштааш омурзида шаванд»***.

Дар ҳадиси дигар мефармояд:

مَنْ قَامَ رَمَضَانَ إِيمَانًا وَاحْتِسَابًا، غُفِرَ لَهُ مَاتَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِهِ

***«Касе (шабҳои) моҳи Рамазонро аз рӯи имон ва ба умеди савоб барпо дорад, гуноҳони гузаштааш омурзида шаванд»***.

(Саҳеҳи Бухорӣ, 37, 38;
Саҳеҳи Муслим, 1776 (759)-173).

## НАМОЗИ ТАРВЕҲ

Худованд мефармояд:

قَدۡ أَفۡلَحَ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ ﴿١﴾ ٱلَّذِينَ هُمۡ فِي صَلَاتِهِمۡ خَٰشِعُونَ ﴿٢﴾

**«Воқеан ҳам, он мӯъминоне растагор ва муваффақ гардидаанд, ки дар намозашон хошеъ ва фурӯтан бошанд».[117]**

Хушӯъ ва фурӯтанӣ яке аз шартҳои қабули ибодат, ба хусус намоз ва омили растагорӣ ва комёбии шахси намозгузор мебошад. Намоз ҳам, ки муҳимтарин василаи илоҳӣ дар сохтани шахсияти инсон ва муассиртарин равиши полоиши нафс ва тазкияи рӯҳи ӯ мебошад, вақте натиҷаҳои матлуби худро медиҳад, ки хушӯъ ҷавҳари онро ба вуҷуд оварда бошад. Хушӯъ бояд ҳам дар ҷаворих ва аъзои бадани шахси намозгузор таҳаққуқ ёбад ва ҳам ботин ва қалбашро фаро гирад. Хушӯъ дар аъзо вақте ҳосил мегардад, ки оромиши нисбие дар анҷоми рукнҳои намоз риоя гардад, яъне намоз бояд на бо тезӣ ва суръати аз ҳад зиёд, балки бо оҳистагӣ ва эътидол ба ҷой оварда шавад.

Хушӯи ботинӣ дар намоз ба маънои ба ёд овардани азамату бузургии Худованд ва эҳсос намудани ҳузури Ӯ дар қалби худ мебошад. Намозгузор бояд эҳсос намояд, ки вай дар пешгоҳи Худованд қарор гирифтааст ва бо Ӯ роз мегӯяд ва аз Ӯ баровардани ниёзҳои худро мехоҳад. Ин маъно вақте барои намозгузор ҳосил мегардад, ки оятҳои Қуръонро бо диққату тааммул дар намоз тиловат намояд. Пас шахси намозгузор бояд барои ҳосил намудан ва нигоҳ доштани ҳузури қалб ва мақоми олии намоз кӯшиш намояд.

Вақте моҳи Рамазон фаро мерасад, фурсатҳои нотакроре дар ихтиёри бандаи мӯъмин қарор мегиранд, моҳе, ки ибодат ва аъмоли нек дар он аз ҳар вақти дигар беҳтар ва боарзиштар аст. Бояд шахси намозгузор ҳузури қалб ва ҳолати оромишро дар намозҳояш дар ин фурсатҳои гуворо ба сурати зебое таҳаққуқ бахшад ва баракоти он айёмро барои худаш дучандон гардонад.

Афсӯс, ки имрӯз намозгузори мусалмон намози таровеҳро бо суръат ва тезие ба ҷой меоварад, ки дар он на ҳузури қалб ҳосил мегардад ва на оромиши нисбие дар анҷоми рукнҳои намоз риоя мешавад, балки ҳамчун бори сангине дар чанд дақиқа мехоҳад аз он халос гардад. Агар бандаи мӯъмин барпо доштани шабҳои моҳи Рамазон ва истифода аз баракоти он моҳро дар ҳамин гуна намоз хондан бинад, пас бидонад, ки Парвардигор ба чунин намозгузоре «вой» гуфтааст, он ҷо ки мефармояд:

---

[117] Сураи Мӯъминун, 23: 1, 2.

فَوَيۡلٞ لِّلۡمُصَلِّينَ ۝٤ ٱلَّذِينَ هُمۡ عَن صَلَاتِهِمۡ سَاهُونَ ۝٥

**«Пас вой бар он намозгузороне, ки аз намози худ ғофил ва бехабаранд…».[118]**

Дар ҳадиси шариф низ омадааст, ки ***«Чунин намозе торику сиёҳ ба сӯи осмон боло меравад ва ба намозгузор мегӯяд: «Зайяъакаллоҳу камо зайяътанӣ» (Худо туро зоеъ созад, ҳамон тавре ки маро зоеъ гардондӣ!).***

***Намозе, ки бо хушӯъ ва ба таври комил баргузор мегардад, сафеду нуронӣ ба осмон мебарояд ва ба соҳибаш мегӯяд: «Ҳафизакаллоҳу камо ҳафизтанӣ» (Худо туро ҳифз намояд, чӣ тавре маро ҳифз намудӣ!)***.[119]

Бандае, ки мавриди иноёти Худованд қарор гирифта, ифтихори бандагии Ӯро ба даст овардааст, набояд бо намози берӯҳаш худро ба азобу сарзаниши Худованд рӯ ба рӯ созад, балки бояд кӯшиш намояд, то намози борӯҳу маъное ба пешгоҳи Худованд арза дорад ва вуҷудашро бо нури он зинда созад.

## Таърихчаи пайдоиши намози таровеҳ

Дар ривоятҳо омадааст, ки Расули Худо (с) мардумро ба қиёми шабҳои моҳи Рамазон бо баёни аҷру савоби он ҳавасманд мегардонд, вале онҳоро ба таври ҳатмӣ ва муаккад ба он амр намекард. Аз ҷумла, он Ҳазрат (с) мегуфт: ***«Касе шабҳои моҳи Рамазонро аз рӯи имон ва ба умеди аҷру савоб барпо дорад, тамоми гуноҳони (хурди) гузаштааш бахшида мешаванд»***.[120] Расули Худо (с) аз дунё гузашт ва кор ба ҳамин сурат боқӣ монд. Дар замони хилофати ҳазрати Абӯбакр (р) ва ибтидои даврони Умар (р) низ ҳамин ҳолат ҳифз гардид.[121]

Оиша (р) мефармояд: «Расули Худо (с) шабе (дар моҳи Рамазон) нимашаб ба масҷид рафт ва дар он ҷо намоз гузорид. Мардуме, ки дар он ҷо буданд, ба вай иқтидо намуда, намоз гузориданд. Вақте субҳ шуд, онҳо дар бораи намози шабашон ба мардум хабар доданд. Шаби дигар одами бештаре ҷамъ шуда ва ҳамроҳи он Ҳазрат (с) намоз гузоштанд. Боз субҳ хабар ба мардуми бештаре расид ва дар шаби сеюм аҳли масҷид зиёд гардиданд. Расули Худо (с) ин шаб низ ба масҷид рафт ва мардум ҳамроҳаш намоз гузоштанд.

Шаби чорум масҷид дигар намозгузоронро набурд, (вале Расули Худо (с) он шаб ба наздашон набаромад, балки саҳар) барои намози субҳ баромад. Пас аз адои намози бомдод… ба мардум гуфт: ***Ҳузури***

---

[118] Сураи Моъун, 107: 4, 5.

[119] Шуъабулимони Байҳақӣ, 3140. – Ҷ. 3. – С. 143. Мӯъҷамулавсат, 3117. – Ҷ. 3. – С. 387.

[120] Саҳеҳи Бухорӣ, 37, 2008, 2009.

[121] Саҳеҳи Бухорӣ, 2009. Саҳеҳи Муслим, 1777 (759)-174. Сунани Абӯдовуд, 1371. Сунани Тирмизӣ, 808. Сунани Насоӣ, 2103, 2197.

***шумо бароям пӯшида набуд, вале хавф бурдам, ки ин намоз низ бар шумо фарз гардад ва аз адои он оҷиз гардед»***. Расули Худо (с) вафот кард ва кор бар ҳамин буд.[122]

Чӣ тавре мебинем, Расули Худо (с) дар моҳи Рамазон танҳо се шаб намозро дар масҷид бо ҷамоат барпо доштааст ва ба ин андеша, ки мабодо намози шаб дар моҳи Рамазон бар умматаш фарз гардад ва онҳо аз анҷоми он оҷиз оянд, дигар онро ҳамроҳи мардум нагузоштааст.

Бар асоси ривоятҳои дигар Расули Худо (с) танҳо дар се шаби тоқи даҳаи охири моҳи Рамазон намози таровеҳро дар масҷид бо ҷамоат барпо доштааст. Нӯъмон ибни Башир аз болои минбари шаҳри Ҳумс фармуд: ***«Шаби бисту сеюми моҳи Рамазон ҳамроҳи Расули Худо (с) то як ҳиссаи шаб ба намоз истодем, дар шаби бисту панҷум то нимаи шаб ва дар шаби бистуҳафтум то ҷое ба намоз истодем, ки хавф бурдем саҳарихӯрӣ моро фавт мегардад»***.123

Дар ривояти Ҷубайр ибни Нуфайр аз Абӯзар низ ҳамин маъно бо дигар лафз таъкид гардидааст ва танҳо ин илова дар он омадааст, ки: ***«Дар шаби бистуҳафтум он Ҳазрат (с) аҳли хонавода ва ҳамсаронашро низ ҷамъ намуд. Шаби бистучаҳорум ва бистушашум ҳамроҳи мо таровеҳро нахонд. Пас аз бистуҳафтум низ таровеҳро ҳамроҳи мо барпо надошт»***.[124]

Мардум дигар намози таровеҳро ё дар хонаҳояшон ва ё ба таври танҳогузор ва низ дар ҷамоатҳои пароканда дар гӯшаҳои масҷид мехонданд. Ин ҳолат дар замони хилофати ҳазрати Абӯбакр (р) ва ибтидои хилофати ҳазрати Умар (р) низ идома ёфт. Пас аз он ҳазрати Умар (р) мардумеро, ки дар гӯшаҳои масҷид танҳо-танҳо ва ё дар ҷамоатҳои пароканда намози таровеҳ мегузоштанд, ба як имом ҷамъ сохт.[125] Аз он таърих ба баъд намози таровеҳ ва ҳамчунин намози витр дар моҳи Рамазон бо ҷамоат барпо дошта мешаванд.

---

[122] Саҳеҳи Бухорӣ, 729, 924, 1129, 2011, 2012, 5861. Саҳеҳи Муслим, 1780 (761)-177, 1781 (761)-178. Сунани Абӯдовуд, 1373.

[123] Мусаннафи Ибни Абӯшшайба. – Ҷ. 2. – С. 286.

[124] Сунани Абӯдовуд, 1375. Сунани Тирмизӣ, 806. Сунани Насоӣ, 1364. Сунани Ибни Моҷа, 1327. Тирмизӣ қайд мекунад, ки дар ин боб аз Оиша (р), Нӯъмон ибни Башир (р) ва Ибни Аббос (р) низ осоре ривоят шудааст.

[125] ***Абдурраҳмон ибни Абдулқорӣ мегӯяд: «Дар яке аз шабҳои моҳи Рамазон ҳамроҳи Умар ибни Хаттоб (р) ба масҷид рафтем ва дидем, ки мардум ба таври пароканда – баъзе танҳогузор ва гурӯҳе ба намозгузоре иқтидо карда, намоз мехонанд. Умар (пас аз мушоҳидаи ин вазъ) фармуд: Фикр мекунам, агар онҳоро ба як қорӣ (ва имом) ҷамъ намоям, беҳтар аст. Он гоҳ ҳамаро аз пушти Убай ибни Каъб ҷамъ намуд. Шаби дигар ҳамроҳи ӯ хориҷ шудам ва дидем, ки мардум аз пушти имомашон намоз мегузоранд. Умар фармуд: Чӣ бидъат (ва равиш)-и хуберо асос гузоштем. Ва намозе, ки аз он хобашон мебарад, аз ин намозе, ки барпо медоранд, беҳтар аст. Манзураш намози охири шаб буд, мардум бошанд, дар аввали шаб қиём мекарданд***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 2010).

Аз он рӯзе, ки Умар (р) мардумро дар намози таровеҳ ба як имом ҷамъ намуд, дигар ба ҳамон ҳолат боқӣ монда ва хулафои баъдӣ – Усмон (р) ва Алӣ (р) ва мусалмонон ба он идома додаанд. Бинобар ин, намози таровеҳ дар моҳи Рамазон суннати муаккада мебошад. Аз Абӯюсуф (рҳ) ривоят шуда, ки Абӯҳанифаро дар бораи намози таровеҳ ва ончи Умар (р) анҷом дода буд, пурсидам. Гуфт: Таровеҳ суннати муаккада аст, онро Умар (р) ба таври тахминӣ ва аз пеши худаш набаровардааст, ба он амр накарда, магар аз рӯи асле, ки дар наздаш буда ва бо аҳде аз Расули Худо (с). Умар (р) дар ҳоле мардумро бар Убай ибни Каъб гирд овард ва ӯ онро бо ҷамоат гузорид, ки саҳобагон аз муҳоҷирон ва ансор бисёр буданд ва ҳеҷ касе аз онҳо бар вай эътироз накард, балки баръакс, бо вай мувофиқа ва ӯро дар ин кор мусоидат намуданд. [126]

Таровеҳ ҷамъи тарвеҳа ба маънои андаке дам гирифтан дар миёни ҳар чаҳор ракъати намоз мебошад. Дар садри Ислом намози таровеҳро мардум бо оҳистагӣ, тааммул дар оятҳо ва бо хушӯи комил ба ҷой меоварданд ва пас аз ҳар чаҳор ракъати он андаке дам мегирифтанд. Имрӯзҳо низ намози таровеҳ суратан бо ҳамон меъёр ба ҷо оварда мешавад, вале ягона чизе, ки камтар ба он таваҷҷӯҳ мегардад, ҳамон оҳистагии зарурӣ, ҳолати тааннӣ ва хушӯи дар намоз мебошад, ки рӯҳи намозро ташкил медиҳанд.

## Адади ракъатҳои намози таровеҳ

Асли намози таровеҳ ба ҳамон сурате ки зикр шуд, аз Расули Худо (с) собит шудааст, вале дар бораи адади ракъатҳои он аз он Ҳазрат (с) ривояти саҳеҳе собит нагаштааст. Вале аз саҳобагон, ба хусус аз намози таровеҳе, ки Умар (р) бо имомати Ӯбай ибни Каъб (р) баргузор намуд ва ҳамчунин аз тобеин осор ва ривоятҳои гуногуне ворид шудааст, ки аксаран бист ракъат будани адади ракъатҳои онро мавриди таъйид қарор медиҳанд. Пешвоёни мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли суннат: имом Абӯҳанифа (рҳ), имом Шофеъӣ (рҳ), имом Аҳмад (рҳ) ва дар қавле аз имом Молик (рҳ) низ бо такя бар ҳамин осор ва ривоятҳо бист ракъат гузоридани онро тарҷеҳ додаанд. Аммо бар асоси зоҳири ривоят дар мазҳаби имом Молик (рҳ) он сию шаш ракъат аст.

Имом Молик (рҳ) дар Муваттаъ аз Язид ибни Румон ривоят мекунад, ки: *«Мардум дар замони Умар ибни Хаттоб (р) қиёми шабро бистусе ракъат ба ҷо меоварданд»*.[127] Вай дар ин ҷо се ракъати витрро низ дар назар доштааст.

[126] Фатҳу-л-қадир. Ҷ. 1. С. 486; Алмавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. Ҷ. 27. С. 138.
[127] Муваттаи имом Молик, 252. – Ҷ. 1. – С. 115.

Аз Соиб ибни Язид низ ривоят шудааст, ки: *«Дар замони Умар ибни Хаттоб мардум дар моҳи Рамазон (намози шабро) бист ракъат мегузоштанд».*[128] Байҳақӣ низ дар Алмаърифа аз Соиб ибни Язид ривоят карда: *«Дар замони Умар ибни Хаттоб (р) бо бист ракъат ва намози витр қиём мекардем».*[129]

Дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо на дар моҳи Рамазон ва на дар ғайри он аз ёздаҳ ракъат зиёд намегузошт. Аввал чор ракъат мегузошт, ки аз ҳусну зебоӣ ва дарозии онҳо напурс, боз чор ракъати дигар мегузошт, ки аз ҳусну зебоӣ ва дарозии онҳо напурс. Сипас се ракъат мегузошт…».***[130] Манзур аз ёздаҳ ракъат ҳашт ракъат намози қиёми шаб ва се ракъат витр мебошад.

Аммо бузургони мазҳаби ҳанафӣ ва аксари аҳли илм ин ҳадисро ба қиёми шаби ҳамешагии он Ҳазрат (с), ҳам дар моҳи Рамазон ва ҳам дар ғайри он, марбут донистаанд, на ба қиёми моҳи Рамазон ва он намозе, ки бо номи таровеҳ шинохта мешавад. Зеро ин ҳадис, агар қиёми моҳи Рамазон ва намози таровеҳро низ дар бар мегирифт ва адади ракъатҳои он бо феъли он Ҳазрат (с) собит мешуд, ҳеҷ гоҳ саҳобагони киром бар хилофи он амал ва иттифоқ намекарданд.

Илова бар ин, ин кори онҳо дар замоне сурат гирифта буд, ки Оиша (р) дар қайди ҳаёт буд ва ба он мухолифате нишон надод. Пас маълум мешавад, ки манзури ҷумҳури саҳобагон аз ҳадиси Оиша (р) ҳамон намози ҳамешагии шаб аст, на қиёми моҳи Рамазон ва намози таровеҳ.

Аз сӯи дигар, маҷмӯи ривоятҳои собитшуда дар ин бора – ривояти Оиша (р), ривояти Ҷубайр ибни Нуфайр ва ривояти Абӯзар бо сароҳат далолат доранд, ки ончи Расули Худо (с) дар шабҳои моҳи Рамазон бо ҷамоат барпо дошта, ҳамон намози шаб аст ва Паёмбар (с) ба ҷуз онҳо намози дигаре дар он шабҳо нагузоридааст, вале бо хеле тафовут. Тафовути аввали он аз намози муқаррарии он Ҳазрат (с) дар шабҳои берун аз Рамазон, ҳамон гуна ки дар ривояти Ҷубайр ва Абӯзар омадааст, он аст, ки Паёмбар (с) аз ҳиссаи аввали шаб ба он пардохтааст. Фарқи дуюм он аст, ки он дар шаби сеюм то охири шаб – наздик ба дамидани субҳ идома ёфтааст, дар ҳоле ки намози шаб дар ғайри моҳи Рамазон дар ҳиссае аз шаб ва бештар дар ҳиссаи охири он барпо дошта мешуд.

Аз маҷмӯи ин ривоятҳо ва ҳамин тавр амалкарди саҳобагон дар замони Умар (р) бармеояд, ки таровеҳ ҳам ҳамон намози шаб аст, вале

---

[128] Сунани Куброи Байҳақӣ, 4393. – Ҷ. 2. – С. 496. Нававӣ дар «Хулоса» исноди онро саҳеҳ гуфтааст.

[129] Фатҳу-л-қадир. Ҷ. 1. С. 485.

[130] Саҳеҳи Бухорӣ, 1147, 2013, 3569.

бо тафовути ошкоре. Пас ҳарчанд дар бораи шумори ракъатҳои намози шаб дар ғайри моҳи Рамазон аз Паёмбар (с) ададе муайян, вале мутафовите ривоят шуда бошад ҳам, вале чун он намози нофила буда ва ба таври ихтиёрӣ ба ҷой оварда мешуд, шахси намозгузор дар адади ракъатҳои он низ мухайяр будааст ва дар ниҳоят аз сӯи халифаи дуюм Умар (р) дар бист ракъат қарор дода шудааст. Сухани худи Умар (р) дар ривояти Абдурраҳмон ибни Абдулқорӣ: «ва намозе, ки дар охири шаб барпо медоштанд, аз ончи ҳоло анҷом медиҳанд, беҳтар аст» низ маънои фавқро таъйид менамояд.

Пас таъйини адади ракъатҳои он дар бист ракъат агар бо иҷтиҳоди халифаи рошид Умар (р) ва таъйиди оммаи саҳобагон сурат гирифта бошад ҳам, касе ҳаққи мухолифат бо онро надорад, зеро пайравӣ аз суннати хулафои рошид, бо насси шаръӣ – ҳадиси Паёмбар (с) собит шудааст.[131] Пас ҳарчанд ба андешаи баъзе муҷтаҳидон ва пешвоёни Ислом аз бист ракъат бештар ва ё камтар гузоридани он низ ҷоиз дониста шуда, вале бар асоси тадовули уммат ҷумҳури аҳли суннат бист ракъат будани онро тарҷеҳ додаанд.

Соҳиби Фатҳ – Ибни Ҳумом бар хилофи дигар машоихи мазҳаб дар қиёми моҳи Рамазон ҳашт ракъати онро ҳамроҳи се ракъати витр бо ҷамоат суннат ва тамоми бист ракъатро мустаҳаб медонад.[132]

Пас набояд бо номи пойбандӣ ба суннати Расули акрам (с) ба ин суннати роиҷи исломӣ – бист ракъат будани намози таровеҳ, ки асли он аз сираи амалии Расули Худо (с) сарчашма гирифта ва аз аҳди хулафои рошид дар миёни уммат маъмул аст, мухолифат намуд ва онро бо ривоятҳои саҳеҳи исломӣ мухолиф донист, ҳарчанд дар мазҳаби аҳли ҳадис ва бузургоне чун имом Бухорӣ (рҳ) ҳашт ракъат ва дар мазҳаби имом Молик (рҳ) бештар аз бист ракъат гузоридани намози таровеҳ ҷоиз аст. Ин кор – мухолифат бо бист ракъат будани намози таровеҳ ба таври дигаре ба муғолатаҳои Ҳиллӣ – донишманди шиа монанд аст, он ҷо ки дар китоби «Минҳоҷул карома» дар ин бора мегӯяд: *«Ӯ (Умар) бидъати намози таровеҳро эҷод намуд, дар ҳоле ки Паёмбар (с) фармуда: Эй мардум, гузоридани намози нофила дар шабҳои моҳи Рамазон бидъат аст. Огоҳ бошед ва дар ҳеҷ шабе аз шабҳои моҳи Рамазон иҷтимоъ накунед ва намози чошт (ҳам) нахонед!».*[133]

---

[131] Ишора ба ҳадисе аст, ки Паёмбари акрам (с) дар бахше аз он мефармояд: ***«Касе пас аз ман зинда монад, ихтилофи бисёре мебинад. Пас суннати ман ва суннати хулафои рошид (ва) роҳёфтаи маро бар худ лозим бигиред, ба он тамассук биҷӯед ва онро бо дандонҳо бидоред!...»***. (Сунани Абӯдовуд, 4607; Сунани Тирмизӣ, 2676).
[132] Фатҳу-л-қадир. Ҷ. 1. С. 486; Алмавсӯату-л-фиқҳияту-л-кувайтия. Ҷ. 27. С. 142-143.
[133] Абдулазизи Нӯъмонӣ, Таҳқиқе перомуни намози таровеҳ. – С.16.

# Хатми Қуръон

Дар бораи хатми Қуръони карим дар намози таровеҳ дар байни мактабҳои фиқҳӣ ду нуқтаи назар вуҷуд дорад. Имом Молик (рҳ) онро суннат намедонад. Дар назди ҷумҳури бузургони ҳанафӣ намози таровеҳ суннати муаккада, бо ҷамоат гузоридани он суннати кифоя ва як бор хатм кардани Қуръони карим дар моҳи Рамазон дар намози таровеҳ низ суннати ғайри муаккада мебошад, то мардум лоақал дар соле як бор дар моҳи Рамазон тамоми Қуръонро бишунаванд. Имом набояд аз рӯи танбалии қавм хатми Қуръонро тарк намояд.

Аммо миқдори оятҳое, ки дар ҳар ракъати намози таровеҳ хонда мешаванд, ба адади муайяне маҳдуд гардонида нашудааст, балки он ба ҳоли намозгузорон бастагӣ дорад. Агар имом дар ҳар ракъат даҳ-ёздаҳ оят бихонад, Қуръонро дар зарфи як моҳи Рамазон ва ё чанд рӯз камтар аз он хатм менамоянд. Дар китоби «Мудаввана» омадааст: *Умар ибни Абдулазиз қориҳоро амр кард, ки намози таровеҳро барпо доранд ва дар ҳар ракъати он даҳ оятӣ бихонанд».*[134] Имом Ҳасан ибни Зиёд аз Абӯҳанифа (рҳ) низ хондани даҳ оятро дар ҳар ракъати намози таровеҳ ривоят кардааст.[135]

Адади ракъатҳои намози таровеҳ дар тамоми моҳи Рамазон бинобар бисту нӯҳ ва ё сӣ будани он шашсад ва ё панҷсаду ҳаштод ракъат мебошад. Вақте дар ҳар ракъат даҳ-ёздаҳ оятӣ бихонанд, ба адади оятҳои Қуръон, ки аз шаш ҳазору дусаду чанд (6236) оят иборат аст, баробар мешавад.

Вале беҳтар он аст, ки ҳар шаб дар бист ракъат як пораи Қуръонро хатм намоянд ва бо ҳамин дар зарфи як моҳ як хатми комил анҷом гирад. Ин миқдор ба ҳоли ҳар гуна намозгузор мувофиқат мекунад. Аммо, агар намозгузороне тоқати бештар дошта бошанд ва ду бор ва ё се бор Қуръонро дар моҳи Рамазон хатм намоянд, он низ ҷоиз ва хуб аст.

---

[134] Абӯабдуллоҳ Молик ибни Анаси Асбаҳӣ, Мудавванаи Кубро. – Ҷ. 1. – С. 287. Бейрут: Дору содир. Минбаъд: Мудаввана; Зафараҳмад Усмонии Таҳонавӣ, Эълоуссунан. – Ҷ. 3, бахши ҳафтум. – С. 80. Бейрут: Дорул кутубил илмия, 1997. Минбаъд: Эълоуссунан.

[135] Алоуддин Абӯбакр ибни Масъуди Косонӣ, Бадоеъуссаноеъ фӣ тартибишшароеъ. – Ҷ. 1. – С. 645. Бейрут: Дору эҳёи аттуросил арабӣ, 1997. Минбаъд: Бадоеъуссаноеъ. Эълоуссунан. – Ҷ. 3, бахши ҳафтум. – С. 80.

## ЭЪТИКОФ ДАР МОҲИ РАМАЗОН

Эътикоф яке аз суннатҳои Расули Худо (с) мебошад ва шахси рӯзадор дар даҳ рӯзи охири моҳи Рамазон худро барои ибодати Худо дар масҷиде фориғ месозад.

Эътикоф аз решаи «акафа» (عَكَفَ) гирифта шуда, дар луғат ба маънои рӯй овардан ва мулозимат намудан ба чизе ба тариқи таъзим ва бузургдошт мебошад. Вожаи «акафа» дар ояти 71-уми сураи Шуъаро: **«Вақте (Иброҳим) ба падар ва қавмаш гуфт: Чиро мепарастед? Гуфтанд: Бутҳоеро мепарастем (ва ҳамчунин) мулозими онҳо боқӣ мемонем»** ва ояти 138-уми сураи Аъроф: **«Банӣ Исроилро аз баҳр гузаронидем, пас онҳо аз (назди) қавме гузаштанд, ки бар (ибодати) бутҳояшон мулозамат меварзиданд…»** ба ҳамин маъно омадааст.

Эътикоф дар истилоҳи шаръ ба маънои муддате гӯша гирифтан дар масҷид барои ибодат ва наздикӣ ба Худо аст. Он дар ояти 187-уми сураи Бақара: **«Вақте дар масҷидҳо (барои ибодат) гӯша гирифта бошед (ба эътикоф нишаста бошед), ба онҳо мубоширaт ва наздикӣ нанамоед»** ба ҳамин маъно омадааст.[136]

Бандаи мӯъмин бо фаро расидани моҳи Рамазон шомили иноёт ва баракоти Худованд мегардад ва бо гузаштани ду даҳаи аввал ва миёнаи он шахси рӯзадор ба баландтарин қуллаи сафои ҷисму ҷонаш мерасад. Аз сӯи дигар, муборактарин айём ва гуворотарин лаҳзаҳои навозиши Худованд, ки дар даҳаи охири он моҳ гузошта шудаанд, фаро мерасад ва олитарин фурсати даст ёфтан ба мақсуд барои ӯ муҳайё мегардад.

Расули акрам (с) барои фароғати ҳарчи бештар ва ба кор бурдани тамоми ҷидду ҷаҳди бандагӣ дар ин лаҳзаҳои нотакрор суннати эътикофро барои умматонаш асос гузоштааст, то шахси рӯзадор барои камоли бандагӣ ва розу ниёз бо Худованд ва ҳамзамон матраҳ намудани тамоми орзуҳои нек ва хостаҳои машрӯаш дар пешгоҳи Ӯ комилан фароғат ёбад.

Бандаи мӯъмин ҳар чанд гоҳе ба хилвату танҳоӣ, дар худ андешидан ва ба муноҷоти Ҳақ ниёз дорад, то фориғ аз ҳар чизе ба нафси худ пардозад ва дар маҳзари Худованд муддате ба парвариши он машғул гардад. Муносибтарин фурсат барои ин кор ҳамон даҳаи охири моҳи Рамазон мебошад, даҳае, ки дар он шаби Қадр аст ва инсон метавонад ба қадру қимати худ дар назди Худованд биафзояд. Ҳамин танҳоию

---

[136] Муфрадот. – С. 579, зайли моддаи: акафа.

хилват ва ба ибодат пардохтани шахси рӯзадорро дар истилоҳи шаръ эътикоф мегӯянд.

Вале Ислом намехоҳад, ки инсон дар он гӯшаи хилват ва бо номи эътикоф дар ҳар гуна хаёлоти бемаъно ва васвасаҳои нафс фурӯ равад. Ҳамчунин, чандон рӯи хуше ба инзивоталабӣ ва канорагирӣ аз ҷамъият надорад. Ислом дини зиндагонии иҷтимоист. Ин ҷост, ки ба танҳоии мутлақ ва гӯшанишинӣ дар кӯҳу ғорҳо ва ё нишастан дар чилахонаҳои торику камнур амр накардааст. Балки барои эътикоф масҷиди ҷомеъро, ки ҷои рафту омади мардум ва барпоии ибодатҳост, афзал шуморидааст.

Яъне Ислом хилват дар миёни ҷамъ, танҳоӣ дар миёни мардум ва бо Худо, вале дар миёни халқи Худо буданро асоси худсозӣ ва меҳвари зиндагии инсон қарор додааст. Ба ин маъно, ки Ислом гӯшанишинии мутлақ ва ба сурате канора гирифтан аз мардумро, ҳатто дар вақти эътикоф ва пардохтан ба ибодат дӯст намедорад. Пас Ислом дини иҷтимоист ва аз ҳар гуна раҳбоният (дайрнишинӣ) холӣ мебошад. Қуръони карим раҳбоният ва канорагирии зоҳидони насрониро мавриди накӯҳиш қарор медиҳад, он ҷо ки мефармояд:

...وَرَهْبَانِيَّةً ٱبْتَدَعُوهَا مَا كَتَبْنَـٰهَا عَلَيْهِمْ...

**«Ва раҳбонияте, ки (падарони рӯҳонӣ ва роҳибон) аз пеши худ бароварда буданд. Мо онро бар эшон нанавишта (муқаррар насохта) будем…».**[137]

Ислом тамоми аъмоли фардиро ҷанбаи иҷтимоӣ бахшидааст. Бинобар ин, эътикоф дар ғайри масҷид ҷоиз намебошад.

Дар ривоятҳо омадааст, ки Расули Худо (с) даҳ рӯзи охири моҳи Рамазонро эътикоф менишаст ва аҳли хонаводаи худро низ ба он амр мекард. Абдуллоҳ ибни Умар (р), Анас (р) ва Оиша (р) ривоят мекунанд, ки: ***«Паёмбар (с) аз замоне, ки ба Мадина омад, то рӯзи вафоташ дар даҳаи охири моҳи Рамазон эътикоф менишаст»***.[138]

Нофеъ аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят менамояд, ки: ***«Расули Худо (с) дар даҳ рӯзи охири моҳи Рамазон эътикоф менишаст»*** ва Нофеъ меафзояд: *«Абдуллоҳ он маконеро, ки Расули Худо (с) дар масҷид дар он эътикоф менишаст, ба ман нишон дод»*.[139] Нофеъ боз аз Ибни Умар

---

[137] Сураи Ҳадид, 57: 27.

[138] Муттафақун алайҳ. Дар «Саҳеҳайн» ба ин лафз ривоят шудааст. ***«Паёмбар (с) дар даҳаи миёнаи моҳи Рамазон эътикоф менишаст. Пас аз он дар даҳаи охир эътикоф нишаст ва онро то рӯзи вафоташ идома дод. Ҳамсаронаш пас аз ӯ эътикофи даҳаи охирро идома доданд»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 2026. Саҳеҳи Муслим, 2776 (1172)-5. Сунани Абӯдовуд, 2462.

[139] Саҳеҳи Муслим, 2773 (1171)-2. Сунани Абӯдовуд, 2465. Сунани Ибни Моҷа, 1773.

(р) ривоят мекунад, ки *«Вақте Паёмбар (с) эътикоф менишаст, рахти хоб ва ё кати хоби ӯ дар пушти сутуни тавба гузошта мешуд».*[140]

## Эътикоф барои дарёфтани шаби Қадр

Яке аз ҳикматҳо ва мақсадҳои эътикоф дар даҳ рӯзи охири моҳи Рамазон дарёфтани шаби Қадр аст, зеро шаби Қадр дар яке аз шабҳои тоқи даҳаи ахири Рамазон мебошад. Вақте шахси рӯзадор тамоми он даҳаи муборакаро эътикоф менишинад, ҳатман, шаби Қадрро дар яке аз шабҳои тоқи он дармеёбад.

Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят шудааст, ки: *«Расули Худо (с) (аввал) дар даҳаи миёнаи моҳи Рамазон эътикоф менишаст. Соле (дар даҳаи миёнаи моҳи Рамазон) эътикоф нишаст ва ҳамин ки шаби бисту якум фаро расид, шабе, ки (ҳар сол) субҳи он аз эътикоф хориҷ мешуд, фармуд:* ***Касе ҳамроҳи ман эътикоф нишаста буд, даҳаи охирро низ эътикоф бинишинад. Дар ҳақиқат, он шаб (шаби Қадр) ба ман нишон дода шуд, вале аз ёдам бароварда шуд. Худро дар саҳари он шаб дидам, ки бар обу гил саҷда мекунам. Пас онро дар шабҳои тоқи даҳаи ахир биҷӯед!.***

*(Ровии ҳадис, Абӯсаъид мегӯяд): Он шаб борон борид ва аз даруни масҷид, ки аз шохҳои хурмо бино гардида буд, об ҷорӣ гашт. Субҳи он шаб (пас аз намоз) асари обу гилро бо чашмони худ дар пешонаи Паёмбар (с) дидам».*[141]

Аз ин ривоятҳо бармеояд, ки Расули Худо (с) аввал барои муайян намудани шаби Қадр эътикоф нишаста ва пас аз он дар солҳои баъдӣ низ бо мақсади дарёфтани аҷру савоби он шаб ба суннати эътикоф идома додааст. Ҳамчунин, аз ин ривоятҳо бармеояд, ки шаби Қадр дар он сол ба шаби бисту якуми моҳи Рамазон рост омада буд.

Шоёни зикр аст, ки суннати эътикоф ҳамроҳ бо фарзияти моҳи Рамазон шурӯъ гардидааст. Расули Худо (с) дар ибтидо дар даҳаи аввал, сипас дар даҳаи миёна ва дар ниҳоят дар даҳаи ахири моҳи Рамазон эътикоф менишаст ва эътикофи даҳаи ахирро то поёни умраш идома додааст. Пас аз вай ҳамсаронаш низ ин суннатро ба ҷой меоварданд.

---

[140] Сунани Ибни Моҷа, 1774. Сутуни тавба яке аз сутунҳои масҷиди набавӣ мебошад, ки Абӯлубоба (р) барои пазируфта шудани тавбааш худро ба он баста буд. Он сутун ба сутуни Абӯлубоба низ машҳур мебошад. Расули Худо (с) вақте эътикоф менишаст, рахти хобашро дар пушти он мегузошт. Ҳоло бошад дар ҷои он сутуне бо номи сутуни «тахт» бино гардидааст. (Масоил ва аҳкоми эътикоф, Муҳаммадтақии Усмонӣ. – С. 13).

[141] Саҳеҳи Бухорӣ, 669, 2016, 2018, 2027, 2036, 2040. Саҳеҳи Муслим, 2761 (1167)-213, 2762 (1167)-214, 2763 (1167)-215, 2764 (1167)-216, 2765 (1167)-217, 2766 (1167)-218. Дар ривоятҳои дигари ин ҳадис омадааст, ки: *«Дар осмон абре намедидем. Он шаб ҳаворо абре фаро гирифт ва бороне борид, ки…».*

## Тариқаи эътикоф нишастан

Эътикоф дорои одобу мустаҳаббот, воҷибот ва як силсила муқаррароте мебошад, ки бояд мавриди риоя қарор гиранд. Онҳоро аз китоби «Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби ҳанафӣ» ба таври пурра зикр менамоем.

Эътикоф иборат аст аз макс (нишастан) ва рӯза гирифтан ба нияти ибодати Худованд дар масҷид ва камтарин муддати он як рӯз аст.

Эътикоф дар ҳар замоне, ки рӯза гирифтан дар он ҷоиз бошад, дуруст ва қобили таҳаққуқ аст, вале беҳтарин замон барои эътикоф моҳи муборакиРамазон, махсусан даҳ рӯзи охири ин моҳ аст, ки дар он эътикоф суннати муаккада мебошад, зеро Расули Худо (с) онро пайваста анҷом додааст.

Дар шаръи муқаддаси Ислом асли эътикоф мустаҳаб аст, аммо ҳар гоҳ касе назр намояд, ки эътикоф менишинад, эътикоф бар вай воҷиб мегардад. Ҳар гоҳ назр намояд, ки чанд рӯзи муайян эътикоф менишинад, лозим аст як ҷо ва пай дар пай онро ба ҷо оварад.

Дар шабҳои эътикоф хӯрдану нӯшидан ҷоиз мебошад, вале муоширати заношавҳарӣ ва наздикӣ бо занон: ҳамбистарӣ намудан, ламс (молиш) кардан ва ё бо шаҳват бӯсидан барои шахси дар эътикоф ҳаром аст. Худованд мефармояд: «**Ва бо занони худ, дар ҳолате ки дар масҷид барои этикоф нишаста бошед, мубошират (ва наздикӣ) нанамоед**».[142]

Эътикоф бояд дар масҷид ба таври пайваста – беинқитоъ анҷом дода шавад ва агар шахси мӯътакиф бе зарурат қатъ намояд, масалан, соате ҳам аз масҷид хориҷ шавад, эътикофи ӯ фосид мегардад.

Агар дар масҷиде эътикоф нишинад, ки дар он намози ҷумъа намехонанд, метавонад бо фаро расидани рӯзи ҷумъа барои адои намози ҷумъа ба масҷиди ҷомеъ рафта ва баъди хатми намоз ба ҷои эътикофи худ баргардад.

Ҳамон гуна ки аз гуфтаҳои боло бармеояд, дар эътикоф нишастан се чиз лозим аст: 1) Масҷиде, ки дар он намоз бо ҷамоат баргузор гардад, 2) нияти эътикоф ва 3) пок будан аз ҳайзу нифос ва ҷанобат. Бинобар ин, эътикоф дар масҷидҳои матрука – бенамоз дуруст намегардад, ҳамчунин шахсе рӯз то бегоҳ бе нияти эътикоф дар масҷид ба сар барад, он эътикоф ба шумор намеравад. Шахси ҷунуб ва занони дар ҳайзу нифос низ наметавонанд эътикоф бинишинанд, зеро покӣ шарти дуруст гардидани тамоми ибодатҳост.

Аз ҳама беҳтар он аст, ки эътикоф дар Масҷидулҳаром (атрофи хонаи Каъба), баъд аз он дар Масҷиди Набавӣ ва баъд аз он дар

[142] Бахше аз ояти 187-уми сураи Бақара.

Масҷидулақсо дар Байтулмуқаддас ба ҷой оварда шавад, сипас дар масҷиди ҷомеъ ва ба дунболи он масҷиди маҳалла ва ҳар масҷиде, ки дар он ҷамоат бештар бошад.

## Эътикоф бар се қисм аст

**1.** Воҷиб, **2.** суннат ва **3.** мустаҳаб.

**а)** Эътикофи воҷиб он эътикофи назрист. Шахсе назр намояд, ки эътикоф менишинад, хоҳ назри мутлақ, хоҳ назри вобаста ба шарте, эътикоф бар вай воҷиб мегардад. Масалан, вақте бигӯяд: Агар бародарам аз сафар ба саломат бозгардад, даҳ рӯз барои Худо эътикоф менишинам, ё ба таври мутлақ – бе зикри шарте назр намояд, ки барои Худо даҳ рӯз эътикоф менишинам.

**б)** Эътикоф нишастан дар даҳ рӯзи охири моҳи муборакӣ Рамазон суннати муаккадаи кифоя аст. Агар як ва ё чанд нафаре дар масҷид эътикоф бинишинанд, аз тамоми аҳли маҳалла соқит мегардад ва бо тарки он ҳама гунаҳкор мешаванд.

**в)** Дар ғайри ин ду ҳолат эътикоф нишастан мустаҳаб аст.

Барои эътикофи воҷиб рӯза шарт аст. Бинобар ин, шахсе, ки эътикоф менишинад, рӯза ҳам бояд бигирад. Ба ҳамин хотир, агар нияти эътикоф нишастан дар шабро (танҳо як шабро бе рӯз) кунад, он ботил ва бекор аст, вале агар нияти эътикофи чанд шабро намояд, эътикофи он шабҳо бо рӯзҳояшон ба таври пайваста бар вай воҷиб мегарданд.

Вақте нияти эътикоф нишастан дар рӯзро намояд, шаб табъан дар он дохил мешавад ва бояд рӯзро бо шабаш бинишинад, вале касе нияти танҳо як рӯз эътикоф нишастанро намояд, шабро дар бар намегирад.

Касе ба тариқи назр ду рӯз эътикоф ва ё бештар аз онро бар худ воҷиб гардонад, шабҳояш низ дар он дохил мешаванд ва бояд он ду рӯзро бо шабҳояш ба таври пайваста эътикоф бинишинад. Шаби аввал пеш аз ғурӯби офтоб бо нияти эътикоф ба масҷид дохил мешавад ва дар рӯзи охири эътикоф пас аз ғурӯб аз он хориҷ мешавад. Шабҳо тобеи рӯзҳои оянда мебошанд.

Дар эътикофи суннат бошад, дигар даҳаи охири моҳи Рамазон аст, рӯза ҳатман ҳаст ва шарт донистани рӯза дар он маъное надорад, зеро онро бе рӯза тасаввур кардан имкон надорад.

Барои камтарин муддати эътикофи мустаҳаб миқдори вақт муайян нагардидааст ва дар он рӯза ҳам шарт нест, он метавонад як рӯз, нисфи рӯз, як соат ва ё камтар аз он ва ҳатто чанд лаҳзае ҳам бошад.

Дар ҳолати эътикоф нишастан, чӣ тавре зикр гардид, ду навъ кор ҳаром аст ва бо содир намудан онҳо эътикофи воҷиб ва суннат фосид мегардад ва бояд қазои он ба ҷо оварда шавад, аммо эътикофи му-

стаҳаб хотима меёбад: 1. Аз ҷои эътикофи худ бе зарурат хориҷ шудан, 2. муқорабат (ҳамбистарӣ) ва бӯсу бозӣ кардан бо зан.

## Зарурат̣ҳо ва ниёзҳо дар аснои эътикоф

Ниёзҳо ва заруратҳое, ки шахси эътикофнишаста метавонад барои онҳо аз ҷои эътикофаш берун ояд, бар се қисманд. Дар ду қисми аввал эътикоф фосид намегардад, вале дар қисми сеюмаш эътикоф фосид мешавад.

**1. Табиӣ**, ба монанди: а) қазои ҳоҷат рафтан; б) омода намудани хӯрду хӯрок, дар сурате ки касе набошад, ки дар ин кор ба ӯ кӯмак намояд.

Корҳои зерин низ аз ҷумлаи ниёзҳои табиии шахси мӯътакиф буда, анҷом додани онҳо дар масҷид барояш ҷоиз мебошад:

Хӯрдану нӯшидан, 2. хоб рафтан, 3. шона ва тоза кардани мӯи сар ва риш, 4. бо мардум сӯҳбатҳои шаръӣ кардан, 5. иваз кардани либосҳо ва атру хушбӯӣ задан, 6. агар бемор гардад, худро муолиҷа намудан, 7. таълим гирифтан ва таълим додани Қуръон ва дигар илмҳои шаръӣ, 8. шустан ва дӯхтани либосҳои чиркингашта ва дарида, 9. хориҷ шудани бод аз шикам дар ҳолати зарурӣ ва дигар ниёзҳои бадан.[143]

Ҳамчунин шахси мӯътакиф метавонад барои азон гуфтан аз масҷид берун бояд ва пас аз азон фавран ба масҷид баргардад, хоҳ дар он масҷид муаззини расмӣ бошад, хоҳ не.[144]

**2. Шаръӣ**, ба монанди ба ҷо овардани намози ҷумъа ва намози идайн, ҳамчунин барои анҷом додани ғусли ҷанобат. Агар дар дохили масҷид имконоти ғусл гирифтан мавҷуд набошад, метавонад ба беруни масҷид бояд ва дар ғуслгоҳ ғусл намояд, агар дар атрофи масҷид низ ғуслгоҳ ва ё имконоти ғусл намудан мавҷуд набошад, метавонад ба хонааш биравад ва пас аз ғусл фавран ба масҷид баргардад. Барои вузӯ низ метавонад аз масҷид хориҷ шавад ва собуну сарчоқ ва асбоби дандоншӯияшро ба ҳамроҳ бигирад.[145] Вале агар барои ғусли мустаҳабӣ ва суннатӣ, ба монанди ғусли рӯзи ҷумъа аз масҷид хориҷ шавад, эътикофаш фосид мегардад.

**3. Зарурӣ**, ба монанди наҷот додани ғарқшаванда, хомӯш кардани сӯхтор, тарси фурӯ рафтани сақфи боми масҷид ва ғайра. Тарк намудани ҷои эътикоф ба сабаби пешомадҳое, ки аҳёнан (гоҳе) воқеъ мешаванд, ба монанди ҳодисаҳои мазкур бар хилофи мароми эътикоф

---

[143] Шайхулислом Мавлоно Муҳаммадтақии Усмонӣ, Масоил ва аҳкоми эътикоф (тарҷимаи форсӣ, Ёрмуҳаммади Амро). – С. 57. – Интишороти Шайхулислом Аҳмади Ҷом. 2001. Минбаъд: Масоил ва аҳкоми эътикоф.

[144] Ҳамон сарчашма. – С. 47.

[145] Ҳамон сарчашма. – С. 44, 45.

мебошад ва эътикофро фосид мегардонад. Дар тамоми ин ҳолатҳо хориҷ шудан аз эътикоф гуноҳ нест, балки барои наҷот ва нигаҳдории ҷони худ ва дигарон лозим аст, аммо эътикоф фосид мешавад. Ҳамчунин, бо аёдати бемор ва ҳузур дар маросими ҷаноза ва ғайра эътикоф фосид мешавад, вале гунаҳгор намегардад.

Пас аз бароварда сохтани заруратҳо ва ниёзҳои ду навъи аввал шахси эътикофнишаста бояд фавран ба ҷои эътикофаш баргардад.

– Агар имоми панҷвақтае эътикофро дар масҷиди ҷомеъ (ҷумъахонӣ) гузаронад, он бо кароҳият ҷоиз мешавад. Зеро қавмаш бе имом мемонанд.

– Агар аз рӯи фаромӯшӣ ҷои эътикофашро тарк намояд, эътикофаш фосид мегардад.

Аммо агар шахси эътикофнишастае барои бартараф намудани заруратҳои табиӣ ва ё шаръӣ аз ҷои эътикофаш берун шавад ва пеш ё баъд аз он ба аёдати беморе равад, он ишколе надорад.

Барои адои намози ҷумъа бояд фурсатеро дар назар бигирад, ки дар он фурсат битавонад таҳийяи масҷид ва суннати ҷумъаро дар масҷиди ҷомеъ бигузорад. Баъд аз гузоридани фарз метавонад барои хондани суннат тавaққуф намояд.

Вақте ба таври маҷбурӣ аз ҷои эътикофаш берун карда шавад, эътикофаш фосид мегардад. Масалан, бо иттиҳоми ҷинояте аз тарафи додгоҳ дастгир ва аз масҷид берун карда шавад, эътикофаш фосид мегардад.

Барои рафъи зарурати шаръӣ ва ё табиие аз ҷои эътикофи худ берун гардад ва баъд аз он бемор шавад ва ё пешомади дигаре рӯй диҳад, ки сабаби таъхири баргаштан ба ҷои эътикофаш гардад, эътикофаш фосид мегардад.

Дар ҳолати эътикоф бе зарурат ба корҳои дунявӣ, ба монанди тиҷорат ва ғайра машғул гардидан макрӯҳ аст, вале дар зарурат боке надорад. Албатта, дар сурати раво будан низ набояд амволи тиҷоратияшро ба масҷид оварад.

Дар вақти эътикоф куллан хомӯш нишастан макрӯҳи таҳримӣ мебошад. Албатта, аз суханони зишту беманфиат бояд парҳез намояд, вале набояд ба таври куллӣ хомӯш нишинад, балки ба хондани Қуръон, зикр кардан ва намоз гузоридан машғул гардад.

Агар дар натиҷаи пешомад ва ҳодисае, ба монанди сӯхтор ва дигар ҳаводиси табиӣ натавонад ба эътикофи худ дар он масҷид идома диҳад, дар он сурат ҷоиз аст ба масҷиди дигаре гузарад ва эътикофи худро дар он ҷо ба поён расонад.

Вақте эътикофи воҷиб ва суннат бо яке аз ҳолатҳои номбурда фосид гардад, қазо доштани он дар вақти дигар воҷиб аст. Эътикофи воҷибро ба андозаи рӯзҳое, ки бар худ воҷиб гардонидааст, қазо медорад ва эътикофи суннатро як рӯз қазо медорад. Дар эътикофи воҷиб

пай дар пай ба ҷо овардани он воҷиб мебошад ва қазои он низ бояд пай дар пай, яъне пайваста ба ҷо оварда шавад.

Чӣ тавре зикр гардид, эътикофи даҳаи ахири моҳи Рамазон суннат аст, вале чун эътикофи ҳар рӯзи он аз рӯзҳои дигар мустақил мебошад, дар сурати фосид шудан танҳо қазои як рӯз бар вай воҷиб мегардад. Эътикофи мустаҳаб бошад, ба маҳзи фосид шудан ба поён мерасад ва дигар қазое надорад.

Шоёни зикр аст, ки бо хӯрдани рӯза низ эътикоф фосид мешавад. Зеро рӯза дар эътикофи воҷиб ва суннат шарт аст. Дар вақти ба ҷо овардани қазои эътикофи воҷиб ва суннат пас аз моҳи Рамазон ҳатман бояд рӯза бигирад.

## Эътикофи занон

Занон низ аз ҳуқуқи анҷом додани ин барномаи худсозии ибодӣ бархӯрдор мебошанд, вале онҳо бояд дар хонаҳояшон дар ҷое, ки барои баргузории намозҳо ихтисос дорад, эътикоф бинишинанд. Дар масҷиди умумӣ эътикоф нишастани онҳо ҷоиз намебошад, аммо агар қисмате аз бинои масҷид барои намозгузории занон ҷудо гардида бошад, онҳо метавонанд дар он ҷо эътикоф нишинанд.

Барои занон ҳамон ҷое, ки дар он эътикоф нишастаанд, ҳукми масҷидро дорад. Пас бояд тамоми одоб ва муқаррароти эътикофро дар он ҷо риоя намоянд.

Занони шавҳардор барои анҷоми ин барномаи ибодӣ бояд аз шавҳаронашон иҷозат бигиранд. Агар зане пас аз шурӯи эътикоф узри моҳона бинад, бояд аз эътикоф хориҷ шавад ва пас аз поёни давраи ҳайзаш як рӯз қазои онро дар эътикофи суннат ба ҷой оварад. Қазои эътикофро баъд аз моҳи Рамазон низ мешавад ба ҷой овард. Як рӯз нияти рӯза намуда, эътикоф менишинад, зеро дар эътикофи воҷибӣ ва суннатӣ рӯза шарт мебошад.

Зан дар вақти эътикоф бояд аз ҳайзу нифос пок бошад.[146]

## Ба истиқболи иди Рамазон

Дар поёни моҳи Рамазон рӯзи якуми моҳи шаввол иди фитр мебошад. Мусалмонони рӯзадор бо шавқу шӯри имонӣ барои истиқболи он рӯз омода мегарданд. Аз воҷиботи динӣ дар он рӯз танҳо ду чиз бар онҳо боқӣ мондааст:

Яке додани закоти (садақаи) Фитр ва дигаре баргузории намози бошукӯҳи ид. Мусалмонон бо анҷом додани ин ду воҷиби динӣ ба моҳи шарифи Рамазон то соли оянда хайру хуш менамоянд.

[146] Ҳамон сарчашма. – С. 69, 70.

Пас аз он ба хонаи дӯстону наздикон ва ба дидори якдигар мешитобанд. Дар ин дидорбиниҳо барои қабули тооту ибодоти моҳи муборакии Рамазон дар ҳаққи якдигар дуъоҳои нек ва орзуҳои хайр менамоянд. Худованд дар ҳадиси қудсие мефармояд: ***«Муҳаббати Ман барои дӯстикунандагони дар роҳам, ҳамнишинони дар роҳам, дидорбинандагони дар роҳам ва сарфкунандагони дар роҳам воҷиб гардидааст»***.[147]

Дар Ислом аслан ду ид: яке ҳамин иди Фитр ва дигаре иди Азҳо (Қурбон) вуҷуд дорад. Худованд ин ду идро ҷойгузини тамоми идҳо, ҷашнвораҳо ва хурсандиҳо гардонидааст. Бандаи мӯъмин ба онҳо ифтихор менамояд, зеро онҳо аз ҷониби ойини муқаддаси Ислом муайян гардида ва дар зери пӯшиши баракоти Худованд қарор гирифтаанд.

Ривоят шудааст, ки *«вақте Расули Худо (с) ба Мадина омад, мардуми он ҷо ду рӯзи хушию бозӣ ва иду шодмонӣ доштанд. Пурсид:* ***Инҳо чӣ рӯзеанд?*** *Гуфтанд: Дар замони ҷоҳилият дар ин ду рӯз бозию хушӣ мекардем. Расули Худо (с) фармуд:* ***Худованд онҳоро барои шумо ба ду рӯзи беҳтаре – рӯзи (иди) Азҳо ва рӯзи (иди) Фитр – табдил намуд»***.[148]

Ид дар фарҳанги исломӣ аз ҷашнвораҳо ва идҳое, ки дар миёни миллатҳои дигар вуҷуд доранд, куллан фарқ мекунад. Иду ҷашнҳо дар фарҳангҳои ғайри исломӣ, умуман, маросими хушиҳои сирф моддӣ ва баҳрамандӣ аз барномаҳои ҳунарӣ ба шумор рафта, аксаран бо баргузории чорабиниҳои фароғатӣ ва як силсила тадорукоти фарҳангӣ (рақсу бозӣ) таҷлил мешаванд.

Вале ид дар мафҳуми исломӣ ҷашнвораи ибодатӣ-фарҳангӣ ва барномаи рушди маънавӣ ва такофули иҷтимоӣ буда, ба маънои изҳори сипос ва шукргузорӣ аз неъмати анҷоми фаризаи илоҳӣ, намоиши мазҳари ҳамбастагии динӣ ва таҳкими пайвандҳои имонӣ дар миёни қишрҳои ҷомеа аст. Ид таҷаллии робитаи банда бо Худо ва изҳори иноёти бепоёни Ӯ бар мӯъминон аст. Бинобар ин, он бо чорабиниҳои ибодатӣ – додани садақаи Фитр ва баргузории намоз дар рӯзи иди Фитр ва баргузории намози ид ва забҳи қурбонӣ дар рӯзи иди Қурбон – оғоз ва бо табрику шодбоши якдигар ва зиёрати хешону наздикон хотима меёбад.

Чӣ тавре мушоҳида мешавад, дини мубини Ислом дар рӯзҳои ид ҳам барномаҳои ибодатӣ-фарҳангӣ ва ҳам чорабиниҳои хурсандӣ ва моидаи неъматҳои моддии Худовандро бо тавозуни дақиқе барои мӯъминон пешбинӣ намудааст.

* * * *

---

[147] Муваттаи имом Молик, 826. – Ҷ. 2. – С. 953. Муснади имом Аҳмад, 21525. – Ҷ. 6. – С. 307. Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 574. – С. 149. Мустадраки Ҳоким, 7394. – Ҷ. 5. – С. 235. Ҳоким исноди онро саҳеҳ ва бар шарти Шайхайн гуфтааст.

[148] Сунани Абӯдовуд, 1134. Сунани Насоӣ, 1557.

Шахси рӯзадор пас аз хотимаи моҳи Рамазон бояд осори тарбиявӣ ва самароти неки онро дар бинои шахсият, раванди худсозӣ ва кору фаъолиятҳои рӯзмарраи худ мушоҳида намояд, таҳаввули мусбате дар роҳу рафтор ва мазоҳири зиндагӣ аз худ нишон диҳад ва ҳаётро бо ҷунбу ҷӯши дигар, бардоштҳои имонӣ ва нигоҳи тозае аз сар бигирад. Ин ҷост, ки бо рӯҳу маъно ва мақбули даргоҳи Ҳақ қарор гирифтани рӯзаи худро амалан дарк менамояд.

Пас эй бародари мусалмон ва хоҳари боимон, бикӯш, то ҳарчи бештар аз самароти нек ва баракоти маънавии ин моҳ баҳравар гардӣ ва онро бо олитарин натоиҷ ба поён расонӣ! Рӯза ҳам баракати умр аст ва ҳам тӯшаи охират!.

Рӯзае, ки дар қалби шахс пойгоҳи тақворо устувор гардонад, дар пешгоҳи Худованд арзиши бузурге дорад ва чунин рӯзадори ботақво ҳамеша мавриди таъйид, навозиш ва иноёти Худо мебошад. Қуръони карим дар ин бора мефармояд: **«Худо ҳатман, ҳамроҳи касоне мебошад, ки тақво намудаанд ва касоне, ки онҳо некӯкоранд».**[149]

Моҳи Рамазон мактабест, ки ба шахси рӯзадор покизагӣ, кароматӣ инсонӣ, дурустрафторӣ ва шаъну шарафро меомӯзад. Пас аз хотимаи моҳи Рамазон ҳар рӯзадоре бубинад, ки дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва муомилоти дунявии ӯ бо мардум чӣ дигаргуние ба вуҷуд омадааст ва онҳо то чӣ андоза дуруст, покиза ва дорои арзиши амалӣ гардидаанд!.

Мактабест, ки пояҳои авотифи нек, рӯҳи созандагӣ ва андешаи эъмори ҷомеаро дар қалби мардум таҳким мебахшад. Пас ҳар рӯзадоре дар поёни ин моҳ бубинад, ки ин хислатҳо то чӣ андоза дар ҷавҳари шахсияти ӯ решадор гардидаанд ва нигоҳи ӯ ба оянда ва талошҳои ӯ дар ин роҳ то чӣ андоза созанда ва пурбор гардидаанд!.

Мактабест, ки ба мусалмонон дарси ваҳдату ҳамбастагӣ ва ҳамдилиро меомӯзад. Пас аз поёни он ҳар рӯзадоре бубинад, ки то чӣ андоза барои таҳкими пояҳои ваҳдату якпорчагӣ ва эҷоди ҳамдилӣ дар байни уммати Ислом омода гардидааст ва дар ин роҳ чӣ корҳои амалиеро ба анҷом мерасонад!.

Мактабест, ки шахси рӯзадорро дар ҷодаи худсозӣ, расидан ба сафои қалб ва раҳмату дилсӯзӣ парвариш медиҳад. Пас ҳар рӯзадоре дар хотимаи ин моҳ бубинад, ки то чӣ андоза дорои шахсияти вораста ва нисбат ба қишрҳои гуногуни ҷомеа бо раҳму шафқат гаштааст!.

Мактабест, ки дар роҳи мубориза бо ҳавову ҳавасҳои нафс ва расидан ба қуллаҳои баланди инсонӣ ба шахси рӯзадор сабру пойдорӣ ва нерӯи тавонои рӯҳӣ мебахшад. Пас дар хотимаи он ҳар рӯзадоре бубинад, ки дар мубориза бар зидди роҳу рафтори ношоиста ва хислатҳои нописанди худ то чӣ андоза муваффақ гардидааст ва дар роҳи

[149] Сураи Наҳл, 16: 128.

ислоҳи норасоиҳои ахлоқӣ ва пешгирӣ аз таназзули маънавии ҷомеа чӣ корҳои ислоҳиеро анҷом медиҳад!.

Давраест, ки ҳаётро ба майдони ҷунбу ҷӯш ва пӯёӣ табдил медиҳад ва танбаливу хоболудии ҷисм ва афсурдагии рӯҳро дар одамони рӯзадор ба нашоту боландагӣ иваз менамояд, вале афсӯс, ки мусалмонон моҳи Рамазонро ба моҳи хобу танбалӣ, бекорӣ ва афсурдагӣ табдил намудаанд, моҳеро, ки дар он бояд амалан нармхӯӣ, хушрафторӣ ва хушгуфториро биомӯзанд, ба моҳи хомӯшӣ, туршрӯӣ ва дағалгароӣ табдил додаанд!.

Шахси рӯзадорро дигар на бо ахлоқи ҳамида, гуфтори ширин, сабру бурдборӣ, арҷ ниҳодан ба ҳуқуқҳои дигарон, кӯмаку дастгирии якдигар ва муносибатҳои олии инсонӣ бо қишрҳои гуногуни мардум, балки баъзан бо чашмони хоболуд, суханони дурушт, ҷангу хархаша, рӯи турш ва ғайра мешиносӣ. Вақте дар моҳи Рамазон ба чунин одамоне вомехӯрӣ, ба худ мегӯӣ: бест, ки вай рӯзадор аст!.

Расули акрам (с) дар ифодаи ин маъно, ки касе аз фазлу бузургӣ дар моҳи Рамазон маҳрум гардад, онро дар моҳҳои дигар дарнамеёбад ва касе дар моҳи Рамазон барои мағфирати гуноҳонаш амалан ҷидду ҷаҳд наварзад, воқеан ҳам, аз раҳмати Худо дур гаштааст, мефармояд: ***«Худо (аз раҳматаш) дур созад он касеро, ки моҳи Рамазонро дарёбад ва барояш магфират нашавад ва ҳамон тавр бимирад…»***.[150] Яъне вақте инсон дар моҳе, ки аз сӯи Худованд барои ҳамин мақсадҳои олии инсонӣ ва натиҷаҳои бузург муқаррар гардидааст, барои ба даст овардани онҳо кӯшиш накунад, пас маълум аст, ки онҳоро дар дигар вақтҳо ба даст оварда наметавонад.

Паёмбари акрам (с) дар бораи намоз низ мефармояд: ***«Касеро намозаш аз бебандуборӣ ва корҳои зишт боз надорад, ӯ бо он намозаш аз Худо дуртар мегардад»***.[151]

Хулоса, парвариши шахсияти солими инсонӣ ва ба вуҷуд овардани малакаи тақво ва худотарсӣ муҳимтарин ҳадафи фиристодани паёмбарон ва барномаи ваҳйи илоҳӣ мебошад ва мӯҳтавои барномаҳои ибодатӣ ва низоми худопарастӣ низ ба вуҷуди овардани пойгоҳи тақво дар ботини инсон ва ба сӯи камолоти маънавӣ ҳаракат додани ӯ мебошад.

Бинобар ин, ҳар шахси мусалмон бояд дар ҳадафҳои олии аҳкоми дини Ислом хуб биандешад ва кӯшиш намояд, ки аз тоату ибодати Парвардигор самароти нек ва натиҷаҳои дилхоҳе дар роҳи расидан ба тақвои илоҳӣ ва сохтани шахсияти хеш ба даст оварад!.

---

[150] Мӯъҷамулавсат, 8131. – Ҷ. 8. – С. 113.
[151] Мӯъҷамулкабир, 11025. – Ҷ. 11. – С. 46.

# Бахши сеюм

- ☪ **Одоб ва аҳкоми рӯза**
- ☪ **Муфсидоти рӯза**
- ☪ **Макрӯҳоти рӯза**
- ☪ **Масоили муосир дар боби рӯза**
- ☪ **Каффорати рӯза**
- ☪ **Қазои рӯза**
- ☪ **Садақаи Фитр**
- ☪ **Қурбонӣ**

**Худои таъоло дар ҳадиси қудсие мефармояд:**

***«Тамоми амали фарзанди одам барои худи ӯст, магар рӯза, ки он барои Ман аст ва Ман ба он подош медиҳам. Рӯза сипарест. Пас вақте касе аз шумо рӯзадор бошад, беҳудагӯӣ, бадрафторӣ ва сару садо накунад!. Агар касе ҳам ӯро дашном диҳад ва ё бо вай ба ҷанг бархезад, ба ӯ бигӯяд: Ман рӯзадор ҳастам!».***

(Саҳеҳи Бухорӣ, 1894, 1904, 5927;
Саҳеҳи Муслим, 2700 (1151)-163)

## НИЯТИ РӮЗА

Рӯза аз ҷумлаи муҳимтарин ибодатҳо аст ва бояд бо нияти анҷоми фармони Худованди мутаъол ба ҷо оварда шавад. Амалҳои банда, ба хусус ибодатҳо, бе ният дар назди Худо пазируфта намешаванд. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Амалҳо, бе ҳеҷ шакке, ба ниятҳо вобастаанд (ва бар тибқи онҳо пазируфта мешаванд) ...».***[152] Ният аслан ҳамон қасду ирода ва омодагии амалии инсон барои анҷоми кор мебошад, на ифодаи он бо забон.

Дар моҳи Рамазон нияти рӯзаи ҳар рӯзи он воҷиб аст, зеро ҳар рӯзи он ибодати мустақил ба шумор меравад ва ба таври умумӣ нияти рӯзаи як моҳ кифоя намекунад. Агар аз аввали моҳи Рамазон нияти рӯзаи тамоми моҳро намояд, хуб аст, вале он танҳо барои рӯзи аввал дуруст мегардад ва бояд барои рӯзҳои дигар аз нав ният намояд. Саҳарӣ хӯрдан дар моҳи Рамазон ният ба шумор меравад.

Шарт нест, ки нияти рӯзаро бо забон бигӯяд, балки ҳамин қадар қасд кунад, ки барои анҷоми дастури Худованди мутаъол аз дамидани субҳ то нишастани офтоб коре, ки рӯзаро фосид мекунад, анҷом намедиҳад, кофӣ аст.

Нияти рӯза ду шарти дигар низ дорад: а) шабона пеш аз дамидани субҳ баста шавад, б) навъи рӯза дар он муайян карда шавад. Ин ду шарт дар рӯзаи моҳи мубораки Рамазон, рӯзаи назри муайян ва рӯзаи нафл аз ҷумлаи шартҳои сиҳати рӯза דониста нашудаанд, балки шарти камол ба шумор мераванд. Пас ҳамон гуна ки шахс метавонад дар шаб барои фардои он нияти рӯза кунад, ҳамчунин пас аз дамидани субҳ то пеш аз завол (нисфирӯзӣ) агар чизе нахӯрда бошад, метавонад нияти рӯза намояд.

Ҳамчунин дар рӯзаи моҳи мубораки Рамазон, рӯзаи назри муайян ва рӯзаи нафл шарт нест, ки навъи он дар ният муайя сохта шавад, зеро он табиатан муайян мебошад.

Аммо дар рӯзаҳои қазо, назри мутлақ ва каффоратҳо ба ҷой овардани ҳар ду шарт ба вақти ният воҷиб мебошад, бинобар ин, бояд ҳар шаб барои фардои он ният намояд ва навъи рӯзаро дар нияташ муайян созад, масалан, дар рӯзаҳои қазо ният кунад:

«**Ман қазои фалон рӯзаро мегирам**».

Агар шахсе тамоми рӯз аз хӯрдану нӯшидан ва ҳамбистарӣ бозистад, лекин нияти рӯза надошта бошад, рӯзадор ба шумор намеравад. Зеро ният, ки шарти дуруст гардидани аъмол аст, дар ин ҳолат таҳаққуқ наёфтааст.

---

[152] Саҳеҳи Бухорӣ, 1, 54. Саҳеҳи Муслим, 4904 (1907)-156. Сунани Абӯдовуд, 2201. Сунани Тирмизӣ, 1647. Сунани Насоӣ, 75. Сунани Ибни Моҷа, 4227.

Фарз дон ҷумла рӯзаро ният,
То биёбӣ зи рӯза амният.[153]

Нияти рӯза гар адо набувад,
Дар қазо ҷуз ба шаб раво набувад.

Лек мар вақтиву навофилро,
То ба пеш аз завол ҳаст раво.

Ҳамчунин гар халал талаб накунӣ,
Нияти рӯза ҷуз ба шаб накунӣ!.

Давомнокии ният низ барои дуруст гардидани рӯза шарт аст, агар шабона нияти рӯза кунад ва пеш аз дамидани субҳ аз нияташ баргардад, руҷӯаш саҳеҳ аст ва рӯзадор ба шумор намеравад. Аммо агар рӯзона пас аз дамидани субҳ аз нияташ баргардад ва ё нияти ифтор намояд, нияти рӯзааш ботил намешавад ва то амалан онро бо хӯрдан, нӯшидан ва ё амали хилофи дигаре фосид насозад, рӯзааш ҳамчунон боқӣ ва дуруст аст. Ният то вақте ба амал напайваста бошад, имкони тағири он вуҷуд дорад, вале вақте ба амал пайваст, тағйири ният дар он зоҳиран таъсире надорад, зеро амалҳои ибодатӣ танҳо бо иқдоми амалӣ ботил мешаванд.

Касе назр намояд, ки агар фалон корам дуруст шавад, барои Худо ду рӯз рӯза мегирам, баъд аз он кораш анҷом гирифт ва дар моҳи Рамазон ба унвони вафои ба назр нияти рӯзаи назрӣ намуд, рӯзаи Рамазон адо меёбад, на он чи ният кардааст.

## Моҳи муборакиРамазон чӣ гуна собит мешавад?

Расули Худо (с) мефармояд: ***«Бо дидани моҳи нави Рамазон рӯза бигиред ва бо дидани моҳи нави шаввол ифтор намоед (яъне моҳи Рамазонро ба поён расонед), вале агар он (ба сабаби абрнок будани осмон) бар шумо пӯшида монд, моҳи шаъбонро сӣ (30) рӯз пурра созед»***.[154]

Фаро расидани моҳи муборакиРамазон бар асоси ҳадиси боло ва дигар фармоишоти Расули акрам (с) дар ин бора бо яке аз ду роҳ муайян мегардад:

[153] Амният ба маънои оромӣ, амонӣ ва бехавфӣ аст. Ният барои тамоми навъҳои рӯза – фарзӣ, нафлӣ ва ғ. фарз аст ва ҳеҷ ибодате бе ният дуруст намешавад. Пас шахси рӯзагир бояд рӯзаашро бо ният ба ҷой оварад, то аҷру савоб ва он амният – осоишу растагориеро, ки аз ин ибодат барояш ваъда шудааст, ба даст оварад. Дар баъзе нусхаҳои чопӣ ба ҷои амният умни(й)ят (бо замми «ҳамза» ва ташдиди «йо») омадааст, ки он ба маънои орзу ва хоста аст.

[154] Саҳеҳи Бухорӣ, 1900, 1906, 1907. Саҳеҳи Муслим, 2495 (1080)-3, 2501 (1080)-8. Дар Саҳеҳи Муслим илова бар инҳо боз чанд ҳадиси дигаре дар ин бора омадааст.

1. Дидани ҳилоли моҳи Рамазон.
2. Комил намудани сӣ рӯзи моҳи шаъбон.

Яъне агар ҳилоли моҳи Рамазон рӯзи 29-уми моҳи шаъбон рӯзона ва ё шаб дида шавад, фардои он рӯз моҳи Рамазон шурӯъ мешавад. Вале агар ҳаво абрнок бошад ва ба ҳеҷ сурат моҳи нав дида нашавад, моҳи шаъбонро 30 рӯз пурра месозанд ва пас аз он моҳи Рамазонро оғоз менамоянд. Роҳи якуми муайян намудани оғози моҳи Рамазон дар ояти 185-уми сураи Бақара низ омадааст:

...فَمَن شَهِدَ مِنكُمُ ٱلشَّهۡرَ فَلۡيَصُمۡهُۖ ...

**«Пас ҳар касе (ҳилоли) моҳи Рамазонро бубинад, рӯзаи онро бидорад».**

Бо дидани ҳилол (моҳи нав)-и моҳи мубораки Рамазон рӯза шурӯъ ва бо дидани ҳилоли моҳи шаввол ба поён мерасад. Аз ин рӯ, лозим аст, ки мардум ҳангоми ғуруби рӯзи бисту нӯҳуми моҳи шаъбон дар талаб ва ҷустуҷӯи моҳи нав бароянд. Ҷустуҷӯи моҳи нав дар шаби сиюми моҳи шаъбон бар мусалмонон воҷиби кифоӣ мебошад.

Агар осмон абрнок буда, имкони дидани моҳи нав вуҷуд надошта бошад, сӣ рӯз аз моҳи шаъбонро пурра намуда, пас аз он рӯза бигиранд. Дар чунин ҳолат рӯза гирифтани рӯзи сиюми моҳи шаъбон, ки ба рӯзи шак маъруф аст, макрӯҳ мебошад.

Ҳар гоҳ осмон абрнок буда, имкони дидани моҳи нав (ҳилол) вуҷуд надошта бошад ва як нафар мусалмони одил (озод ё барда, мард ва ё зан) гувоҳӣ дод, ки дар рӯзи бисту нӯҳуми шаъбон моҳи наврo дидааст, шаҳодати ӯ пазируфта мешавад. Аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки: ***«Аъробӣ (саҳронишин)-е ба назди Паёмбар (с) омад ва гуфт: Ман ҳилол (-и моҳи Рамазон)-ро дидам. Паёмбар (с) аз вай пурсид: Оё ба ягонагии Худованд шаҳодат медиҳӣ? Гуфт: Оре. Боз пурсид: Оё ба ин ки Муҳаммад фиристодаи Худост, шаҳодат медиҳӣ? Гуфт: Оре. Он гоҳ Паёмбар (с) ба Билол дастур дод: Дар миёни мардум нидо кун, ки фардо рӯза доранд»***.[155]

---

[155] Сунани Абӯдовуд, 2340, 2341. Сунани Тирмизӣ, 691. Сунани Насоӣ, 2112, 2113, 2114. Сунани Ибни Моҷа, 1652.

Ҳадисро Тирмизӣ ба ривояти Симок мухталафун фиҳ (заъиф), Насоӣ мурсал ва Ибни Хузайма ва Ибни Ҳиббон ҳадиси саҳеҳ гуфтаанд. Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) низ дар бораи ҷоиз будани шаҳодати як нафар барои рӯъяти ҳилоли Рамазон ривоят шудааст. Тирмизӣ пас аз зикри ихтилофе, ки дар бораи ҳадиси Ибни Аббос (р) вуҷуд дорад, мефармояд: «Дар назди аксари аҳли илм бо ҳамин ҳадис амал мешавад. Ибни Муборак (Абдуллоҳ), Шофеъӣ, Аҳмад (ибни Ҳанбал) ва аҳли Куфа (ҳанафиҳо) ба қабули шаҳодати як нафар дар гирифтани рӯза (дар сурати абрнок будани ҳаво) қоил мебошанд. (Тӯҳфаи Аҳвазӣ. – Ҷ. 3. – С. 424, 425).

Агар осмон соф бошад, гувоҳии як ё ду нафар дар мавриди дидани моҳи нави моҳи муборaки Рамазон пазируфта намешавад, балки дар ин ҳолат бояд шумораи шоҳидҳо ба ҳадде бошад, ки бо хабари онҳо илми яқинӣ (аниқи кор) дар бораи дидани моҳи нав ҳосил шавад.

Ва аммо дар мавриди субути моҳи нави иди Фитр ҳангоми абрнок будани осмон, шаҳодати як нафар мусалмони одил кофӣ дониста нашуда, балки шаҳодати ду марди мусалмони одил ва ё як марди мусалмони одил ҳамроҳ бо ду зани мусалмони одил мавриди қабул аст ва ҳангоми соф будани осмон бояд шумораи шоҳидҳо ба ҳадде бошад, ки бо хабари онҳо илми яқинӣ дар бораи дидани моҳи нав ҳосил шавад.

Сухани мунаҷҷимон (астрологҳо) ва ҳисоби уламои фалак (астрономҳо) дар дидани моҳи нав шаръан эътиборе надорад ва бо он ҳукми рӯъяти моҳ собит намешавад ва он бояд танҳо ба тариқи дидан собит шавад. Вале истифода аз дурбин, расадхонаҳо ва дигар васоили илми муосир дар мушоҳидаи он боке надорад ва вақте моҳи нав бо ин васоил дида шавад, дар сурате шартҳои шаръан зарурӣ дар шахси бинанда таҳаққуқ ёфта бошанд, рӯъят эътибори шаръӣ пайдо мекунад. Ба ин маъно, ки шахси бинандаи ҳилол бо дурбин ва ё аз тариқи расад мусалмони оқил ва одил бошад.

Шоёни зикр аст, ки ҳисоби астрономӣ ва пешбиниҳои мунаҷҷимон аз рӯъяте, ки дар таълимоти исломӣ мавриди эътибор аст, фарқ дорад. Дар ҳисоби астрономӣ ибтидои моҳ аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани ҳилол ва ҷудо гаштани он аз хатти буриши офтоб сар мешавад ва ибтидои рӯзи якуми моҳ аксаран пеш аз завол шурӯъ мегардад, дар ҳоле ки аз назари шаръ аз шаб сар мешавад ва вақте моҳи нав аз бегоҳ ва ё шаб дида шавад, фардои он аввали моҳ ба шумор меравад. Дидани он пеш аз завол эътиборе надорад ва бо он чизе собит намешавад.

## Тафовути матлаъҳо

Аз назари ҷумҳури аҳли илм, аз ҷумла имом Абӯҳанифа (рҳ), имом Молик (рҳ) ва имом Аҳмад (рҳ) вақте ҳилоли моҳи Рамазон дар сарзамине дида шуд, рӯза бар тамоми мусалмонон дар сар то сари олам воҷиб мегардад, зеро рӯи хитоб дар фармоиши Расули акрам (с): ***«Бо дидани моҳи нав (дар ибтидои моҳи Рамазон) рӯза бидоред ва бо дидани он (дар аввали моҳи шаввол) ифтор намоед»*** ба сӯи тамоми мусалмонон аст. Тафовуте, ки дар матлаъ (моҳтоббаро)-и як сарзамин бо тулӯъгоҳи сарзамин ва минтақаи дигар вуҷуд дорад, дар ин ҳукм таъсире надорад. Зеро бо тафовути чандсоатае, ки дар миёни матлаъҳо вуҷуд дорад, дар қурси моҳ ва гузариши шабу рӯз таъсири ҷиддие ба вуҷуд намеояд.[156]

---

[156] Дар «Раддул муҳтор» мефармояд: Ин зоҳири ривоят (дар мазҳаб) ва (қавли) мӯътамад дар назди мо, моликиҳо ва ҳанбалиҳо аст. (Раддул муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 325).

Назари дигаре дар ин маврид низ вуҷуд дорад, ки он аз дидгоҳи фиқҳии имом Шофеъӣ (рҳ) ва мувофиқонаш иборат аст ва дар он тафовути матлаъҳо ба эътибор гирифта шудааст. Аз назари инҳо вақте ҳилоли моҳи Рамазон дар сарзамине дида шуд, рӯза танҳо бар аҳли он сарзамин ва мардуми сокини манотиқи ҳамҷавори он воҷиб мегардад.[157] Зеро аз Курайб ривоят шудааст, ки Уммулфазл бинти Ҳорис ӯро ба назди Муъовия дар Шом фиристод. Вай мегӯяд: ***«Ба Шом рафтам ва кори ӯро анҷом додам. Пас моҳи Рамазон бар ман дар Шом фаро расид ва ҳилол (-и моҳи Рамазонро) дар шаби ҷумъа дидам, пас аз он дар охири моҳ ба Мадина баргаштам. Абдуллоҳ ибни Аббос (р) аз ман пурсид: Моҳи навро кай дидед? Гуфтам: Шаби ҷумъа онро дидем. Гуфт: Ту онро дидӣ? Гуфтам: Оре, ва мардум ҳам онро диданд ва рӯза доштанд ва Муъовия (ҳам) рӯза дошт. (Ибни Аббос) гуфт: Лекин мо онро шаби шанбе дидем ва ҳанӯз рӯза медорем то он ки сӣ рӯзро комил гардонем ва ё боз моҳи навро бибинем. Гуфтам: Оё бо дидани Муъовия иктифо намекунӣ? Гуфт: Не, Расули Худо (с) ба мо ҳамин тавр амр кардааст»***.[158]

Ҳарчанд аз назари ҷумҳури аҳли илм тамоми матлаъҳо дар субути ҳилоли моҳи Рамазон як матлаи умумӣ ба шумор раванд ҳам, дидгоҳи дуюм низ хеле қавӣ ва бар асоси далели шаръӣ бино ёфтааст. Бинобар ин, ҳайати кибори уламои мамлакати Саудӣ ҳеҷ кадоми онҳоро бар якдигар тарҷеҳ надода, барои ҳар кишвари исломӣ ва сарзаминҳои ҳамҷавори он ҳаққи интихоби яке аз ду назари фиқҳиро қоил шудааст, яъне уламои ҳар кишвар метавонанд бо яке аз ду дидгоҳи фиқҳӣ дар бораи матлаъҳо, ки ба шароити иҷтимоӣ ва ҷуғрофиёии хоси худашон муносибтар бошад, амал намоянд.[159]

Назари ҷумҳур дар ин маврид беҳтар ба назар мерасад, зеро ваҳдати дар матлаъҳо, ки ваҳдати дар рӯза ва дар идро ба вуҷуд меоварад, сабаби ваҳдат ва ҳамбастагии мусалмонон мегардад. Бинобар ин, Маҷлиси Маҷмаи фиқҳи исломӣ дар нишасти сеюми худ дар шаҳри Аммон – пойтахти кишвари Урдун, ки дар таърихи 8-13 моҳи сафари соли 1407 ҳ. мутобиқ ба 11-16 октябри соли 1986 м. баргузор гардид, пас аз баррасии ду масъала дар қазияи якпорчасозии оғози моҳҳои қамарӣ: а) ҳаҷми таъсири ихтилофи матлаъҳо дар ваҳдати оғози моҳҳо ва б) ҳукми исботи аввали моҳҳои қамарӣ ба василаи ҳисоби астрономӣ қарори зеринро ба тасвиб расонд:

---

[157] Ин назарро аз ҳанафиҳо имом Зайлаӣ ва соҳиби «Файз» мавриди эътимод қарор додаанд. (Раддул муҳтор, ҳамон ҷо).

[158] Саҳеҳи Муслим, 2523 (1087)-28. Сунани Абӯдовуд, 2332. Сунани Тирмизӣ, 693. Сунани Насоӣ, 2110.

[159] Алӣ ибни Нойифи Шуҳуд, Мавсӯаи Аддин аннасиҳа, Фатовои Рамазон ва мушкилоти рӯза ва қиёми шаб. – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

Якум, вақте рӯъяти моҳ дар кишваре собит гардид, бар ҳамаи мусалмонон воҷиб аст, ки ба он амал намоянд. Тафовути матлаъҳо эътиборе надорад. Зеро рӯи хитоб дар амри ба рӯза ва ифтор бо дидани моҳ ба сӯи умуми мусалмонон аст.

Дуюм, он бояд танҳо ба тариқи рӯъят собит шавад, вале ба хотири риояи аҳодиси набавӣ ва ҳақоиқи илмӣ аз ҳисобӣ астрономӣ ва расадҳо дар дидани он кӯмак гирифта шавад.[160]

Вале чун масъала аз ҷумлаи масоили ихтилофӣ аст, пас аҳли ҳар сарзамине метавонад ба яке аз онҳо амал намояд ва касе ҳам шаръан ҳаққи сарзаниши онҳоро надорад.

Дидгоҳи дигаре низ дар ин масъала вуҷуд дорад, ки қоил ба ин мавқеъ аст: Агар матлаъҳои сарзаминҳои гуногун ва минтақаҳои ҳамҷавор дар тӯлу арзи ҷуғрофиёии худ ба ҳам наздик бошанд, пас матлаи яке аз онҳо матлаи дигарон низ ба шумор меравад, вале агар дар миёни онҳо тафовуте ба андозаи фосилаи байни қитъаи Осиё ва Америко вуҷуд дошта бошад, пас метавон матлаъҳои онҳоро гуногун эътибор кард. Зеро фосилаи замоние, ки матлаи ин ду минтақаро аз ҳам ҷудо месозад, ҳудуди дувоздаҳ соат, яъне ним шабонарӯзро ташкил медиҳад. Аммо ин дидгоҳ ба эродҳои илмие рӯ ба рӯ шуда, ҳанӯз аз мавқеи фиқҳии муносибе бархӯрдор нагаштааст.

## Баёни баъзе масоили ҳилоли Рамазон

1. Шахсе рӯзи бисту нӯҳуми моҳи шаъбон худаш танҳо моҳи нави Рамазонро бинад, бар худи он шахс лозим аст, ки рӯза бигирад, на бар дигарон. Вақте сӣ рӯз тамом шуд ва ҳилоли моҳи нави шаввол барои ид дида нашуд, рӯзи сиву якумро низ бояд рӯза бигирад ва бо дигарон якҷоя ид намояд.

2. Агар шахсе ҳилоли идро дид, дар сурате ки дигар ҳеҷ кас онро надида бошад, диданаш эътиборе надорад, бояд рӯза бигирад. Албатта, ин ду ҳолат ба соф будани осмон иртибот доранд.

3. Агар дар натиҷаи абрнок будани осмон дар таърихи бисту нӯҳ (29)-уми шаъбон моҳи нав дида нашуд, рӯзона то пеш аз завол чизе нахӯранд ва нанӯшанд, агар хабари дида шудани моҳ расид, нияти рӯза кунанд ва агар на, бихӯранд.

4. Агар дар таърихи 29-уми шаъбон ҳилоли моҳи Рамазон дида нашуд, касе чунин фикр накунад: Ҳоло, ки моҳ дида нашудааст, рӯзаи қазоӣ ё назрӣ мегирам, зеро дар ин рӯз рӯзаи қазоӣ ва назрӣ ҳам макрӯҳ аст. Бо вуҷуди ин, агар нияти рӯзаи қазоӣ ё назриро кард, баъд аз

[160] Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ, қарори № 18 (3/6). – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

манбаъҳои мӯътабар хабари дидани моҳ расид, рӯзааш рӯзаи моҳи Рамазон ба шумор меравад. Қазоӣ ва назрро дар вақти дигар бигирад.

5. Агар дар ягон шаҳре ё сарзамине моҳ дида шуд, барои тамоми шаҳрҳо дидани моҳ собит мегардад, ҳарчанд миёни ин шаҳр ва бақияи шаҳрҳо фосилаҳо дурӣ бошад.

6. Агар дидани моҳи нав дар аввали Рамазон бо шаҳодати ду нафар мусалмони дорои шароит собит шуд ва ба ҳамон ҳисоб сӣ рӯз рӯза гирифтанд, аммо дар охир барои ид моҳи нав дида нашуд, хоҳ осмон соф бошад, ё не, дар рӯзи сиву якум ифтор кунанд ва он рӯз рӯзи аввали шаввол дониста мешавад.

7. Агар дар рӯзи сиюм моҳи нав дида шуд, моҳ аз шаби оянда ҳисоб мешавад, хоҳ пеш аз завол (нисфирӯзӣ) бошад ё баъд аз завол.

8. Касе, ки пойбанди меъёрҳо ва арзишҳои динӣ нест ва ба сурати ошкоро дар малаи ом ба гуноҳу бебандубориҳо роҳ медиҳад, масалан, намоз намехонад, рӯза намегирад, дурӯғ мегӯяд ва ғайра сухани ӯро ҳеҷ эътиборе нест, ҳатто савганд ҳам ёд намояд ва чанд нафар ҳам бошанд, зеро ин қабил мардум бинобар меъёрҳои ахлоқӣ ва стандартҳои арзёбии инсонияти шахс аз назари шариати Ислом адл дониста намешаванд ва поёнтар аз мақоми шоистагӣ ба пазируфта шудани гувоҳиашон дониста шудаанд.

## Шартҳои воҷиб гардидани рӯза

Дини Ислом тамоми ҳолатҳои гуногуни инсонро, аз қабили тандурустиву беморӣ, марҳалаҳои синну солӣ, пириву ҷавонӣ, қудрату тавоноӣ ва аҷзу нотавонӣ ва ғайра дар вақти анҷоми ибодатҳо дар назар гирифтааст ва онҳоро бар ҳама ба таври яксон воҷиб нагардонидааст, балки бар асоси таълимоти Ислом анҷоми тамоми ибодатҳо пас аз фароҳам гардидани маҷмӯаи шартҳое, ки аз ҷониби шариат пешбинӣ шудаанд, бар банда воҷиб мегардад ва рӯзаи моҳи Рамазон низ вақте бар банда воҷиб мегардад, ки шартҳои зерин дар вай фароҳам омада бошанд. ин шартҳо бар се қисманд:

**а) Шартҳои воҷиб гардидани рӯза:**

1. Ислом.
2. Булуғ (ба синни балоғат расидан).
3. Ақл.

**б) Шартҳои вуҷуби адо:**

4. Қудрати рӯза гирифтан.
5. Иқомат (муқим будан).

6. Сиҳҳат (тандурустӣ).
7. Покӣ аз ҳайзу нифос барои занон.

**в) Шартҳои сиҳҳати рӯза:**

8. Ният.
9. Дурӣ аз муфсидоти рӯза.

Се шарти аввал шартҳои воҷиб гардидани рӯза, чаҳор шарти баъдӣ шартҳои вуҷуби адои рӯза ва ду шарти ахир шартҳои дуруст гардидани он мебошанд.

Бинобар ин, гирифтани рӯзаи моҳи Рамазон бар кофирон, кӯдакони ба балоғат норасида, одамони аз ақл бегона, беморони дармонда, пирони бемадор, шахсони мусофир ва занони дар ҳоли ҳайзу нифос воҷиб намебошад. Ҳамчунин, касе нияти рӯза накарда бошад, рӯз то бегоҳ гурусна бинишинад ҳам, он рӯза ба шумор намеравад. Зеро дар баъзеи онҳо шартҳои вуҷуб ва дар баъзе дигар шартҳои сиҳҳати рӯза таҳаққуқ наёфтааст.

## Навъҳои рӯза

Гирифтани рӯза аз назари ҳукмӣ ба навъҳои зерин тақсим мешавад:

| Фарз | Воҷиб | Нафл |
|---|---|---|
| **а)** дар вақти муайян: Рӯзаи моҳи Рамазон, **б)** вақташ номуайян: қазои рӯзаи фавтшудаи моҳи Рамазон, рӯзаи назри мутлақ ва каффоратҳо | Қазои рӯзаи фосидшудаи нафлӣ ва рӯзаи эътикофи назрӣ | Рӯзаи рӯзҳои душанбе ва панҷшанбеи ҳар ҳафта, шаш рӯзи моҳи шаввол, се рӯзи миёнаи ҳар моҳ, рӯзаи рӯзи Арафа барои ғайри ҳоҷӣ, рӯзаи даҳ рӯзи аввали моҳи зулҳиҷҷа, рӯзаи моҳҳои ҳаром (муқаддас: зулқаъда, зулҳиҷҷа, муҳаррам ва раҷаб) ва дигар рӯзаҳои мутлақи нафлӣ |
| **Ҳаром** | | **Макрӯҳ** |
| Рӯзаи ду рӯзи ид – иди Фитр ва иди Қурбон, рӯзаи рӯзҳои ташриқ, яъне се рӯзи баъди иди Қурбон, рӯзаи занон дар ҳолати ҳайз ва нифос. Рӯза доштан дар ин рӯзҳо гуноҳ аст ва агар касе дар ин рӯзҳо рӯза дорад ва онро фосид намояд, қазое бар вай воҷиб намегардад | | Рӯзаи рӯзи Арафа ба рои ҳоҷӣ, рӯзаи рӯзи шак, рӯзаи висол, рӯзаи даҳр (тамоми умр), рӯзаи рӯзҳои ҷумъа ва ё шанбе ба танҳоӣ, рӯзаи шахси мусофир вақте ҳамроҳ бо машаққат бошад, рӯзаи нафлӣ барои зане, ки шавҳараш ҳамроҳаш аст |

## Рӯза доштан дар ин рӯзҳо карохият дорад ва ё манъ аст

Рӯзаи рӯзи шак ба нияти вуҷуб (Рамазон) ҳаром (макрӯҳи таҳримӣ) ва ба нияти татаввӯъ макрӯҳ аст. Рӯзи шак он аст, ки эҳтимоли шаъбон ва Рамазон ҳардуро дорад – ҳанӯз ба поён расидани моҳи шаъбон ва даромадани моҳи Рамазон ба таври аниқ муайян нагаштааст. Аммор ибни Ёсир (р) мефармояд: *«Касе рӯзи шак рӯза гирад, воқеан ҳам, Абӯлқосим Муҳаммад (с)-ро нофармонӣ кардааст»*.[161]

Аз Абӯҳурайра (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Рамазонро бо доштани як ё ду рӯз рӯза пешдастӣ нанамоед, магар касе, ки қаблан рӯзадор бошад, пас вай метавонад он рӯзро рӯза бигирад»***.[162]

Бар ҳамин асос рӯза доштани рӯзи шак барои одамоне, ки қаблан рӯзадор бошанд, мамнӯияте надорад, вале барои ғайри онҳо макрӯҳ мебошад. Бо ин ҳол вақте ният кунад, ки агар Рамазон бошад, рӯзаи фарз дорам ва илло рӯзаи нафл ва зоҳир шавад, ки он рӯз аз Рамазон буда, аз Рамазон ба шумор ояд.

Ҳамчунин рӯза доштани рӯзҳои иди Рамазон ва Қурбон ва рӯзҳои ташриқ манъ аст. Ривоят шудааст, ки Расули Худо (с): ***«Аз рӯза доштани рӯзҳои иди Рамазон ва Қурбон наҳй намуд»***.[163] Расули Худо (с) дар бораи рӯзҳои ташриқ, яъне се рӯзи дигари иди қурбон мефармояд: ***«Айёми ташриқ рӯзҳои хӯрдану нӯшидан ва зикри Худои таъоло мебошанд»***.[164]

Паёмбар (с) ҳамчунин аз рӯзаи висол наҳй намудааст. Рӯзаи висол он аст, ки шахсе бе ифтор ва саҳарихӯрӣ чанд рӯз пайваста рӯза бигирад. Паёмбар (с) худаш рӯзаи висол мегирифт ва баъзе саҳобагон бо пайравӣ аз он Ҳазрат (с) рӯзаи висол гирифтанд. Он Ҳазрат (с) онҳоро манъ кард ва фармуд: ***«Рӯзаи висол нагиред. Гуфтанд: Ту (худат) рӯзаи висол мегирӣ!? Гуфт: Ман мисли шумо нестам, балки ба ман таом ва шароб дода мешавад*** ва дар ривояте омадааст: ***Маро Парвардигорам мехӯронад ва менӯшонад»***.[165]

Дар ривояти Абӯсаъид (р) омадааст: ***«… Агар касе аз шумо рӯзаи висол доштан бихоҳад, пас то саҳар висол намояд»***.[166] Пас маълум мешавад, ки агар касе бихоҳад, метавонад то саҳар рӯзаи висол бигирад,

---

[161] Сунани Абӯдовуд, 2334. Сунани Тирмизӣ, 686. Сунани Насоӣ, 2187. Сунани Ибни Моҷа, 1645. Бухорӣ онро дар Саҳеҳи худ дар муқаддима (таълиқ)-и ҳадиси 1906 овардааст.

[162] Саҳеҳи Бухорӣ, 1914. Саҳеҳи Муслим, 2515 (1082)-21 . Сунани Абӯдовуд, 2335. Сунани Тирмизӣ, 685.

[163] Муттафақун алайҳ аст. Саҳеҳи Бухорӣ, 1991. Саҳеҳи Муслим, 2669 (827)-140.

[164] Саҳеҳи Муслим, (1141)-144. Муснади имом Аҳмад, 20741. – Ҷ. 5. – С. 75.

[165] Саҳеҳи Бухорӣ, 1922, 1961, 1962, 1964, 1965, 1967. Ин ҳадис аз Анас (р), Абдуллоҳ ибни Умар (р) ва Оиша (р) ривоят шудааст.

[166] Саҳеҳи Бухорӣ, 1963, 1967.

яъне бегоҳ ифтор накунад ва рӯзаашро то замони саҳарихӯрӣ идома диҳад. Вале рӯзаи висол ба таври мутлақ мамнӯъ мебошад. Дар ривояти Абӯҳурайра (р) омадааст: ***«… Амалҳоро ба андозаи қуввват ва тавоноии худ анҷом диҳед».***[167] Пас маълум мегардад, ки рӯзаи висол аз тобу тавони шахс берун мебошад.

Ихтисос додани рӯзи ҷумъа ва ё шанбе ба рӯза кароҳият дорад, вале агар онҳо якҷоя гирифта шаванд ва ё рӯзи панҷшанбе бо ҷумъа гирифта шавад, боке надорад. Аз Абӯҳурайра (р) ривоят шуда, ки Паёмбар (с) фармуд: ***«Шаби ҷумъаро аз байни шабҳо ба қиём (-и шаб) ихтисос надиҳед ва рӯзашро аз байни рӯзҳо ба рӯза ихтисос надиҳед, магар он ки он ба рӯзе мувофиқ ояд, ки касе аз шумо онро (қаблан) рӯза медошт».***[168] Боз мефармояд: Паёмбар (с)-ро шунидам, ки фармуд: ***«Касе аз шумо рӯзи ҷумъаро ба танҳоӣ рӯза надорад, магар ҳамроҳ бо рӯзи қабл ва ё баъди он».***[169]

## Муфсидоти рӯза

Ҳамон тавре ки гуфтем, рӯзадор бояд аз дамидани субҳи содиқ то ғуруби офтоб аз баъзе корҳо худдорӣ намояд ва агар яке аз онҳоро анҷом диҳад, рӯзааш фосид мешавад. Маҷмӯаи ин корҳоро муфсидоти рӯза меноманд.

Баъзе «муфсидоти рӯза» чунон ҳастанд, ки бо содир кардани онҳо бояд ҳам қазои онро ба ҷо оварад ва ҳам каффорат бар ӯ воҷиб мегардад ва онҳо иборатанд аз:

1. Ҷимоъ (алоқаи ҷинсӣ) кардан.

2. Қасдан хӯрдан ё ошомидан.

Қуръони карим танҳо ҳамин се корро муфсиди рӯза донista, шахси рӯзадорро аз анҷоми онҳо рӯзона дар моҳи Рамазон наҳй намудаст, он ҷо ки мефармояд:

**«… Акнун ба онҳо (дар шабҳои моҳи Рамазон) наздикӣ ва муошрати ҷинсӣ намоед ва аз ин кор ҳамон чизеро биҷӯед, ки Худо бароятон навиштааст ва то замоне бихӯред ва бинӯшед, ки риштаи сафеди субҳ бароятон аз риштаи сиёҳ (-и шаб) маълум гардад, он гоҳ рӯзаро то шаб ба итмом расонед».**[170]

Бинобар ин, касе яке аз се кореро, ки дар оят зикр гардида ва муфсиди рӯза донista шудаанд, рӯзона дар моҳи Рамазон анҷом диҳад, рӯзааш фосид мегардад ва бар вай ҳам қазо ва ҳам каффорат воҷиб мешавад.

---

[167] Саҳеҳи Бухорӣ, 1966.

[168] Саҳеҳи Муслим, 2679 (1144)-148.

[169] Саҳеҳи Бухорӣ, 1985. Саҳеҳи Муслим, 2678 (1144)-147.

[170] Бахше аз ояти 187-уми сураи Бақара.

Вар ба қасд аст хӯрдану корат,
Лозим ояд қазову каффорат.

Дар дигар мавридҳои «муфсидоти рӯза» танҳо қазои он бар шахс воҷиб мегардад ва каффорате надорад. Ин муфсидоти рӯза иборатанд аз:

**1.** Бо бӯса задан ва ё ламс кардан (молидан) инзол (бароmадани манӣ) шавад.

**2.** Сангреза ё оҳан ё чизҳое, ки маъмулан хӯрда намешаванд ва ё донаи меваеро бибалъад, яъне фурӯ барад.

Гар хӯрӣ ончӣ з-ӯ ғизо набувад,
Бар ту лозим ба ҷуз қазо набувад.
Ҳамчу сангу кулуху оҳану рӯй,
Набувад зин қабил гили саршӯй.[171]

**3.** Дар ғайри фарҷ ба тариқи тафхиз, табтин ва ғайра ҷимоъ кунад ва инзол шавад.

**4.** Ба бинӣ ва ё гӯши худ даво бичаконад.

**5.** Давое ба димоғаш бирасад.

**6.** Ба гумони ин, ки субҳ ҳанӯз надамидааст, саҳарихӯрӣ намояд ва баъд маълум шавад, ки гумонаш дуруст набудааст.

**7.** Ба гумони ин, ки офтоб ғуруб кардааст, ифтор намояд ва баъд ошкор гардад, ки гумонаш хато будааст. Аз Асмо духтари Абӯбакр (р) ривоят шудааст, ки: *«Дар замони Паёмбар (с) (дар моҳи Рамазон) дар рӯзи абрие ифтор кардем, ки ногоҳ офтоб баромад. Аз Ҳишом, ровии ҳадис пурсида шуд, ки: Оё ба қазои он рӯз амр шуданд? Гуфт: (Ҳатман), қазо зарурӣ аст»*.[172]

**8.** Ғуборе ва ё ҳашаротеро қасдан ба ҳалқаш фурӯ барад.

**9.** Бо даҳони пур қай намояд.

**10.** Иҷборан бихӯрад ва ё биёшомад, яъне ба таври маҷбурӣ хӯронида шавад.

**11.** Бо даст ва ё чизе истимно кунад.

**12.** Кандан ва ё дору кардани дандон дар рӯзҳои моҳи Рамазон дар зарурат ҷоиз мебошад, вале бе зарурат кароҳият дорад. Доруе, ки барои кандан ва ё таскини дард ба дандон мекунад ва ҳамчунин хуне, ки бо кандани дандон берун меояд, вақте бо оби даҳон баробар бошад ва ё аз оби даҳон бештар буда, бар он ғолиб бошад, агар ба ҳалқаш фурӯ равад ва ба шикамаш бирасад, рӯзаашро фосид мегардонад.

---

[171] Гили саршӯй навъе гили сафед аст, ки аз гурӯҳи гилҳои каолинӣ буда, қобилияти зиёди чабандагӣ ва чарбизудоӣ дорад. Дар гузашта онро дар гармобаҳо ба сурати гилпора ва ё маҳлул намуда, барои шустушӯи сару бадан ба кор мебурданд. Ба он гили хушбӯй ва гили ҳаммом низ гӯянд. Ҳарчанд он маводи ғизоӣ ба шумор намеравад, вале аз тановули он навъе боландагӣ ва тағзия ҳосил мешавад ва бо фурӯ бурдани он дар вақти рӯза қазо ва каффорат ҳар ду лозим меояд.

[172] Саҳеҳи Бухорӣ, 1959. Сунани Абӯдовуд, 2359.

Ҳамчунин, агар баробарӣ ва ё ғалабаи онро нафаҳмад, вале маззаашро ҳис намояд, бо фурӯ рафтани он ба ҳалқаш рӯзааш фосид мегардад ва бар вай қазои он рӯз воҷиб мебошад. Худи он рӯз низ бояд аз хӯрдану нӯшидан ва дигар мамнӯоти рӯза худдорӣ намояд.

Дар ғайри ҳолатҳои номбурда барои рӯза ҳеҷ боке надорад. Дар ҳолатҳои боло низ агар доруоба ва хунобаи ба ҳалқаш фурӯ рафта ба андозае кам бошад, ки ба эҳтимоли зиёд ба шикамаш намерасад, рӯзааш зараре намебинад. Ё шахси рӯзадор дар ҳолате қарор дошта бошад, ки аз фурӯ рафтани он ба ҳалқаш пешгирӣ карда натавонад, ин ҳукми он қайеро дорад, ки худ ба худ ва бе ихтиёри шахси рӯзадор ба ҳалқаш рафтааст.

**13.** Гузоштани дору ва молидани марҳам (маз) бар захме, ки ба димоғ (мағзи сар) ва ё ба меъда расида бошад, рӯзаро мешиканад. Захмҳое, ки дар сар ба мағзи сар расида бошанд, онҳоро дар истилоҳи фақеҳон омма ва захмҳое, ки дар шикам ба меъда расида бошанд, ҷоифа мегӯянд.[173] Вале захмҳое, ки дар сар ва шикам набошанд ва ё агар бошанд ҳам, чунин амиқ (ҷуқур) набошанд, бо гузоштани дору ва табобат кардани онҳо рӯза намешиканад.

Ҳамчунин гузаронидани баъзе амалиётҳои тиббӣ, вақте бевосита ба димоғ (мағзи сар) ва меъда сару кор надошта бошанд ва таъсири бевоситаи доруҳои истифодашуда ба онҳо нарасад, ҳеҷ гуна нақси шаръие ба рӯза ворид намесозад.

**14.** Рӯзаро тамоман нагирифтан гуноҳи кабира ба шумор меравад, зеро шахс дар ин сурат яке аз фарзҳои Худоро тарк намудааст ва бар вай қазо воҷиб мегардад, на каффорат. Зеро каффорат, чӣ тавре зикр гардид, барои қасдан вайрон намудани рӯзаи моҳи Рамазон бо ҳамбистарӣ ва хӯрдану нӯшидан пешбинӣ шудааст.

## Имсок

Имсок дар луғат ба маънои бозистодан ва худдорӣ кардан аст ва дар истилоҳи шаръ ба маънои бозистодан аз хӯрдану нӯшидан дар идомаи рӯзе аст, ки рӯзаи онро ба гунае фосид намудааст. Дар тамоми мавридҳое, ки шахс рӯзаи моҳи Рамазонро ба гунае фосид намуда ва бар вай қазо ва ё қазову каффорат воҷиб гардидааст, ба хотири эҳтироми моҳи Рамазон ва ҳамсозӣ бо мусалмонони рӯзадор бақияи он рӯз аз хӯрдану нӯшидан имсок менамояд.

---

[173] Омма (آمَّة) ва ё маъмума (مَأْمُومَة) ба он захм ва ҷароҳате гуфта мешавад, ки ба мағзи сар расида бошад. Дар забони арабӣ мағзи сарро уммурраъс мегӯянд ва вожаи омма аз решаи умм ба ҳамин маъно гирифта шудааст. Ҷоифа (جَائِفَة) аз решаи ҷавф гирифта шуда, ба маънои захм ва ҷароҳате аст, ки ба ҷавф – шикам (меъда ва рӯдаҳо) расида бошад.

Шахсе ба гумони ин ки субҳ ҳанӯз надамидааст, ба саҳархӯрӣ идома диҳад ва баъд маълум шавад, ки субҳ кайҳо дамидааст ва ё ба гумони ин ки офтоб нишастааст, ифтор намояд, вале маълум гардад, ки офтоб ҳанӯз нанишастааст ё мусофире, ки рӯзаашро ифтор намудааст, рӯзона дар моҳи Рамазон муқим гардад ё беморе, ки рӯзаашро ифтор намуда, шифо ёбад ва ё зани дар ҳоли ҳайз ва ё нифос пок гардад, дар тамоми ин суратҳо бақияи рӯз аз хӯрдану нӯшидан имсок менамояд ва қазои он рӯз низ бар вай воҷиб мебошад.

Кӯдаке рӯзона дар моҳи Рамазон ба балоғат расад ва ё кофире мусалмон шавад, онҳо низ бақияи он рӯзро имсок менамоянд, вале қазои он бар онҳо воҷиб нест.

Дар бораи воҷиб ва ё мустаҳаб будани имсок дар мавридҳои номбурда дар миёни фақеҳон назароти гуногун вуҷуд дорад. Баъзеҳо онро воҷиб ва баъзеҳо мустаҳаб медонанд, вале назари умумии мазҳаб ба вуҷуби он наздиктар аст.

## Тазриқи сӯзандору дар моҳи Рамазон

Ҳар чизе, ки баёнгар ва бабороварандаи тандурустӣ, нашоти ҷисмӣ ва қувват гирифтани бадан бошад ва аз роҳҳои ҳақиқӣ (табиӣ) – ҳалқу бинӣ вориди меъда ё шикам ва мағз гардад, муфсиди (шиканандаи) рӯза мебошад. Аз ин лиҳоз, доруву дармонҳое, ки ба василаи сӯзандору (укол) дар бадан тазриқ (ворид карда) мешаванд, албатта, бабороварандаи беҳӣ ва шукуфоии бадан ҳастанд, вале чун аз роҳи рагҳо ва гӯшт вориди бадан мешаванд, аввал ин ки дохили меъда ё мағз намешаванд ва агар бишаванд ҳам, чун аз гузаргоҳи аслӣ ворид нашудаанд, муфсиди рӯза намебошанд.

Доктор Ваҳба Зуҳайлӣ назари мазҳаби ҳанафиро дар бораи сӯзандору чунин овардааст: «Ҳуқнаҳо (уколҳо)-е, ки дар мушакҳо, зери пӯст ва рагҳои варид (вена) карда мешаванд, рӯзаро фосид намекунанд, аммо беҳтар аст агар имкон бошад онро ба пас аз ифтор ба таъхир андозад. Аммо имола (клизма) кардан рӯзаро мешиканад.[174] Назари соҳиби «Маҳмуду-л-фатово» низ он аст, ки бо тазриқи ҳеҷ гуна ампул (сӯзандору)-е рӯза фосид намешавад.[175]

Албатта, бояд донист, ки бо ин ҳуқнаҳо вақте рӯза намешиканад, ки моводи ғизобахш ва қувватдиҳандае дар таркиби худ надошта бошанд.

Вале баъзе донишмандон бо дар назардошти ҳамон шукуфоӣ ва қувват пайдо кардани бадан, ки ҳадафи якуминдараҷаи тағзия (тановули хӯрок) низ ҳамин аст, тазриқи сӯзандоруро шиканандаи рӯза медонанд.

---

[174] Фиқҳи исломӣ. – Ҷ. 3. – С. 1712.

[175] Маҳмудул фатово. – Ҷ. 2. – С. 226, 227.

Баъзеҳо дар ин масъала назари дигаре доранд: Агар тазриқи сӯзандору аз роҳи рагҳои хунгард ва умуман, барои қувват гирифтан сурат бигирад ва ниёзи бадан ба об ва ғизоро ба тавре бароварда созад, рӯзаро мешиканад. Дар ғайри ин сурат барои рӯза ҳеҷ зараре надорад. Ин назар роҷеҳтар мебошад.

## Дар мавридҳои зерин рӯза фосид намешавад

1. Аз рӯи фаромӯшӣ чизеро бихӯрад ё биошомад ва ё ҳамбистарӣ намояд, ҳарчанд ин аъмол борҳо аз вай содир шаванд. Дар «Саҳеҳайн» ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Шахси рӯзадоре ба фаромӯшӣ бихӯрад ва ё биошомад, рӯзаашро пурра намояд (яъне давом диҳад), зеро Худованд (дар он ҳолат) ӯро таом ва шароб додааст…».***[176] Дорақутнӣ низ ба ҳамин маъно ҳадисеро аз Расули Худо (с) зикр намудааст: ***«Он ризқе мебошад, ки Худованд барои ӯ фиристодааст. Бар вай ҳеҷ гуна қазое воҷиб намегардад».***[177]

Ба фаромӯшӣ ар куниву хӯрӣ,
Ҳаст ҳарду туро ҳаниву марӣ.
Рӯзаи туст ҳамчунон боқӣ,
Гар ту серӣ вагар ту муштоқӣ.

2. Дар хоб эҳтилом (ҷунуб) шавад.[178]
3. Ба хонумаш назар намояд ва инзол шавад.
4. Ба баданаш равған бимолад.
5. Сурма бимолад ва ё мисвок намояд.

Вар кунӣ масҳ равғану сурма,
Бар сару чашм нестат ҷурма.

6. Қай бар вай ғолиб ояд.
7. Ҳиҷомат (хунгирӣ) намояд.

Гар касе раг заду ҳиҷомат кард,
Менашояд варо маломат кард.

8. Бӯса намояд ва инзол нашавад.

9. Рӯзона дар моҳи Рамазон ғусл ва оббозӣ намояд. Абӯбакр ибни Абдурраҳмон аз яке аз ёрони Паёмбар (с) ривоят мекунад, ки ***«Паём-***

---

[176] Саҳеҳи Бухорӣ, 1933, 6669. Саҳеҳи Муслим, (1155)-171. Сунани Абӯдовуд, 2398. Сунани Тирмизӣ, 721, 722. Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардаанд.

[177] Сунани Дорақутнӣ. – Ҷ. 2. – С. 178.

[178] Аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) фармуд: Се чиз рӯзаро намешиканад: қай (-и голиб), ҳиҷомат ва эҳтилом».*** (Сунани Тирмизӣ, 719. Мӯъҷамулавсат, 4806. – Ҷ. 5. – С. 195. Сунани Куброи Байҳақӣ, 8124. – Ҷ. 6. – С. 232. Муснади Баззор. Тирмизӣ ҳадисро аз Абӯсаъид (р) ривоят кардааст).

***бар (с)-ро дидам, ки аз шиддати ташнагӣ ва ё гармӣ бар сараш об мерехт, дар ҳоле ки рӯзадор буд».***[179]

Ҳамчунин барои салқинӣ худро ба сачоқ, чодар ва ё порчаи таре печидан рӯзаро намешиканад. Агар дар ҳавзе шино кунад ва ё ҳаммом (душ) гирад ва ба гӯшаш об дарояд, рӯзааш аз боби зарурат фосид намегардад. Ғутта задан дар ҳавз ва ё наҳри об, агар хавфи даромадани об ба гӯш, бинӣ ва дигар сӯрохиҳои баданаш набошад, боке надорад, вале баъзе фақеҳон онро макрӯҳ донистаанд.

**10.** Ҳамин тавр, агар шаб ба ҳамсараш ҳамбистар шавад ва ҳанӯз ғусл нокарда субҳ бидамад, ин ҳолат ба рӯзаи вай ҳеҷ зараре намерасонад. Бояд ғусл намояд ва рӯзаашро давом диҳад.

Аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки: ***«Паёмбар (с)-ро дар моҳи Рамазон, дар ҳоле ки ӯро аз ғайри эҳтилом ҷанобат расида буд, субҳ фаро мерасид. Вай (ҳамон тавр) ғусл намуда, рӯза медошт».***[180]

**11.** Агар кӯдаки ноболиғе дар моҳи Рамазон ҳамроҳи калонсолон рӯза бигирад, вале пеш аз вақти ифтор онро ба ягон сурате бишиканад, ҳеҷ гуна қазо ва каффорате бар вай воҷиб намегардад. Вале агар намозашро фосид намояд, бояд калонсолон ӯро роҳнамоӣ кунанд, то намозашро аз сар бихонад. Зеро дар иъодаи намоз ҳеҷ гуна машаққате ҳосил намешавад, вале қазо доштани рӯза боиси машаққат ва сахтӣ мегардад.

**12.** Истифодаи занон аз қурсҳо (таблеткаҳо) ва дигар доруҳои манъкунандаи ҳайз дар моҳи Рамазон, ба шарте ба саломатии онҳо зараре надошта бошад, ҷоиз аст, ҳарчанд аз назари Ислом риояи ҳолати табиии ҳар чиз беҳтар мебошад. Яъне дар ҳолати покӣ рӯзаро гирифтан ва дар рӯзҳои узри моҳона онро нагирифтан ва пас аз поёни моҳи Рамазон қазои он рӯзҳоро ба ҷой овардани занон ҷараёни табиии ҳолатҳои ҷисмӣ (физиологӣ) ва мутобиқ бо хостаҳои шаръ мебошанд.

**13.** Хуни истиҳоза низ рӯзаро фосид намекунад.

**14.** Ҳамчунин хоидани сақич, агар ба он мавoди хуштаъмкунанда ва хушбӯкунандае илова нашуда бошад, бо кароҳият ҷоиз аст. Зеро он даҳон ва дандонҳоро то андозае тоза нигоҳ медорад. Аммо он сақичҳое, ки имрӯз бо номи жвачка маъмул гаштаанд, ба онҳо маводи дигаре барои хуштаъмӣ ва хушбӯӣ илова шудааст ва агар оби даҳонашро пас аз хоидани ин навъ сақич (жвачка) фурӯ барад, рӯзаашро фосид месозад.

Ба ҳар ҳол, нахоидани сақич дар моҳи Рамазон беҳтар аст, зеро мардум ӯро дар он ҳолат рӯзахӯр гумон мекунанд ва нисбат ба вай бадгумон мешаванд.

---

[179] Сунани Абӯдовуд, 2365. Муснади имом Аҳмад, 15944. – Ҷ. 3. – С. 475.

[180] Саҳеҳи Бухорӣ, 1930, 1931. Саҳеҳи Муслим, 2585 (1109)-76. Дар ин бора ҳадиси дигаре аз Уммисалама (р) низ ривоят шудааст. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1932. Саҳеҳи Муслим, 2586 (1109)-77).

**15.** Агар касе чизеро, ки дар миёни дандонҳояш мондааст, фурӯ барад ва андозааш аз донаи нахӯд хурдтар бошад, рӯзааш фосид намешавад, магар ин ки онро аз даҳонаш берун оварда, сипас аз нав фурӯ барад.

## Макрӯҳоти рӯза

1. Чашидани таъми ашё.
2. Хоидани чӯбе ба баҳонаи мисвок;
3. Бӯсу канор бо зан дар сурате ки ба худ итминон надошта бошад.
4. Ҳамон гуна ки баён шуд, молидани равғану сурма бар сару сурат (рӯй) ва бӯидани хушбӯиҳо ҷоиз аст, агарчи баъд аз истеъмоли сурма ранги он ҳамроҳ бо обе, ки аз чашм берун меояд, мушоҳида шавад.
5. Чӣ тавре зикр шуд, ба ҳалқи рӯзадор фурӯ рафтани ҳашароте, мисли магас ва ё дуду ғубор, агар ба қасд сурат нагирифта бошад, рӯзаро фосид намесозад.

Магасу пашша дар гулӯ чу парид,
Нест нуқсони рӯзаи ту падид.

6. Аз назари ҷумҳури мазоҳиб қасдан фурӯ бурдани дуд – дуди анбар, уд ва дигар чизҳо ва ҳамчунин, кашидани чилим, банг, нос ва монанди инҳо рӯзаро фосид месозанд ва дар ин ҳолатҳо ҳам қазо ва ҳам каффорат лозим меояд. Фурӯ бурдани дуд[181] аз бӯидани бӯй[182] фарқ дорад ва фақеҳони киром ба шикастани рӯза дар ҳолати аввал ва нашикастанаш дар ҳолати дуюм ҳукм кардаанд.
7. Бо фурӯ бурдани оби даҳон чӣ миқдоре бошад, рӯза фосид намешавад, вале ҷамъ карда фурӯ бурдани он кароҳият дорад.
8. Дар вақти обгардон кардани даҳон (мазмаза), агар ба нохост ҳалқашро ғарғара кунад ва миқдоре об ба ҳалқаш фурӯ равад, дар сурате ки рӯза дар ёдаш бошад, рӯзааш фосид мешавад. Дар ин маврид танҳо қазо биёварад ва каффорате бар вай воҷиб намегардад.
9. Агар шахси рӯзадорро беирода қай омад, хоҳ кам бошад, хоҳ зиёд, рӯзааш фосид намешавад, вале агар қасдан қай кунад, дар сурате ки кам бошад, рӯзааш фосид намешавад, вале агар ба миқдори пуррии даҳон бошад, рӯзааш фосид мегардад ва қазо лозим меояд, на каффорат, ҳамон гуна ки дар ин бора гузашт.

---

[181] Дуд моддаи ҳавоӣ (газӣ)-и ғафс ва сиёҳранге аст, ки аз сӯхтани ашёи карбондор ба вуҷуд меояд ва ба сабаби вуҷуди зарраҳои сахти зуғол (угл) дар таркибаш одам ранг, бӯй ва таъм (мазза)-и онро бо ҳавосаш дарк менамояд.

[182] Бӯй зарраҳои хурди чизҳои бӯдор аст, ки ба сурати рақиқе дар таркиби ҳаво паҳн мешаванд ва одам ба ҷуз бӯй дигар чизе аз онро дарк намекунад.

Расули Худо (с) мефармояд: ***«Касе дар ҳолати рӯза қай бар вай голиб ояд, бар вай қазое (воҷиб) намегардад ва аммо касе (бо зӯрӣ) қай намояд, бояд қазо (-и он рӯзро) ба ҷой оварад».***[183]

10. Рӯзадоре рӯзона нос кашад, ё дар гӯшаш равғани бодом резад ва ё дар мақъадаш шиёф (доруи ҷомид) ниҳад, дар тамоми ин суратҳо рӯзааш фосид мешавад ва қазо лозим меояд, на каффорат, ҳамон гуна ки зикр шуд. Вале агар дар гӯшаш об дарояд, рӯзааш фосид намешавад. Ҳамчунин бо кофта баровардани чирки гӯш ба василаи гӯшков рӯза фосид намешавад.

11. Агар даҳони рӯзадор хун гирифту бо оби даҳон ҳамроҳ гашт, он гоҳ онро фурӯ бурд, бинигарад: Агар хун ғолиб аст ва маззаи онро фаҳмид, рӯзааш фосид мешавад. Бояд қазои онро ба ҷо оварад. Вале агар хун ғолиб набошад ва маззаи онро низ эҳсос накард, рӯзааш фосид намегардад.

**12.** Чашидани таъми хӯрок бе фурӯ бурдани он, рӯзаро фосид намекунад, вале бе зарурат макрӯҳ мебошад.

Намаку сирко дар даҳон бичашид,
Рӯза боқист гар фурӯ накашид.
Рӯза боқӣ бувад, вале макрӯҳ,
Дар кароҳат мебош бе андӯҳ!.[184]

**13.** Бо даҳон хоида нарм (маҳлул) кардани хӯрок барои тифл дар ҳолати зарурат ҷоиз аст ва бе зарурат ва узре макрӯҳ мебошад.

Нон, ки аз баҳри тифл мехоянд,
Уламо андарин чӣ фармоянд!?
Гар зарурат бувад, раво бошад,
Бе зарурат чунин хато бошад.

**14.** Бо мисвоки табиӣ мисвок кардани дандонҳо, агарчи талхии он маълум шавад ҳам, ҷоиз аст, вале ҳангоми бо мисвоки маснуъӣ (щетка) мисвок намудан дар истифодаи хамираи дандоншӯӣ бояд эҳтиёт намояд. Агар аз хамираи дандоншӯӣ (паста) чизе ба ҳалқ фурӯ равад, рӯза фосид мегардад ва қазо лозим меояд.

Мисвок кардан яке аз суннатҳои Расули Худо (с) мебошад. Он Ҳазрат (с) ҳам дар ҳолати рӯзадорӣ ва ҳам берун аз он ҳамеша даҳони худро мисвок мекард ва дар таъкиди он мефармояд: ***«Мисвок поккунандаи даҳон ва мӯҷиби хушнудии Парвардигор аст».***[185] Ҳамчунин ме-

---

[183] Сунани Абӯдовуд, 2380. Сунани Ибни Моҷа, 1676. Мустадраки Ҳоким, 1597. – Ҷ. 2. – С. 60. Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардаанд.

[184] Дар баъзе нусхаҳо «Аз кароҳат мабош беандӯҳ!» омадааст, ба ин маъно, ки кароҳат ҳам дар костани арзиш ва савоби ибодат таъсир дорад.

[185] Саҳеҳи Бухорӣ, муқаддимаи ҳадиси 1934. Сунани Насоӣ, 5. Сунани Ибни Моҷа, 289. Сунани Доримӣ, 688. – Ҷ. 1. – С. 285. Муснади имом Аҳмад, 7. – Ҷ 1. – С. 7, 23683, 24404. – Ҷ. 7. – С. 71, 187.

фармояд: ***«Агар бар умматам машаққат намешуд, онҳоро дар вақти ҳар намоз ба мисвок кардан амр мекардам»***.[186] Ҳатто дар ҳадисе омадааст: ***«Мисвок беҳтарин хислати рӯзадор аст»***.[187]

Аммо дар истифодаи хамири дандоншӯӣ эҳтиёт кардан беҳтар аст, то чизе аз он ба ҳалқи рӯзадор фурӯ наравад. Беҳтар аст, ки пас аз ифтор ва ё қабл аз дамидани субҳ аз он истифода намояд.

**15.** Рӯзадоре ба фаромӯшӣ рӯзаашро хӯрд ва бо фикри он ки дигар рӯзааш фосид шудааст, қасдан таом хӯрд, бар вай қазо воҷиб аст, на каффорат. Агар пас аз қай кардан низ чунин кунад, ҳамин ҳукмро дорад.

**16.** Рӯзадоре ба чашмаш сурма кашад ё раг занад (хун гирад) ва ё бар сару сурати худ равған молад ва бо гумони ин ки дигар рӯзааш шикастааст, қасдан бихӯрд ё бинӯшид, қазову каффорат ҳар ду бар вай лозим мегардад.

**17.** Дар моҳи Рамазон агар иттифоқан рӯза фосид шавад ҳам, бақияи он рӯз бояд аз хӯрдану нӯшидан ва амалҳои хилофи рӯза худдорӣ намояд.

**18.** Шахсе дар моҳи Рамазон нияти рӯза накунад, яъне тамоман рӯза нагирад, бар вай танҳо қазо воҷиб мешавад, вале агар нияти рӯза кунад ва пас аз он рӯзаашро хӯрад, қазову каффорат ҳар ду бар вай воҷиб мешаванд.

**19.** Рӯзадоре худ ба худ қай кунад, ё эҳтилом шавад ва ё бо дидани зан инзол шавад, вале аз ҷиҳати надонистани масъала, ки рӯзааш дар ин ҳолатҳо зараре намебинад, хаёл кунад, ки рӯзааш фосид гаштааст ва ба он пиндор қасдан бихӯрад ё бинӯшад, қазо бар вай лозим мегардад, на каффорат. Вале, агар масъала барояш маълум бошад, ки рӯза дар чунин ҳолатҳо фосид намешавад ва бо ин вуҷуд боз бихӯрад ё бинӯшад, қазову каффорат ҳар ду бар вай воҷиб мешаванд.

**20.** Агар дар сӯрохи мардии худ доруе рехт, аз сабаби нарасидани он дору ба шикам, рӯзааш фосид намешавад.

**21.** Агар бо ҳайвоне расида инзол шавад ё занашро бӯсида инзол шавад, рӯзааш фосид ва танҳо қазо бар вай воҷиб мешавад.

Дар бораи бозӣ ва бӯсу канор кардан бо зан дар асnои рӯза аз Расули Худо (с) тавсияҳои гуногун ва муфиде ривоят шудааст. Аз ҷумла, ривоят шудааст, ки: ***«Марде Паёмбар (с)-ро дар бораи мубоширати шахси рӯзадор пурсид, он Ҳазрат (с) ӯро иҷозат дод. Марди дигаре омад ва дар ин бора савол кард, ӯро аз ин кор наҳй кард. Он касе, ки ба-***

---

[186] Саҳеҳи Бухорӣ, 887. Саҳеҳи Муслим, 589 (252)-42. Сунани Абӯдовуд, 46, 47. Сунани Тирмизӣ, 22, 23.

[187] Сунани Ибни Моҷа, 1677. Сунани Дорақутнӣ. – Ҷ. 2. – С. 203. Сунани Куброи Байҳақӣ, 8110. – Ҷ. 4. – С. 446. Муснади Баззор, 3813. – Ҷ. 9. – С. 269. Ҳадисро аз Оиша (р) ривоят кардаанд.

***рояш иҷозат дод, пирамарди солрафтае буд ва аммо он касе, ки ӯро аз ин кор наҳй намуд, ҷавоне буд».***[188]

Аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) маро дар ҳоле ки рӯзадор буд, бӯса мекард ва кадоми шумо ба монанди Расули Худо (с) ниёзи (ҷинсии) худро молик мебошад?».***[189]

Аз маҷмӯи ин ҳадисҳо бармеояд, ки бӯсу канор ва бозӣ кардан бо зан дар аснои рӯза барои касоне, ки ҳолати шаҳвонии худро идора карда наметавонанд, ба хусус ҷавонон, кароҳият дорад.

Дар ин ҷо ду ҳолате вуҷуд дорад, ки аз ҳам фарқ мекунанд. Якум он аст, ки ба дилаш хутур кунад, яъне дар бораи ҳамсараш ва ё муоширaт бо ӯ фикр кунад ва ё ба занаш нигоҳ кунад ва бе ягон ҳаракати амалие инзол шавад, дар ин суратҳо рӯзааш намешиканад. Ин ҳолатҳо ҳукми дар хоб эҳтилом шуданро доранд. Дуюм, он аст, ки дар натиҷаи ҳаракати амалие, ба монанди бӯсӯ канор, истимно ва ғайра инзол шавад, дар ин ҳолат рӯзааш фосид мешавад ва бар вай танҳо қазо воҷиб мегардад. Вале дар ҳар ду сурат ғусл бар вай воҷиб мегардад.

**22.** Агар бо зӯр ва ба таври маҷбурӣ рӯзона дар моҳи Рамазон бо зане амали муҷомаат (ҳамбистарӣ) анҷом дода шавад ва ё дар ҳолати хоб ва ё девонагиаш бо вай чунин амале анҷом дода шавад, рӯзаи зани мазкур фосид мешавад ва бар вай танҳо қазо лозим аст, на каффорат. Агар мард ҳам рӯзадор бошад, бар вай қазову каффорат ҳар ду лозим мегарданд.

**23.** Шахсе бо кашидани чилим, банг ва дигар маводи масткунанда одат дошта бошад ва аз рӯи одат дар моҳи Рамазон чилим кашад, рӯзааш фосид мешавад ва қазову каффорат ҳар ду бар вай воҷиб мегарданд.

**24.** Агар шахси муқиме баъд аз нияти рӯза мусофир гардад ва пас аз миқдоре роҳ рафтан ба ёдаш биояд, ки чизе аз васоили сафарашро фаромӯш кардааст, вақте барои гирифтани он ба хона баргардад ва дар хона рӯзаашро хӯрад, қазову каффорат ҳар ду бар вай воҷиб мешаванд.

**25.** Дар вақти обгардон кардани даҳон дар ғуслу вузӯ ҳангоми рӯза бояд эҳтиёт намояд ва дар он зиёдаравӣ ва муболиға нанамояд, то обе ба ҳалқаш фурӯ наравад. Ривоят шудааст, ки марде гуфт: Эй Расули Худо (с), маро дар бораи вузӯ хабар деҳ, фармуд: ***«Вузӯро ба таври комил анҷом бидеҳ ва миёни ангуштонро хилол кун ва дар истиншоқ муболиға намо, магар ин ки рӯзадор бошӣ».***[190]

---

[188] Сунани Абӯдовуд, 2387. Сунани Куброи Байҳақӣ, 7872. – Ҷ. 4. – С. 231. Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р ) ривоят кардаанд.

[189] Саҳеҳи Муслим, (1106)-64. Дар Саҳеҳи Бухорӣ низ ба ҳамин маъно ҳадисе ривоят шудааст. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1927, 1928).

[190] Сунани Абӯдовуд, 142; Сунани Тирмизӣ, 788; Сунани Насоӣ, 87; Сунани Ибни Моҷа, 407.

## МАСОИЛИ МУОСИР ДАР БОБИ РӮЗА

Бар асоси пешрафтҳои густардае, ки дар бахшҳои гуногуни илми тиб(б) дар чанд даҳаи ахир ба вуҷуд омадааст, тағйироти куллие дар тарзи ташхиси беморон, гирифтани таҳлил (анализ)-ҳои гуногун ва ҳамчунин дастгоҳҳои ташхисӣ ва табобатӣ мушоҳида мегардад. Ҳамзамон бо ин дигаргуниҳо масоил ва рӯйдодҳои тозае дар ҳаёти башар ба вуҷуд омада ва шахси мусалмон ҳатман мехоҳад ҳукми онҳоро аз назари шариат бидонад. Бо дарназардошти ин ниёзи ҷомеа ва ба андозаи имконот ва тавоноиҳои илмии худ ба чанд масъалаи муосир дар боби рӯза равшанӣ андохтем.

Шоёни зикр аст, ки масоил ва ҳаводиси тозае, ки имрӯз дар арсаҳои гуногуни зиндагӣ барои инсон зуҳур кардаанд, бо такя ба усул ва қавоиде, ки аз сӯи шариат дар ин боб пешбинӣ шудаанд ва бо истифода аз назароти фиқҳии донишмандони салаф ва бузургони дин мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

### 1. Маънои ҷавф ва димоғ аз назари фақеҳон

**а)** Пеш аз ҳама, мекӯшем ба маънои ҷавф (шикам) аз назари фақеҳон равшанӣ андозем, зеро ҳар чизе ба шикам фурӯ равад, аз назари фиқҳӣ муфсид ва шикanандаи рӯза ба шумор меравад. Қуръони карим хӯрдан ва нӯшиданро шикanандаи рӯза ҳукм кардааст ва аз назари анатомӣ ба таври дақиқ маълум аст, ки дастгоҳи ҳозима ва узвҳое, ки системаи умумии қабул ва коркарди ғизо ва тағзияи баданро ташкил медиҳанд, иборатанд аз: а) даҳон, б) ҳалқ, в) сурхной, г) меъда, д) рӯдаи дувоздаҳангушта, ж) рӯдаҳои борик, з) рӯдаи ғафс ва л) рӯдае, ки ба мақъад пайваст мебошад.

Аз ин тақсимбандии илмӣ бармеояд, ки хӯрдану нӯшидан ва тағзияи бадан ба воситаи ҳамин узвҳо ҳосил мешавад ва танҳо ҳамон чизе шикanандаи рӯза ба шумор меравад, ки аз тариқи ҳалқ ба меъда бирасад, вале фақеҳони киром маънои тағзияро васеътар аз ин гирифта ва ҳар чизеро, ки ба шикам ворид шавад, онро шикanандаи рӯза донистаанд, хоҳ ба дастгоҳи ҳозима ворид шуда бошад, хоҳ ба дигар ковокиҳои дохили шикам. Ҷавф ҳам дастгоҳи ҳозима (меъда, рӯдаи ғафс ва ғайра) ва ҳам дигар ковокиҳои шикамро дар бар мегирад.

Ба ақидаи онҳо аз тариқи дастгоҳи ҳозима ва дигар узвҳое, ки муҳимтарин вазифаи ҷисмони (физиологи)-и онҳо қабул ва коркарди ғизо мебошад, тағзияи комил сурат мегирад, вале аз тариқи дигар узвҳои дохили шикам низ тағзияи нисбӣ ҳосил мешавад ва манзури оят аз хӯрдану нӯшидан низ тағзияи дохилӣ мебошад.

Илми тибби муосир низ ин мавқеъро таъйид менамояд ва тағзияи нисбӣ аз тариқи ғайри системаи ҳозима, яъне аз тариқи дигар узвҳои дохилиро ба исбот расонидааст. Масалан, агар ба зери пардаи рӯи шикам глюкоза ва дигар маҳлулҳои ғизобахш ворид карда шавад, ҷисм аз тариқи ҳамон парда нерӯи худро барқарор менамояд.

Назари ҷумҳури аҳли суннат он аст, ки бо расидани чизе ба ҷавф (шикам) рӯза фосид мешавад ва ҷавфро шомили меъда, узвҳои марбут ба тағзия ва дигар ковокиҳои шикам медонанд.

**б)** Ғайр аз ин фақеҳон расидани дору ва ҳар гуна маҳлулҳои ғизобахшро ба димоғ низ шикanandаи рӯза донистаанд ва манзури онҳо аз димоғ мағзи сар ва тамоми бофтаҳои асабие мебошанд, ки дар дохили косаи сар ҷойгир шудаанд. Ба ақидаи ҷумҳури фақеҳони мазҳабҳои аҳли суннат димоғ яке аз ковокиҳои бадан буда, аз он ба шикам роҳ ва манфазе вуҷуд дорад. Бинобар ин, ҳар чизи моеъ ва дорои арзиши ғизоие ба димоғ бирасад, он низ шиканандаи рӯза ба шумор меравад.

Ба ақидаи баъзе фақеҳон аз димоғ ба шикам ҳеҷ гуна манфаз ва роҳе вуҷуд надорад, вале димоғ қобилияти таъсирпазирӣ ва касби қуввату заъфро ба андозае ба таври мустақил дорад. Бинобар ин, ворид шудани дору ва дигар ашёи ғизобахш ба димоғ шиканандаи рӯза ба шумор меравад.

**в)** Маводи доруворӣ ва дигар маҳлулҳои давоӣ дар назди ҷумҳури аҳли суннат ҳукми маводи ғизоиро доранд ва бо расидани онҳо ба шикам ва ё димоғ рӯза фосид мешавад. Зеро дар ин ҳолат маънои тағзия ва нашоти бадан амалан таҳаққуқ меёбад

**г)** Ашёи дигаре, ки арзиши ғизоӣ надоранд, ба монанди оҳанпора, гилпора ва ғайра ва ё маъмулан ба он тарз хӯрда намешаванд, ба мисли меваҳои хом, зироатҳои нопухта ва ғайра, вақте қасдан фурӯ бурда шаванд, онҳо низ рӯзаро фосид мекунанд. Зеро маънои хӯрдан дар ин ҳолат суратан таҳаққуқ ёфтааст.

**д)** Дар баробари гуфтаҳои боло, ки дар онҳо назари фиқҳии мазҳабҳои аҳли суннат дар бораи маънои калимаи ҷавф (шикам) ва димоғ (мағзи сар) ба таври фишурда баён гардид, дидгоҳи дигари фиқҳие низ вуҷуд дорад, ки ҳанӯз дар марҳалаҳои шаклгирии худ қарор дошта, ба сурати мазҳаб ва ё раъйи мустақилле дар ин мавзӯъ надаромадааст. Он иборат аст аз ин ки ҳар чизе ба дастгоҳи ҳозима ва дигар узвҳое, ки бевосита ба коркард ва тағзияи бадан марбут мебошанд, ворид шавад, рӯзаро фосид месозад ва чизе, ки ба дигар ковокиҳои шикам ва ҳамчунин, ба димоғ ворид шавад, он рӯзаро фосид намесозад.

Ҳамчунин дидгоҳи дигаре низ вуҷуд дорад, ки маводи дорувориро комилан муфсиди рӯза эътибор намекунад. Зеро онҳо маъмулан дар ҳукми хӯрданиҳо ва ё маводи ғизоӣ дохил намебошанд ва дар шариат низ насс (далел)-и сареҳе наомадааст, ки онҳоро дар ҳукми маводи ғи-

зоӣ қарор дода бошад ва ё ҳукми муфсиди рӯза будани онҳоро муайян карда бошад.

Бо вуҷуди он ки амал кардан ба назароти фиқҳии донишмандони муосир шаръан ҳеҷ мушкилеро ба вуҷуд намеоварад, зеро онҳо дар ин масоил, ки аз ҷумлаи масоили иҷтиҳодӣ ба шумор мераванд, ба назари фиқҳии илман дақиқтаре даст ёфтаанд. Вале амал кардан ба назароти фиқҳии ҷумҳури аҳли суннат авлотар аст, зеро дар онҳо ҷанбаи эҳтиёт дар ибодат бештар мавриди назар қарор гирифтааст.

## 2. Ташхиси меъда ба василаи дастгоҳ (эндоскопия)

Ташхиси меъда ва рӯдаҳо ба василаи дастгоҳи эндоскоп,[191] ки аз роҳи даҳон ба он ҷо ворид карда мешавад, аз назари мазҳаби ҳанафӣ вақте ба он равған ва ё маҳлулҳои тиббӣ ва химиявие молида нашуда бошад, рӯзаро намешиканад. Зеро ворид шудани чизе ба меъда вақте шиканандаи рӯза мебошад, ки ба таври пурра дохили он гардад. Аммо агар миқдоре аз он ба меъда дохил шавад ва миқдоре дар берун боқӣ монад ва ё як сараш ба меъда дохил шавад ва сари дигараш дар берун бошад, рӯзаро фосид намесозад.

Вале агар ба он равған ва ё дигар маҳлулҳои химиявӣ ва доруӣ молида шавад ва ё ба воситаи он ба захм ва ё ҷои дардманди меъда ва рӯдаҳо доруе рехта шавад, дар он сурат рӯза фосид мегардад. Маҷмаи фиқҳи исломӣ низ дар қарори худ масъаларо ба ҳамин сурат тасдиқ намудааст.

## 3. Гази оксиген

Манзур аз масъалаи гази оксиген (кислород) дар ин ҷо ба таври сунъӣ нафас додани баъзе беморон мебошад. Гази оксиген ҳеҷ гуна моводи ғизоиеро дар таркиби худ фаро намегирад ва аз роҳи нафас ба шуш ворид мешавад. Бинобар ин, он шиканандаи рӯза ба шумор намеравад.

---

[191] Эндоскоп -/ҳо/ [andoskop]. тиб: Асбоб ва ё дастгоҳи муоинаи маҷроҳо ва ковокиҳои даруни бадан аст, ки бо шаклҳои гуногун сохта шуда, дорои лулаи резинӣ (шланг), манбаи рӯшноидиҳанда ва таҷҳизоти дарунбин аст.

Эндоскопия равиши муоина ва ташхиси ҳолати маҷроҳо ва узвҳои дохили бадан аст, ки ба василаи дастгоҳҳои махсус ва гуногунсохти эндоскоп ҳосил мешавад, ба монанди бронхоскопия, ки роҳи нафас ва шушҳо бо он муоина мешаванд, гастроскопия, ки ковокии меъда бо он муоина мешавад ва перитонеоскопия (торакоскопия), ки ковокии шикам ва пардаи холии болои шуш бо он муоина мешавад.

## 4. Шустани гӯш

Аз назари фиқеҳони киром гӯш низ дорои манфаз ба сӯи димоғ دониста шудааст. Бинобар ин, чаконидани ҳар гуна доруи моеъ ва ё равған ба гӯш ва ҳамчунин шустани он рӯзаро фосид мекунад.

Аммо аз назари илми анатомия имрӯз ба таври дақиқ муайян гардидааст, ки агар пардаи гӯш накафида ва ё шикоф нашуда бошад, дигар ҳеҷ манфазе аз он ба димоғ вуҷуд надорад. Бинобар ин, Маҷмаи фиқҳи исломӣ чаконидани ҳар гуна дору ва равғанро дар гӯш ва ҳамчунин шустани онро бо маҳлулҳои махсуси тиббӣ ғайри шиканандаи рӯза донистааст. (Қарори Маҷмаи фиқҳи исломӣ дар бораи масоили муосир дар боби рӯза дар охир зикр мегардад).

## 5. Рехтани дору дар чашм

Чаконидан ва ё рехтани дору дар чашм рӯзаро намешиканад, ҳарчанд таъм ва ё асари онро дар ҳалқаш дарк намояд. Ин дар ҳолест, ки аз чашм аз тарафи паҳлӯи бинӣ сӯрох ва ё манфазе ба коми даҳон ва пас аз он ба ҳалқ вуҷуд дорад. Фақеҳони киром ин масъаларо бо қиёс ба кашидани сурма истинбот намудаанд. Ривоят шудааст, ки: ***«Паёмбар (с) дар моҳи Рамазон сурма кашид, дар ҳоле ки рӯзадор буд»***.[192]

Илова бар ин, доруе, ки дар чашм чаконида мешавад, бо суръат ва пеш аз расидан ба ҳалқ дар қабатҳои дохили чашм ҷабида мешавад. Таҳқиқоти тибби муосир низ назари фақеҳонро дар ин маврид таъйид менамояд.

## 6. Чаконидани дору дар бинӣ

Чаконидани дору дар бинӣ дар аксари ривоятҳо шиканандаи рӯза дониста шудааст, вале он ду ҳолат дорад, ки ҳар кадоми онҳо тафсил ва ҳукми хосе дорад. Зеро сӯрохи бинӣ бевосита ба коми даҳон ва ҳалқ пайваст мебошад.

**а)** Агар дору аз бинӣ ба ҳалқ ва пас аз он ба меъда бирасад, бо иттифоқи тамоми фақеҳони мазҳаб рӯзаро фосид месозад, вале агар он ба андозае бошад, ки дар патҳо ва нармии бинӣ ҷабида шавад ва ё вақте ба ҳалқаш расид, онро ба берун афканад, рӯзааш бо иттифоқ фосид намешавад.

**б)** Аммо агар онро аз даҳонаш наафканд, вале аз ҷиҳати камӣ ба расидани он ба шикамаш низ яқин надошта бошад, дар ин сурат ба

---

[192] Сунани Ибни Моҷа, 1678. Ҳадисро аз Оиша (р) ривоят кардаанд ва онро дар «Фиқҳи исломӣ» заъиф гуфтааст. Фиқҳи исломӣ. – Ҷ. 3. – С. 1710.

қавли имом Абӯҳанифа (рҳ) рӯзааш фосид мешавад ва ба қавли Имомайн фосид намешавад.[193]

## 7. Истифодаи марҳам (маз)-ҳо ва дигар часп (тарбанди)-ҳои тиббӣ

Молидани равған ва марҳам (маз) ва ҳамчунин, тарбанд намудани захмҳо ва ҷароҳатҳои бадан бо часпҳои давоие, ки дар таркиби худ маводи доруӣ ва маҳлулҳои химиявӣ доранд, боке надорад. Зеро рӯза бо ворид шудани таъсири доруҳо ва ё моеъоте, ки аз тариқи масомаҳо ва сӯроххои таркиби пӯст ҷабида мешаванд, фосид намешавад.

## 8. Ташхис ва ё табобати рагҳо бо дастгоҳ

Ворид кардани найчаҳои борик ва дастгоҳҳои махсуси тиббӣ ба рагҳои хунгарди дил, маҷрои пешоб ва дигар узвҳо барои ташхиси беморӣ ва ё табобати онҳо вақте як сари он дар берун боқӣ мемонад, рӯзаро фосид намекунад.

Ҳамчунин ворид кардани дастгоҳи тиббӣ ба девори шикам барои ҷарроҳӣ ва гирифтани талха, барои гирифтани пора – намунае (проба) барои ташхис ва ё барои ташхиси бевоситаи узвҳои дохили шикам боке надорад, зеро як тарафи дастгоҳ дар беруни бадан боқӣ мемонад. Ин амалияи тиббӣ аз тариқи сӯрохии хурде дар девори шикам анҷом дода мешавад.

## 9. Тасфияи хун

Амалияи тасфияи хун, ки ба шустани гурдаҳо шинохта шудааст, ба ду тариқ анҷом дода мешавад:

**а)** Ба воситаи дастгоҳе, ки ба он гурдаи сунъӣ гуфта мешавад, хуни бадан кашида ва аз моддаҳои зарароваре, ки ба он ҳамроҳ шудаанд, тасфия ва пок сохта мешавад, сипас дубора аз роҳи раги хунгард (вена) ба бадан ворид карда мешавад. Дар ин сурат агар ба таркиби хун маводи ғизобахш ва ё маҳлулҳои химиявӣ ворид карда нашавад, рӯза фосид намешавад.

**б)** Ба воситаи пардаи шикам (брюшина) анҷом дода мешавад, ба ин тариқ, ки девори шикам болотар аз ноф сӯрох карда ва ба воситаи найча (шланг)-и борике бештар аз ду литр маҳлули глюкозадор ба он рехта мешавад. Он маҳлул пас аз муддате кашида гирифта мешавад ва

[193] Имом Абӯлхусайн Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмади Бағдодӣ маъруф ба Қудурӣ, Мухтасари Қудурӣ. – С. 191, 192. Карочӣ: Дорул бушро, 1429 ҳ. (2008). Минбаъд: Мухтасари Қудурӣ.

боз ба ҷояш маҳлули нав рехта мешавад ва ин амалия чанд навбат дар як рӯз такрор карда мешавад. Дар натиҷа бадан ба воситаи пардаи рӯи шикам намакҳои таркиби хун, қанд ва дигар маводи аз байн рафтаро покиза ва аз нав барқарор месозад. Бадеҳист, ки дар ин сурат миқдори зиёде аз намакҳо, қанд ва дигар маводи зарурӣ ба таркиби хун ворид мегардад ва рӯзаро фосид мекунад.

## 10. Имола (клизма) кардан

Имола (клизма) барои шустан ва табобати рӯдаҳо ва ҳамчунин барои ташхис намудани бемориӣ анҷом дода мешавад. Амалияи имола аслан ба воситаи маҳлулҳои шӯянда ва миқдоре моеъот анҷом дода мешавад, ба ин тариқ, ки он аз роҳи қафо (мақъад), ки бевосита ба рӯдаи рост пайваст мебошад, ворид карда мешавад ва аз он ҷо ба рӯдаи ғафс меравад.

Хӯрок дар рӯдаҳои борик ҳазм мегардад ва вақте ба рӯдаи ғафс меояд, дар он ҷо об, қисме аз намакҳо ва глюкозаи таркиби он ҷабида мешавад. Дар амалияи имола (клизма) низ рӯдаи ғафс баъзе маводи таркиби маҳлулро меҷабад. Бинобар ин, бо имола кардан, яъне шустани рӯдаҳо ба воситаи маҳлулҳои шӯянда рӯза фосид мешавад ва танҳо қазо лозим меояд.

## 11. Гузоштани шиёф ва ғайра дар мақъад

Гузоштани шиёф[194] дар мақъад рӯзаро фосид мекунад, вале гузоштани пахтапора, фатила ва ғайра дар мақъад, агар тарафе аз онҳо дар берун боқӣ монда бошад, рӯзаро намешиканад, вале агар комилан ба дохили мақъад даромада бошанд, рӯза фосид мешавад. Гузоштани ин чизҳо дар фарҷи зан низ ҳамин ҳукмро дорад.[195]

## 12. Шустан ва ташхиси масона

Бо ворид кардани дастгоҳи найчаӣ ба масона (пешобдон) барои ташхиси дохилӣ вақте як сари он дар берун бошад, рӯза намешиканад. Шустани масона ба воситаи маҳлулҳои шӯянда рӯзаро фосид мекунад,

---

[194] Шиёф -/ҳо/. тиб: моддаи доруии ҷомиде мебошад, ки маъмулан аз маводи равғанӣ ва ба шакли махрут (дарозрӯя) сохта мешавад ва пас аз гузоштан дар мақъад бар асари ҳарорати бадан об ва таркиботи доруии он дар рӯдаи рост ҷабида мешаванд. Шиёф ва дигар ашёи табобатиеро, ки дар мақъад гузошта мешаванд, аксаран барои табобати бемориҳои бавосир ва дигар дардҳои мақъад ва ё барои таскини дард ва паст кардани ҳарорати таб истифода мебаранд. Онро ба арабӣ таҳмила ва лабус, ба англисӣ suppository (суппозиторий) ва ба русӣ свеча мегӯянд.

[195] Фиқҳи исломӣ. – Ҷ. 3. – С. 1708.

зеро ба андешаи фақеҳон дар гузашта аз масона ба сӯи шикам манфазе вуҷуд дорад.

Тибби муосир бошад, собит намудааст, ки дар байни масона ва шикам ҳеҷ манфазе вуҷуд надорад. Бинобар ҳамин дидгоҳи нави анатомӣ Маҷмаи фиқҳи исломӣ шустани масонаро шиканандаи рӯза надонистааст, ҳамчунин ворид кардани маводеро, ки ҳолати нурҳои ташхиси дохилиро равшантар месозанд, ҷоиз донистааст.

## 13. Хунсупорӣ (донорӣ)

Хунсупорӣ барои шахси рӯзадор ҳеҷ зарар ва мамнӯияти шаръие надорад. Аз назари ҷумҳури аҳли суннат бо ҳиҷомат рӯза намешиканад, зеро Расули акрам (с) дар вақти рӯзадорӣ ҳиҷомат намудааст.[196] Хунсупорӣ низ навъе аз хунгирӣ (ҳиҷомат) ба шумор меравад, бо ин тафовут, ки хуне, ки барои беморон супорида мешавад, аз рагҳои хунгард (вена) гирифта мешавад.

Супоридани хун барои таҳлил (анализ) низ дар аснои моҳи Рамазон мамнӯияте надорад ва рӯзаро намешиканад.

## 14. Шустан ва ташхиси маҳбил

Ташхиси маҳбил, бачадон ва дигар узвҳои дохилии занон ба воситаи дастгоҳ вақте як тарафи он дар берун бошад, рӯзаро намешиканад, вале шустани онҳо бо маҳлулҳои шӯянда рӯзаро фосид месозад, зеро бинобар дидгоҳи фиқҳии гузаштагон аз онҳо ба сӯи шикам манфазе вуҷуд дорад.

Тибби муосир хилофи онро собит намуда, муайян кардааст, ки ҳеҷ гуна манфазе аз ин узвҳо ба шикам вуҷуд надорад ва Маҷмаи фиқҳи исломӣ бо истинод ба ин мавқеи илми тиб дар ин масъала шустани маҳбил ва дигар узвҳои дохилии занонро бо маҳлулҳои шӯянда шиканандаи рӯза надонистааст.

## 15. Қарори Маҷмаи фиқҳи исломӣ

Маҷмӯи масоили диние, ки дар ин бахш зикр гардиданд, аз қабили чаконидани дору дар гӯш, чашм, бинӣ, имола кардан ва ҳамчунин дору ва муолиҷа намудани димоғ, масоили иҷтиҳодӣ мебошанд, яъне дар бораи онҳо далели қатъие дар Китоб ва суннат собит нашудааст. Бинобар ин, назари иҷтиҳодии донишмандони муосир дар ин масоил аз мавқеи фиқҳии фақеҳони гузашта ё куллан ва ё қисман фарқ мекунад.

---

[196] Дар Саҳеҳи Бухорӣ омадааст: ***«Паёмбар (с) дар ҳоле ки рӯзадор буд, ҳиҷомат кард»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1938, 1939).

Маҷлиси «Маҷмаи фиқҳи исломӣ» дар нишасти давраи даҳуми худ, ки дар таърихи 23-28 моҳи сафари соли 1418 ҳ. (мувофиқ ба 28-уми июн то 3-юми июли соли 1997 м.) дар шаҳри Ҷаддаи Арабистони Саудӣ баргузор гардид, пас аз шунидани баррасиҳои илмӣ ва тавсияҳои нишасти нӯҳуми Анҷумани фиқҳи тиббӣ дар бораи шиканандаҳои рӯза дар вақти муолиҷа, ки аз 9-ум то 12-уми моҳи сафари соли 1418 ҳ. (мувофиқ ба 14-ум то 17-уми моҳи июни соли 1997 м.) аз сӯи Созмони исломии донишҳои тиббӣ дар шаҳри Дорулбайзои кишвари Мағриб (Марокаш) баргузор гардид, қарори зеринро ба тасвиб расонд:

а) Корҳои зерин шиканандаи рӯза ба шумор намераванд:

1. Чаконидани дору дар чашм ё дар гӯш, шустани гӯш, чаконидани дору дар бинӣ ва ҳамчунин доруҳои пошанда дар бинӣ, вақте таъми он бо оби даҳон фурӯ бурда нашавад.

2. Истифодаи қурсҳое, ки барои бартараф намудани зиқи нафас, тапиши баланди дил ва дигар навъҳои бёморӣ дар зери забон гузошта мешаванд, вақте таъми он бо оби даҳон фурӯ бурда нашавад.

3. Шиёф ва ё маҳлулҳое, ки барои шустан ба маҳбил ворид карда мешаванд ва ҳамчунин дохил кардани дурбини ташхисӣ ва ё ангушти ташхиси тиббӣ ба маҳбил.

4. Дохил кардани дурбини ташхис ба бачадони зан ва ё бастани даҳони он бо спирал.

5. Дохил кардани дастгоҳи ташхис (найчаи борик) ё дурбини ташхис ё моддае, ки барои равшантар шудани нурҳои ташхисӣ мусоидат мекунад, ё дору ва ё маҳлуле барои шустани масона.

6. Тоза ва пур (пломба) кардани дандон, кандани он, гирифтани сангҳои дандонҳо ва мисвок кардан бо мисвокчӯб (шётка), вақте таъми он чи дар даҳон ҷамъ мешавад, бо оби даҳон фурӯ бурда нашавад.

7. Мазмаза, ғарғара ва пошидани доруҳои газӣ ба даҳон, вақте аз фурӯ бурдани таъми он бо оби даҳон эҳтиёт шавад.

8. Ҳуқна (укол)-ҳои муолиҷавие, ки дар зери пӯст, мушакҳо ва рагҳои хунгард (вена) карда мешаванд, вақте маҳлулҳои ғизодиҳанда надошта бошанд, яъне барои қувват набошанд.

9. Он чизе, ки аз тариқи сӯроххо ва масомаҳои таркиби пӯст ҷабида мешавад, ба монанди равғанҳо, марҳамҳо ва часпҳое, ки дар таркиби худ маводи доруӣ ва ё химиявӣ доранд.

10. Дохил кардани найчаҳои борик ба шоҳрагҳо барои ташхис ва ё муолиҷаи рагҳои дил ва дигар узвҳои бадан.

11. Дохил кардани дарунбин – эндоскоп (тораскоп) аз тариқи девори шикам барои муоинаи рӯдаҳо ва ё анҷом додани амалияи ҷарроҳӣ дар он ҷо.

12. Гирифтани пораҳои санҷишӣ – намуна (проба) аз ҷигар ва ё дигар узвҳо, вақте маҳлуле ба он ҷо ворид карда нашавад.

13. Дохил кардани дарунбин – эндоскоп (гастроскоп) барои муоинаи меъда, вақте ба он маҳлул ва ё моддаи дигаре молида нашуда бошад.

14. Дохил кардани дастгоҳ ва ё маводи доруӣ ба димоғ ва ҳароммағз.

Вале дар тамоми суратҳои зикргашта бояд табиби мусалмон беморро агар ба вай зараре нарасад, ба таъхири амалияҳои номбурда ба мобаъди замони ифтор насиҳат намояд.[197]

---

[197] Нусхаи электронии қарорҳои «Маҷмаи фиқҳи исломӣ», қарори 93 (1/10).

## ҲОЛАТҲОЕ, КИ НАГИРИФТАНИ РӮЗАИ МОҲИ РАМАЗОН ДАР ОНҲО ИҶОЗАТ АСТ

Мусофире, ки намозҳои чаҳорракъатаро дар сафар ду ракъат мехонад, дар он сафар нагирифтани рӯза низ барояш иҷозат аст, вале бояд қазои онро дар наздиктарин фурсати муносиб ба ҷо оварад ва мусофире, ки намозашро тамом мехонад, монанди касе, ки кори ӯ сафар аст, бояд дар сафар рӯза бигирад. Дар сафаре, ки рӯза боиси машаққат нагардад, гирифтани он беҳтар аст.

Беморе, ки бим дорад, ки бо рӯза гирифтан беморияш зиёд мешавад, рӯза нагирад ва пас аз беҳбудиаш қазои онро ба ҷо оварад. Вале агар рӯза гирифтан ба бемории ӯ зарар надошта бошад, беҳтар аст, ки рӯза бигирад.

Занони ҳомила ва ширдеҳ агар аз ҳалокати худ ё тифлонашон бим дошта бошанд, ҷоиз аст дар моҳи муборaки Рамазон рӯза нагиранд, вале бояд қазои онро ба ҷо оваранд.

Ибни Аббос (р) дар тафсири ояти: **«Ва бар касоне, ки рӯзаро бо сахтӣ ва машаққат таҳаммул менамоянд, ба андозаи таоми як мискин фидя додан аст»** мефармояд: «Ин барои пирамарди солрафта ва зани пир, ки ба зӯр метавонистанд рӯза бигиранд ва ҳамин тавр, барои зани бордор ва ширдеҳ, вақте бар (ҳалокати худ ва ё тифлаш) хафв барад, рухсате аст. Онҳо ифтор карда, ба ҷои ҳар рӯз мискинеро таом медиҳанд».[198]

Вале назари машоихи мазҳаби ҳанафӣ дар ин масъала он аст, ки зани ҳомила ва ширдеҳ, агар бар худ ва ё тифлаш хавф барад, ифтор намуда, дар муносибтарин фурсат қазои онро ба ҷо меоваранд ва ҳеҷ гуна фидяе бар онҳо воҷиб намебошад.

Дар ҳолати ҳайзу нифос рӯза гирифтани занон ҷоиз нест, вале пас аз пок гаштан бояд қазои он рӯзҳоро ба ҷо оваранд.

Касе, ки ба сабаби пирӣ наметавонад рӯза бигирад ва баъд аз моҳи муборaки Рамазон ҳам наметавонад қазои онро ба ҷой оварад ва ҳамчунин беморе, ки то охири умр ба саломатиаш умеде нест, метавонанд дар моҳи муборaки Рамазон рӯза нагиранд, вале бояд барои ҳар рӯзаш фидя диҳанд. Фидя он аст, ки ҳар рӯз як мискинро ду вақт таом диҳанд.

Тифле дар рӯзи моҳи муборaки Рамазон болиғ гардад ва ё кофире мусалмон шавад, бар онҳо лозим аст, ки дар рӯзҳои боқимонда рӯза бигиранд. Қазои худи он рӯз бар онҳо воҷиб нест, вале ба хотири ҳамбастагӣ бо мусалмонони рӯзадор бояд аз хӯрдану нӯшидан имсок намоянд.

---

[198] Сунани Абӯдовуд, 2318.

## Каффорати рӯза

Каффорат ҷаримаест, ки барои ҷуброни рӯзаи фосидшуда муайян шудааст ва он бо дарназардошти ҳолатҳои молӣ ва ҷисмии шахси рӯзадор ба се навъ тақсим мешавад:

**1.** Озод кардани як ғулом;

**2.** Агар ба озод кардани як ғулом қодир набошад, ду моҳ пай дар пай рӯза бигирад;

**3.** Агар қудрати рӯза гирифтан ҳам надошта бошад, пас ба шаст мискин барои субҳу шом таом диҳад.

Гар касе қасд кард дар хӯрдан,
Ба наҳору муҷомаат кардан.

Шаст мискинро таом бояд дод,
Ё яке банда карданаш озод!.

Ё ду моҳ рӯза паёпай дор,
То шавӣ аз ҳаёт бархӯрдор!.

Каффорати рӯза вақте бар шахс воҷиб мегардад, ки рӯзаи моҳи Рамазонро бо яке аз се мамнӯоти қатъӣ: хӯрдан, нӯшидан ва ҳамбистарӣ фосид намуда ва дар вай шартҳои зерин фароҳам омада бошанд: 1. Синну сол ва шароити дигари таклиф[199] дар вай мавҷуд бошанд, 2. рӯзаи моҳи Рамазонро аз шаб ният карда бошад, 3. пеш аз фосид намудани рӯза ва ё баъд аз он чизе аз узрҳое, ки ифторро ҷоиз мегардонанд, ба вуҷуд наомада бошад, 4. бо икроҳ ва маҷбурӣ набошад, 5. қасдан ва бе фаромӯшӣ сурат гирифта бошад, 6. хато накарда бошад ва ҳамчунин дар ҳолати изтирорӣ қарор надошта бошад.

Бинобар ин, кӯдаки ба балоғат нарасида ва ҳамин тавр болиғе, ки пас аз дамидани субҳ нияти рӯза карда бошад, агар рӯзаашонро фосид намоянд, бар онҳо каффорате воҷиб намегардад. Шахси рӯзадор агар сафар намояд ва пас аз он рӯзаашро бихӯрад, бар вай каффорате воҷиб намегардад, зеро сафар аз узрҳои шаръие аст, ки хӯрдани рӯза бо он ҷоиз мегардад.[200] Ва ё пас аз он ки рӯзаашро қасдан хӯрд, бемор

---

[199] Таклиф -/ҳо; таколиф/. дин: дар истилоҳи диншиносӣ такомули зарфиятҳои зеҳнӣ ва шароити синну солие мебошад, ки бо фароҳам омадани онҳо дар шахс мавриди хитоби амрҳои динӣ қарор мегирад, ба монанди синну соли балоғат, камоли ақлӣ ва ғ.. Бинобар ин, таклифҳои шаръӣ аз кӯдаки ноболиғ, одами ноқисулақл ва ҳар каси дигаре, ки шароити шаръии таклиф дар вай фароҳам набошанд, бардошта мебошанд.

[200] Сафар яке аз узрҳои шаръӣ аст, ки бо таносуби ҳоли шахс гирифтан ва нагирифтани рӯза ҳар ду дар он ҷоиз мебошад. Агар шахсе пеш аз сафар нияти рӯза намояд ва пас аз баромадан ба сафар рӯзаашро бихӯрад, бар вай танҳо қазо воҷиб мегардад, на каффорат. Зеро бо ин узр метавонист тамоман рӯза нагирад.

Аммо агар рӯзаро бихӯрад ва пас аз он ба сафар барояд, қазову каффорат ҳар ду бар вай воҷиб мегарданд. Зеро рӯзаро пеш аз ба вуҷуд омадани узре фосид намуда-

шавад ва зан ҳайз бинад, дар ин суратҳо низ бар вай каффорате воҷиб намегардад, зеро ҳоло барояш шароите пеш омадааст, ки ногузир рӯзаашро мехӯрад.

Ҳамчунин агар рӯзадореро маҷбуран бихӯронанд ва ё бо фаромӯшӣ ва ё ба ваҷҳи хато ва ё дар ҳолати изтирорӣ рӯзаашро бихӯрад, дар ин ҳолатҳо низ бар вай каффорате воҷиб намегардад. Хато ин аст, ки масалан, шахсе ба гумони ин ки ҳанӯз субҳ надамидааст, саҳарихӯриро идома диҳад ва баъдтар маълум шавад, ки субҳ кайҳо дамидааст ва ё дар рӯзи абрӣ ба гумони ин ки офтоб нишастааст, ифтор намояд ва пас аз каме маълум гардад, ки ҳанӯз офтоб нанишастааст. Ё дар вақти вузӯ даҳонашро обгардон намояд ва миқдоре об ба ҳалқаш фурӯ равад.

Ин корҳо аз вай на қасдан сурат гирифта ва на саҳван – бо фаромӯшӣ сар задаанд, зеро дар тамоми ин суратҳо рӯзааш дар хотираш буд, вале дар суратҳои аввал дар таъйини дақиқи дамидани субҳ ва ё нишастани офтоб ба хато роҳ додааст ва дар сурати ахир миқдоре об ба таври хато ба ҳалқаш фурӯ рафтааст.

Дар тамоми суратҳои зикршуда, ба ҷуз кӯдаки ба балоғат нарасида, қазо ҳатман бар шахс воҷиб мегардад, вале каффорат надоранд. Зеро каффорат аз ҷониби шаръ дар сурати камоли ҷиноят дар фосид намудани рӯза пешбинӣ шудааст ва он бо таҳаққуқи шартҳои номбурда ба вуҷуд меояд.

Чӣ тавре мушоҳида мешавад, барои ҷуброни рузаи фосидшуда дар моҳи Рамазон илова бар қазои он рӯзе, ки фосид шудааст, дар маҷмӯаи қонунгузории шаръ ҷаримае ҳам бо номи каффорат пешбинӣ шудааст, зеро дар ин ҳолат ҳатки ҳурмати моҳи Рамазон – фаризаи худовандӣ – ва беэҳтиромии ошкоре нисбат ба муқаддасоти Ислом сурат гирифтааст. Вале аз он ҷо ки ин чорабинӣ ба унвони ҷарима ва ба сурати ҷазое пешбинӣ шудааст, шариат доираи онро хеле маҳдуд намуда, ҳолатҳои воҷиб гардидани онро бо шартҳои амалие вобаста кардааст, ки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ кам ба вуқӯъ меоянд.

Ба ин маъно, ки каффорат вақте бар шахс воҷиб мегардад, ки дар моҳи Рамазон рӯзона қасдан бе ҳеҷ гуна узри шаръӣ ва ё шубҳае аз вуҷуди узрҳо рӯзаашро, ки тамоми шартҳои камол дар он таҳаққуқ ёфта бошанд, бо яке аз се мамнӯоти рӯза: хӯрдан, нӯшидан ва ё ҳамбис-

---

аст, ки гирифтан ва нагирифтани рӯза ҳар ду дар он ҷоиз аст. Агар рӯзаашро пеш аз ба вуҷуд омадани сафар бихӯрад, ин узри шаръӣ – сафар дар соқит шудани каффорат аз вай таъсире надорад.

Дар мавриди ҳайзу нифос ва беморӣ бошад, масъала каме фарқ мекунад, зеро дар сурати ҳайзу нифос рӯза доштан шаръан мамнӯъ аст ва дар ҳолати беморӣ имкони идомаи он боқӣ намемонад. Аз ин рӯ, вақте рӯзаашро фосид намояд ва пас аз он ин узрҳо пеш оянд, каффорате бар вай воҷиб намегардад.

тарӣ ба таври комил фосид намояд. Аммо агар камоли шаръӣ дар яке аз ашёи номбурда мавҷуд набошад, масалан, аз шаб нияти рӯза накарда бошад[201] ва ё рӯз ҳанӯз равшан нагашта бошад, яъне шубҳаи бақои шаб ӯро ба ин кор водошта бошад ва ё пеш ё пас аз фосид намудани рӯза яке аз узрҳои шаръӣ барояш пеш ояд ва ё амали ҳамбистариро дар ҷои худ анҷом надиҳад[202] ва ё чизеро, ки хӯрда ва ё нӯшидааст, маъмулан аз ашёи хӯрокӣ ва маводи доруӣ набошад, ба монанди фурӯ бурдани сангреза, гарду ғубор, пашша ва ғ., дар тамоми ин суратҳо каффорате бар шахс воҷиб намегардад.

Шоёни зикр аст, ки ҳукми каффорати рӯзаи моҳи Рамазон бо суннати Расули Худо (с) собит шудааст. Ривоят шудааст, ки: ***«Марде ба назди Паёмбар (с) омад ва гуфт: Эй Расули Худо (с), ҳалок гардидам. Гуфт: Чӣ чиз туро ҳалок сохт? Гуфт: Дар моҳи Рамазон ба занам наздикӣ намудам. Фармуд: Оё ғуломеро озод карда метавонӣ? Гуфт: Не. Фармуд: Оё ду моҳ паёпай рӯза дошта метавонӣ? Гуфт: Не. Фармуд: Оё чизе меёбӣ, ки шаст мискинро таом диҳӣ? Гуфт: Не. Пас аз он бинишаст. (Дар ин вақт) ба назди Паёмбар (с) сабади хурмое оварда шуд. Фармуд: Инро бигир ва садақа кун. Гуфт: Оё бар фақиртар аз худам? Қасам ба Худо, дар миёни ду доманае, ки шаҳри Мадинаро дар иҳотаи худ гирифтаанд, хонадоне мӯҳтоҷтар ба он аз аҳли байти ман вуҷуд надорад. Паёмбар (с) хандид, то он ки дандонҳои пешаш намудор гаштанд, он гоҳ фармуд: Бирав ва онро ба аҳли хонаводаат бидеҳ».***[203]

---

[201] Дар назди машоихи мазҳаби ҳанафӣ нияти рӯзаи моҳи Рамазон ҳамон гуна ки шабона ҷоиз мебошад, рӯзона низ то пеш аз завол дуруст мегардад. Агар касе шабона то дамидани субҳ бедор нашавад, метавонад пас аз дамидани субҳ то пеш аз завол вақте чизе нахӯрда бошад, нияти рӯза намояд ва бо ҳамин рӯзааш дуруст мегардад. Вале аз назари бузургони шофеъӣ ва аксари аҳли илм шабона бастани ният шарт аст ва агар он шабона то пеш аз дамидани субҳ баста нашавад, рӯзаи шахс дуруст намегардад. Зеро аз Ҳафса (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуд: ***«Касе барои рӯза пеш аз дамидани субҳ (аз шаб) ният накунад, барояш рӯзае нест»***. (Сунани Абӯдовуд, 2454. Сунани Тирмизӣ, 730. Сунани Насоӣ, 2330-2342).

Машоихи ҳанафӣ ин ҳадисро ба шароити камоли рӯза ҳамл намуда ва ниятро аз шаб хуб ва афзал донистаанд. Вақте шахс аз шаб нияти рӯза накарда бошад, ҳарчанд нияти вай то пеш аз завол дуруст мегардад, вале аз он ҷо ки яке аз шароити камоли савм барояш таҳаққуқ наёфтааст, бо фосид намудани он каффорате бар вай воҷиб намегардад.

Лек мар вақтиву навофилро,
То ба пеш аз завол ҳаст раво.
Ҳамчунин гар халал талаб накунӣ,
Нияти рӯза ҷуз ба шаб накунӣ!.

[202] Агар амали ҳамбистариро дар ҷои муқаррарии худ анҷом надиҳад, балки ба сурати тафхиз, истимно ва ғайра ниёзи ҷинсии худро бароварда созад, дар ин сурат бар вай каффорате воҷиб намегадад, балки фақат қазои рӯза бар вай воҷиб аст.

[203] Саҳеҳи Бухорӣ, 1936, 1937. Саҳеҳи Муслим, 2590 (1111)-81.

Вале навъҳои дигари каффоратҳо: каффорати зиҳор, каффорати қатли ба хато, каффорати савгандшиканӣ ва каффорати қатли сайди Ҳарам дар вақти эҳром бо насси қуръонӣ собит шудаанд. Каффорати зиҳор бо оятҳои 3 ва 4 сураи Муҷодала, каффорати қатли ба хато бо ояти 92-юми сураи Нисо, каффорати савгандшиканӣ бо ояти 89-уми сураи Моида ва каффорати қатли сайд бо ояти 95-уми сураи Моида собит шудааст.

Каффорати рӯзаи моҳи Рамазон бо суннат собит шуда ва насси сареҳ дар ин замина танҳо ҳолати муҷомаат ва ҳамбистариро дар бар мегирад, вале машоихи ҳанафӣ ҳукми каффорати ифсоди рӯза ба василаи хӯрдан ва нӯшиданро бо қиёс ба он собит намудаанд. Зеро ҳар се мамнӯоти қатъии рӯза: хӯрдан, нӯшидан ва ҳамбистарӣ бо оят муайян гардидаанд. Аммо аз он ҷо ки насси каффорати рӯза танҳо ҳолати ҳамбистариро дар бар мегирад, бузургони шофеъӣ каффоратро дар боби ифсоди рӯза танҳо ба ҳамон мавриди нас(с) маҳдуд дониста ва дар мавриди ифсоди рӯза бо хӯрдану нӯшидан ҳеҷ гуна каффоратеро воҷиб нагуфтаанд.

Тафсили баъзе масоили ин боб дар фаслҳои баъдӣ баён мегардад ва суратҳои гуногуне дар ин бора зикр мешаванд, вале дар баъзе мавридҳо барои дарки дурусти ин масоил беҳтар аст ба коршиносони соҳа ва донишмандони фиқҳ муроҷиат шавад.

## Тафсили масоиле дар бораи каффорат

**1.** Агар бо сабабҳои дигаре ғайр аз ҳамбистарӣ – ба сабаби хӯрда ва нӯшидан бар рӯзадор каффорате воҷиб гардад ва ҳанӯз он каффоратро напардохта, ки каффорати дигаре бар вай воҷиб гардад, барои ҳар ду додани як каффорат кифоя аст, агарчи дар ду рамазон иттифоқ афтода бошанд. Аммо, агар ба воситаи ҳамбистарӣ бар вай чанд каффорат воҷиб гашта бошад ва ҳама дар як Рамазон ба амал омада бошанд, додани як каффорат барои ҳама кифоят мекунад, вале агар дар ду Рамазон ба вуҷуд омада бошанд, як каффорат барои онҳо кифоят намекунад, бояд ду каффорат диҳад.[204]

**2.** Агар касе рӯзаи як рӯзи Рамазонро пас аз ният бе ҳеҷ гуна беморӣ ва узри шаръие қасдан бихӯрад, бояд ҳам қазои он рӯз ва ҳам каффорати онро ба ҷо оварад.

---

[204] Дар бораи касе, ки рӯзаашро бо ҳамбистарӣ дар ду Рамазон фосид кардааст, дар зоҳири ривоятҳои мазҳаб ду қавл вуҷуд дорад: 1. як каффорат барои ҳар ду ҷиноят кифоя мекунад, 2. барои ҳар ду каффорати алоҳида воҷиб аст. (Бадоеъуссаноеъ. – Ҷ. 2. – С. 254. Тӯҳфатул фуқаҳо. – С. 175. Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абӯаҳмад маъруф ба Алоуддини Самарқандӣ. – Бейрут. Минбаъд: Тӯҳфатул фуқаҳо).

Он ду моҳ рӯза адо кардан,
Ончӣ хӯрдаст ҳам қазо кардан.

Вақте барои адои каффорат аз миёни се навъи он – озод сохтани ғуломе ва ё таом додани шаст мискин – рӯзаро ихтиёр намояд, пас бояд ду моҳро паёпай рӯза бигирад. Ба шарте дар миёни он ду моҳ як-ду рӯзро бихӯрад, бояд аз сари нав ду моҳ рӯза бигирад. Албатта, рӯзҳои ҳайз барои занон муъоф (бахшуда) аст. Агар зане дар миёни ду моҳи рӯзаи каффораташ ҳайз бинад, бақияи онро пас аз пок гаштанаш идома медиҳад.

**3.** Агар ба сабаби нифос аз паёпай гирифтани рӯза бозмонад, пас аз покӣ бояд аз нав ду моҳро паёпай рӯза бигирад. Нифос ҳарчанд узри шаръӣ ҳам бошад, дар вақтҳои дигар метавонад паёпай ду моҳ рӯза бигирад, вале дар ҳолати ҳайз чунин имконро надорад. Барои ҳамин дар миёни он ду ҳолат фарқ гузошта шудааст.

**4.** Барои каффорат, агар таом додани шаст мискин ба ҳолаш мувофиқ бошад, агар таоми омода диҳад, пас ҳар мискинро ба андозаи ду вақт хӯрок: субҳу шом то хуб сер шудан таом диҳад.

**5.** Агар нони гандуми холис бошад ҳам, кифоя мекунад ва агар ғайри нони гандум бошад, бояд онро бо хӯрише ҳамроҳ намояд.

**6.** Дар сурате ки барои шаст мискин ба ҷои таом гандум, ҷав ва ё хурмо диҳад, ҷоиз аст ва ба ҳар яке ба миқдори садақаи Фитр – ним соъ – дода шавад. Додани қимати гандум, хурмо ва ғайра низ ҷоиз мебошад.

**7.** Касеро аз ҷониби худаш барои додани каффорат вакил гардонад ва ӯ низ ба навбати худ каффоратро бипардозад, ҷоиз аст, вале агар касе бе ваколат каффорати шахсеро бидиҳад, ҷоиз намешавад.

**8.** Метавонад ба ҷои шаст мискин як нафар мискинро шаст рӯз таом диҳад.

**9.** Дар таом додан пай дар пай будани хӯрок шарт нест. Бинобар ин, агар мискинеро чанд рӯз таом диҳад ва чанд рӯзи дигар таътил намояд, вале саранҷом шаст рӯзро комил гардонад, дуруст аст.

**10.** Агар миқдори каффорати шастрӯза ё қимати онро якбора ба мискине бидиҳад, ҷоиз нест.

**11.** Агар аз миқдори садақаи Фитр камтар бидиҳад, низ ҷоиз нест.

12. Дар пардохти фидяе, ки барои пирамарди солрафта пешбинӣ шудааст ва дар таоми каффоратҳо, ки ба сурати хӯроквории ва ё ғаллагиҳо бароварда мешаванд, тамлик шарт нест, вале дар садақаи Фитр ва закот тамлик шарт аст. Назари фақеҳон ин аст, ки пардохтҳо дар ҳар ҷое аз нусуси шаръ бо калимаи таом **(طعام)** ва итъом (إطعام) зикр шуда бошанд, дар онҳо тамлик ва мубоҳият ҳар ду ҷоиз ҳастанд ва дар ҳар ҷое бо калимаи додан **(الإيتاء)** ва ё адо **(الأداء)** зикр шуда бошанд,

дар онҳо тамлик шарт аст. Бинобар ин, агар барои шаст мискин таоме омода намояд ва дар пеши онҳо бигузорад, барои иброи зиммааш кифоя мекунад, шарт нест, ки онро ба дасти якояки онҳо бисупорад ва онҳо қабз намоянд.

## Рӯзаи қазо

Агар касе рӯзаро дар вақташ нагирад, бояд рӯзҳои дигаре ба ҷои он рӯза бигирад. Он рӯзае, ки пас аз моҳи Рамазон ба ивази он ба ҷо оварда мешавад, «рӯзаи қазо» ном дорад. Қазои рӯзаи моҳи Рамазон бо ояти савм собит шудааст, он ҷо ки мефармояд: **«Касе аз шумо бемор ва ё дар сафар бошад, пас (бар онҳо рӯзаи) чанд рӯзи дигар аст»**.[205]

Қазои рӯза ба ду навъ аст: қазои шаръӣ ва қазои амдӣ. Манзур аз қазои шаръӣ он аст, ки шариати Ислом дар ҳолатҳои махсусе ба хӯрдани рӯза иҷозат додааст ва пас аз бартараф гардидани он ҳолатҳо қазои онро воҷиб гардонидааст. Ин кор танҳо барои шаш гурӯҳи одамон: **а)** беморон, **б)** мусофирон, **в)** пирамардони бемадор, **г)** пиразанони нотавон, **д)** занони бордор ва **ж)** занони ширдеҳ шаръан иҷозат дода шудааст ва онҳо бо хӯрдани рӯза дар он ҳолатҳо гуноҳе намегиранд, балки хилофи он гуноҳ аст.

Қуръони карим дар ин бора мефармояд: **«Ва касе аз шумо бемор ва ё дар сафар бошад, (метавонад рӯзаро ифтор намояд ва ба ҷои он) чанд рӯзи дигарро (пас аз барқарор шудани саломатӣ ва баргаштан аз сафар) рӯза бидорад. Худо барои шумо осониро мехоҳад ва душвориро бароятон намехоҳад»**.[206] Ҳамчунин мефармояд: **«Ва бар касоне, ки рӯзаро бо сахтӣ дошта метавонанд, ба андозаи таоми як мискин фидя додан аст»**.[207] Ин оят бинобар ривояти Ибни Аббос (р) чор гурӯҳи ахирро дар бар мегирад.

Дар ғайри ин суратҳо, агар касе дидаву дониста ва ё аз рӯи саҳлангорӣ ва бе ҳеҷ гуна узре рӯзаро бихӯрад, он гуноҳи кабира ба шумор меравад. Бояд аз ин кораш тавбаву истиғфор намояд ва ҳарчи зудтар қазои онро ба ҷой оварад. Инро қазои амдӣ мегӯянд.

Дар қазо доштани рӯза пай дар пай гирифтани он шарт нест. Агар бихоҳад онро пай дар пай ба ҷой оварад ва агар ҳам хоста бошад ҷудо-ҷудо рӯза бигирад. Вале, бе узре ба таъхир андохтани он гуноҳ аст ва бояд ҳарчи зудтар ба ҷо оварда шавад.

Дар сурате рӯзаи қазоро то моҳи мубораки Рамазони соли баъдӣ ба таъхир андохт, аввал бояд рӯзаи моҳи мубораки Рамазонро гириф-

---

[205] Сураи Бақара, 2: 183, 185.
[206] Сураи Бақара, 2: 185.
[207] Сураи Бақара, 2: 184

та, баъд аз он рӯзаи қазои соли гузаштаашро ба ҷо оварад. Барои ин кор бар вай фидя лозим намегардад.

Касе ҳанӯз рӯзаи қазоро ба ҷо наёварда, маргаш фаро расад, аз Худованд талаби омурзиш намуда, барои валии (соҳиб ва ворисӣ) хеш васият кунад, то барои ҳар рӯзаш як мискинро таом диҳад.

Барои гирифтани рӯзаҳои қазоӣ тартиби таърихие муайян нашуда, вале агар қазои ду Рамазон бар зиммааш бошад, дар ин сурат муайян намудани солу моҳ лозим аст.

Дар рӯзаи қазоӣ ният аз шаб шарт аст. Агар баъд аз дамидани субҳ ният кунад, рӯзааш нафл ҳисоб мешавад ва каффоратро низ ҳамин ҳукм аст.

Агар чанд рӯз рӯзаро қазо карда бошад, ихтиёр дорад, ки қазои онҳоро пай дар пай бигирад ё ҷудо-ҷудо.

Шахсе дар моҳи Рамазон нияти рӯза карда беҳуш гардад ва ин ҳолати вай аз се рӯз бештар идома пайдо намояд, ҳамагӣ ду рӯзро бояд қазоӣ бигирад. Агар дар шаб беҳуш шавад, низ ду рӯз қазо бигирад. Магар ин, ки дар шаб нияти рӯза накарда бошад ё субҳ ба ҳалқаш дору рехта бошанд, дар ин сурат ҳар се рӯзро қазоӣ бигирад. Агар тамоми моҳро ҳамчунон беҳуш монад, бояд ҳамаи моҳро қазо ба ҷо оварад.[208] Аммо, агар девона шавад, муддати девонагӣ ба ҳар андозае бошад, қазоӣ надорад.

Занҳое, ки дар моҳи Рамазон қурсҳои (таблетка) манъи ҳамл (зидди бордорӣ) мехӯранд ва тамоми моҳи Рамазон ҳайз намебинанд, рӯзаи тамоми он моҳи онҳо дуруст аст.

## Баёни ҳолатҳое, ки шикастани рӯза ё нагирифтани рӯза дар онҳо ҷоиз аст

1. Рӯзадоре ногаҳон бемор гардад, ба сурате ки агар нахӯрад ва ё нанӯшад, бими ҳалокат ё зиёдшавии беморӣ ва ё таъхире дар барқароршавии тандурустиаш ба вуҷуд ояд, дар ин ҳолатҳо шикастани (хӯрдан) рӯза барояш ҷоиз аст.

2. Ташнагӣ то ҷое рӯзадорро беҳол намояд, ки агар об нанӯшад, шояд бимирад, дар ин ҳол низ шикастани рӯза барояш ҷоиз аст.

3. Зани бордор вақте хавфи ҳалокати худ ё тифлашро эҳсос намояд, хӯрдани рӯза барояш ҷоиз аст. Дар ду ҳолати номбурда (беморӣ ва бордорӣ) агар ҳанӯз барои рӯза ният накарда бошад, метавонад рӯзаро нагирад. Локин барои бемор ба маҳзи тахмину хаёл ин кор ҷоиз

---

[208] Рӯза бо ният баҷо меояд. Вақте дар рӯзи аввал хоҳ аз шаб хоҳ аз саҳарӣ нияти рӯза намуда ва бо ҳамин беҳуш гашта бошад ва то бегоҳ ба ҳамон ҳол боқӣ монда, рӯзаи он рӯзаш дуруст мегардад. Аммо дар ду рӯзи дигар ӯ беҳуш буд, то нияти рӯза намояд. Бинобар ин, ҳамон ду рӯзи баъдиро қазо меоварад.

нест, балки бояд табиби ҳозиқ (донишманд) ва бодиёнате ин ҳолатро таъйид намояд.

4. Табиб чизе нагуфта, вале аз таҷриба ва нишонаҳои дигар донист, ки ба сабаби рӯза беморияш шиддат пайдо мекунад ва ё дар барқароршавии саломатиаш таъхир меафтад, дар ин сурат низ ҷоиз аст рӯза нагирад.

5. Бемор солим гашта, вале ҳанӯз бемадор бошад ва ғолиби гумон ин аст, ки бо рӯза гирифтан мумкин аст дубора бемор шавад, рӯза нагирад.

6. Шахси бемор ва мусофире, ки дар ҳолати беморӣ ва сафар даргузаштаанд, барои рӯзаи хӯрдаашон дар охират бозхост намешаванд. Зеро шариат дар ин ҳолатҳо хӯрдани рӯзаро барояшон иҷозат додааст.

7. Шахсе муддати даҳ рӯз бемор бошад ва панҷ рӯз беҳтар шавад, вале дар ин муддат қазоии даврони беморияшро нагирад ва баъд аз он даргузарад, панҷ рӯзи даврони беморияш муъоф буда, барои панҷ рӯзи дигараш бозхост мешавад.

8. Дар мусофират рӯзаро нагирифт ва чун ба хона баргашт, аз дунё гузашт, ба андозаи ҳамон чанд рӯзе, ки дар хона буда ва қазои рӯзаашро ба ҷой наовардааст, бозхост мешавад. Чунин шахс бояд ба ворисонаш васият кунад, ки фидяи рӯзҳои қазо наёвардаашро пардохт намоянд. Фидяи рӯза барои ҳар рӯз ним соъ гандум аст.

9. Мусофире, ки барои камтарин муддати иқомат (15 рӯз) ё бештар аз он нияти иқомат намояд, хӯрдани рӯза барояш ҷоиз нест. Агар аз он миқдор камтар нияти иқомат намояд, ҳар ду тарафи кор барояш яксон аст. Бубинад, агар хӯрдан барояш муносибтар бошад, бихӯрад ва агар рӯза доштан беҳтар бошад ва машаққате барояш ба вуҷуд наояд, рӯза бигирад.

10. Кофире дар миёнаҳои рӯз мусалмон шавад ва ё кӯдаке ба балоғат расад, барояшон мустаҳаб аст, ки бозмондаи он рӯз аз хӯрдану нӯшидан худдорӣ намоянд ва агар бихӯранд ҳам, қазое бар онҳо лозим нест.

11. Шахсе дар мусофират қасди нагирифтани рӯзаро дошта бошад, вале пеш аз нисфирӯзӣ (завол) ба хонааш баргашта муқим шавад ва ё дар як чунин вақте нияти иқомат намояд ва то ҳол чизе нахӯрда ва нанӯшида бошад, метавонад аз ҳамон вақт барои рӯза ният бандад.

12. Шахси пиру нотавон вақте бардаму тавоно гашт ва ё бемори барҷомондае бар асари кӯшиши табибон саломатияш дубора барқарор шуд, бояд қазои рӯзаашонро ба ҷой оварад, зеро дар ин сурат фидя наметавонад ҷойгузини рӯза гардад.

13. Бар зиммаи шахсе чанд рӯз рӯзаи қазоӣ бошад ва дар вақти мурдан ба додани фидя васият кунад, он (васият) пас аз кафан ва дафн аз як сеюми молаш бароварда мешавад. Бе васият аз моли ба ирс гузоштааш фидя додан ба хоҳиш ва ихтиёри ворисон вобаста аст.

14. Агар миқдори фидяе, ки бояд дода шавад, аз як сеюми моли даргузашта зиёдтар бошад, бо вуҷуди васият, бе ризояти ворисон баровардани миқдори зиёдатии фидя ҷоиз нест.

15. Васият барои додани фидя дар ивази намозҳои қазо кардааш низ ҳамин ҳукмро дорад.

16. Бар зиммаи шахсе закоти молаш монда бошад ва ба ҳангоми марг ба додани он васият намояд, дар ин ҳолат низ ворисон баъд аз кафан, дафн ва адои қарзҳояш аз сеяки молаш закот медиҳанд.

17. Бар асоси мазҳаби ҳанафӣ аз тарафи шахси даргузашта намоз хондан ва рӯза гирифтани каси дигаре ҷоиз нест ва чизе аз зиммааш соқит намешавад.

18. Бе узр хӯрдани рӯзаи моҳи муборакии Рамазон гуноҳи кабира (гуноҳи бузург) аст. Набояд бандаи мӯъмин ин фикри хаторо дар сар бипарваронад, ки ҳоло, ки вақт аст, мехӯрам ва чун умрам ба ҷое расид, рӯза мегирам ва қазоҳои гузаштаро ба ҷо меоварам, зеро дар ҳадис аст, ки агар тамоми умрро рӯза бигирад, бо як рӯзи рӯзаи моҳи Рамазон баробар намешавад.[209] Дигар ин ки шояд аҷал ӯро фурсат надиҳад, то умраш ба ҷое бирасад.

19. Кӯдаки ноболиғе рӯза гирад ва сипас онро бихӯрад, қазое бар вай воҷиб намегардад, вале агар намозро ният кунад ва бишиканад, бояд онро аз сар бихонад.

## Намозу рӯза дар минтақаҳои қутбӣ

Шабу рӯз дар хатти истиво (экватор) ҳамеша баробар мебошанд ва ҳарчи фосилаи ҷайгиршавии минтақаҳо дар параллели ҷуғрофиёӣ аз хатти истиво дуртар мегардад, дарозу кӯтоҳшавии шабу рӯз дар натиҷаи тамоюли нимкураҳои шимолӣ ва ҷанубии замин дар баробари офтоб, ки дар аснои гардиши солонаи он ба вуҷуд меояд, бештар мешавад ва дар дараҷаҳои баланди арзи ҷуғрофиёӣ, ки аз 66 дараҷа болотарро дар бар мегиранд, шабу рӯзи қутбӣ ба вуҷуд меояд. Ба ин маъно, ки дар баҳору тобистон ба муддати чанд моҳ дар қутби шимол ва атрофи он рӯзи қутбӣ ҳукмфармо мегардад ва офтоб ғуруб намекунад ва дар ҳамин вақт дар қутби ҷануб ва атрофи он ба муддати чанд моҳ шаби қутбӣ аст. Дар фаслҳои тирамоҳ ва зимистон бошад, баръакс, ба муддати чанд моҳ дар қутби ҷануб рӯз аст, дар ҳоле ки дар қутби шимол ва атрофи он шаби қутбӣ ҳукмфармост.

---

[209] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки Расули Худо (с) дар он мефармояд» ***«Касе бе ҳеҷ гуна узр ва беморие як рӯзе аз Рамазонро бихӯрад, агар тамоми даҳр рӯза бидорад, қазои онро ба ҷой оварда наметавонад»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, муқаддимаи ҳадиси 1935). Вале зоҳиран барои соқит намудани фарз ба ҷои он як рӯз қазоӣ мегирад.

Дар минтақаҳои қутбӣ ва атрофи он шабу рӯзи муқаррарӣ ва системаи вақт дар кураи замин, ки ҳудуди бисту чаҳор соатро ташкил медиҳад, ба сурати дигаре тағйир ёфта, сол аз сесаду шасту шаш шабонарӯз тақрибан ба чанд шабонарӯз табдил мешавад. Дар минтақаҳои поёнтар аз параллели 45, ки чаҳор иқлими ҷуғрофӣ: истивоӣ (экваторӣ), наздиистивоӣ (субэкваторӣ), мадорӣ (тропикӣ) ва наздимадорӣ (субтропикӣ)-ро дар бар мегирад, низоми муқаррарии шабу рӯз ҳукмфармост, ҳарчанд дигаргуншавии шабу рӯз дар хатти параллели 45 ва атрофи он нисбат ба хатти истиво хеле фарқ дорад.

Дараҷаҳои арзие, ки болотар аз параллели 45 ҷойгир шудаанд ва дигаргуншавии шабу рӯз дар онҳо аз ҳад зиёд аст, ба се минтақаи замонӣ тақсимбандӣ шудаанд:

а) Минтақае, ки дар ҳар ду нимкураи шимолӣ ва ҷанубӣ дар миёнаи хатти арзи 45 ва 48 воқеъ шудааст. Ин минтақа иқлими нисбатан мӯътадилтареро, ки дар байни ақолими субтропикӣ ва иқлимҳои наздиартикӣ (субартикӣ) ва наздиантартикӣ (субантартикӣ) дар шимол ва ҷануб ҷойгир шудааст, фаро гирифта, нишонаҳои зоҳирии астрономӣ (фалакӣ) барои шинохтани вақт дар он дар тӯли бисту чааҳор соат ба хубӣ дида мешаванд, ҳарчанд ҳаҷми дигаргуншавии шабу рӯз дар он ба ҳадди баланде расида бошад.

б) Минтақае, ки дар миёнаи хатти арзи 48 ва 66 воқеъ шудааст. Ин минтақа минтақаи болоии иқлими мӯътадил ва иқлимҳои субартикӣ ва субантартикиро дар бар гирифта, дар он баъзе нишонаҳои астрономӣ (фалакӣ) барои шинохти вақт ба муддатҳои муайяне аз байн мераванд, ба монанди шафақи шом, ки то дамидани субҳ боқӣ мемонад ва бо фалақ (сапеда)-и субҳ пайваст мешавад.

в) Минтақае, ки дар миёнаи хатти арзи 66 ва 90 воқеъ шуда, то манотиқи қутбиро фаро мегирад ва нишонаҳои астрономӣ барои шинохти вақт дар он ба муддати дарозе аз байн меравand, яъне ба муддати чандин моҳ дар он ё шаб ҳукмфармост ё рӯз. Аз охирҳои моҳи март рӯзҳо дар қутби шимол бениҳоят дароз гардида, аз охирҳои моҳи апрел то аввалҳои моҳи август дигар офтоб ғуруб намекунад. Пас аз он офтоб кам-кам фурӯ рафта, шабҳо мушоҳида мешаванд ва ҳамин тавр шабҳо андак-андак дароз ва рӯзҳо кӯтоҳ мешаванд, то он ки дар моҳи октябр офтоб комилан ғоиб мешавад ва ба муддати чанд моҳи дигар шаби пайваста дар он ҷо ҳукмфармо мегардад. Аз ибтидои моҳи феврал боз офтоб кам-кам тулӯъ менамояд ва рӯзҳо андак-андак дароз ва шабҳо кӯтоҳ мешаванд. Дар қутби ҷануб низ айнан ҳамин ҷараёни дигаргуншавии шабу рӯз сурат мегирад. Вақте дар қутби шимол шаб бошад, дар он ҷо рӯз аст.

Дар чунин ҳолат ҳатман барои сокинони мусалмони ин минтақаҳо дар баргузории намозҳои панҷвақта, доштани рӯзаи моҳи Рамазон

ва дигар муносибатҳои динӣ, ки бар пояи солшумории қамарӣ бино ёфтаанд, мушкили вақт пеш меояд.

Ин масъала имрӯз пас аз фароҳам омадани шароит ва имконоти шиносоӣ бо тамоми гӯшаву канори замин ба таври ҷиддитаре матраҳ гардида бошад ҳам, дар маҷмӯаи фиқҳи исломӣ муддатҳо қабл ба он ишора шудааст. Донишмандон ва поягузорони маҷмӯаи фиқҳи исломӣ ба дарозии шабу рӯз дар минтақаҳои дорои дараҷаҳои баланди арзи ҷуғрофиёӣ,[210] яъне минтақаҳои қутбӣ ва атрофи он ва чигунагии намозу рӯзаи сокинони он ҷойҳо хеле барвақт пардохтаанд.

Назари роҷеҳ ва қавли мӯътамад дар мазҳаб бар асоси таҳқиқоте, ки Камол ибни Ҳумом дар «Фатҳу-л-қадир» дар ин маврид анҷом дода ва Ибни Обидин дар «Радду-л-мӯҳтор», Зайлаъӣ дар «Табйину-л-ҳақоиқ», соҳиби «Дурру-л-мухтор» ва дигарон онро таъйид намудаанд, он аст, ки сокинони ин минтақаҳо барои анҷоми намозу рӯза ва дигар муносибатҳои динии худ бояд вақтро ба андозаи шабонарӯзи муқаррарӣ баршуморанд,[211] ба ин тариқ, ки ҳар бисту чаҳор соатро як шабонарӯз донista, намоз, вақтҳои ибодатҳо ва дигар муносибатҳои динии худро бар асоси соат муайян намоянд.

Маҷлиси Маҷмаи фиқҳи исломӣ низ дар нишасти нӯҳуми худ дар шаҳри Маккаи мукаррама, ки дар таърихи 12-19 моҳи раҷаби соли 1406 ҳ. баргузор гардид, масъалаи вақти намозу рӯза барои сокинони минтақаҳои воқеъ дар хатти баланди арзи ҷуғрофиёиро мавриди баррасӣ қарор дода, қарори зеринро ба тасвиб расонд:

1. Сокинони минтақаи якум, ки дар миёнаи арзи ҷуғрофиёии 45 ва 48 воқеъ шудааст, бо амал ба нусуси шаръӣ дар бораи вақти намозу рӯза ин ду фаризаро дар вақтҳои муқаррариашон ба ҷой оваранд ва рӯзаро аз дамидани субҳи содиқ то фурӯ рафтани офтоб бидоранд. Касе ба сабаби дарозии рӯзҳо аз гирифтан ва ё ба итмом расонидани рӯза оҷиз монад, онро бихӯрад ва дар вақти муносибе қазои онро ба ҷой оварад.

2. Сокинони минтақаи дуюм, ки дар миёнаи хатти арзи 48 ва 66 воқеъ шудааст, барои баргузории намози хуфтан ва бомдод бо қиёси нисбӣ ба вақти онҳо дар шаби наздиктарин минтақае, ки дар он нишонаҳои вақти ин ду намоз шинохта мешаванд, вақтеро муайян намоянд.

---

[210] Арз (عَرْض) -/ҳо/. геогр: ба маънои паҳно ва ё параллели ҷуғрофиёӣ аст ва он фосилаи ҷойгиршавӣ ва дурии ҳар минтақаро аз хатти истиво (экватор) мувофиқи дараҷаи параллели ҷуғрофиёии он ташкил медиҳад. Ибтидои параллели ҷуғрофиёӣ аз хатти истиво, яъне сифр шурӯъ гардида, он ба тарафи шимол ва ҷануб ба масофаи 90 дараҷа имтидод меёбад. Ба параллели ҷуғрофиёии болотар аз 65 дараҷа арзи баланд ва ба параллели ҷуғрофиёии воқеъ дар миёнаи паҳнои 30 ва 60 дараҷа арзи миёна мегӯянд.

[211] Камол ибни Ҳумом, Фатҳул қадир. – Ҷ. 1. – С. 420, 421; Раддул мӯҳтор. – Ҷ. 2. – С. 18, 19.

Маҷлиси Маҷмаъ хатти арзи 45-ро ба эътибори наздиктарин минтақа барои ин амр пешниҳод мекунад. Масалан, агар вақти намози хуфтан дар хатти арзи 45 пас аз гузашти сеяки шаб сар шавад, пас сокинони минтақаи дуюм низ вақти намози хуфтанашонро ба он қиёс намоянд.

3. Дар минтақаи сеюм, ки болотар аз хатти арзи 66 то қутбҳо воқеъ гардидааст, тамоми вақтҳо бо қиёс ба вақтҳои замоние, ки дар хатти арзи 45 вуҷуд доранд, муқоиса ва муайян карда шаванд, ба ин тариқ, ки дар минтақаи миёнаи хатти 66 то қутбҳо ҳар бисту чаҳор соат як шабонарӯз эътибор карда шавад ва намозҳо дар он дар ҳамон вақтҳое, ки (дар он фасли сол) дар минтақаи хатти 45 вуҷуд дорад, ба ҷой оварда шаванд.

Агар дарозии шаб (дар он фасл) дар минтақаи хатти арзи 45 ҳашт соатро ташкил диҳад ва офтоб дар соати ҳашт ғуруб намояд ва соати ёздаҳ вақти намози хуфтан шавад, дар минтақаҳои болотар аз хатти арзи 66 низ ба ҳамин сурат ба ҷой оварда шавад. Агар субҳ дар хатти арзи 45 дар соати ду бидамад, дар минтақаи болотар аз хатти арзи 66 низ рӯзаи худро аз ҳамон соати ду сар кунанд ва онро то вақти ғуруб ба итмом расонанд.

Дар ин бора дар байни фақеҳон назари дигаре низ вуҷуд дорад, ки муқоиса ва муайян кардани вақти ибодатҳо ва дигар муносибатҳои диниро дар хатти арзи баланди ҷуғрофӣ бо вақтҳои онҳо дар сарзамини Макка ва Мадина ҷоиз медонад.

Ин амр бо қиёси масъала ба андозагирии замоние, ки дар ҳадиси Расули Худо (с) маъруф ба ҳадиси Даҷҷол омадааст, сурат гирифтааст. Ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) дар бораи Даҷҷол сухан гуфт. Пурсидем: Эй Расули Худо (с), дар рӯи замин чӣ қадар боқӣ мемонад? Гуфт: Чиҳил рӯз: рӯзе ба мисли соле, рӯзе ба мисли моҳе, рӯзе ба мисли ҳафтае ва дигар рӯзҳояш ба монанди рӯзҳои шумо ҳастанд. Пурсидем: Эй Расули Худо (с), оё он рӯзе, ки ба мисли сол аст, дар он намозҳои як шабонарӯз моро кифоя мекунад? Фармуд: Не, (балки) барои он андозагирӣ ва вақт муайян намоед…»***. (Саҳеҳи Муслим, 7299 (2937)-110).[212]

Лозим ба ёдоварист, ки дар давраҳои гардиши шаб ба рӯз ва рӯз ба шаб, ки дар минтақаи хатти арзи болотар аз 66 ҳудуди се моҳ ва ё бештар аз он ва дар минтақаҳои боз ҳам дуртар, ки ба қутбҳо мунтаҳӣ мешаванд, ҳудуди ду моҳ ва ё бештар аз он аст ва дар баҳор аз охирҳои моҳи феврал то моҳи апрел ва дар тирамоҳ аз моҳи август то октябр идома меёбанд, пас аз устувор гардидани низоми шабу рӯзи муқаррарӣ намозҳо дар вақтҳои муайяни худ гузорида мешаванд ва рӯзаи моҳи Рамазон низ ба таври маъмулӣ ба ҷой оварда мешавад.

---

[212] Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ, қарори № (2/12). – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

## РӮЗАИ НАЗР

Калимаи назр (النَّذْر) дар луғат ба маънои воҷиб гардонидани чизе ва ё коре бар худ барои тақарруб ба Худо аст, ба монанди ягон ибодат, садақа ва ғайра. Шариати Ислом низ ин маъноро таъйид намуда, назрро навъе паймон дар миёни банда ва Худо ба шумор меоварад ва вафо ба онро бар банда воҷиб медонад. Қуръони карим дар ин бора мефармояд: **«Ва ба назрҳояшон вафо намоянд…»**.[213] Бар ҳамин асос, шахс метавонад намоз, рӯза, эътикоф, садақа, забҳи чорво ва дигар корҳои шаръан қурбатро барои Худо назр намояд, яъне анҷоми онҳоро бар худ воҷиб гардонад.

Дар таълимоти исломӣ ба пойбандӣ ба паймонҳо ва вафо ба назр ба қадре тавсия ва таъкид гардида, ки вафо ба он дар радифи дигар фароизи динӣ қарор дода шудааст. Дар китобҳои ҳадис ва фиқҳ бобе дар мавзӯи назр кушода шуда ва ҳатто дар мавридҳое ба вафо ба назрҳои иҷронашудаи даврони ҷоҳилият ва он корҳое, ки пеш аз Ислом назр шуда ва бо сабабе вафоношуда боқӣ монда буданд, амр шудааст. Қуръони карим мефармояд: **«Ҳар нафақаеро харҷ намоед (ва) ё ҳар назреро бар худ воҷиб гардонед, Худо онро медонад ва золимонро ҳеҷ ёваре набошад»**.[214]

Ривоят шудааст, ки пас аз фатҳи Макка вақте Расули Худо (с) аз Ҳунайн баргашт, Умар (р) гуфт: ***«Эй Расули Худо (с), ман дар (замони) ҷоҳилият назр карда будам, ки шабе*** – ва дар ривояте – ***рӯзе дар Масҷидулҳаром эътикоф менишинам. Фармуд: Ба назрат вафо кун»***.[215]

## Ҳукми назр

Вафо ба назр агар аз корҳои қурбат[216] бошад, бинобар қавли роҷеҳ дар мазҳаб фарз ва ба қавле воҷиб аст, вале агар аз корҳои маъсият бошад, он вафое надорад ва анҷом додани он шаръан ҳаром мебошад. Аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуд: ***«Касе назр намояд, ки Худоро итоат менамояд, пас Ӯро итоат намояд ва касе назр намояд, ки Худоро маъсият ва нофармонӣ мекунад, Ӯро маъсият наку-***

---

[213] Сураи Ҳаҷ, 22: 29.

[214] Сураи Бақара, 2: 270.

[215] Саҳеҳи Бухорӣ, 2042, 6697. Саҳеҳи Муслим, 4268-73 (1656)-27-28. Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 4364, 4365, 4366. – С. 758. Ин ҳодиса соли фатҳи Макка пас аз ҷанги Ҳунайн вақте Паёмбар (с) аз Ҷиърона мегузашт, ба вуқӯъ пайвастааст.

[216] Қурбат -/ҳо; қурубот/. дин: тақарруб ва наздикӣ ба Худо ба василаи ибодатҳо.

***над».***[217] Яъне агар кори маъсиятеро назр карда бошад, он назрашро тарк намояд.

Ҳамчунин ривоят шудааст, ки: ***«Ҳангоме Паёмбар (с) хутба мехонд, ба ногоҳ мардеро дид, ки дар офтоб рост истодааст. Дар бораи вай пурсид, гуфтанд: Вай Абӯисроил аст, назр кардааст, ки дар офтоб рост биистад ва (ҳаргиз) нанишинад ва (ба чизе) соя нагирад ва сухан нагӯяд ва рӯза дорад. Паёмбар (с) фармуд: Ӯро бифармоед, ки сухан бигӯяд, соя бигирад, бинишинад ва рӯзаашро ба итмом расонад».***[218]

Дар ривояти дигар омадааст, ки: ***«Расули Худо (с) мардеро дид, ки дар такяи ду нафар роҳ мерафт. Пурсид: Ин мардро чӣ шудааст? Гуфтанд: Назр кардааст, ки пиёда ба хонаи Каъба биравад*** – ва дар ривояте – ***ҳаҷ кунад. Гуфт: Худо аз азоб додани ин мард худро бениёз аст ва ӯро амр кард, ки савор шавад».***[219]

Назр бояд бо корҳои ибодатӣ ва амалҳое, ки шаръан бо анҷоми онҳо ба Худо тақарруб ва наздикӣ ҷуста мешавад, ба монанди намоз, рӯза, ҳаҷ, забҳи чорво, садақа ва ғайра сурат гирад. Вафо ба назр пас аз таҳаққуқи шартҳои зерин воҷиб мегардад:

а) Аз ҷумлаи корҳое бошад, ки дар шариат аз навъи онҳо ибодати фарзӣ ва амалҳои қурбатан илаллоҳ вуҷуд дошта бошанд, ба монанди намоз, рӯза, ҳаҷ ва ғ. Пас шахс метавонад, масалан, ду ракъат намоз ё ду рӯз рӯза ва ё ҳаҷҷеро бар худ воҷиб гардонад;

б) Назр ба вақтҳо ва рӯзҳое, ки намозу рӯза дар онҳо макрӯҳ ва мамнӯъ аст, рост наояд. Масалан, агар назр намояд, ки рӯзҳои идайн ва ё айёми ташриқро рӯза медорад, назраш дуруст мегардад, вале аз он ҷо ки рӯза доштан дар ин рӯзҳо ҳаром аст, онро дар рӯзҳои дигар ба ҷой меоварад;

в) Назр аз ҷумлаи амалҳое набошад, ки аз сӯи Худованд бар бандагонаш фарз гардонида шудаанд, ба монанди намозҳои панҷгона, намози витр, рӯзаи моҳи Рамазон ва ғ. Зеро ин корҳо бе он ҳам бар вай воҷиб мебошанд;

г) Назр аз ҷумлаи корҳои муҳол набошад, ба монанди рӯзаи рӯзи гузашта;

д) Назр амал ва ибодати мустақил бошад, на заминаи амри дигар, ба монанди вузӯ, ки ибодати мустақил ба шумор намеравад, балки он омодабоше барои намоз аст.

Пас он назре, ки дар он мӯҳтавои бандҳои номбурда таҳаққуқ наёфта бошад, шаръан нодуруст буда, ҳеҷ гуна вафое надорад. Бинобар ин, шахс метавонад намоз (ғайри намозҳои фарзӣ), рӯза (ғайр аз

[217] Саҳеҳи Бухорӣ, 6696, 6700.

[218] Саҳеҳи Бухорӣ, 6704. Сунани Абӯдовуд, 3300. Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 4370. – С. 759.

[219] Саҳеҳи Бухорӣ, 1865, 6701. Саҳеҳи Муслим, 4223 (1642)-9. Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 4367, 4368. – С. 759.

рӯзаи фарзӣ), садақа (ғайр аз закот), эътикоф, забҳ (ғайр аз қурбонӣ) ва корҳои дигарро назр намояд.

## Навъҳои назр

Назр ду навъ аст:

1. Назри мутлақ ва он назрест, ки аз қайди замон ва макон холӣ аст, яъне ба замон ва макône муқайяд (вобаста) нашудааст. Ин гуна назрро дар кадом замон ва макône анҷом диҳад, ҷоиз аст. Масалан, агар бигӯяд: Барои Худо бар ман ду ракъат намоз, онро дар ҳар замон ва макône анҷом диҳад, назраш ба ҷо меояд.

Муайян кардани замон ва макон барои назр аз назари шариат эътиборе надорад ва онро метавонад ба таври мутлақ ба ҷой оварад. Масалан, агар касе назр кунад, ки моҳи раҷабро рӯза медорад ва ба ҷои он моҳи шаъбонро рӯза дорад, назраш адо меёбад, касе гузоридани ду ракъат намозро дар Макка назр кунад, онро дар ҳар ҷое бигузорад, дуруст аст, агар маблағеро барои фақири муайяне назр намояд, онро ба ҳар фақире бидиҳад, назраш адо меёбад.

Ривоят шудааст, ки: ***«Рӯзи фатҳи Макка марде бархост ва гуфт: Эй Расули Худо (с), ман барои Худо назр кардам, ки агар Худованд Маккаро барои ту фатҳ намояд, дар Байтулмуқаддас ду ракъат намоз бигузорам. (Расули Худо (с)) фармуд: (Онро) дар ҳаминҷо бигузор! Он мард суханашро боз такрор намуд ва Расули Худо (с) фармуд: (Онро) дар ҳаминҷо бигузор. Он мард суханашро бори сеюм такрор кард. (Расули Худо (с) ин бор) фармуд: Набошад, худат медонӣ!»***.[220]

Дар ин навъи назр шахс метавонад бар худ воҷиб гардонад, ки масалан, барои Худо ду ракъат намоз мегузорам ё ду рӯз рӯза мегирам ва ё чорвое забҳ менамоям.

Чӣ тавре зикр гардид, агар барои анҷоми он замон ва макони муайянеро дар назар гирад ҳам, он ба таври мутлақ эътибор дорад, ба ҷуз рӯза. Вақте барои рӯзаи назрӣ рӯз ва замони муайянеро, ба мисли рӯзи душанбе, масалан, дар назар гирад, онро назри муайян мегӯянд. Агар онро дар ғайри рӯзи таъйиннамудааш ба ҷой оварад, дуруст мегардад, вале вақте онро дар рӯзи муайян ба ҷой овард, дигар бастани ният аз шаб шарт нест.

2. Назри муаллақ (вобаста) ба шарт ва он ду қисм аст:

**а)** Назри муаллақ (вобаста) ба шарте, ки вуқӯи онро мехоҳад, масалан, бигӯяд: Агар Худо ба ман писар ато намояд ё аз бемориам шифо ёбам ва ё ғоибам ба саломат баргардад, даҳ рӯз рӯза мегирам. Дар ин сурат вақте шарт таҳаққуқ ёбад, вафо ба назр воҷиб мегардад.

---

[220] Сунани Абӯдовуд, 3305.

агар пеш аз таҳаққуқи шарт назрашро ба ҷой оварад, он эътиборе надорад;

**б)** Назри муаллақ ба шарте, ки ба вуҷуд омадани онро намехоҳад, масалан, бигӯяд: Агар бо фалонӣ сухан гӯям, барои Худо бар ман таоми даҳ мискин. Ин ибора ба зоҳир назр аст, вале маънои қасамро дорад. Бинобар ин, вақте бо фалонӣ сухан гуфт, ихтиёр дорад, ки ба назраш вафо намояд ва ё каффорати шикастани савгандро пардохт кунад.

Ҳар ду навъи назри муаллақ назри муайян ба шумор меравад, зеро барои таҳаққуқи шарт замон ва маконе зарурат дорад ва пас аз замони таҳаққуқи он вафо ба назр воҷиб мегардад.

Аммо он корҳое, ки бо номи нарзи мурдагон дар назди қабри баъзе бузургон ба хотири наздикӣ ба онҳо аз сӯи мардуми авом анҷом дода мешаванд, бо иҷмои уммати Ислом ботил ва ҳаром ҳастанд, ба монанди пул, динору дирҳам, шамъу равған, забҳи чорво ва ғайра. Зеро он барои маҳлуқ назр шуда, дар ҳоле ки назр танҳо барои Худо ҷоиз аст, ба ин маъно, ки назр ибодат аст ва ибодат барои ғайри Худо ҷоиз нест. Илова бар ин, шахсе, ки барояш назр шудааст, кайҳо фавтида ва дигар чизеро ба моликияти худ дароварда наметавонад ва аз ҳама сахттар он ки агар назрро ба ин эътиқод намояд, ки шахси дар қабр орамида ҳамроҳ, дар баробар ва ё ғайр аз Худо дар умури олам тасарруф менамояд, он куфр ва ширк аст.

Вале агар бигӯяд: Эй Худо, ман бароят назр кардам, ки агар беморамро шифо бахшӣ ё ғоибамро баргардонӣ ва ё ҳоҷатамро барорӣ, ба фақироне, ки дар назди қабри фалонӣ нишастаанд, таом медиҳам ё барои масҷидашон бӯрё мехарам ва ё корҳои дигаре, ки барои қишрҳои ниёзманди ҷомеа нафъе мебахшанд, анҷом медиҳам, ба ин эътибор ҷоиз аст.[221]

Ин корҳо дар замоне бештар равнақ пайдо мекунанд, ки ҷаҳлу бемаърифатӣ нисбат ба таълимоти Ислом дар байни мардум решадор гардад ва мардум моҳияти арзишҳои олии дини Худоро пурра дарк нанамоянд. Дини Ислом дини илму басират аст ва маҳви ҷаҳлу бесаводӣ яке аз муҳимтарин ҳадафҳои онро ташкил медиҳад. Худованд ба Паёмбари акрам (с) дастур медиҳад, ки эълон намо: **«Ин роҳи ман аст. Ман ба сӯи Худо бо басират ва аз рӯи огаҳӣ даъват мекунам ва ҳар касе, ки аз ман пайравӣ намояд…»**.[222]

Чӣ тавре зикр гардид, аз назари Ислом доманаи назр хеле густарда буда, он тамоми навъҳои ибодатҳои нафлӣ, садақоти ғайри фарзӣ ва ҳамаи корҳои хайр ва амалҳои некеро, ки қурбатан илаллоҳ анҷом дода мешаванд, дар бар мегирад.

---

221 Раддул муҳтор. – Ҷ. 3. – С. 379, 380.

222 Сураи Юсуф, 12: 108.

Бар ҳамин асос, агар шахсе дар бахши садақот, таом додан ва ё забҳи чорво назр кунад, онро бояд дар масрафҳои муайяннамудаи шаръ сарф намояд. Масрафҳо ва мустаҳиққони назр, каффоратҳо ва садақаи Фитр ҳамон масрафҳои закот мебошанд. Касе пардохти каффорат, назр ва ё садақаи Фитрашро дар ғайри онҳо сарф кунад, онҳо аз зиммааш соқит намешаванд. Масалан, шахсе гӯсфанде назр кард ва онро пас аз забҳ ба фарзандони худаш ва ё сарватмандоне, ки аҳли закот ҳастанд, сарф намуд, назраш адо намеёбад, бояд аз сар гӯсфанди дигаре забҳ намояд.

# НАМОЗИ ИДАЙН

Дар ду ид – Фитр ва Азҳо (Рамазон ва Қурбон) хондани намози махсуси ид бар онҳое, ки намози ҷумъа бар эшон воҷиб аст, воҷиб мебошад.

Таърихи аввали моҳи шавволро иди Фитр ва таърихи даҳуми моҳи зулҳиҷҷаро иди Азҳо (Қурбон) меноманд. Ин ду рӯз дар ислом рӯзи иду хушӣ аст ва ба унвони шукрона ду ракъат намоз дар ин ду рӯз воҷиб мебошад.

Тамоми он шарту шароите, ки барои сиҳҳат (дурустӣ) ва вуҷуби намози ҷумъа баён гардид, барои намози идайн низ зарурӣ мебошанд. Ғайр аз хутба, ки дар намози ҷумъа хондани он фарз ва шарт аст ва пеш аз намоз хонда мешавад, вале дар намози идайн хутба шарт нест, балки суннат аст ва баъд аз намоз хонда мешавад. Аммо гӯш кардани ин хутба мисли хутбаи ҷумъа воҷиб аст ва корҳои хилофи он ҷоиз нест.

## Вақти намози ид

Вақти намози идайн аз баланд шудани офтоб, яъне аз замоне ки хондани намоз ҷоиз мешавад, то заволи офтоб аст.

## Тарзи адои намози ид

Тамоми шароите, ки барпо намудани намози ҷумъа ба онҳо бастагӣ дошт, барои баргузории намози идайн ҳам лозим мебошанд, ба ғайр аз хутба, ки он дар намози идайн суннат буда ва баъд аз адои ду ракъат намоз хонда мешавад.

Намози иди Фитр ва Қурбон ду ракъат аст ва тарзи адои он ба ин тариқ аст, ки аввал имом такбири таҳрима – **«Аллоҳу акбар»** гуфта, ба намоз сар мекунад. Аввал, ба мисли дигар намозҳо, сано мехонад ва баъд аз он се бор бо садои баланд такбир – **«Аллоҳу акбар»** гуфта, дар ҳар такбир дастҳояшро баробари гӯшҳояш мебардорад. Пас аз он **«Аъузу биллоҳ...»** ва **«Бисмиллоҳ...»**-ро паст ва сураи **«Фотиҳа»**-ро ҳамроҳ бо сураи дигаре баланд мехонад. Сипас ба рукӯъ ва суҷуд рафта, ракъати аввали намозро ба ҷо меоварад.

Он гоҳ барои ракъати дуюм бармехезад ва бо садои паст **«Бисмиллоҳ...»** гуфта, сураи **«Фотиҳа»** ва сураи дигареро бо садои баланд мехонад. Пас аз он се бор бо садои баланд такбир мегӯяд ва дар ҳар такбир дастҳои худро мебардорад. Ҳоло дигар такбиргӯён ба рукӯъ ва пас аз он ба суҷуд рафта, монанди дигар намозҳо ракъати дуюмашро ҳам анҷом медиҳад.

Расули Худо (с) дар намозҳои идайн – иди Рамазон ва Қурбон сураҳои **«Аъло»** ва **«Ғошия»**-ро мехонд, ҳатто агар ид дар рӯзи ҷумъа меомад, ҳам дар намози ид ва ҳам дар намози ҷумъа ҳамин ду сураро мехонд.[223] Аммо гоҳе дар намозҳои ҳар ду ид сураи **«Қоф»** ва **«Вақтарабати-с-соъату»**-ро қироат мекард.[224]

Хондани ду хутба барои намозгузорон баъд аз анҷоми намоз суннат аст ва имом дар он бояд аҳкоми идайнро барои мардум баён созад, дар иди Фитр масоили садақаи Фитрро ва дар иди Қурбон масоили қурбонӣ ва такбироти ташрикро баён намояд.

Ҳамчунин зарур аст матолиберо, ки дар хутбаҳои ҷумъа барои мардум баён медошт, дар хутбаҳои намози идайн низ бигӯяд.

## Аҳамияти намози ид

Дар фарҳанги исломӣ баргузории намози ид аҳамияти баланди тарбиявӣ ва ҷойгоҳи хоси иҷтимоӣ дорад ва он аз боазаматтарин шаоири фарҳангӣ-ибодатии дини мубини Ислом ба шумор меравад. Бинобар ин, Расули Худо (с) барои баргузории намозҳои ид ҳамеша фазои кушод ва макони бопаҳноеро ғайр аз масҷид дар дохил ва ё гӯшаи шаҳр интихоб мекард ва тамоми мардум – хурду бузург ва марду занро ба тамошо ва ҳузури дар он даъват мекард. Он мавзееро, ки намози ид дар он дар дохил ва ё гӯшаи шаҳр баргузор мешуд, мусалло (намозгоҳ) мегуфтанд. Паёмбари акрам (с) намозҳои идро дар макони кушодае, ки дар назди гӯристони Бақеъ воқеъ буд ва ё дар мусаллои шаҳри Мадина, ки дар назди ҳавлии Касир ибни Салт воқеъ буд, баргузор мекард.[225]

Ин дар ҳолате буд, ки барояшон узре пеш намеомад, зеро ҳамчунин ривоят шудааст, ки: *«(Боре) дар замони Расули Худо (с) дар рӯзи*

---

[223] Саҳеҳи Муслим, 2027 (878)-62; Сунани Абӯдовуд, 1122; Сунани Тирмизӣ, 533; Сунани Насоӣ, 1423, 1589; Сунани Ибни Моҷа, 1281, 1283.

[224] Саҳеҳи Муслим, 2056 (891)-14, 2057 (…)-15; Сунани Абӯдовуд, 1154; Сунани Тирмизӣ, 533, 534; Сунани Насоӣ, 1566; Сунани Ибни Моҷа, 1282.

[225] Аз Баро ибни Озиб (р) ривоят шудааст, ки ***«Расули Худо (с) рӯзи иди Қурбон ба сӯи гӯристони Бақеъ баромад ва ду ракъат намози идро (дар он ҷо) барпо дошт, он гоҳ ба мардум рӯй овард ва фармуд…»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 976).

Дар ривояти дигаре аз Ибни Аббос (р) омадааст, ки: ***«Паёмбар (с) ба назди нишонае, ки дар назди ҳавлии Касир ибни Салт буд, омад ва намози идро дар он ҷо барпо намуд…»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 977).

Ҳавлии Касир ибни Салт дар тарафи қиблаи намозгоҳ воқеъ буда, ба водии Батҳон сар мекашид, ки дар миёнаи шаҳри Мадина ҷойгир шуда буд. (Фатҳулборӣ. – Ҷ. 2. – С.449). Ибни Қаййими Ҷавзӣ мегӯяд: Расули Худо (с) намозҳои идро дар мусалло, ки дар дарвозаи шарқии шаҳри Мадина воқеъ буд, мегузорид. (Зодул маод. – Ҷ. 1. – С. 425).

*ид ба мардум борон (-и сахт)-е расид, ки намози идро бо онҳо дар масҷид баргузор намуд».*[226]

Факеҳони киром аз маҷмӯи ривоятҳо ва осоре, ки дар ин бора собит шудаанд, ба ин натиҷаи фиқҳӣ расидаанд, ки агар мардум имкони хуруҷ ба берун ва ё гӯшаи шаҳр ба намозгоҳи умумиро дошта бошанд, пас беҳтар аст, ки намозҳои идро дар он ҷо (намозгоҳ) баргузор намоянд, вале дар сурати пеш омадани узре, ба монанди борони сахт ва ё мушкилоти дигаре, ба монанди тавсеаи шаҳрҳо, издиҳоми сайри ҳаракати мошинҳо ва ғайра, ки баромади мардумро ба беруни шаҳр ба гунае мушкил намуда, метавонанд намозро дар масҷидҳои шаҳр баргузор намоянд.

Аз Уммиатия (р) ривоят шудааст, ки ***«дар рӯзҳои ид ба хуруҷ ба сӯи намозгоҳ амр мешудем ва ҳатто духтарони бикрро аз зери чодар ва занони дар ҳоли ҳайзро ҳамроҳи худ ба он ҷо мебурдем, то баракат ва покии он рӯзро дарёбанд. Онҳо дар пушти мардуми намозгузор (берун аз доираи баргузории намоз) меистоданд ва ҳамроҳи онҳо такбир мегуфтанд ва дуъо мекарданд».***[227] Аз Уммиатия (р) боз ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Ҷавонзанҳо ва духтарони чадарнишин ва занони дар ҳоли ҳайз низ ба намозгоҳ бароянд ва занони дар ҳайз аз доираи баргузории намоз берун истанд ва хайр ва дуъои мӯъминонро дарёбанд…».***[228]

Расули Худо (с) бо ҳузури занон дар намозгоҳ ва шунидани хутбаҳои умумӣ иктифо намекард, балки барои баланд бардоштани сатҳи маърифати динӣ ва панду андарзи онҳо пас аз поёни хутба ба назди онҳо меомад ва барояшон суханронии махсусе эрод мекард. Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шудааст, ки: ***«Паёмбар (с) рӯзи иди Фитр бархост ва намоз (-и ид)-ро гузорид ва пас аз он хутба хонд. Вақте фориг шуд, фуруд омад ва ба назди занон рафт ва онҳоро панд дод…».***[229]

Шоёни зикр аст, ки ин ду ид ба ҷои тамоми идҳо, ҷашнҳо, ёдвораҳо ва муносибатҳои фароғатие, ки мардум дар даврони ҷоҳилият доштанд, аз сӯи Худованд ба мусалмонон эҳдо гардидаанд. Ривоят шудааст, ки *«Расули Худо (с) вақте ба Мадина омад, мардуми он ҷо ду рӯзи хушию бозӣ ва иду шодмонӣ доштанд. Пурсид:* ***Инҳо чӣ рӯзеанд?*** *Гуфтанд: Дар замони ҷоҳилият дар ин ду рӯз бозию хушӣ мекардем. Расули Худо (с) фармуд:* ***Худованд онҳоро барои шумо ба ду рӯзи беҳтаре – рӯзи (иди) Азҳо ва рӯзи (иди) Фитр – табдил намуд».***[230]

---

226 Сунани Абӯдовуд, 1160. Сунани Ибни Моҷа, 1313.

227 Саҳеҳи Бухорӣ, 971. Саҳеҳи Муслим, 2052 (890)-11.

228 Саҳеҳи Бухорӣ, 324, 980, 981. Саҳеҳи Муслим, 2051 (890)-10, 12.

229 Саҳеҳи Бухорӣ, 958, 961, 978. Саҳеҳи Муслим, 2044 (885)-3.
Аз Ибни Аббос (р) низ ҳадисе ба ин маъно ривоят шудааст.

230 Сунани Абӯдовуд, 1134. Сунани Насоӣ, 1557.

## Аҳкоми намози ид

Ҳар гоҳ узре пеш ояд ва натавонанд дар рӯзи ид намози иди Фитрро ба ҷо оваранд, фардои он рӯз онро адо менамоянд ва агар дар рӯзи дуюм ҳам узре ба миён омада, монеъ аз баргузории намози ид гардад, дигар наметавонанд онро дар рӯзи сеюм адо намоянд.

Аммо намози иди Қурбонро метавонанд то рӯзи сеюм адо намоянд, хоҳ узре пеш омада бошад, хоҳ не, аммо таъхири он бе узр карохият дорад.

Ҳар гоҳ намози идайн қазо шавад, дигар онро қазо хонда намешавад, зеро намози идайн қазо надорад.

Намози идайн азону қомат надорад, балки мустаҳаб аст онро ба ин тариқ эълон намоянд: *«Ассалоту ҷомиъатун».*

Ҳангоми рафтан ба намозгоҳ мустаҳаб аст дар роҳ бо садои баланд такбири ташриқ гӯянд.

## Одоб ва суннатҳои рӯзи ид

**Рӯзҳои ид рӯзҳои покизагию озодагӣ, шодмониву фароғат ва анҷоми амалҳои башардӯстона мебошанд. Бинобар ин, шахси мусулмон дар он рӯз бояд баландтарин одоби муошират ва меъёрҳои ахлоқи шаръиро риоя намояд.**

**1.** Дар рӯзҳои ид корҳои зерин суннат мебошанд: 1. Ғусл намудан, 2. мисвок кардан, 3. беҳтарин либосҳои худро пӯшидан, 4. атру хушбӯӣ задан, 5. субҳ барвақт аз хоб бархестан, 6. ба идгоҳ зуд рафтан, 7. дар иди Фитр пеш аз рафтан ба намозгоҳ бо чизе даҳон ширин намудан,[231] 8. закот (садақа)-и Фитрро пеш аз намоз пардохтан,[232] 9. дар иди Қурбон хӯрданро то адои намоз ба таъхир гузоштан ва агар қурбонӣ дошта бошанд, аз он хӯрдан.[233] 10. намози идро дар идгоҳ хондан, 11. аз роҳе ба намозгоҳ рафта ва аз роҳи дигаре баргаштан,[234] 12.

---

[231] Аз Анас (р) ривоят шудааст, ки ***«Расули Худо (с) дар рӯзи иди Фитр то чанд хурмое намехӯрд, (ба намоз) намебаромад».*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 953; Сунани Ибни Моҷа, 1754).

[232] Ибни Аббос (р) мефармояд: ***«Расули Худо (с) закот (садақа)-и Фитрро барои покии шахси рӯзадор аз беҳудагӣ ва дигар ҳарзакориҳо ва барои ғизои бенавоён фарз гардонидааст. Касе онро пеш аз намоз (-и ид) адо намояд, он закоти пазируфташуда аст ва касе онро баъд аз намоз адо намояд, он садақае аз садақот мебошад».*** (Сунани Абӯдовуд, 1609; Сунани Ибни Моҷа, 1827).

[233] Дар ривояти дигар омадааст: ***«Расули Худо (с) дар рӯзи иди Фитр то намехӯрд, (ба намоз) намебаромад ва дар рӯзи иди Наҳр (Қурбон) то (аз намоз) барнамегашт, намехӯрд».*** (Сунани Тирмизӣ, 542; Сунани Ибни Моҷа, 1756).

[234] Аз Ҷобир (р) ривоят шудааст, ки: ***«Паёмбар (с) дар рӯзи ид роҳи (рафту) баргаштро (аз намоз) иваз мекард».*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 986; Сунани Тирмизӣ, 541).

пиёда ба намозгоҳ рафтан, 13. дар роҳ рӯзи иди Фитр такбирро оҳиста гуфтан, 14. дар рӯзи иди Қубон такбирро баланд гуфтан.

**2.** Дар идгоҳ гузоридани намози дигаре пеш ё баъд аз намози ид макрӯҳ аст.

**3.** Барои касоне, ки намози ид бар онҳо воҷиб нест, низ пеш аз баргузор шудани намози ид хондани намози нафл макрӯҳ аст.

**4.** Намози идро дар чандин масҷиди шаҳр баргузор намудан ҷоиз аст.

**5.** Касе, ки ба ҷамоат нарасад, наметавонад намози идро танҳо бигузорад. Ҳамчунин, агар намози намозгузоре аз аҳли ҷамоат фосид гардад, наметавонад онро қазо ба ҷой оварад, зеро намози ид қазо надорад, аммо агар чанд нафари дигаре пайдо шаванд, метавонанд бо ҳам ҷамоати дигаре барпо намоянд ва намози идро бо ҳам бигузоранд.

**6.** Шахсе пас аз фориғ шудани имом аз такбироти ракъати якум ба ҷамоат пайваст, агар имом дар ҳоли қиём бошад, баъд аз ният кардан фавран такбиротро бигӯяд, агарчи имом машғули қироат бошад. Агар имомро дар рукӯъ дарёбад, дар сурате ки гумони ғолибаш ин бошад, ки баъд аз гуфтани такбирот метавонад дар рукӯъ ба имом бирасад, такбиротро фавран баъд аз ният бигӯяд ва ба рукӯъ равад.

Вале агар ғолиби гумонаш ин бошад, ки дар сурати гуфтани такбирот наметавонад дар рукӯъ ба имом бирасад, ният карда, ба рукӯъ равад ва дар рукӯъ ба ҷои тасбеҳоти рукӯъ, такбиротро бигӯяд. Агар пеш аз тамом кардани такбирот имом аз рукӯъ баланд шавад, ӯ низ ҳамроҳи имом баланд шавад ва бақияи такбирот аз вай муъоф (соқит) аст.

**7.** Агар касе пас аз хондани як ракъат ба ҷамоат пайваст, дар вақти ба ҷой овардани ин ракъат аввал қироат намояд ва баъд такбиротро бигӯяд.

**8.** Агар имом гуфтани такбиротро фаромӯш кунад ва ба рукӯъ равад, дар рукӯъ такбиротро бигӯяд ва ба қиём барнагардад. Агар баргашт ва такбиротро гуфт, низ намоз ҷоиз мешавад ва дар ҳар ду сурат, аз сабаби издиҳом саҷдаи саҳв воҷиб намешавад.

## Такбири ташриқ

Такбири ташриқ пас аз фарзи намози бомдоди рӯзи нӯҳуми зулҳиҷҷа – рӯзи Арафа шурӯъ мешавад ва баъд аз намози асри рӯзи сездаҳум ба поён мерасад. Як бор гуфтани такбири ташриқ бар ҳар намозгузор пас аз ҳар намози фарзӣ фавран воҷиб аст, зан бошад ё мард, бо ҷамоат намоз бихонад ё танҳо.

Пас аз намози фарз фавран такбир гуфта мешавад. Занҳо такбирро оҳиста мегӯянд. Пас аз намози ид низ гуфтани такбир воҷиб аст.

Такбири ташриқ муддати панҷ рӯз ё пас аз бисту се вақт намоз гуфта мешавад. Такбири ташриқ ин аст:

اَللّٰهُ أَكبَرُ، اللّٰهُ أَكبَر، لا اِلٰهَ اِلاَّ اللّٰهُ واللّٰهُ أَكبَر، اَللّٰهُ أَكبَرُ وللّٰهِ الحَمْدُ.

***«Аллоҳу акбару, Аллоҳу акбар, ло илоҳа иллаллоҳу валлоҳу акбар, Аллоҳу акбару ва лиллоҳи-л-ҳамд».***

Агар имом такбироти ташриқро фаромӯш кунад ҳам, муқтадӣ бояд такбир гӯяд.

Такбири ташриқ зикр ва замзамаи ёди Худо дар рӯзи шодмонист, ки бандагон онро ба бузургдошти Парвардигорашон бо садои баланд вирди идонаи худ мегардонанд ва ба таври бошукӯҳе шукри неъматҳои Ӯро ба ҷой меоваранд. Гуфтани такбири ташриқ пас аз намозҳои фарзӣ воҷиб буда бошад ҳам, вале он вирди идонаи мусалмонҳост, ки замзамаи он сари ҳар қадам ва дар ҳар нишасту бархост хуб ва шаръан писандидааст.

## САДАҚАИ ФИТР

**Садақаи Фитр закоти саронае мебошад, ки шахси мусалмон пас аз хотимаи моҳи Рамазон барои ҷуброни норасоиҳо ва кӯтоҳиҳои худ дар асной рӯзаи ин моҳ ва ҳамчунин барои дасгирӣ ва кӯмаки бенавоён дар рӯзи ид онро пардохт менамояд.**

Садақаи Фитр идомаи барномаи такофули иҷтимоӣ дар Ислом мебошад, ки ба сурати барҷаста ва бо шукӯҳи хосе дар рӯзи иди Рамазон амалӣ мегардад. Дар он рӯз мусалмонон бори дигар дар хотимаи моҳи Рамазон ихлосу садоқат ба арзишҳои дини Ислом, сатҳи баланди худсозӣ, маърифати динӣ ва таассуроти инсонии худро дар зарфи як моҳи рӯза ва ҳамин тавр намунае аз ҳамбастагию такофули иҷтимоии хешро ба намоиш мегузоранд ва ба ниёзмандони ҷомеа бо номи садақаи Фитр дасти навозиш дароз мекунанд.

Садақаи Фитр сабаби погизагии нафси инсон аз баъзе беҳудагиҳо ва плефтагиҳое мебошад, ки имкон дорад гоҳо рӯзадорон дар моҳи Рамазон ба он олуда шуда бошанд. Ҳамчунин, камбағалон ва қишри ниёзманди ҷомеа лоақал дар рӯзҳои ид аз хӯрок ва эҳтиёҷоти муносибе баҳраманд мегарданд.

Ибни Аббос (р) ривоят мекунад, ки ***«Расули Худо (с) закоти Фитрро барои пок гардидани рӯзадор аз беҳудагӣ ва бадсуханӣ ва ҳамчунин барои фароҳам гардидани ғизои муносибе барои ниёзмандон фарз гардонидааст. Касе онро пеш аз намоз (-и ид) адо намояд, он закоти пазируфташуда аст ва касе онро баъд аз намоз адо намояд, он садақае аз садақот мебошад»***.[235]

Ислом дар зимни барномаҳои ибодатии худ усули иқтисодӣ ва тарҳи кафолатҳои иҷтимоиро ба сурати зебо ва бо пешбиниҳои дақиқе дарҷ намудааст, ки дар он ҳам арзишҳои инсонӣ, аз қабили бародарӣ, ҳамбастагӣ ва таъмини зиндагонии обрумандона барои тамоми қишрҳои ҷомеа таҳаққуқ мeёбанд ва ҳам бо ҳисси камоли бандагӣ ва анҷоми вазифаи шаръӣ аз сӯи дорандагон пардохт мешаванд.

Пардохти садақаи Фитр бар шахси дорои шароит воҷиб буда, соли дуюми ҳиҷрӣ ҳамзамон бо фарз гардидани рӯзаи моҳи Рамазон собит шудааст. Онро дар истилоҳи шаръ ҳам садақаи Фитр ва ҳам закоти Фитр мегӯянд.

Аз чандин нафар пешвоёни Ислом, аз ҷумла Икрима ривоят шудааст, ки манзур аз покизагӣ дар ояти карима **«Дар воқеъ, растагор гардидааст касе, ки (худро) пок сохта ва номи Парвардигорашро ба ёд**

---

[235] Сунани Абӯдовуд, 1609. Сунани Ибни Моҷа, 1827.

**оварда намоз гузоридааст»**[236] додани садақаи Фитр аст.[237]

Ривоят шудааст, ки амири мӯъминон Умар ибни Абдулазиз (рҳ) мардумро ба додани садақаи Фитр амр мекард ва ин оятро: **«Дар воқеъ, растагор гардидааст касе, ки пок гардид ва номи Парвардигорашро ба ёд овард, он гоҳ намоз гузорид»** тиловат мекард.[238] Вай ибораи «Ман тазакко» (مَنۡتَزَكَّىٰ)-ро дар ояти «قَدۡ أَفۡلَحَ مَن تَزَكَّىٰ» ба маънои **«Касе закот (ва ё садақа)-и Фитр(аш)-ро бидиҳад, дар воқеъ, растагор гардида...»** тафсир кардааст.

## Маънои фитр

Вожаи «фитр» аз решаи «фатара» ва «фатр» (**فَطَرَ و فَطْر**) гирифта шуда, дар луғат ба маънои шикоф, таркиш ва кафидагӣ ва ҳамчунин ба маънои масдар: шикофтан, таркиш ба амал овардан ва ғайра мебошад. Ин калима дар ояти 3-юми сураи Мулк **«Пас дида (-и худ)-ро бозгардон, оё дар он ҳеҷ шикофе мебинӣ?»**, ояти 1-уми сураи Инфитор **«Вақте осмон шикофта шавад»** ва чандин ояти дигар ба ин маъно омадааст. Он дар истилоҳи шаръ ба маънои хотима додан ба рӯза ва хӯрдан аст.

Иди Фитр ба ин маъност, ки рӯзаи моҳи Рамазон ба поён расида, мавсими даҳон кушодан ва баҳрамандӣ аз неъматҳо фаро расидааст. Садақаи Фитр низ барои он чунин номгузорӣ шудааст, ки дар поёни моҳи Рамазон бароварда мешавад ва он шукронае барои неъмати бандагӣ ва тавфиқи Худованд дар анҷоми моҳи Рамазон ба шумор меравад.

## Садақаи Фитр бар кӣ воҷиб аст?

Пардохти садақаи Фитр бар ҳар касе, ки дорои шароити зерин бошад, фарз аст:

**1.** Мусалмон бошад.

**2.** Озод бошад.

**3.** Соҳиби нисоб бошад (ба ғайр аз махориҷи мавриди ниёз), яъне шахсе ба он андоза молу сарват дошта бошад, ки баровардани закот бар вай воҷиб гашта бошад ва ё агар чунин набуда, илова бар заруриёти зиндагӣ ва эҳтиёҷот рӯзмарраи худ, чандон васоил ва имконоти моддӣ дар ихтиёр ва мулки хеш дошта бошад, ки арзиши онҳо баробари саду чиҳил мисқол нуқра бошад. Бар як чунин шахсе садақаи

---

[236] Сураи Аъло, 87: 14, 15.

[237] Тафсири Табарӣ. – Ҷ. 10. – С. 8595.

[238] Мисбоҳи мунир (гузидаи тафсири Ибни Касир). – С. 1502.

Фитр воҷиб мегардад, хоҳ моли тиҷорат бошанд ё не, сол бар онҳо гузашта бошад ё не.

- Шахсе дорои хона ё васоиле аст, ки агар фурӯхта ва ё қиматгузорӣ шаванд, арзиши онҳо зиёд аст, вале худаш ба онҳо ниёз дорад, то аз иҷораи онҳо зиндагиашро таъмин намояд ва васоил низ мавриди эҳтиёҷи худаш ҳаст, бар чунин шахсе садақаи Фитр лозим намешавад. Аммо, агар ду манзил дошта бошад ва якеро ба иҷора диҳад, ҳарчанд заруриёти зиндагии худро аз даромади иҷораи он бароварда созад ҳам, садақаи Фитр бар вай воҷиб мешавад, зеро хонаи дуюм зиёда бар заруриёти зиндагияш ба шумор меояд.

- Шахсе дорои васоил ва хонаи изофа бар заруриёти рӯзмаррааш бошад ва дар айни ҳол қарздор ҳам бошад, дар ин сурат баъд аз канор гузоштани ҳиссаи қарз, агар ба андозаи закот боқӣ бимонад, садақаи Фитр бар вай воҷиб мешавад.

- Садақаи Фитр баъд аз дамидани субҳи рӯзи ид воҷиб мешавад. Бинобар ин, агар шахсе пеш аз дамидани субҳ даргузарад ё баъд аз дамидани субҳ ба дунё ояд, садақаи Фитр бар он ду воҷиб намешавад. Тифле пеш аз дамидани субҳ ба дунё ояд, дар сурате ки падараш дорои шароити закот бошад, бар вай лозим аст, ки аз тарафи тифлаш низ садақаи Фитр диҳад.

- Садақаи Фитр закоти саронае мебошад, ки шахси мусалмон бояд онро аз ҷониби тамоми одамоне, ки дар зери кафолат ва сарпарастии ӯ қарор доранд, пардохт намояд. Бинобар ин, онро аз тарафи худаш, фарзандони хурдсолаш ва хидматгоронаш, ҳарчанд кофир бошанд ҳам, пардохт менамояд. Зан бояд худаш садақаи Фитрашро бидиҳад, вале агар шавҳараш аз ҷониби вай онро пардохт намояд, ҷоиз аст. Фарзандони хурдсол низ, агар дорои молу сарват бошанд, садақаи Фитр аз моли худашон бароварда мешавад.

## Микдори садақаи Фитр

Садақаи Фитр аслан бояд аз навъҳои ғаллагӣ ва он хӯроквориҳое, ки дар ҳадиси Расули Худо (с) зикр шудаанд ва ё аз навъи хӯроки маъмулии мардуми ҳар сарзамин бароварда шавад. Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят шудааст, ки *«Дар замоне, ки Расули Худо (с) дар байни мо буд, садақаи Фитрро аз ҷониби хурду бузург ва озоду банда ба миқдори як соъ қурут ё як соъ таом ё як соъ ҷав ё як соъ хурмо ва ё як соъ мавиз пардохт мекардем. Ҳамеша инро мепардохтем, то он ки Муъовия ба мақсади анҷоми ҳаҷ ва ё умра бар мо қудум овард. Вай аз минбар бо мардум сухан гуфт ва аз ҷумла фармуд: Ман ду муд*[239] *самро (гандум)-и*

[239] Муд(д) паймонаи санҷиш ва воҳиди ченаки маводи ғалладонагӣ ва баъзе навъҳои хӯрокӣ аст, ки андозаи он баробари ду каф (мушт)-и одами миёна мебошад. Он ба ду ратли ироқӣ ва як ратлу сеяки ратли ҳиҷозӣ, яъне рубъи соъ баробар аст.

*Шомро баробари як соъ хурмо мебинам. Пас аз он мардум ин раъйро гирифтанд, вале ман бошам, то вақте зиндаам, онро ба ҳамон сурате ки қаблан пардохт мекардам, пардохт менамоям».*[240]

Миқдори садақаи Фитр бар асоси мазҳаби ҳанафӣ барои ҳар нафар дар ҳисоби гандум ва орди гандум ним соъ ва дар ҳисоби ҷав, хурмо, мавиз ва монанди онҳо як соъ аст. Агар аз навъи хӯроквории маъмулии мардум, ба монанди биринҷ, наск, лубӣ, нахӯд ва ғайра баровара шавад, бояд қиматаш бо қимати ним соъ гандум баробар бошад.

Дар назди ҷумҳури аҳли суннат садақаи Фитр аз гандум низ як соъ аст. Далели машоихи ҳанафӣ бар ин ки аз гандум нисфи соъ аст, ҳадисе мебошад, ки аз Абдуллоҳ ибни Саълаба аз падараш ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«(Садақаи Фитр) соъе аз гандум аст бар сари ду нафар: хурд бошад ё бузург, озод бошад ё банда, зан бошад ё мард...».***[241]

Як соъи набавӣ тақрибан ба ду килову чил (2,40) ё ду килову яксаду панҷовушаш (2,156) ва ё ба ду килову дусаду панҷоҳ (2,250) грамм баробар аст. Дар поварақии «Шарҳи Ҷомеъу-с-сағир» омадааст: Соъ паймонаест, ки ҳазору чиҳил дирҳам мош ва наск гунҷоиш дорад ва дар ин замон аз рӯи эҳтиёт ба чаҳоряки мудди димишқӣ баробар дониста шудааст. Пас ним соъ аз гандум тақрибан ба ду килову дусаду панҷоҳ (2,250) грамм баробар аст.[242]

Агар пули (арзиши) яке аз ҷинсҳои мазкурро барои садақаи Фитр бипардозад ҳам, ҷоиз аст.

## Вақти пардохти садақаи Фитр

Садақаи Фитр бо дамидани субҳи рӯзи иди Фитр воҷиб мегардад ва мустаҳаб аст, ки пеш аз рафтан ба намозгоҳ пардохта шавад. Нофеъ аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят мекунад, ки: ***«Расули Худо (с) моро ба пардохтани закоти Фитр пеш аз баромадани мардум ба намоз амр намуд. Ва худи Абдуллоҳ як ё ду рӯз пеш аз ид онро пардохт мекард».***[243]

Агар қабл аз рӯзи иди Фитр онро пардохт намояд, ҷоиз аст ва агар онро аз рӯзи ид ба таъхир андозад, аз зиммааш соқит намешавад.

---

Соъ воҳиди вазн ва паймонаест баробари чаҳор муд(д) ва ё ҳашт ратли ироқӣ ва панҷ ратлу сеяки ратли ҳиҷозӣ.

[240] Саҳеҳи Бухорӣ, 1508. Саҳеҳи Муслим, 2281 (985)-18. Сунани Абӯдовуд, 1616.

[241] Сунани Абӯдовуд, 1619. Дар ин ҳадис як соъ гандум ба ду нафар тақсим шуда, ки ба сари ҳар яке ним соъӣ рост меояд.

[242] Шарҳи Ҷомеъуссағир. – С. 227.

[243] Саҳеҳи Бухорӣ, 1503, 1509. Саҳеҳи Муслим, 2285 (986)-22, 23. Сунани Абӯдовуд, 1610, 1612. Сунани Тирмизӣ, 677. Сунани Насоӣ, 2520.

Ҳатман, онро бояд пардохт намояд.

Садақаи Фитр бар ҳама, хоҳ рӯза гирифта бошад, ё нагирифта бошад, воҷиб аст. Мустаҳиққони садақаи Фитр ҳамон шахсони мустаҳиққи закот ҳастанд. Яъне ба ҳар касе закот дода мешуд, садақаи Фитр низ ба ҳамонҳо дода мешавад.

Садақаи Фитр дар ҳамон ҷое, ки худи инсон дар рӯзи ид буда бошад, бароварда мешавад. Аз Муҳаммад ибни Ҳасан (рҳ) ривоят шудааст, ки закоти мол дар он ҷое, ки мол аст, бароварда мешавад ва закоти Фитр дар он ҷое, ки соҳиби мол аст.[244] Зеро садақаи Фитр аксаран ба сурати ғаллагӣ ва маводи хӯрокворӣ бароварда мешавад ва интиқоли он ба ҷои дигар хароҷот ва вақти зиёдро талаб мекунад ва шояд боиси фавт гардидани он аз вақташ шавад. Ба ҷуз мвридҳои истисноие, ки дар боби интиқоли закот ба ҷои дигар зикр шудаанд.

[244] Бадоеъуссаноеъ. – Ҷ. 4. – С. 136. Тӯҳфатул фуқаҳо. – С. 161.

# ҚУРБОНӢ[245]

Қурбонӣ кардан савоби бисёре дорад. Паёмбари акрам (с) фармудааст: ***«Дар рӯзи иди Қурбон (пас аз ибодатҳои фарз) ҳеҷ ибодате ба даргоҳи илоҳӣ ба андозаи рехтани хуне (қурбонӣ кардан) мақбулу писандида нест...».***[246] Пеш аз расидани қатраҳои хуни ҳайвони забҳгашта ба замин, қурбонии шумо мақбули даргоҳи Парвардигор мегардад. Аз ин рӯ, бандаи мӯъмин бояд бо дили пургунҷоиш (кушода) ва шавқи некӣ қурбонӣ намояд. Паёмбари акрам (с) низ фармуда: ***«Қурбоникунанда ба андозаи мӯйҳои ҳайвони забҳгашта савоб мегирад».***[247] Пас барои ба даст овардани чунин савобе шахсе, ки ҳанӯз қурбонӣ бар вай воҷиб нагаштааст, агар қурбонӣ кунад, корест бас накӯ.

Қурбонӣ яке аз бошукӯҳтарин шиорҳои Ислом дар рӯзи иди Қурбон буда, дар пешгоҳи Худованд аз пурарзиштарин аъмол ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар Қуръони карим дар канори намоз зикр гардидааст, он ҷо ки мефармояд: **«Пас барои Парвардигорат намоз бигузор ва қурбонӣ кун!»**.[248]

Дар таълимоти суннати набавӣ то ҷое ба ин шиори рӯзи ид тавсия шуда, ки ҳузур дар намози идро бе қурбонӣ барои шахси дорои шароит ҷоиз надонистааст. Ин амр аз аҳаммияти иҷтимоӣ ва арзиши ибодатии қурбонӣ дар фарҳанги исломӣ хабар медиҳад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Касе гунҷоиш (ва тавоноӣ)-е дошта бошад ва қурбонӣ накунад, ба намозгоҳи мо наздик нагардад!»***.[249]

Ин ойин ва расми ибодӣ дар рӯзҳои ид аз куҳантарин шиорҳои динӣ ва суннатҳои худовандӣ аст, ки дар муносибатҳои динӣ ва идҳои умматҳои пешин низ ба таври барҷастае ба чашм мехӯрад. Худованд мефармояд: **«Ва барои ҳар уммате шиор (ва мансак)-е гардонидаем, то номи Худоро бар он чи аз чаҳорпоён (баҳимаи анъом) ба онҳо рӯзӣ додааст, ёд намоянд»**.[250] Аз Алӣ ибни Абӯталҳа аз Ибни Аббос (р) риво-

---

[245] Қурбонӣ -/ҳо/. дин: ба маънои ҳайвоне аст, ки онро барои ба даст овардани ризои Худо ва наздикӣ ба Ӯ қурбон мекунанд. Онро дар истилоҳи уламои фиқҳ узҳия мегӯянд, ки он низ ба маънои ҳайвони қурбонӣ аст.

[246] Сунани Тирмизӣ, 1493. Сунани Ибни Моҷа, 3126. Дар идомаи ҳадис омадааст: ***«...Рӯзи қиёмат ҳайвони қурбонӣ ҳамроҳи шохҳо, пашмҳо ва сумҳояш дар ҳисоби некиҳои шахс бармеояд. Хуни қурбонӣ пеш аз он ки ба замин бирезад, дар ҷойгоҳе дар пеши Худованд қарор мегирад. Пас бо хотири шод қурбонӣ намоед!»***.

[247] Сунани Тирмизӣ, 1493. Сунани Ибни Моҷа, 3127.

[248] Сураи Кавсар, 108: 2.

[249] Сунани Ибни Моҷа, 3123.

[250] Сураи Ҳаҷ, 22: 34.

ят шуда, ки мурод аз калимаи «мансак» дар ин оят ид аст ва аз Икрима ривоят шуда, ки манзур аз он забҳ ва қурбонӣ аст.[251]

Баъзе муфассирон гуфтаанд, ки манзур аз намоз ва наҳр дар ояти карима: **«Пас барои Парвардигорат намоз бигузор ва наҳр кун»[252]** намози иди Қурбон ва қурбонӣ дар он рӯз мебошад.[253]

Қурбоникунанда ҳангоми забҳ ин дуъоро бихонад:

**«Иннӣ ваҷҷаҳту ваҷҳия лиллазӣ фатара-с-самовоти вал арза ҳанифан ва мо ана минал мушрикин. Инна салотӣ ва нусукӣ ва маҳёя ва мамотӣ лиллоҳи раббил ъоламин. Ло шарика лаҳу ва бизолика умирту. Ва ана минал муслимин. Аллоҳумма, минка ва лака».**

**«Ба таҳқиқ, ман рӯи хешро ба сӯи он Зоте намудам, ки осмонҳо ва заминро биофарид, покона (ва ба сӯи ҳақ рӯй оваранда) ва ман аз ҷумлаи мушрикон нестам. Ҳаққо, ки намозу парастишҳо ва зиндагониву маргам ҳама барои Худо – он Парвардигори ҷаҳониён аст, ки шарике онро набошад. Ва ба ҳамин (асл) амр шудаам ва ман аз ҷумлаи бандагони мусалмон ҳастам. Бор Худоё! Ин қурбонӣ аз Ту ва барои ризои Ту мебошад!».[254]**

Он гоҳ **«Бисмиллоҳи валлоҳу акбар»** гуфта, онро забҳ намояд.[255] Пас аз забҳ ин дуъоро бихонад: **«Аллоҳумма, тақаббалҳу миннӣ, камо тақаббалта мин ҳабибика Муҳаммадин (с) ва халилика Иброҳима (ъ)».** ***(Бор Худоё! Ин қурбониро аз ман бо ҳамон дастуре, ки аз дӯстдошта ва дӯсти Худ ҳазрати Муҳаммад (с) ва ҳазрати Иброҳим (ъ) қабул фармудӣ, қабул бифармо!)***.

## Ҳукми қурбонӣ

Қурбонӣ дар назди ҷумҳури аҳли суннат суннати муаккада ва дар имом Абӯҳанифа, имом Муҳаммад ва дар қавле аз имом Абӯюсуф воҷиб аст. Он бар шахсоне, ки садақаи Фитр бар онҳо воҷиб буд, воҷиб аст. Шахсе, ки бар вай қурбонӣ воҷиб нагаштааст, агар қурбонӣ кунад, кори накӯ ва аҷри беҳисобе касб менамояд.

---

[251] Мисбоҳи мунир (гузидаи тафсири Ибни Касир). – С. 895.

[252] Сураи Кавсар, 108: 2.

[253] Тафсири Табарӣ. – Ҷ. 10. – С. 8807.

Ҷумҳури муфассирон иттифоқи назар доранд, ки мурод аз наҳр (نحر) дар ин оят қурбонӣ аст, вале дар мавриди намозе, ки дар ин оят ба он амр шудааст, ихтилофи назар доранд. Баъзеҳо онро намозҳои фарзӣ гуфтаанд, баъзеҳо намози иди Қурбон донистаанд ва баъзеҳо ба маънои дигар гирифтаанд.

[254] Сунани Абӯдовуд, 2795. Дар Сунани Абӯдовуд омадааст, ки: ***«Паёмбар (с) дар рӯзи иди қурбон ду қӯчқоре… забҳ кард ва вақте онҳоро рӯй ба қибла хобонд, ин дуъоро хонд».***

[255] Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) ҳангоми забҳи қурбонӣ гуфт: Бисмиллоҳи валлоҳу акбар. Ин аз ҷониби худам ва ҳар касе аз умматам, ки қурбонӣ накардааст»***. Сунани Абӯдовуд, 2810. Сунани Тирмизӣ, 1521.

Шартҳои вуҷуби қурбонӣ иборатанд аз: а) Ислом, б) озодӣ (дар қайди ғуломӣ набудан), в) ғино (боигарӣ) ва г) иқома (муқим будан – дар ҳолати сафар қарор надоштан) ва шартҳои сиҳҳат (дуруст гардидан)-и он иборатанд аз ин ки: а) чорвои қурбонӣ аз ҷумлаи баҳимаи анъом – шутур, гов ва бузу гӯсфанд бошад, б) синнаш барои қурбонӣ расида бошад ва в) аз айбҳо ва бемориҳое, ки аз сӯи шаръ зикр шудаанд, солим бошад.

Пас қурбонӣ, ба монанди садақаи Фитр, бар шахси кофир, ғулом, камбағал ва шахси мусофир воҷиб нест, ҳамчунин забҳи ғайри баҳимаи анъом, ба монанди мурғ, харгӯш ва ғайра ё забҳи чорвое, ки солаш ба қурбонӣ нарасида ва ё айбҳои ошкоре дар он буда бошад, барои қурбонӣ ҷоиз нест.

Шарти дигари дуруст гардидани қурбонӣ ният аст, ки ба шахси қурбоникунанда тааллуқ дорад. Аъмол ва қурбатҳо аз назари шаръ бе ният дуруст ва пазируфта намешаванд. Бинобар ин, шахси қурбоникун бояд аз байни анвои қурбатҳое, ки ба забоеҳ бастагӣ доранд, нияти худро барои қурбонӣ ё дар вақти харидорӣ ва ҷудо намудани чорво ва ё ҳангоми забҳи он муайян созад.

## Вақти қурбонӣ кардан

Дар моҳи зулҳиҷҷа аз аввали бомдоди рӯзи даҳум то шоми рӯзи дувоздаҳум – дар зарфи се рӯзи иди Азҳо қурбонӣ кардан ҷоиз аст, хоҳ шаб бошад ё рӯз. Вале дар рӯзи даҳум, ки аввали вақт аст, беҳтар аст, зеро шитоб дар кори хайр шаръан писандида аст. Худованд мефармояд: **«Ба сӯи корҳои хайр сабқат намоед!»**.[256]

Дар шаҳрҳо ва он ҷойҳое, ки хондани намози ид воҷиб мебошад, дар мазҳаби Абӯҳанифа (рҳ) пас аз баргузории маросими намози ид қурбонӣ кардан афзал аст ва дар ҷойҳое, ки намози ид ҳануз бар аҳли онҳо воҷиб нагардида, ба монанди деҳаҳои хурду дурдаст ва рустоҳои камодам, пас аз дамидани субҳи рӯзи даҳум қурбонӣ кардан ҷоиз аст. Дар ривоятҳои зиёде омадааст, ки забҳи пеш аз намоз қурбонӣ ба шумор намеравад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Аввалин ибодате, ки рӯзи идамонро бо он шурӯъ мекунем, он аст, ки намозро мегузорем. Пас аз он бармегардем ва қурбониамонро забҳ менамоем. Касе чунин кунад, суннатро дарёфтааст ва касе пеш аз намоз забҳ намояд, он қурбонӣ нест, балки гӯште аст, ки бо шитоб барои хонаводааш тақдим намудааст»***.[257] Дар ривояти дигар омадааст: ***«Касе пеш аз намоз забҳ карда бошад, ба***

---

[256] Сураи Бақара, 2: 148.

[257] Саҳеҳи Бухорӣ, 951, 955, 965, 968, 976; Саҳеҳи Муслим, 5042 (1961)-4, 5043 (…)-5, 5044 (…)-6; Сунани Абӯдовуд, 2800, 2801; Сунани Тирмизӣ, 1508; Сунани Насоӣ, 1562, 1569.

***ҷои он қурбонии дигаре забҳ намояд ва касе ҳанӯз забҳ накарда бошад, пас бо номи Худо қурбониашро забҳ намояд».*[258]**

Шахсе дар шаҳр зиндагӣ кунад ва қурбонии худро ба русто (деҳа) фиристад, то пас аз дамидани субҳ ба тариқи ваколат аз тарафаш қурбонӣ кунанд, ҷоиз аст.

Дар рӯзи дувоздаҳуми зулҳиҷҷа то замоне, ки офтоб ғуруб накарда бошад, қурбонӣ ҷоиз аст. Пас аз ғуруб дигар ҷоиз намегардад. Пас аз гузаштани вақти қурбонӣ бояд чорво забҳногаштаро зинда садақа намояд.

Шахсе дар рӯзи даҳум ва ёздаҳуми зулҳиҷҷа мусофир буд ва рӯзи дувоздаҳум муқим гашт, ё дар рӯзи аввал мискин буд ва дар рӯзи сеюм сарватманд гашт, қурбонӣ бар онҳо воҷиб мегардад.

Шахсе, ки худаш забҳ карда тавонад, беҳтар аст қурбониашро шахсан худаш забҳ намояд. Вале, агар худаш забҳ карда натавонад, каси дигаре онро дар ҳузури вай забҳ намояд.

Қурбонӣ танҳо аз тарафи худаш воҷиб аст, на аз тарафи фарзандонаш ва ё одамони зери кафолаташ, вале метавонад онҳоро дар савобаш ҳамроҳ намояд.

## Чаҳорпоёне, ки қурбонии онҳо ҷоиз аст

Ҳайвоноте, ки шариат забҳи онҳоро барои қурбонӣ ҷоиз донистааст, буз, гӯсфанд, шутур, гов ва говмеш мебошанд, чӣ барои узҳия ва чӣ барои ҳадйи Ҳарам забҳ шаванд.[259] Забҳи дигар ҳайвонот барои ин амр ҷоиз нест. Худованд навъи чаҳорпоёни қурбониро худ муайян намуда ва дар Қуръони карим онҳоро «баҳимату-л-анъом» номидааст, он ҷо ки мефармояд: **«Ва барои ҳар уммате ид ва забҳ (ва ё забҳгоҳ)-е гардонидаем, то номи Худоро бар ончи ба онҳо аз баҳимаи анъом рӯзӣ додааст, ёд намоянд».**[260] Баҳимату-л-анъом дар луғат ба маънои ҳайвонот – чаҳорпоёни ҳалолгӯшти хонагӣ аст.[261]

Дар таълимоти суннати набавӣ паҳлӯҳои дигар ва аҳкоми бозмондаи ин шиори рӯзи ид – қурбонӣ ба тафсил баён гардидааст. Қурбонӣ ва забҳи чаҳорпоёни мазкур ба ду шарти зерин дуруст мешавад:

---

[258] (Саҳеҳи Бухорӣ, 985, 5500; Саҳеҳи Муслим, 5037 (1960)-1, 5041 (…)-3; Сунани Насоӣ, 441, 4380; Сунани Ибни Моҷа, 3152).

[259] Қурбоние, ки бар ҳамаи мусалмонони дорои шароит воҷиб аст, онро дар истилоҳи уламои фиқҳ узҳия (**الأُضْحِيَة**) мегӯянд. Аммо он чорвое, ки ҳаҷгузор дар рӯзҳои ид пас аз анҷоми маносики ҳаҷҷи қирон ва ё таматтӯъ дар ҳудуди ҳарам забҳ менамояд, онро ҳадй (**الهَدْي**) мегӯянд.

[260] Сураи Ҳаҷ(ҷ), 22: 34.

[261] Муфрадоти Роғиб. – С. 149. Зайли моддаи «баҳм».

1. Синнашон барои қурбонӣ расида бошад. Синни қурбонӣ барои чаҳорпоёни мазкур он аст, ки гӯсфанд як, гов ду ва шутур панҷ солро пур карда бошанд. Танҳо гӯсфанде, ки шаш моҳ ва ё аксари ҳавл (сол)-ро пур карда, зоҳиран аз гӯсфанди яксола чандон фарқе надошта бошад, низ қурбонияш ҷоиз аст.

2. Солим буда, ҳеҷ айбу нуқсе надошта бошанд, яъне ҳеҷ як аз аъзои онҳо, ба монанди даст, пой, дум ва ё гӯшашон бурида нашуда бошад ва ҳамчунин ҳайвони кӯр, лоғар (хароб) ва ё ланге набошад, ки натавонад то қурбонгоҳ биравад, зеро қурбонии он ҷоиз нест.[262]

Аз Алӣ (р) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) фармуд: *«Чашм ва гӯши моли қурбониро бо диққат нигоҳ кунед ва чорвои кӯр, гӯшбурида, ки нӯг ва ё бари гӯшаш бурида шудааст ва чорвои гӯшчок ва гӯшсӯрохро қурбонӣ накунед»*.[263]

Дар ин ҷо ба баъзе масоили марбут ба қурбонӣ ва ҳамчунин ба баъзе васфҳо ва хусусиятҳои чаҳорпое, ки барои қурбонӣ пешбинӣ мешавад, ишора менамоем:

1. Дар шутур ва гов ҳамчунин ширкати то ҳафт нафар қурбоникун дуруст аст. Вақте чанд кас (аз ду то ҳафт нафар) дар як қурбонӣ шарик шаванд, қурбониашон вақте дуруст мешавад, ки хосту иродаи ҳамаи шарикон наздикӣ ба сӯи Худованди мутаъол бошад. Агар яке аз шарикон мақсади харидани гӯшт дошта бошад, на қурбонӣ ва ё қурбати дигаре, қурбонии дигар шарикон низ дуруст намешавад.

Агар ҷиҳат ва навъи қурбати шарикон аз ҳам фарқ кунад, масалан, яке барои қурбонӣ, дигаре барои шукри (ҳадй)-и таматтӯъ, сеюмӣ барои ҳадйи қирон, чорумӣ барои каффорати савганд, панҷум барои ҷаримаи хун дар тарки эҳром аз миқот, шашум барои ҳадйи нафлӣ дар ҳаҷҷи ифрод ва ҳафтум барои ақиқаи фарзандаш дар он шарик шаванд, боке надорад, зеро нияти ҳама қурбат ва наздикӣ ба Худо аст.

2. Чаҳорпое, ки барои қурбонӣ омода намуда буд, ногаҳон гум шуд ва ба ҷои он ҳайвони дигаре харид, дар ҳамин вақт ҳайвони якум низ пайдо шуд, агар шахс сарватманд бошад, қурбонӣ кардани яке аз онҳо бар вай воҷиб мебошад, вале агар фақир бошад, қурбонӣ кардани ҳар ду воҷиб мебошад.[264]

---

[262] Расули Худо (с) мефармояд: *«Қурбонӣ бо чор навъи мол дуруст намешавад: ланги ошкор, кӯри ошкор, касали ошкор ва лоғаре, ки мағз надорад»*. (Сунани Абӯдовуд, 2802; Сунани Тирмизӣ, 1497; Сунани Насоӣ, 4381, 4382, 4383; Сунани Ибни Моҷа, 3144)

[263] Сунани Абӯдовуд, 2804; Сунани Тирмизӣ, 1498; Сунани Насоӣ, 4384, 4385; Сунани Ибни Моҷа, 3142, 3143.

[264] Аз назари Ислом қурбонӣ бар шахси сарватманд воҷиб аст, на ба фақир. Бинобар ин, шахси сарватманд чанд гӯсфанде ҳам барои қурбонӣ омода намояд, ҳамон як қурбонӣ бар вай воҷиб мебошад ва аз ин бештарро Ислом маҷбуран аз вай нахостааст. Аммо агар бо майли худ бештар аз он таклиф ва вазифаи динии худ ҳайвони дигаре низ забҳ намояд, ин отифаи болои ҷавонмардӣ ва ҳисси неки динии ӯро нишон

3. Шахс метавонад гӯшти қурбониро ҳам худ бихӯрад ва ҳам ба хешону ҳамсоягони худ миқдоре бидиҳад.

4. Пӯсти қурбонӣ ё қимати онро хайр намояд ва ё онро худаш истифода намояд. Аз пули гӯшт ё пули қурбонӣ таъмир намудани масҷид ва ё дигар маконҳои хайрия ҷоиз нест.

5. Шахси қурбоникунанда метавонад пӯсти қурбониро ба масрафи худ бирасонад, ба монанди ин ки аз он машк ё фарш бисозад.

6. Музди забҳкунандаро аз пӯсту гӯшти қурбонӣ надиҳад.

7. Чизҳое, ки ба ҳайвони забҳшуда тааллуқ доранд, аз қабили ресмон, нӯхта ва ғайра, бояд ҳамаро хайр намояд.

8. Шахсе, ки қурбонӣ бар вай воҷиб нагаштааст, агар ба нияти қурбонӣ гӯсфанде харад, пас аз харидорӣ қурбонӣ кардан бар вай воҷиб мегардад. Зеро ибодатҳои нафлӣ бо шурӯъ воҷиб мегарданд.

9. Бар касе, ки қурбонӣ воҷиб мебошад, агар дар рӯзҳои муайян қурбонӣ накард, бояд дар рӯзҳои баъдӣ қимати гӯсфанд ё худи гӯсфандро агар харидорӣ шудааст, хайр намояд.

10. Шахсе назр кард, ки агар фалон корам амалӣ шавад, барои Худо гӯсфанде хайр хоҳам кард, пас аз амалӣ гардидани маромаш, назр бар зиммааш воҷиб мегардад. Бояд ба он вафо намояд ва гӯшти ҳайвони назршударо ба фақирону бечорагон бидиҳад. Барои худи шахси назркунанда хӯрдан аз гӯшти қурбонии назриаш ҳалол ва ҷоиз нест. Забҳи ҳайвони назргашта, агар онро ба рӯзи ид марбут ва махсус нагардонида бошад, яъне рӯзашро муайян насохта бошад, пас аз амалӣ гардидани маромаш дар ҳар рӯзе сурат гирад, ҷоиз мебошад.

11. Шахсе бо майлу рағбати худ ҷиҳати ризои Худо барои расидани савобе ба гузаштагонаш чорвое қурбонӣ кунад, аз гӯшти он бою камбағал метавонанд бихӯранд, вале агар бино ба васияти худи даргузашта ин корро карда бошад, бояд танҳо фақирону бечорагон аз гӯшти он бихӯранд.

12. Бе иҷозат аз тарафи касе қурбонӣ кардан ҷоиз нест ва ҳамчунин, ширкати ғоиб бе иҷозати худаш саҳеҳ намебошад.

13. Ҳайвонотеро барои насловарӣ ва парвариш ба сурати муносафа (нисф дар нисф) ва ғайра ба касе супорад, чунин қарордод ҷоиз нест ва он шахс коргари бо музд (даҳмарда) ба шумор меравад. Бинобар ин, харидани ҳайвоне аз чунин чӯпонҳо барои қурбонӣ бе иҷозати соҳибаш ҷоиз нест.

14. Чанд нафаре дар гов ё шутур бо ҳам шарик шаванд, метавонанд тамоми гӯшти онро хом ё пухта хайр намоянд. Дар вақти ҷудо

---

медиҳад. Вале қурбонӣ барои шахси фақир ва камбизоат амри мустаҳаб ва нафл мебошад. Вақте вай дар ҳар ду гӯсфанд нияти қурбонӣ намудааст, куштани ҳар ду гӯсфанд бар вай воҷиб мегардад.

намудани ҳиссаи ҳар як шарик он ҳатман бояд ба тарозу тақсим шавад. Гӯшти қурбониро ба кофирон низ метавон тақсим намуд.

15. Қурбонӣ кардани ҳайвони бордор ҷоиз аст, вале ҳайвони бе ҳамл беҳтар аст. Агар пас аз забҳи модар барра ё бузғола ва ё гӯсолае зинда берун ояд, онро низ бояд қурбонӣ намояд.[265]

## Одоб ва суннатҳои қурбонӣ

Фақеҳони киром маҷмӯаи одоб ва мустаҳабботеро зикр намудаанд, ки шахси қурбоникунанда баъзе аз онҳоро пеш аз забҳи қурбонӣ, баъзеро ҳангоми забҳ ва баъзе дигарро пас аз забҳи он бояд риоя намояд. Ҳамчунин корҳоеро ёдовар шудаанд, ки анҷом додани онҳо дар ҷараёни қурбонӣ кардан кароҳият доранд. Риояи мустаҳаббот бар аҷри қурбонӣ меафзояд ва макрӯҳот бошанд, онро ноқис мегардонанд. Касе дар ҷараёни анҷоми қурбонии худ мустаҳабботро риоя намояд ва аз макрӯҳот дурӣ гузинад, иншоаллоҳ, аҷри қурбониро ба таври комил ба даст меоварад. Қисмте аз ин корҳо қаблан зикр гардид ва ҳоло бахши дигари онҳоро ёдовар мешавем:

1. Бо банде бастани қурбонӣ.

2. Ҳангоми забҳ онро бо лутфу нармӣ ба сӯи забҳгоҳ бурдан.

3. Агар чорвои қурбониро муддате пеш аз рӯзи ид харида бошад ва ё аз байни гову гӯсфандони хоҷагиаш якеро барои қурбонӣ дар назар гирифта бошад, онро то рӯзи ид нағз тарбия ва нигоҳубин намояд.

4. Чорвои фарбеҳ ва хубро барои қурбонӣ интихоб ва харидорӣ намояд. Зеро тамоми ин корҳо навъе бузургдошт ва изҳори таваҷҷӯҳ ба ин шиори Ислом ва шаоири дини Худо ба шумор меравандва Худованд мефармояд: **«Ин ва касе шаоири Аллоҳро бузург дорад, ин амали вай аз тақвои дилҳост»**.[266]

5. Қурбониашро агар ба куштани чорво қодир бошад, бо дасти худаш забҳ намояд. Зеро он қурбат ва ибодат аст ва беҳтар аст, ки ба дасти худаш анҷом гирад. Дар сурати қодир набуданаш шахсе бо ваколат аз вай онро забҳ намояд ва ин низ ҷоиз аст ва аз аҷри он чизе кам намесозад.

6. Чорвоеро аз байни гову молаш барои қурбонӣ муайян созад ва ё муддате пеш аз ид барои қурбонӣ харидорӣ намояд, агар он чорво пас аз муайян кардан ва харидорӣ намудан барра ва ё гӯсола кунад, онро низ бояд ҳамроҳи модараш қурбонӣ кунад. Ҳамчунин агар дар вақти забҳ барра ва ё гӯсолааш зинда берун ояд, онро низ бояд забҳ намояд.

---

[265] Мавзӯи қурбонӣ дар «Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби ҳанафӣ» бо тафсил баён гардидааст. Хоҳишмандон метавонанд ба он муроҷиат намоянд.

[266] Сураи Ҳаҷ, 22: 32.

Вале агар барра ва ё гӯсола пеш аз муайян кардан ва ё харидорӣ намудан барои қурбонӣ таваллуд шуда бошад, он дигар дар ҳукми қурбонӣ дохил намешавад.

7. Агар то замони ид рӯзҳои каме боқӣ монда бошад, дигар тарошидан ва истифода аз пашми қурбонӣ низ ҷоиз нест, вале агар то иди қурбон чанд моҳ боқӣ монда бошад ва гузоштани пашм сабаби лоғарии он гардад, тарошидан ва ислоҳи он ҷоиз аст, зеро ин амр аз ҷумлаи корҳои парвариш ва нигоҳубини чорво ба шумор меравад.

Ривоят шудааст, ки марде аз аҳли Ҳамдони Яман ба назди Алӣ (р) омад, дар ҳоле ки говеро бо гӯсолааш бо худ мебурд. Гуфт: Ин говро харидам, ки қурбонӣ кунам, он гӯсола кард. Алӣ (р) фармуд: Ба ҷуз фазл (зиёдатӣ)-и гӯсола аз шири он нанӯш ва рӯзи ид онро ҳамроҳи гӯсолааш аз тани ҳафт нафар қурбонӣ кун!.[267]

8. Вақте чорвоеро барои қурбонӣ муайян намуд ва ё харидорӣ кард, дигар фурӯхтан ва иваз кардани он ҷоиз нест. Зеро он барои қурбат муқаррар гардидааст, пас истифода аз пули он ҷоиз нест, чӣ тавре истифода аз пашмаш ҷоиз набуд.

9. Пеш аз забҳ дар гӯшае дуртар аз чашми ҳайвони қурбонӣ корд-ро тез намояд. Аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) вақте хост қурбониашро забҳ намояд, ба ӯ гуфт: ***«Эй Оиша, кордро бо санге тез карда биовар»***.[268]

---

[267] Сунани Куброи Байҳақӣ, 19729. – Ҷ. 14. – С. 229. Маҷаллаи буҳуси исломӣ, шумораи 62. – С. 377. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.

[268] Саҳеҳи Муслим, 5064 (1967)-19.

# Бахши чорум

- Рӯза ва беҳдошт
- Барномаи ғизоӣ ва тарбияи ҷисмӣ дар Ислом
- Рӯзаҳои нафлӣ
- Вуҷуди тавозун дар барномаҳои амалии дини Ислом
- Тасбеҳи таровеҳ

أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ ٱلْقُرْءَانَۚ وَلَوْ كَانَ مِنْ عِندِ غَيْرِ ٱللَّهِ
لَوَجَدُوا۟ فِيهِ ٱخْتِلَـٰفًا كَثِيرًا ﴿٨٢﴾

**«Оё дар (оятҳои) Қуръон намеандешанд? Агар он аз назди ғайри Худо мебуд, ҳатман дар он ихтилоф ва ноҳамгунии бисёре меёфтанд».**

(Сураи Нисо, 4: 82).

## РӮЗА КОМИЛТАРИН БАРНОМАИ БЕҲДОШТӢ АСТ

Рӯза илова бар тазкияи нафс, парвариши рӯҳиёти нек ва дигар фоидаҳои амиқи маънавие, ки дар бинои шахсият ва пурбор намудани раванди худсозии инсон дорад ва илова бар аҷру савобе, ки барои банда аз он ҳосил мешавад, ҳамчунин беҳтарин барномаи беҳдоштӣ ва нусхаи (ретсепти) саломатии шахс низ ба шумор меравад. Зеро дар натиҷаи пурхӯрӣ ва пайвастахӯрӣ дар ҷисми инсон пасмондаҳои ғизоӣ ва русуботи ҳазмногаштае боқӣ мемонанд, ки ҷисм ва дастгоҳҳои полоишии бадан аз коркард, ҳазм ва ифроз (берун кардан)-и онҳо аз бадан аксаран оҷиз меоянд.

Ин пасмондаҳои ғизоӣ ва русуботи ҳазмногашта пас аз муддатҳо ба сурати чарбиҳо, холестерин, намакҳо, қандҳо ва дигар заҳрҳо дар таркиби хун ва дигар мавзеъҳои бадан зиёд гашта, аз меъёри зарурӣ боло меравaнд. Дар натиҷа ҷисм короямӣ ва қобилияти фаъолиятро то андозае аз даст медиҳад. Вақте қобилияти кории ҷисм поён рафт, рӯҳ низ то андозае болaндагии худро гум мекунад. Ҳамин тавр андак-андак ҷисм пас аз муддатҳо муқовимат ва аз даст додани тавоноиҳои кории худ ба бемориҳои гуногуне гирифтор мегардад.

Илми тиб имрӯз исбот намудааст, ки аксари бемориҳо дар натиҷаи пурхӯрии доимӣ ва камтаҳаррукии ҷисмонӣ ба вуҷуд меоянд ва гуруснагӣ ва ҳаракати бештари ҷисмонӣ муваффақтарин роҳи дармони онҳо мебошад. Имрӯзҳо на танҳо барои бемориҳои рӯҳӣ гуруснагӣ ва ё навъҳои парҳезро пешбинӣ менамоянд, балки барои бемориҳои ҷисмӣ низ, ба монанди баланд шудани сатҳи холестерини хун, қанд, чарбиҳо ва ғайра ин дармонро муассиртарин равиши (методи) табобатӣ медонанд. Ин ҷост, ки фоидаи рӯза ҳамчун барномаи комили беҳдоштӣ ва нусхаи пешгирикунанда аз бемориҳои зиёде собит мегардад.

Зеро вақте одам рӯза медорад ва муддате аз хӯрдану нӯшидан худдорӣ менамояд, ба ҷисми худ имконият ва фурсат медиҳад, ки ба коркард, ҳазм ва ифрози он пасмондаҳои ғизоӣ ва русуботи зиёдатӣ дар бадан пардозад ва баданро то андозае аз онҳо пок ва тасфия намояд.

Дар китоби «Рӯҳи дини исломӣ» дар бораи фоидаҳои беҳдоштии рӯза омадааст, ки ба василаи рӯза метавон бемориҳои зеринро муолиҷа ва ҳамчунин аз гирифтор шудан ба онҳо пешгирӣ намуд:

1. Рӯза дар муолиҷаи ташаннуҷот ва нороҳатии меъда ва рӯдаҳо, ки ҳамроҳ бо туршшавии тарашшӯҳоти зери меъда бошад, бисёр муфид аст.

2. Рӯза аз фарбеҳии зиёд ва афзоиши вазн ҷилавгирӣ мекунад.

3. Рӯза аз фишори хун, ки дар натиҷаи изтироботи рӯҳӣ ва пурхӯрии зиёд ба вуҷуд омада бошад, пешгирӣ менамояд. Рӯзаи моҳи Рамазон барои ба эътидол даровардани фишори хун неъмат ва баракати бузурге аст, ба хусус вақте инсон аз ҳад зиёд фарбеҳ шуда бошад.

4. Рӯза аз боло рафтани қанднокии таркиби хун ва пешоб низ ҷилавгирӣ менамояд. Зеро вақте чарбиҳои бадан кам шаванд, қанди он ҳам поён меояд. Рӯза ҳатто баъд аз кашфи инсулин ҳам яке аз беҳтарин равишҳои муолиҷаи бемории қанд мебошад.

5. Рӯза нороҳатиҳои тунд ва барҷомонда (музмин)-и гурдаҳоро, ки бо варам ва тарашшӯҳ ҳамроҳ бошанд, муолиҷа менамояд.

6. Рӯза барои бемориҳои дил, ки бо варам ҳамроҳ бошанд, бисёр фоида дорад.

7. Рӯза нороҳатӣ ва дарди барҷомондаи пайвандҳоро аз байн мебарад, ба хусус вақте ин дард дар натиҷаи фарбеҳӣ ва зиёд шудани чарбиҳои бадан ба вуҷуд омада бошад. Аксари занон пас аз синни чилсолагӣ ва зиёд гаштани чарбии баданашон ба дарди пайвандҳо гирифтор мешаванд.[269]

Бар ҳамин асос, дини Ислом дӯст медорад, ки пайравонаш дар ғайри моҳи Рамазон низ чанд рӯзеро аз ҳар моҳ ва ё ба муносибатҳое рӯза бидоранд ва ҷисман ва рӯҳан аз баҳраҳои нек ва баракоти ин барномаи худсозӣ ва беҳдоштӣ истифода намоянд. Шахси рӯзадор, воқеан ҳам, худро пас аз поёни моҳи Рамазон то муддате сабук, солим ва болида ҳис мекунад. Вақте чанд рӯзеро аз ҳар моҳ рӯза медорад, бори дигар чунин фурсатҳои муносиб ва имкониятро барои ҷисму рӯҳаш фароҳам месозад, яъне ба парвариш ва беҳдошти худ мепардозад.

Дар зарфи як моҳе, ки бар асоси барномаи моҳи Рамазон зиндагӣ мекунад ва хӯрду хӯрок ва фаъолиятҳои ҷисмии худро ба танзим меоварад, кори тамоми бадан, дастгоҳи гувориш (меъда), дил ҷигар ва… дигар мешавад. Ҳаҷми дастгоҳи гувориш то андозае ба меъёри табиии худ бармегардад. Бинобар ин, пас аз поёни моҳи Рамазон бояд меъёри муайянеро дар хӯрду хӯроки худ риоя намояд. Зеро истифодаи аз андоза зиёди маводи ғизоӣ дар ин ҳолат ба дастгоҳи гувориш осебҳои сахте ворид менамояд.

---

[269] Афиф Абдулфаттоҳ Таббора, Рӯҳи дини исломӣ (тарҷимаи форсӣ, Абӯбакри Ҳасанзода). – С. 764, 765.

## Тибби виқоӣ дар Ислом[270]

Ҳифз ва нигаҳдошти инсон аз назари ҷисмӣ, рӯҳӣ, ақлӣ ва ахлоқӣ муҳимтарин асл ва яке аз ҳадафҳои бунёдии қонунгузориро дар маҷмӯаи фиқҳи исломӣ ташкил медиҳад. Зеро ҳам аз дидгоҳи шаръ ва ҳам аз мавқеи илмӣ хуб собит шудааст, ки ҷисми инсон аз ҳар чиз ва ё ҳолате мутаассир гардад, он дар маҷмӯи рӯҳиёти ӯ таъсир мегузорад ва ақли солим дар ҷисми солим парвариш меёбад ва шахси тавоно вазифаҳои шаръӣ ва аъмоли худро дар зиндагӣ аз одами заъиф беҳтар анҷом медиҳад. Паёмбар (с) бо дарназардошти ҳамаи инҳо мефармояд: ***«Мӯъмини тавоно дар назди Худо аз мӯъмини заъиф беҳтар ва маҳбубтар аст ва дар ҳар кадоми онҳо хайр вуҷуд дорад…»***.[271]

Вақте мо ба амрҳо ва тавсияҳои Ислом дар бораи тағзияи солим, ҳифзи покизагӣ ва риояи суннатҳои фитрат ва манъи пурхӯрӣ, манъи маводи мухаддир ва анвои мускирот, таҳрими гӯшти худмурда, хун ва гӯшти хук дақиқтар менигарем, дар онҳо ҳадафҳои олии Ислом дар ҳифзи беҳдошти ҷисмонии инсон ва тадбирҳои пешгирикунанда (тибби виқоӣ)-ро ба хубӣ мушоҳида менамоем.

Вақте тавсияҳои мукаррари Исломро дар бораи покизагии ахлоқӣ, дурӣ аз муҳитҳои олуда ба фасод, худдорӣ аз зино ва тардоманӣ ва амрҳои қатъии онро дар бораи ҳифзи чашм аз нигоҳҳои шаҳватолуд, риояи сатри динӣ, худдорӣ аз намоиши ҳусну зебоии худ ва аз ҳар гуна ҳаракатҳои машбуҳ ва омезиши марду зани бегона (номаҳрам) ва ғайра бо тааммул мавриди баррасӣ қарор медиҳем, эҳтимомоми дини Исломро ба ҳифзи покизагии ахлоқии ҷомеа, покизагии наслҳо, ҳимояи генофонди миллӣ ба таври равшан дарк менамоем ва дар онҳо тадбирҳои пешгирикунандаеро мушоҳида менамоем, ки ҷомеаи исломиро дар дарозмуддат аз бемориҳои вогир ва он касалҳое, ки ба бемориҳои аср шинохта мешаванд ва имрӯз домангири ҷомеаҳои ахлоқан бебандубор гардидаанд, ҳифз намудаанд.

Ҳатто намоз, ки болотарин мазҳари покизагӣ ва нуқтаи пайванди банда бо Худо аст, аз назари равоншиносии динӣ дар таскини асабҳо, бартараф сохтани дардҳо, изтироботи ботинӣ ва парешониҳо, зудудани ғамҳо ва рехтани оромиш бар қалби инсон василаи муассире ба шумор меравад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Эй Билол, намозро барпо дор ва моро бо он роҳат ва оромиш бахш»***.[272]

---

[270] Тибби виқоӣ ва ё пешгирикунанда ба маҷмӯаи тадорукоти тиббӣ ва тадбирҳои иҷтимоие гуфта мешавад, ки барои пешгирӣ аз омилҳои интишори касалҳо, ангезандаҳои беморзо ва таҳкими саломатиии мардум равона гардидааст.

[271] Саҳеҳи Ибни Ҳиббон, 5692. – С. 982.

[272] Сунани Абӯдовуд, 4985. Манзур аз барпо доштани намоз дар ин ҷо гуфтани қомат аст.

Рӯза яке аз паҳновартарин бобҳо дар ин замина буда, ба ҷисму рӯҳ ва ақли инсон нерӯи масуният ва ҳамзамон ба қалби ӯ тақво ва ҳештандорӣ мебахшад, умри мавҷуди зиндаро дароз ва нашоту фаъолияти зеҳнӣ ва узвӣ (органикӣ)-и онро афзун мегардонад. Рӯза ҳамин тавр дар таҷдид ва фаъол сохтани бофтаҳои бадан, ба хусус ғадудҳое, ки фаъолияти органикии онҳо нашъу намо ва бинои ҷисм ва ба танзим даровардани коркарди ҳазм аст, таъсири босазое дорад.

Барномаи ибодатҳо, тавсияҳои ахлоқӣ ва маҷмӯаи гаронбаҳои фиқҳӣ дар Ислом илова бар он ки ибодат ва робитаи банда бо Худо, муносибатҳои фимобайни мардум ва фаъолиятҳои иҷтимоии онҳоро ба танзим медароранд ва илова бар ҳикматҳои гуногуне, ки дар онҳо нуҳуфтааст, ба таври барҷастае хусусияти тибби виқоиро низ доро мебошанд.

## Шаш рӯзе аз моҳи шаввол

Барои пешгирӣ аз чунин пешомаде Паёмбар (с) ба рӯза доштани шаш рӯзи моҳи шаввол низ тавсия намудааст. Албатта, рӯза доштани он фарз ва ҳатмӣ намебошад, вале барои инсон аҷру савоб ва фоидаҳои фаровонеро ба ҳамроҳ дорад. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Касе моҳи Рамазонро рӯза дорад ва пас аз он шаш рӯзи шавволро низ ба он тобеъ намояд, он ба мисли рӯзаи даҳр (тамоми умр) бошад»***.[273]

Вале шарт нест, ки он шаш рӯз дар аввали моҳ ва бевосита пас аз рӯзи ид рӯза дошта шавад, балки доираи амал ба он васеъ мебошад. Дар баъзе кишварҳо рӯзҳои аввали моҳ ба муносибатҳо, барномаҳо ва маҳфилҳои идона бахшида мешаванд. Пас метавонад баъдтар низ шаш рӯзе аз он моҳро рӯза дорад.

## Се рӯзе аз ҳар моҳ

Расули Худо (с) ба рӯза доштани се рӯз аз ҳар моҳ низ тавсияҳои зиёде намудааст ва хуб мешавад, ки он се рӯз рӯзҳои сафед, яъне рӯзҳое бошанд, ки моҳ пур мегардад. Он рӯзҳо сездаҳум, чордаҳум ва понздаҳуми ҳар моҳ мебошанд. Абӯҳурайра (р) мефармояд: ***«Паёмбар (с) се чизро ба ман аҳд ниҳод: Ин ки намози витрро нохонда нахобам, се рӯзе аз ҳар моҳро рӯза дорам ва намози чоштро бигузорам»***.[274]

Абӯзар (р) мегӯяд: Расули Худо (с) фармуд: ***«Эй Абӯзар, агар ҳар моҳе се рӯз рӯза гирифтӣ, пас рӯзҳои сездаҳум, чордаҳум ва понздаҳум-***

---

[273] Саҳеҳи Муслим, 2750 (1164)-204. Сунани Абӯдовуд, 2433. Сунани Тирмизӣ, 759. Сунани Ибни Моҷа, 1716.

[274] Сунани Тирмизӣ, 760.

***ро рӯза бидор!».***[275] Вале шарт нест, ки он се рӯз айнан ҳамон рӯзҳои миёнаи моҳ бошанд, балки дар дигар вақтҳо низ ҷоиз мебошад. Муъозаи Адавӣ аз Оиша (р) пурсид, ки: ***«Оё Расули Худо (с) ҳар моҳ се рӯз рӯза медошт? Гуфт: Оре. Боз пурсид, ки: Кадом рӯзҳои моҳро рӯза медошт? Гуфт: Фарқе намекард, ки кадом рӯзҳояшро рӯза медошт».***[276]

## Рӯза дар вақтҳои дигар

Ҳамчунин Расули Худо (с) ба рӯза доштан дар моҳи муҳаррам низ тавсия намудааст, он ҷо ки мефармояд: ***«Беҳтарин рӯза пас аз моҳи Рамазон рӯзаи моҳи муҳаррам (муқаддас)-и Худо аст».***[277] Агар он ба рӯзҳои нӯҳум ва даҳуми моҳи муҳаррам мутобиқ ояд, беҳтар мебошад, зеро Паёмбар (с) дар ин рӯзҳо рӯза медошт. Рӯзи даҳуми муҳаррамро рӯзи ошуро мегӯянд.

Он Ҳазрат (с) рӯза доштани рӯзҳои душанбе ва панҷшанберо низ бисёр дӯст медошт. Аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки: ***«Паёмбар (с) рӯзаи рӯзҳои душанбе ва панҷшанберо ихтиёр мекард».***[278] Дар ривояти дигаре омадааст, ки «Расули Худо (с) фармуд: ***«Аъмоли бандагон рӯзҳои душанбе ва панҷшанде арза (ва ба ҳисоб) гирифта мешаванд. Пас дӯст медорам, ки дар вақти арзи аъмолам рӯзадор бошам».***[279]

Аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки: ***«Расули Худо (с) дар ҳеҷ моҳе бештар аз шаъбон рӯза намедошт»***[280] ва дар ривояти дигар омадааст: ***«… Тамоми моҳи шаъбонро рӯза медошт».***[281]

---

[275] Сунани Тирмизӣ, 761. Сунани Насоӣ, 2421.

[276] Саҳеҳи Муслим, 2736 (1160)-194. Сунани Абӯдовуд, 2453. Сунани Тирмизӣ, 763. Сунани Ибни Моҷа, 1709.

[277] Саҳеҳи Муслим, 2747 (1163)-202, 2748 (1163)-203. Сунани Абӯдовуд, 2429. Сунани Тирмизӣ, 438, 740. Сунани Насоӣ, 1612, 1613. Сунани Ибни Моҷа, 1742.

[278] Сунани Тирмизӣ, 745. Сунани Насоӣ, 2186, 2360. Сунани Ибни Моҷа, 1649, 1739.

[279] Сунани Тирмизӣ, 747. Сунани Ибни Моҷа, 1740.

[280] Саҳеҳи Бухорӣ, 1969. Саҳеҳи Муслим, 2714 (1156)-175. Сунани Абӯдовуд, 2434.

[281] Саҳеҳи Бухорӣ, 1970. Саҳеҳи Муслим, 2716 (1156)-177. Дар баъзе ривоятҳои дигар омадааст, ки: ***«..Аксари моҳи шаъбонро рӯза медошт».*** Саҳеҳи Муслим, 2715 (1156)- 176.

## Барномаи ғизоӣ ва тарбияи ҷисмӣ дар Ислом

Дар баробари ин ҳама баҳраҳои маънавӣ, баракоти рӯҳӣ ва фоидаҳои беҳдоштие, ки рӯза барои шахси рӯзадор ба бор меоварад, ҳамчунин Ислом барномаи фарогири ғизоӣ ва тарбияи солими ҷисмониро низ аз партави таълимоти худ дур нагузоштааст. Ислом бо вуҷуди он ки ба рӯза доштани рӯзҳои башуморе аз ҳар моҳ тавсия намудааст, вале ҳаргиз иҷозат надодааст, ки бандаи мӯъмин дар натиҷаи доштани рӯзаи пайваста ва аз ҳад зиёд худро нотавон (бемадор) ва аз анҷоми вазифаҳои шаръӣ ва масъулиятҳои иҷтимоии худ оҷиз гардонад, балки дар баробари он барномаи комили ибодӣ ва нусхаи беҳдоштӣ боз ба тарбияи солими ҷисмӣ ва низоми дурусти ғизоӣ тавсия намудааст.

Оиша (р) дар идомаи ҳадиси: ***«Расули Худо (с) аксари моҳи шаъбон ва ё тамоми онро рӯза медошт»***, мефармояд: Вале ба мардум мегуфт: ***«Аз аъмол ба андозаи тобу тавони худ баргиред, зеро Худо (аз қабули аъмоли шумо) хаста намегардад, вале шумо (аз идомаи анҷоми он) хаста мегардед»***. Ҳамчунин мефармуд: ***«Дӯстдоштатарин амал ба сӯи Худо он корест, ки соҳибаш бар он мудовамат варзад, ҳарчанд кам ҳам бошад»***.[282]

Ривоят шудааст, ки Абдуллоҳ ибни Амр (р) рӯзҳо пайваста рӯза медошт ва шабҳо қиём мекард. Вақте ин хабар ба Расули Худо (с) расид, ӯро фаро хонд ва гуфт: ***«Эй Абдуллоҳ, ба ман хабар расид, ки рӯзҳо пайваста рӯза медорӣ ва шабҳо қиём менамоӣ! Гуфтам: Оре, эй Расули Худо. Фармуд: (Эй Абдуллоҳ,) чунин накун, балки рӯза бигир ва ифтор ҳам кун, шабҳо ба ибодат бархез ва хоб ҳам кун. Зеро ҷисмат бар ту ҳақ дорад, чашмонат бар ту ҳақ доранд, ҳамсарат бар ту ҳақ дорад ва меҳмонҳоят бар ту ҳақ доранд (ва бояд тамоми ин ҳуқуқҳоро ба ҷой оварӣ). Ҳамин қадар туро кифоя аст, ки ҳар моҳ се рӯз рӯза дорӣ. Барои ту дар ҳар некӣ даҳ баробар аҷр дода мешавад. Ҳамин се рӯз рӯзаи тамоми даҳр (умр) ба шумор меравад»***.

(Абдуллоҳ дар идома мегӯяд): Вале ман бар худ сахт гирифтам ва дар ниҳоят ин кор бар ман сахт тамом шуд. Гуфтам: Эй Расули Худо, ман бештар аз ин қувват дорам!? Фармуд: ***«Пас рӯзаи паёмбари Худо Довудро бидор ва бар он наафзо!»***. Пурсидам: Рӯзаи паёмбари Худо Довуд (ъ) чӣ гуна буд? Гуфт: ***«Рӯзаи нисфи даҳр (умр)»***. Абдуллоҳ пас аз

---

[282] Саҳеҳи Бухорӣ, 1970. Саҳеҳи Муслим, 2716 (1156)-177.

он ки пир гашта буд, мегуфт: Эй кош, рухсат ва насиҳати Паёмбар (с)-ро қабул мекардам.[283]

Дар ривояте омадааст, ки: ***«Расули Худо (с) дар яке аз сафарҳо дид, ки мардум дар атрофи марде издиҳом доранд ва болояш соя сохта шудааст. Гуфт: Ӯро чӣ шудааст? Гуфтанд: Марди рӯзадоре аст. Фармуд: Рӯза доштан дар сафар хуб нест»***.[284]

Чӣ тавре мебинем, Расули Худо (с) дар ин ҷо рӯза доштан дар сафарро кори хубе надонистааст. Зеро дар чунин мавридҳо доштани нерӯи ҷисмонӣ барои анҷоми масъулиятҳои дар пешистода аз рӯза доштан беҳтар аст. Вале баъзе одамон аз рӯи ноогоҳӣ бо доштани рӯза ва ё машғул гаштан ба баъзе ибодатҳои дигар на танҳо худро амалан аз анҷоми масъулиятҳои иҷтимоӣ ва вазифаҳои ҷамъиятии дини Ислом оҷиз ва нотавон месозанд, балки чанд одами дигарро барои парасторӣи худ овора месозанд.

Бар ҳамин асос, мо вақте метавонем зебоӣ, пӯёӣ ва осонии дини Худоро амалан ламс намоем, ки арзишҳои Исломро ба сурати тарҳи куллӣ ва ваҳдат (комплекс)-и таҷзиянопазир мавриди баррасӣ қарор диҳем ва дар бораи онҳо шинохти фарогире ҳосил намоем. Қуръони карим дар қисмате аз ояти 185-уми сураи Бақара пас аз баёни ҳукми рӯзаи бемор ва мусофир мефармояд: **«Худо барои шумо осониро мехоҳад ва душвориро дар ҳаққи шумо раво намебинад»**.

## Вуҷуди тавозун ва ҳамоҳангӣ дар барномаҳои Ислом

Ислом дар миёни тамоми барномаҳои ибодӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ғизоӣ, парваришӣ ва рӯҳии худ тавозуни зебоеро барқарор намудааст ва ҳеҷ якеро бар ҳисоби дигаре такмил накардааст. Ва аз пайравони мӯъминаш бо ҷиддият хостааст, ки дар анҷоми онҳо ҳамон тавозун ва эътидолро риоя намоянд. Шахсият ва ҳаёти инсон вақте солим ва ҳамаҷониба рушд меёбад, ки дар тамоми абъоди такомулӣ ва ҳамаи ҷанбаҳои зиндагии худ тавозун ва ҳадди эътидолро риоя намояд. Вақте дар як ҷанба зиёдаравӣ намояд, тавозуни дилхоҳро дар биноӣ солими шахсият ва рушди дуруст ва ҳамаҷонибаи ҳаёти худ аз даст медиҳад.

---

[283] Саҳеҳи Бухорӣ, 1974, 1975. Саҳеҳи Муслим, 2722 (1159)-182. 2723 (1159)-181. Дар дигар ривоятҳо омадааст: ***«Гуфтам: Ман аз ин бештар қувват дорам. Фармуд: Пас як рӯз рӯза бигир ва ду рӯз ифтор кун. Боз гуфтам: Ман аз ин бештар тоқат мекунам. Фармуд: Набошад, як рӯз рӯза бигир ва як рӯз ифтор кун. Ин рӯзаи Довуд (ъ) мебошад ва беҳтарин рӯза аст. Гуфтам: Аз ин ҳам бештар қувват дорам. Фармуд: Аз ин беҳтар намешавад»***. (Саҳеҳи Бухорӣ, 1976. Саҳеҳи Муслим, 2721 (1159)-181, 182, 183, 184. Дар яке аз ривоятҳои Муслим омадааст: ***«Аз куҷо медонӣ, шояд умри дарозе бинӣ»***. Дар яке аз ривоятҳои Муслим омадааст: ***«Фарзандонат бар ту ҳақ доранд»***.

[284] Саҳеҳи Бухорӣ, 1946. Саҳеҳи Муслим, 2607 (1114)-90. Сунани Абӯдовуд, 2407.

Яке аз омилҳои вазъи асафбор ва мушкилоти ҳалнопазири ҳаёти мусалмонон ҳамин номавзунӣ ва якҷониба будани барномаҳои амалӣ, зиёдаравӣ дар ҷанбае ва раҳо кардани самтҳои дигари зиндагӣ мебошад. Онҳо ё танҳо ба анҷоми ибодатҳои берӯҳ ва зӯҳднамоии хушк дода мешаванд ва дигар вазифаҳои шаръӣ, масъулиятҳои иҷтимоӣ ва талаботи имонии худро канор мегузоранд ва ё ба дунёпарастӣ, танпарварӣ ва андӯхтани пулу мол фурӯ мераванд ва дину маънавиётро ба тамом тарк менамоянд.

Дар ҳоле ки Ислом дар ҳамоҳангӣ ва ҳамгунии зебое дар миёни тамоми барномаҳои худ эъмори зиндагӣ ва пардохтан ба тамоми ҷанбаҳои ҳаётро аз онҳо хостааст.

Ислом ба ҷавонони дар синну соли балоғат, вақте дар авҷи шукуфоии ҷисмӣ, бедоршавии майлҳои ҷинсӣ ва бархостани кашишҳои шаҳвонӣ қарор доранд, тавсия менамояд, ки агар имконоти хонадор шуданро дошта бошанд, пас издивоҷ намоянд. Зеро ниёзҳои фитрӣ ва ғаризаи ҷинсӣ дар инсон ба василаи издивоҷ бароварда мешаванд ва ба ин тамоюли табиии ӯ ба сурати машрӯъ посух дода мешавад. Пас издивоҷ беҳтарин васила барои маҳфуз ва покиза нигаҳ доштани чашм ва фарҷ мебошад, фазои ҷомеаро низ поку муаттар нигоҳ медорад ва ҳамзамон аз парокандагии фикрӣ ва барҳадар рафтани нерӯҳо ва зарфиятҳои зеҳнии шахс пешгирӣ менамояд.

Вале, агар касе имконияти барпо намудани хонавода ва зан гирифтанро надошта бошад, ба вай тавсия менамояд, ки барои костан аз майлҳои шаҳвонӣ ва тасаллут бар ғаризаи ҷинсӣ рӯза бидорад. Рӯза дар чунин ҳолат аз фишори ниёзи шаҳвонӣ ва ғаризаи ҷинсӣ бар ҷисму рӯҳ ва асабҳои шахс мекоҳад ва ӯро аз афтодан дар ҳалокатгоҳи чашмчаронӣ, тамошои серинопазири ҷинси муқобил ва амали зино нигаҳ медорад.

Расули Худо (с) мефармояд: ***«Эй гурӯҳи ҷавонон, издивоҷ намоед, зеро он беҳтарин роҳ барои кӯтоҳ намудани нигоҳ ва пок доштани фарҷ мебошад. Аммо агар касе аз шумо издивоҷ карда натавонад, пас рӯза бидорад. Рӯза дар воқеъ, нигаҳдорандаи ӯ мебошад»***.[285]

Дар айни ҳол занон, ба хусус ҷавондухтарони нав шавҳаркардаро, аз гирифтани рӯзаи нафлӣ вақте шавҳаронашон дар хона ҳузур дошта бошанд, боз медорад. Зеро дар чунин ҳолат гирифтани рӯзаҳои нафлӣ аз баровардани ниёзҳои ғаризӣ ва майлҳои ҷинсии онҳо аз роҳи машрӯъ монеъ мегардад, ба эътидоли тамоюлоти шаҳвониашон осеби равонӣ мерасонад ва қудрати идораи асабҳо ва тасаллут бар худро аз онҳо мерабояд, ки ин кор ба манфиати онҳо нест.

---

[285] Саҳеҳи Бухорӣ, 1905, 5065, 5066. Саҳеҳи Муслим, 3384 (1400)-1. Сунани Абӯдовуд, 2046. Сунани Тирмизӣ, 1081. Ҳадисро аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят кардаанд.

Расули Худо (с) мефармояд: ***«Зан вақте шавҳараш ҳузур дошта бошад, ғайр аз рӯзаи моҳи Рамазонро намедорад, магар бо иҷозати ӯ».***[286]

## Чанд нуктаи дигар дар бораи рӯзаи нафлӣ

Аз назари Ислом, вақте ба хонаи шахси рӯзадор меҳмоне ояд, вай метавонад ба эҳтироми меҳмон рӯзаи нафлиашро ҳамроҳи меҳмон бихӯрад ва пас аз он дар фурсати муносибе қазои онро ба ҷой оварад. Зеро Расули Худо (с) мефармояд: ***«Рӯзадори мутатаввеъ (нафлӣ) амин ва ё амири нафси худ мебошад, агар хоҳад, рӯза медорад ва агар хоҳад, ифтор менамояд».***[287]

Ҳамчунин вақте ба меҳмонӣ даъват шавад, бояд онро иҷобат намояд. Агар ифтор накунад, пас дар ҳаққи онҳо дуъо намояд ва бигӯяд, ки: Ман рӯзадор мебошам. Расули Худо (с) мефармояд: ***«Вақте касе аз шумо даъват шавад, бояд онро иҷобат намояд. Агар рӯзахӯр бошад, (аз таомашон) бихӯрад ва агар рӯзадор бошад, пас (дар ҳаққашон) дуъо намояд».***[288] Ҳамчунин мефармояд: ***«Вақте касе аз шумо ба таоме даъват шавад, агар рӯзадор бошад, бигӯяд: Ман рӯзадорам!».***[289]

Ҳамчунин аз он Ҳазрат (с) ривоят шудааст, ки вақте ба хонаи яке аз ҳамсаронаш мерафт, мепурсид: Оё ягон хӯрдание ҳаст? Агар мегуфтанд, чизе нест, мефармуд: Набошад, ман рӯза гирифтам.[290] Бинобар ин, фақеҳон ва донишмандон мегӯянд, агар шахсе то қабл аз завол (нисфирӯзӣ) чизе нахӯрда бошад, метавонад аз ҳамон вақт ният кунад ва рӯзаи нафлӣ бигирад.

Гуфтанист, ки ибодатҳои нофила аз амалҳои солеҳ ва корҳои шаръан дӯстдошта (мустаҳаб) ба шумор мераванд. Анҷом додани онҳо

---

[286] Саҳеҳи Муслим, (1026)-84. Сунани Абӯдовуд, 2458. Сунани Тирмизӣ, 782. Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардаанд.

[287] Сунани Тирмизӣ, 732. Уммиҳониъ (р), ровии ҳадис мефармояд: *«Расули Худо (с) ба хонаам омад ва нӯшокие хост. Пас аз нӯшидан онро ба ман дод ва ман низ (аз фазли он) нӯшидам. Он гоҳ гуфтам: Эй Расули Худо (с) ман рӯзадор будам. Расули Худо (с) дар ҷавоб фармуд:* ***Рӯзадори мутатаввеъ…»***.

[288] Сунани Абӯдовуд, 2460. Сунани Тирмизӣ, 780. Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардаанд.

[289] Саҳеҳи Муслим, 2696 (1150)-159. Сунани Абӯдовуд, 2461. Сунани Тирмизӣ, 781. Ҳадисро аз Абӯҳурайра (р) ривоят кардаанд.

[290] Ишора ба ҳадисе мебошад, ки Оиша (р) дар он мефармояд: ***«Паёмбар (с) ба наздам меомад ва мегуфт: Оё дар наздат хӯрдание ҳаст? Агар мегуфтам: Не, мегуфт: Набошад, ман рӯза гирифтам. Рӯзе ба наздам омад. Гуфтам: Таоме ба мо ҳадя шудааст. Пурсид: Чист? Гуфтам: Ҳайс (номи таоме) мебошад. Фармуд: Ман имрӯз рӯза гирифта будам. Он гоҳ (аз он таом) хӯрд».*** (Саҳеҳи Муслим, 2707 (1154)-169. Сунани Абӯдовуд, 2455. Сунани Тирмизӣ, 733, 734.

барои шахс ихтиёрист ва ба ҳисси хайрхоҳӣ ва ҳиммату ҷавонмардии ӯ бастагӣ дорад, вале вақте ба анҷоми чизе аз онҳо амалан иқдом намояд, ба итмом расонидани он дар назди имом Абӯҳанифа (рҳ.) бар вай ҳатмӣ ва воҷиб мегардад. Агар онро пас аз ният фосид ва ё тарк намояд, қазоӣ он бар вай воҷиб аст. Бинобар ин, вақте ба намоз ва ё рӯзаи нафлӣ шурӯъ намояд, итмоми он бар вай воҷиб аст ва агар онро бо узре фосид ва ё тарк намояд, бояд қазои онро ба ҷой оварад.

Дар татаввӯъ агар шурӯъ кунӣ,
Пас руҷӯъ аз барои ҷӯъ кунӣ,

То тавонӣ адош бояд кард,
Назди Нӯъмон қазош бояд кард.

## ТАСБЕҲИ ТАРОВЕҲ

Дар манобеъ ва сарчашмаҳои шаръ – Қуръон ва суннат дар бораи он чизе, ки имрӯз бо номи тасбеҳи таровеҳ шинохта мешавад, ривояте собит нашудааст. Аз амалкарди саҳобагони киром танҳо ҳамин кадар бармеояд, ки онҳо пас аз ҳар чор ракъат намоз, ки бо ду салом баргузор мегардид, таваққуфи нисбие менамуданд. Зеро онҳо намози таровеҳро низ хеле дароз ва бо тааммул мехондаанд. Дар Муваттаи имом Молик ривоят шудааст, ки: *«Қорӣ сураи Бақараро дар ҳашт ракъат (и намози таровеҳ) мехонд. Агар онро дар дувоздаҳ ракъат мехонд, мардум онро сабук мепиндоштанд»*.[291] Бинобар ин, онҳо пас аз ҳар чор ракъат каме дам мегирифтанд ва ҳар кас дар нафси худ такбир, тасбеҳ, таҳлил ва салавот мегуфт.

Баъдҳо ҳамон такбиру тасбеҳ ва таҳлили онҳо ба сурати тасбеҳи таровеҳ даромадааст, ки имрӯз дар сарзамини мо навъи хоссе аз он маъмул мебошад. Ба ҳар ҳол, вақте он бо садои дилангези қориён бо овози баланд хонда мешавад, рӯҳу қалби намозгузоронро ҳаловат мебахшад ва дар онҳо таассуроти маънавӣ ва рӯҳиёти некеро ба вуҷуд меоварад.

Дар даҳаи ахир ва ё чанд шаби охири моҳи Рамазон бошад, мардум бо сӯзу гудоз ва бо шавқу шӯри имонӣ ба ин моҳи баракат ва ҳамчунин бо намози таровеҳ ва барномаи хатми Қуръони карим дар ин моҳ хайру хуш менамоянд.

| **Тасбеҳи таровеҳ дар моҳи Рамазон** | **Тасбеҳи таровеҳ ба забони арабӣ** |
|---|---|
| **Субҳона зи-л-мулки ва-л-малакут, субҳона зи-л-иззати ва-л-ъазамати ва-л-қудрати ва-л-кибриёи ва-л-ҷабарут, субҳона-л-малики-л-ҳаййи-л-лазӣ ло яному ва ло ямут. Суббуҳун, қуддусун раббуно ва раббу-л-малоикати ва-р-рӯҳ. Ло илоҳа иллаллоҳу, настағфируллоҳа ва насъалука-л-ҷанната ва наъузу бики мина-н-нор.** | سُبْحَانَ ذِي الْمُلْكِ وَالْمَلَكُوت، سُبْحَانَ ذِي الْعِزَّةِ وَالْعَظَمَةِ وَالْقُدْرَةِ وَالْكِبْرِيَاءِ وَالْجَبَرُوت، سُبْحَانَ الْمَلِكِ الْحَيِّ الَّذِي لاَيَنَامُ وَلاَيَمُوت، سُبُّوحٌ قُدُّوسٌ رَبُّنَا وَرَبُّ الْمَلاَئِكَةِ وَالرُّوح، لاَ إِلاَهَ إِلاَّ اللهُ، نَسْتَغْفِرُ اللهَ وَنَسْأَلُكَ الْجَنَّةَ وَ نَعُوذُ بِكَ مِنَ النَّار. |

[291] Эълоуссунан, ҷ. 3, бахши сеюм, с. 90.

| Тасбеҳи таровеҳи даҳаи ахири моҳи Рамазон | Тасбеҳи таровеҳи даҳаи ахир ба забони арабӣ |
|---|---|
| **Субҳона-л-ҳаннони-л-маннон, субҳона-л-малики-д-дайён, ал-маъруфи би-л-эҳсон ва-л-мавсуфи би-л-ғуфрон. Алвадоъ, алвадоъ, ё шаҳра Рамазон, алвадоъ, алвадоъ ё шаҳра-л-баракати ва-л-эҳсон!. Алфироқ, алфироқ, ё шаҳра-т-таровиҳи ва-т-тасобиҳи ва хатми-л-Қуръон!. Аввалуҳу раҳматун ва авсатуҳу мағфиратун ва охируҳу ъитқун мина-н-нирон. Ло илоҳа иллаллоҳу настағфируллоҳа ва насъалука-л-ҷанната ва наъузу бика мина-н-нор.** | سُبْحَانَ الْحَنَّانِ الْمَنَّان، سُبْحَانَ الْمَلِكِ الدَّيَّان، الْمَعْرُوفِ بِالإِحْسَان وَالْمَوْصُوفِ بِالْغُفْرَان. الْوَدَاع، الْوَدَاع، يَا شَهْرَ رَمَضَان!، الْوَدَاع، الْوَدَاع، يَا شَهْرَ الْبَرَكَةِ وَالإِحْسَان!. الْفِرَاق، الْفِرَاق، يَا شَهْرَ التَّرَاوِيحِ وَالتَّسَابِيحِ وَخَتْمِ الْقُرْآن!، أَوَّلُهُ رَحْمَةٌ وَأَوْسَطُهُ مَغْفِرَةٌ وَآخِرُهُ عِتْقٌ مِنَ النَّيرَان! لاَ إِلاَهَ إِلاَّ اللهُ، نَسْتَغْفِرُ اللهَ وَنَسْأَلُكَ الجَنَّةَ وَنَعُوذُ بِكَ مِنَ النَّار. |

## Нияти рӯза

Дар шариати Ислом барои дуруст гардидан ва пазируфта шудани аъмол ва ибодатҳои шахс ният шарти асосӣ дониста шудааст ва тамоми фаъолиятҳои ӯ бар асоси нияташ баҳо дода мешаванд. Паёмбари Худо (с) мефармояд: ***«Амалҳо ҳатман, ба ниятҳо вобастаанд. …»***.[292]

Ният ба маънои қасди ботинӣ ва омодагии қалбии инсон барои анҷом додани коре мебошад. Дар бораи ифода намудани нияти ботинӣ ва қасди қалбӣ бо забон дар сарчашмаҳои шаръ чизе наомадааст, вале оммаи мардум барои тааккуди бештари нияти қалбӣ онро ба забон ифода менамоянд. Нияти рӯзаи моҳи Рамазон:

**«Ва лисавми ғадин мин шаҳри Рамазона фаризатан навайту»**. ***«Ният кардам рӯзаи фарзии фардои моҳи Рамазонро ба ҷой оварам».***

[292] Саҳеҳи Бухорӣ, 1, 54, 2529. Саҳеҳи Муслим, 4904 (1907)-156. Сунани Абӯдовуд, 2201.

## Чакидаҳое аз таърихи рӯза

☪ Ҷустан ва талаби рӯъяти ҳилол аз бегоҳи рӯзи бисту нӯҳуми моҳи шаъбон воҷиби кифоя аст.[293] Бинобар ин, намояндагони расмии дин ва пешвоёни Ислом дар ҳар давру замоне барои он талош мекарданд. Сютӣ дар «Ҳуснул муҳозара» овардааст: Аввалин касе, ки ба дидани ҳилоли моҳи Рамазон дар Миср баромадааст, қозӣ Ғавс ибни Сулаймон (в. 168 ҳ.) буда. Ҳамчунин гуфта шуда, ки Абдуллоҳ ибни Лаҳиқа аввалин қозии мисриест, ки дар минтақаи Ҷиза ба дидани ҳилол баромадааст.

Дар замони Ҳишом ибни Абӯбакр аз пул гузашта, дар боғҳои Ибни Абӯҳубайш ба рӯъяти ҳилол мепардохтанд. Баъдҳо дар доманаи кӯҳи Муқаттам дар назди ҷомеи Абуд дидбоне бо номи дидбони қозиён сохта буданд, ки барои дидани ҳилол ба он ҷо мебаромаданд.[294]

☪ Қуръони карим ба тановули хурмо, ба хусус дар аснои зоймон, тавсия намудааст, он ҷо ки ба Марям мефармояд: **«Ва шохаи хурморо ба сӯи худ такон бидеҳ, хурмои тозае бар ту мерезад, пас аз он бихӯр ва бинӯш ва хуш бош!»**.[295] Расули Худо (с) ҳам дӯст медошт, ки рӯзаро бо чанд хурмои тоза ва ё хушк бикушояд ва ин амр ҳикматҳои зиёде дар худ дошта, ки илми тибби муосир порае аз онро кашф намудааст.

Озмоишҳои лабораторӣ нишон медиҳанд, ки ҳар сад грамм хурмо дар таркиби худ 65 мг. калсий, 72 мг. фосфор, 1,5 мг. оҳан дорад ва ин таркиботи минералии ишқорӣ меъдаро аз туршиҳои зиёд ва ҷисмро аз заҳрҳои пасмонда тоза мекунанд. Арзиши ғизоии ҳар сад грамм хурмо ба 352 килокалория баробар аст.

Ҳамчунин собит шуда, ки ҳурмо аз витамини А ғанӣ буда, нармкунандаи хуби табиӣ ба шумор меравад, қабзи меъдаро бартараф месозад, мушакҳои ҷисм ва асабҳоро тақвият мекунад, таровати баданро ҳифз менамояд ва барои дасгоҳи гувориши заъиф нофеъ аст. Он барои одамони дучори камхунӣ, бемориҳои сина, занони бордор ва кӯдакон бисёр муфид аст.

Хурмо ва нӯшокиҳои мевагӣ хӯроки тақрибан омода – ҳазмшуда ба шумор меоянд ва муносибтарин ғизо барои ифтор мебошанд. Бадан ниёзҳои ғизоии худро дар зарфи чанд дақиқа аз онҳо таъмин менамояд, дар ҳоле ки барои ҳазм ва коркарди дигар анвои хӯрданиҳо замони бештаре сарф мешавад.

☪ Агар дар замони Расули Худо (с) дар моҳи Рамазон барои саҳарихӯрӣ ва дамидани субҳ ду азон дода мешуд, дар давраи Аббосиён пеш

---

[293] Фатҳул қадир. – Ҷ. 2. – С. 318.
[294] Ҳабаш Фатҳуллоҳи Ҳафновӣ, Расули Худо (с) дар моҳи Рамазон. – С. 7, 8. – Искандария, 1989.
[295] Сураи Марям, 19: 25, 26.

аз субҳ ҷамое дар кӯйу барзан мегаштанд ва бо садои баланд: Хезед, хезед мегуфтанд. Аз он ҷо ки онҳо мардумро бо ибораи «қумӯ» ва «қумо» садо мекарданд, ба ҷамоаи «Қумӯ» ва «Қумо» машҳур гашта буданд.

Дар ҷомеи Миср муаззинон пас аз азони саҳарихӯрӣ бо садои баланд: **Кулӯ вашрабӯ** (бихӯред ва бинӯшед!) мегуфтанд ва ин байтҳоро мехонданд:

Айюҳа-н-нуввом, қӯмӯ лил фалоҳ,
Вазкуруллоҳа-л-лазӣ аҷра-р-риёҳ!
Инна ҷайша-л-лайли қад валло ва роҳ,
Ва тадоно аскару-с-субҳи ва лоҳ!
Ишрабӯ аҷло, фақад ҷоа-с-сабоҳ![296]

☪ Муҳаммад ибни Аҳмад маъруф ба Ибни Ҷубайр (540-614/1145-1217) – сайёҳ ва сафарноманигори машҳури араб дар асри дувоздаҳ дар бораи саҳарихӯрии аҳли Макка овардаст: «Муаззин аз болои миъзанае, ки дар рукни шарқии Масҷидулҳаром воқеъ буд, бо садои баланд мардумро ба саҳарихӯрӣ даъват мекард ва ду навҷавон низ бо ӯ ҳамовоз мешуданд. Вале чун садои онҳо ба маҳаллаҳои дуртар намерасид, ходаи дарозеро, ки дар нӯги он тахтачӯби амудие бо ду қандили фурӯзон насб шуда буд, аз болои он мебардоштанд ва мардум бо дидани онҳо саҳарихӯриро идома медоданд. Ҳамин ки субҳ medамид, қандилҳоро дарҳол поин меоварданд ва садои азони субҳ низ аз ҳар тараф баланд мешуд.[297]

Муҳаммад ибни Абдуллоҳ маъруф ба Ибни Батута (703-779/1304-1377), ки тақрибан як аср баъд аз Ибни Ҷубайр гузаштааст, дар сафарномаи худ ҳамин чизро аз аҳли Макка гузориш додааст.[298] Гуфтанист, ки ҳайати донишмандони шаҳри Кембриҷ Ибни Батутаро дар китобҳояшон амири сайёҳони таърихнигор дар байни мусалмонон [Prince of moslems travellers] номидаанд.

☪ Вақте ҳилоли моҳи Рамазон тулӯъ мекард, он шаб дар Масҷидулҳаром ҷашне барпо мегардид, дар назди амири Макка таблҳо зада мешуд, бӯрёҳои масҷид иваз карда мешуданд ва дар он шамъҳо ва чароғон афрӯхта мешуданд.

Шаби иди Рамазон ба монанди шаби бисту ҳафтуми он дар тамоми сатҳи ҳарам, манораҳои он ва сатҳи масҷиде, ки дар болои кӯҳи Абӯқубайс воқеъ буд, шамъҳо ва қандилҳо афрӯхта мешуданд. Муаззинон он шабро то субҳ ба такбиру таҳлил ва зикру тасбеҳ ва оммаи мардум ба тавофу намоз ва зикру дуъо барпо медоштанд.

---

[296] Расули Худо (с) дар моҳи Рамазон. – С. 12.

[297] Сафарномаи Ибни Ҷубайр. – С. 47; Муҳаммадраҷаби Сомирой, Рамазон дар фарҳанги исломӣ. – С. 102. – Димишқ, 2002.

[298] Сафарномаи Ибни Батута. – С. 75; Рамазон дар фарҳанги исломӣ. – С. 103.

Пас аз адои намози бомдод шитобон ба хонаҳо баргашта, либосҳои идона мепӯшиданд ва барои адои намози ид дубора ба масҷид меомаданд. Аввалин касе ба ҳарам ворид мешуд, банӣ Шайба – ҳоҷибони хонаи Худо буданд. Дари хонаи Каъбаро мекушоданд ва бузурги қабила дар остонаи дари он ва дигарон дар пешаш менишастанд, то он ки амири Макка меомад.[299]

☪ Дар моҳи Рамазон чорабиниҳои фарҳангӣ ва барномаҳои пурбори маънавие аз сӯи шаръ пешбинӣ шудаанд, ки ба фард шахсият ва ҷомеа ҳувият мебахшанд. Бинобар ин, мардуми мусалмон дар тӯли таърихи наздик ба якунимҳазорсолаи фарҳанги исломӣ моҳи Рамазонро ба шукӯҳи хосе истиқбол намудаанд. Тамоми чорабиниҳои дигарро дар он канор гузошта, дар ду сатҳи мардумӣ ва давлатӣ ба барпоии барномаҳои ибодатӣ ва тадорукоти хоси ин моҳ пардохтаанд. Маҳфилҳои илм, ҳалқаҳои дарс ва низомияҳо дар умум ва ё ба таври нисбӣ таътил эълон шуда ва мардум ба тиловати Қуръон, ибодат, кӯмаку дастгирии қишрҳои гуногуни ҷомеа ва дигар барномаҳои худсозӣ ва тазкияи нафс машғул мешуданд.

Ривоят шуда, ки Ибни Аббос (р) дар моҳи Рамазон дарси тафсир ва ҳадисро канор мегузошт ва ба тиловати Қуръон машғул мешуд. Имом Молик (рҳ) низ дар он ҳалқаи дарси ҳадисро таътил мекард ва ба тиловати Қуръон ва тадаббур дар оятҳои он мепардохт. Имом Шофеъӣ бошад, дар моҳи Рамазон Қуръонро шаст бор хатм мекард.

Имрӯз низ дар кишвари Малейзия дар моҳи Рамазон соатҳои кор дар муассисаҳои давлатӣ кам карда мешаванд ва дар шаҳри Кувалалампур (Куала-Лумпур) – пойтахти кишвар дар сатҳҳои иқлимӣ ва давлатӣ аз сӯи ҳукумат мусобиқаҳои ҳифз ва тиловати Қуръон баргузор мегарданд. Дар кишварҳои Бангладеш, Ҷибутӣ, Буркинафасо, Банин ва баъзе кишварҳои дигари исломӣ ба муносибати моҳи Рамазон мактабҳо таътил мешаванд ва дар баъзе кишварҳои дигар аз соатҳои дарсӣ коҳиш дода мешавад.[300]

☪ Аввалин бор аз садои тӯп (силоҳи оташбор, пушка) барои огоҳ намудани мардум ба фаворасии вақти ифтор соли 859 ҳиҷрӣ дар шаҳри Қоҳира истифода шудааст. Гуфтаанд, ки ба султони мамлукҳо Хушқадам тӯпе тӯҳфа шуд ва аввалин озмоиши он ба бегоҳи рӯзи аввали Рамазон вақти ифтор рост омад. Мардум аз ин ҳодиса хушнуд гардида, маротиби сипоси хешро ба султон расониданд. Султон низ аз истиқболи онҳо ба ваҷд омад ва садои тӯпи саҳарихӯрӣ ва тӯпи имсок ва ё дамидани субҳро низ бар он афзуд.[301]

---

[299] Сафарномаи Ибни Батута. – С. 76.

[300] Рамазон дар фарҳанги исломӣ. – С. 104-117.

[301] Абӯабдурраҳмон Холид ибни Ҳусайн ибни Абдурраҳмон, Ҳамнишини ту дар Рамазон. – Ҷ. 1. – С. 206. Риёз, 2002.

## Манобеъ ва сарчашмаҳо


1. Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмони Доримии Самарқандӣ, Сунани Доримӣ. – Қоҳира: Дорул ҳадис, 2000.
2. Абдулҳамид Маҳмуд Таҳмоз, Алфиқҳу-л-исломӣ фӣ савбиҳи-л-ҷадид. – Димишқ: Дору-л-қалам, 1430 ҳ. (2009 м.).
3. Абдушарифи Боқизода, Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби ҳанафӣ. – Душанбе: Нашриёти «Сифат», 2006.
4. Абӯабдуллоҳ Аҳмад ибни Ҳанбали Шайбонӣ, Муснади имом Аҳмад. – Риёз: Байтул афкор аддавлия, 1998.
5. Абӯабдуллоҳ Молик ибни Анаси Асбаҳӣ, Муваттаи имом Молик (ба ривояти имом Муҳаммад). – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1979.
6. Абӯабдуллоҳ Молик ибни Анаси Асбаҳӣ, Мудавванаи Кубро. – Бейрут: Дору содир.
7. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ маъруф ба Хатиби Табрезӣ, Мишкоту-л-масобеҳ. – Бейрут: Ширкати Дори Арқам, 1417 ҳ. (1996 м.).
8. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Ҳокими Нишопурӣ, Мустадраки Ҳоким. – Бейрут: Дорул маърифат, 2006.
9. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ, Адаби муфрад. – Бейрут: Алмактабату-л-асрия. 1427 ҳ. (2006 м.).
10. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ, Саҳеҳи Бухорӣ. – Бейрут: Дорулмаърифат, 2004.
11. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, Китоби Ал-асл (маъруф ба Мабсут). – Бейрут: Оламу-л-китоб, 1410 ҳ. (1990 м.).
12. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, Китоби Алҳуҷҷату ъало аҳли-л-Мадина. – Бейрут: Оламу-л-китоб, 1427 ҳ. (2006 м.).
13. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, Ҷомеъу-л-кабир. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1421 ҳ. (2000 м.).
14. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Язид ибни Моҷаи Қазвинӣ, Сунани Ибни Моҷа. – Бейрут: Дору эҳёи аттуроси-л-арабӣ, 2000.
15. Абӯабдурраҳмон Аҳмад ибни Шуъайби Насоӣ, Сунани Куброи Насоӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1411 ҳ. (1991).
16. Абӯабдурраҳмон Аҳмад ибни Шуъайби Насоӣ, Сунани Насоӣ. – Бейрут: Дорулмаърифат, 2007.
17. Абӯабдурраҳмон Холид ибни Ҳусайн ибни Абдурраҳмон, Ҳамнишини ту дар Рамазон. – Риёз, 2002.
18. Абӯбакр Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Абӯшшайбаи Куфӣ, Мусаннафи Ибни Абӯшшайба. – Риёз: Мактабату-р-рушд, 1409 ҳ. (1989).
19. Абӯбакр Абдурраззоқ ибни Ҳумом ибни Нофеи Санъонӣ, Мусаннафи Абдурраззоқ. – Бейрут: Дору эҳё а-т-туроси-л-арабӣ, 1423 ҳ. (2002 м.).
20. Абӯбакр Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Мӯсои Байҳақӣ, Сунани Куброи Байҳақӣ. – Бейрут: Дорулфикр, 2005.
21. Абӯбакр Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Мӯсои Байҳақӣ, Шуъабулимони Байҳақӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1410 ҳ. (1990).

22.Абӯбакр Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Хузаймаи Суламии Нишопурӣ маъруф ба Ибни Хузайма, Саҳеҳи Ибни Хузайма. – Бейрут: Алмактабу-л-исломӣ, 1412 ҳ. (1992 м.).
23.Абӯдовуд Сулаймон ибни Ашъаси Сиҷистонӣ, Сунани Абӯдовуд. – Бейрут: Дорулфикр, 2005.
24.Абӯисо Муҳаммад ибни Исои Тирмизӣ, Сунани Тирмизӣ. – Бейрут: Дорулмаърифат, 2002.
25.Абӯлқосим Сулаймон ибни Аҳмад ибни Айюби Табаронӣ, Алмӯъҷамулавсат. – Қоҳира: Дорул ҳарамайн, 1415 ҳ. (1993).
26.Абӯлқосим Сулаймон ибни Аҳмад ибни Айюби Табаронӣ, Алмӯъҷамулкабир. – Мавсил: Мактабатул улуми вал ҳикам, 1404 ҳ. (1984).
27.Абӯлқосим Сулаймон ибни Аҳмад ибни Айюби Табаронӣ, Алмӯъҷамуссағир. – Бейрут: Алмактабул исломӣ, 1405 ҳ. (1985).
28.Абӯлҳасан Алӣ ибни Умари Доракутнӣ, Сунани Доракутнӣ. – Бейрут: Дорулмаърифат, 1966.
29.Абӯлҳусайн Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмади Бағдодии Қудурӣ, Мухтасари Қудурӣ. – Карочӣ: Мактабатул бушро, 1429 ҳ. (2008).
30.Абӯлҳусайн Муслим ибни Ҳаҷҷоҷ ибни Муслими Қушайрии Нишопурӣ, Саҳеҳи Муслим. – Бейрут: Дорулмаърифат, 2004.
31.Абӯлфазл Аҳмад ибни Алӣ ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳаҷари Асқалонӣ, Фатҳулборӣ шарҳи «Саҳеҳи Бухорӣ». – Бейрут: Дорулфикр, 1993.
32.Абӯлфидо Исмоил ибни Умар ибни Касири Димишқӣ, Тафсири Ибни Касир. – Қоҳира: Дорул фаҷр ли-т-турос, 1422ҳ. (2002 м.).
33. Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Тафсири Ҷомеъу-л-баён ъан таъвили ойил Қуръон маъруф ба Тафсири Табарӣ (таҳқиқи Аҳмад Муҳаммад Шокир). – Бейрут: Муассисаи Рисолат, 1420 ҳ. (2000 м.). Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.
34.Абӯҳотим Муҳаммад ибни Ҳиббон ибни Аҳмад ибни Ҳиббони Тамимии Бустӣ, Саҳеҳи Ибни Ҳиббон. – Бейрут: Байту-л-афкор а-д-давлия, 2004.
35.Абӯяъло Аҳмад ибни Алӣ ибни Мусаннои Мавсилӣ, Муснади Абӯяъло. – Димишқ: Дорул маъмун литтурос, 1404 ҳ. (1984).
36.Алӣ ибни Нойифи Шуҳуд, Мавсӯаи Ад-дин ан-насиҳа. – 1427 ҳ. (2006 м.), бе зикри ҷои чоп. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.
37.Аллома Алиакбари Деҳхудо, Луғатномаи Деҳхудо (Нусхаи электронии он). – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, ривояти чаҳорум.
38.Аллома Муҳаммадамин ибни Умар ибни Абдулазиз, Радду-л-муҳтор маъруф ба Ҳошияи Ибни Обиди. – Бейрут: Дору эҳёи аттуросил арабӣ, 1998.
39.Аллома Муфтӣ Худоназари Қанбарзиҳӣ, Маҳуду-л-фатово (Фатовои Дору-л-улуми Зоҳидон). – Зоҳидон: Интишороти Сиддиқӣ, 1383 ш. (2005 м.).
40.Алмавсӯатул фиқҳиятул кувайтия. – Кувайт, 2005.
41.Алмунҷид фи-л-луғати вал-аълом. – Бейрут: Дору-л-машриқ, 2002.
42.Алмунҷид фи-л-луғати-л-арабияти-л-муосира. – Бейрут: Дору-л-машриқ, 2001.
43.Алоуддин Абӯбакр ибни Масъуди Косонӣ, Бадоеъу-с-саноеъ фӣ тартиби-ш-шароеъ. Бейрут: Дору эҳёи аттуросил арабӣ, 1997.
44.Аҳмади Донишгар, Фарҳанги луғоти форсии навин. – Теҳрон: Ҳофизи на-

вин, 1381 ш.
**45.**Атия Муҳаммадсолим, Рамазониёт мина-л-китоби ва-с-суннат. – Мадинаи мунаввара: Мактабату дори-т-турос, 1408 ҳ. (1988 м.).
**46.**Афиф Абдулфаттоҳ Таббора, Рӯҳи дини исломӣ (тарҷимаи форси, Абӯбакри Ҳасанзода). – Машҳад: Интишороти Сақиз (Муҳаммадӣ), 1375 ш. (1997).
**47.**Бурҳонуддин Абӯлҳасан Алӣ ибни Абӯбакр ибни Абдулҷалил ибни Халил ибни Абӯбакри Фарғонии Марғинонӣ, Ҳидоя шарҳи «Бидоятул мубтадӣ». – Карочӣ: Мактабатул бушро, 1427 ҳ. (2006).
**48.**Ғуломҳусайн Садрии Афшор (ва дигарон), Фарҳанги муосири форсӣ. – Теҳрон: Фарҳанеги муосир, 1383 ш. (2005 м.).
**49.**Доктор Абдулкарим Зайдон, Алмуфассал фӣ аҳкомил марати вал байтил муслим. – Бейрут: Муассисаи рисолат, 1997.
**50.**Доктор Абдулҳалим Авис, Мавсӯату-л-фиқҳи-л-исломиййи-л-муосир. – Алмансура: Дору-л-вафо, 1426 ҳ. (2004 м.).
**51.**Доктор Ваҳба Зуҳайлӣ, Алфиқҳул исломӣ ва адиллатуҳу. – Димишқ: Дорулфикр, 1428 ҳ. (2007).
**52.**Доктор Маҳмуд Иброҳим, Рӯза дар фарҳанги исломӣ. – Дубай: Матобеъу-л-баён, 1405 ҳ. (1985 м.).
**53.**Доктор Муҳаммад Муъин, Фарҳанги форсӣ. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Амир Кабир, 1375 ш. (1996 м.).
**54.**Имом Бурҳонуддин Абӯлмаолӣ Маҳмуд ибни Садру-ш-шариат Тоҷуддин Аҳмад ибни Садри Кабир Абдулазиз ибни Мозаи Бухорӣ, Алмуҳит-л-бурҳонӣ лимасоили Ал-мабсути ва-л-ҷомеъайни ва-с-сияри ва-з-зиёдоти ва-н-наводири ва-л-фатово ва-л-воқеъот мудаллалатан бидалоили-л-мутақаддимина. – Бейрут: Муассисаи Назеҳ Куркӣ, 1424 ҳ. (2004 м.).
**55.**Ислам иллюстрированная энциклопедия. – Москва: Эксмо, 2011.
**56.**Ислам энциклопедический словарь. – Москва: Наука, 1991.
**57.**Камолуддин ибни Абдулвоҳид ибни Абдулҳамид маъруф ба Ибни Ҳумом, Фатҳу-л-қадир. – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.
**58.**Қарорҳо ва тавсияҳои Маҷмаи фиқҳи исломӣ. – Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.
**59.**Қуръони карим.
**60.**Мавлоно Зафараҳмад Усмонии Таҳонавӣ, Эълоуссунан. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1997.
**61.**Мавлоно Шарафуддини Бухорӣ, Ибтидо мекунам. – Зоҳидон: интишороти Надвӣ, 2004.
**62.**Маҷаллаи буҳуси исломӣ. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.
**63.**Маркази омӯзишҳо ва пажӯҳишҳо, Қомӯси луғавӣ-илмии дузабонаи арабӣ-англисӣ ва англисӣ-арабӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1425 ҳ. (2004 м.).
**64.**Мисбоҳи мунир – гузидаи тафсири Ибни Касир (зери назари Сафиййюр-раҳмон Муборакпурӣ. – Риёз: Дору-с-салом, 1423 ҳ.
**65.**Муҳаммад Абдуллоҳ ибни Муслими Баҳлавӣ, Адиллатул ҳанафия минал аҳодиси аннабавия. – Димишқ: Дорул қалам, 2007.
**66.**Муҳаммад ибни Абӯбакр ибни Айюб ибни Саъди Заръӣ маъруф ба Ибни Қаййими Ҷавзӣ, Зоду-л-маод. – Бейрут: Муассисаи Рисолат, 1407 ҳ. (1986 м.).
**67.**Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абӯаҳмад маъруф ба Алоуддини Самарқандӣ,

Тӯҳфату-л-фуқаҳо. – Бейрут: Дорул фикр, 1422 ҳ. (2002 м.).
**68.**Муҳаммад ибни Мукрим ибни Манзури Мисрӣ, Лисону-л-араб. – Бейрут: Дору Содир.
**69.**Муҳаммад Раҷаби Сомирой, Рамазон дар тамаддуни исломӣ. – Димишқ: Дору-л-авоил, 2002. Нусхаи электронии он дар мактабаи шомила.
**70.**Муҳаммад Фуод Абдулбоқӣ, Алмӯъҷаму-л-муфаҳрас ли алфози-л-Қуръони-л-карим. – Қум: Маншуроти Завил қурбо, 2005.
**71.** МуҳаммадраҷабиСомирой, Рамазон дар фарҳанги исломӣ. – Димишқ, 2002.
**72.**Муфтӣ Ғуломқодири Нӯъмонӣ, Тарҷеҳу-р-роҷеҳ би-р-ривоят фӣ масоили-л-Ҳидоя маъруф ба Алқавлу-р-роҷеҳ.
**73.**Нуруддин Алӣ ибни Абӯбакр ибни Сулаймони Ҳайсамӣ, Маҷмаъу-з-завоид ва манбаъу-л-фавоид. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1422 ҳ. (2001 м.).
**74.**Ҳабаш Фатҳуллоҳи Ҳафновӣ, Расули Худо (с) дар моҳи Рамазон. – Искандария, 1989.
**75.**Ҳасан Холид (муфтии Ҷумҳурии Лубнон), Аҳодиси Рамазон. – Бейрут: Алмактабу-л-исломӣ, 1403 ҳ. (1983 м.).
**76.**Ҳусайн ибни Муҳаммад ибни Муфаззал маъруф ба Роғиби Исфаҳонӣ, Муфрадоти алфози-л-Қуръон. – Қум: Интишороти зави-л-қурбо, 1425 ҳ.
**77.**Озартоши Озарнӯш, Фарҳанги муосири арабӣ – форсӣ. – Теҳрон: Нашри най, 1386 ш.
**78.**Саъдӣ Абӯҷайб, Алқомӯсу-л-фиқҳӣ луғатан ва истилоҳан. – Димишқ: Дору-л-фикр, 1419 ҳ. (1998 м.).
**79.**Советский энсиклопедический словарь (зери назари А. М. Прохоров). – Москва: Интишороти «Советская энсиклопедия», 1980.
**80.**Умар ибни Абдулазиз ибни Мозаи Бухорӣ маъруф ба Садру-ш-шаҳид, Шарҳи Ҷомеъу-с-сағир. Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1427 ҳ. (2006 м.).
**81.**Фарҳанги забони тоҷикӣ (зери таҳрири Муҳаммадҷон Шуку-рӣ ва дигарон). – Москва: Интишороти «Советская энсиклопедия», 1969.
**82.**Фарҳанги мутавассити Деҳхудо (зери назари Сайийд Ҷаъфари Шаҳидӣ. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1385 ш.
**83.**Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (зери назари Сайфиддин Назарзода ва дигарон). – Душанбе: ҶММ «Ксероксленд», 2008. 126.
**84.**Фарҳанги форсӣ тоҷикӣ (зери назари Муҳаммадҷон Шукурӣ ва дигарон), баргардон ба форсӣ Мӯҳсини Шуҷоӣ. – Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1385 ш. (2007 м.). Фиқҳу-л-ибодот (ҳанафӣ).- Нусхаи он дар мактабаи шомила.
**85.**Харлампий Карпович Баранов, Арабско-руский словарь. – Москва: Интишороти Русский язык, 1985.
**86.**Шайхулислом Мавлоно Муҳаммадтақии Усмонӣ, Масоил ва аҳкоми эътикоф (тарҷимаи форсӣ, Ёрмуҳаммади Амро). – Интишороти Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 2001.

# МУНДАРИҶА

Барои огоҳӣ ........................................................................ 3

**Бахши аввал ........................................................................ 5**
Ба истиқболи моҳи Рамазон ........................................................................ 6
Мафҳум ва моҳияти рӯза ........................................................................ 9
Фазилати моҳи Рамазон ........................................................................ 12
Ҳадафи рӯза ........................................................................ 14
Фоидаҳои рӯза ........................................................................ 17
Арзиши эҳсону некӣ дар моҳи Рамазон ........................................................................ 18
Пеш аз Ислом низ рӯза вуҷуд дошт ........................................................................ 21
Нақши рӯза дар худсозии инсон ........................................................................ 22
Нақши рӯза дар сохтани ҷомеаи намунавӣ ........................................................................ 22
Дар моҳи Рамазон дарҳои биҳишт ........................................................................ 25
Маънои Рамазон ........................................................................ 25
Рӯза дар партави оятҳои Қуръон ........................................................................ 26
Ибтидои фарзшавии рӯза ........................................................................ 28
Оғози нузули ваҳй ........................................................................ 29
Рӯза барои шахси мусофи ........................................................................ 30
Иҷобати дуъо дар моҳи Рамазон ........................................................................ 32
Эҷоди сабукӣ дар шабҳои моҳи Рамазон ........................................................................ 33
Таъбироти Қуръон ҳам дақиқ ва ҳам зебо ва ........................................................................ 35
Ҳукми омезиш бо занон дар вақти эътикоф ........................................................................ 35
Поёни вақти саҳархӯрӣ ........................................................................ 36
Аҳком ва одобе, ки бар асоси маҷмӯаи фавқ бино ёфтаанд ........................................................................ 37
Шаби Қадр ........................................................................ 41
Ифтори моҳи Рамазон ........................................................................ 43
Дуъои ифтор ........................................................................ 45
Фазилати саҳарӣ ........................................................................ 46

**Бахши дуюм ........................................................................ 49**
Намози таровеҳ ........................................................................ 50
Таърихчаи пайдоиши намози таровеҳ ........................................................................ 51
Адади ракъатҳои намози таровеҳ ........................................................................ 53
Хатми Қуръон ........................................................................ 55
Эътикоф дар моҳи Рамазон ........................................................................ 57
Эътикоф барои дарёфтани шаби Қадр ........................................................................ 59
Тариқаи эътикоф нишастан ........................................................................ 60
Эътикоф бар се қисм аст ........................................................................ 61
Зарауратҳо ва ниёзҳо дар асnoи эътикоф ........................................................................ 62
Эътикофи занон ........................................................................ 64
Ба истиқболи иди Рамазон ........................................................................ 64

**Бахши сеюм ........................................................................ 68**
Нияти рӯза ........................................................................ 69

Моҳи Рамазон чӣ гуна собит мешавад? .......... 70
Тафовути матлаъҳо .......... 72
Баёни баъзе масоили ҳилоли Рамазон .......... 74
Шартҳои воҷиб гардидани рӯза .......... 75
Навъҳои рӯза .......... 76
Рӯза доштан дар ин рӯзҳо кароҳият дорад .......... 77
Муфсидоти рӯза .......... 78
Имсок .......... 80
Тазриқи сӯзандору дар моҳи Рамазон .......... 81
Дар мавридҳои зерин рӯза фосид намешавад .......... 82
Макрӯҳоти рӯза .......... 84
Масоили муосир дар боби рӯза .......... 88
Маънои ҷавф ва димоз аз назари фақеҳон .......... 88
Ташхиси меъда ба василаи дастгоҳ .......... 90
Гази оксиген .......... 90
Шустани гӯш .......... 91
Рехтани дору дар чашм .......... 91
Чаконидани дору дар бинӣ .......... 91
Истифодаи марҳам ва дигар часпҳои тиббӣ .......... 92
Ташхис ва табобати рагҳо бо дастгоҳ .......... 92
Тасфияи хун .......... 92
Имола (клизма) кардан .......... 93
Гузоштани шиёф ва ғайра дар мақъад .......... 93
Шустан ва ташхиси масона .......... 93
Хунсупорӣ (донорӣ) .......... 94
Шустан ва ташхиси маҳбил .......... 94
Қарори Маҷмаи фиқҳи исломӣ .......... 94
Ҳолатҳое, ки нагирифтани рӯзаи моҳи Рамазон
дар онҳо иҷозат аст .......... 97
Каффорати рӯза .......... 98
Тафсили масоиле дар бораи каффорат .......... 101
Рӯзаи қазо .......... 103
Баёни ҳолатҳое, ки шикастани рӯза ё .......... 104
Намозу рӯза дар минтақаҳои қутбӣ .......... 106
Рӯзаи назр .......... 110
Ҳукми назр .......... 110
Навъҳои назр .......... 112
Намози идайн .......... 115
Вақти намози ид .......... 115
Тарзи адои намози ид .......... 115
Аҳамияти намози ид .......... 116
Аҳкоми намози ид .......... 118
Одоб ва суннатҳои рӯзи ид .......... 118
Такбири ташриқ .......... 119
Садақаи Фитр .......... 121
Маънои фитр .......... 122

Садақаи Фитр бар кӣ воҷиб мебошад? .......................... ................. 122
Миқдори садақаи Фитр.................................................... ................. 123
Вақти пардохти садақаи Фитр ......................................... ................. 124
Қурбонӣ ........................................................................... ................. 126
Ҳукми қурбонӣ................................................................. ................. 127
Вақти қурбонӣ кардан ..................................................... ................. 128
Чаҳорпоёне, ки қурбонии онҳо ҷоиз аст ......................... ................. 129
Одоб ва суннатҳои қурбонӣ............................................. ................. 132

**Бахши чорум ................................................................ ................. 134**
Рӯза комилтарин барномаи беҳдоштӣ аст ....................... ................. 135
Тибби виқоӣ дар Ислом .................................................. ................. 137
Шаш рӯзе аз моҳи шаввол ............................................... ................. 138
Се рӯзе аз ҳар моҳ ........................................................... ................. 138
Рӯза дар вақтҳои дигар................................................... ................. 139
Барномаи ғизоӣ ва тарбияи ҷисмӣ дар Ислом ................ ................. 140
Вуҷуди тавозун дар барномаҳои Ислом......................... ................. 141
Чанд нуктаи дигар дар бораи рӯзаи нафлӣ .................... ................. 143
Тасбеҳи таровеҳ.............................................................. ................. 145
Нияти рӯза ....................................................................... ................. 146
Чакидаҳое аз таърихи рӯза ............................................. ................. 147
Манобеъ ва сарчашмаҳо ................................................. ................. 150
Мундариҷа....................................................................... ................. 154

**Абдушариф Бокизода**

# ПОСТ СВЯЩЕННОГО РАМАДАНА

[на таджикском языке]

Пост (ар. ас-саум, перс. руза), один из пяти основных обязательных предписаний ислама. Пост заключается в полном воздержании в светлое время суток – от рассвета до заката – от приема пищи, питья, исполнения супружеских отношении, т. е. от всего, что отвлекает от благочестия и рекомендуется не предаваться во время поста излишествам, а проводить время в размышлениях, чтении Корана, совершать богоугодные дела, улаживать ссоры, раздавать милостыню и т. п. С захода солнца все запреты снимаются.

Пост обязателен для всех взрослых мусульман в течение Рамадана. От поста освобождаются только те, кто не может соблюдать его по каким-либо обстоятельствам (дальняя поездка, болезнь и т. п.), кто не может отвечать за свои поступки (невменяемые и эпилептики), а также престарелые люди, беременные и кормящие женщины и все те, кому пост может принести какой-либо вред. К посту также не допускаются те, кто находится в состоянии ритуальной нечистоты.

Освобожденные от поста по временным обстоятельствам должны выдержать его потом в удобное для них время. Нарушившие поста случайно должны возместить потерянные дни после окончания Рамадана а нарушившие поста умышленно должны кроме возмещения этих дней принести покаяние (ат-тавба) и совершить искупительные действия (ал-каффара).

Пост во время Рамадана предписан, чтобы укреплять мусульман в самодисциплине и точном исполнении Божьих наказов. Ислам признает, что физические нужды и желания, как пища, питье и половое влечание, являются мощными факторами в человеческой жизни, делая человека зависимым от телесных нужд и желаний. Поэтому от мусульманина требуется один месяц в году ежедневно воздерживаться от полного удовлетворения этих потребностей, чтобы развивать духовный потенциал своей природы. Испытание голодом, жаждой и половое воздержание все это способствует освобождению человека от господства физических нужд и животных потребностей, позволяя ему в этот период стремиться к духовным целям и ценностям. Таким образом, Рамадан во время каторого мусульманин имеет уникальную возможность посвятить себя духовному развитию.

В священном Коране предписан: «О те, которые уверовали! Вам предписан пост, подобно тому, как он был предписан вашим предшественникам, – быть может, вы устрашитесь. Поститься следует считанное количество дней. А если кто из вас болен или находится в пути, то пусть поститься столько же дней в другое время. А тем, которые способны поститься с трудом, следует во искупление накормить бедняка. А если кто добровольно совершает доброе дело, то тем лучше для него. Но вам лучше поститься, если бы вы только знали!

В месяц Рамадан был ниспослан Коран – верное руководство для людей, ясные доказательства верного руководства и различение. Тот из вас, кого застанет этот месяц , должен поститься. А если кто болен или находится в пути, то пусть поститься столько же дней в другое время. Аллах желает вам облегчения и не желает вам затруднения. Он желает, чтобы вы довели до конца определенное число дней и возвеличили Аллаха за то, что Он наставил вас на прямой путь. Быть может, вы будете благодарны…

Вам дозволено вступать в близость с вашими женами в ночь поста. Ваши жены – одеяние для вас, а вы – одеяние для них. Аллах знает, что вы предаете самих себя (ослушаетесь Аллаха и вступаете в половую близость с женами по ночам во время поста в Рамадане), и поэтому Он принял ваши покаяния и простил вас . Отныне вступайте с ними в близость и стремитесь к тому, что предписал вам Аллах. Ешьте и пейте, пока вы не сможете отличить белую нить рассвета от черной, а затем поститесь до ночи…» (2: 183-187).

Пост Рамадан был предписан через 17 – 18 месяцев после хиджры, т. е. через месяц после перемены киблы в конце февралья 624 г. Согласно преданию, в один из дней Рамадана в 610 г. пророку Мухаммаду (с) было ниспослано первое «откровение». Ночь на 27 Рамадан, когда Мухаммаду (с) было ниспослано первое «откровение», отмечается как «ночь могущества» (лайлат ал-кадр). В эту ночь, по Корану, Аллах принимает решение о судьбах людей и она лучше тысячи месяцев (97: 3/4).

Кроме общего поста есть индивидуальные посты, выдерживаемые по какому-либо обету, ради искупления или просто из благочестия. Обычно для таких необязательных или рекомендателных постов избираются дни полнолуний, понедельники и четверги, 9 – 10 или 10 – 11 числа месяца мухаррам, 6 дней месяца шавваль и 9-е число зуль-хиджа – ден Арафы.

В месяц Рамадан кроме обычных пятикратных молитв каждую ночь, коллективно, совершается предусмотренный только во время Рамадана дополнительный намаз, называемый таравих.

Книга подготовлена с учётом духовных потребностей общества и культурного богатства страны в целях повышения уровня религиозных знаний мусульман и предназначена для широкого круга читателей исламских наук и исламской культуры. Она содержит сведения о сущности, смысле, пользе, нормах и всех обрядах поста в исламе.

# А. Боқизода

# Рӯзаи моҳи Рамазон моҳият ва аҳкоми он

Ҳуруфчини кампютерӣ:
Айюби Хоҳарзода

Таррох ва саҳифаоро:
Муҳаммадсиддиқи Комил

Ба матбаа 25. 06. 2012 супорида шуд. Ба чопаш 10. 07. 2012 имзо шуд.
Коғази офсет. Андозаи: 210х297 $^1/_{16}$. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопии шартӣ 10. Адади нашр 1000. Супориши № 8.

Нашриёти **«Паёми ошно»**
Душанбе, Борбад 54/а.

عبدالشريف عبدالباقي

# صِيَامُ رَمَضَان

## الْخَصَائِصُ وَ الأَحْكَام

[بِاللُّغَةِ الطَّاجِكِيَّة – الحُرُوف السِّيرِلِيَّة]

صوم رمضان هو رابع أركان الإسلام كما ذكر في قول النبي (ص): بني الإسلام علي خمس...، فبناءً علي ذلك فهذا الكتاب هو السلسلة الرابعة في أركان الإسلام.

الطبعة الثَّانية

دوشنبه – 2012